МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

(Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ №2020-1)

МАВОДҲОИ
Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 26-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон»
10 декабри соли 2020, ш.Бохтар

ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
Нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ
(маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ №2020-1)

Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии
илмӣ-амалӣ бахшида ба 26 солагии
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
10 декабри соли 2020, ш.Бохтар

Мактаби сиёсии Пешвои миллат – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон: маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 26 солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, 10.12.2020. – ш. Бохтар: Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон / Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, с.2020 – 344 с.

КУМИТАИ ТАДОРУКОТ:

- **Азизӣ Абдуҷаббор Абдуқаҳҳор**, номзади илмҳои сиёсӣ, Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон;
- **Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода**, доктори илмҳои сиёсӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон;
- **Давлатзода Сайфиддин Хайриддин**, доктори илмҳои биологӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав;
- **Шоҳиён Нуралӣ Набот**, доктори илмҳои педагогӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;
- **Мирализода Абдусалом**, доктори илмҳои педагогӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;
- **Ниёзӣ Акбар**, номзади илмҳои филологӣ, директори Донишкадаи технология ва менеҷменти иноватсионӣ дар ш.Кӯлоб;
- **Исозода Диловаршоҳ**, номзади илмҳои кимиё, Ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон.

Маводи мазкур, ки фарогири тадқиқотҳои илмию назариявӣ вобаста ба татбиқи ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад, ба сифати дастури илмию амалӣ барои истифода ба олимон, муҳаққиқон, сиёсатмадорон, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ҳизбӣ тавсия мегардад.

МУНДАРИҶА

ПЕШГУФТОР **12**

БАХШИ СИЁСАТШИНОСӢ

Азизӣ А.А.

ҲИЗБИ ҲАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ВА РИСОЛАТИ СОЗАНДАИ ОН 13

Миралиён Қ.А.

МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН 20

Давлатзода С.Х.

САҲМИ САРВАРИ СИЁСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ 26

Шоҳиён Н.Н.

МОДЕЛИ ИМКОНПАЗИРИ РУШДИ ДЕҲОТ ДАР НОҲИЯ ВА МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 36

Мирализода А.М.

МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ТАҶРИБАИ БУЗУРГИ ДАВЛАТДОРӢ 45

Ҳаётзода А.Б.

МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ҲИЗБИ МАРДУМӢ ВА НЕРӮИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА 54

Ализода Б.П.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - АСОСГУЗОРИ НИЗОМИ ТАҲСИЛИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ 61

Ашуров А.

ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – КАФИЛИ СУБОТ ВА УСТУВОРИИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН .73

Ализода А.

НАҚШИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ.....77

Исозода Т.И.

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ САРВАРИИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР 81

Сироҷиддинзода М.М.

САҲМИ АСАРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ: “ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР” ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ 87

Тағоймурод М.

ХУСУСИЯТҲОИ ФАЛСАФАИ МАОРИФИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ IX-XIII ВА АҲАММИЯТИ АМАЛИИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР 92

Хоркашон И.С., Абдуллоева Л. М.

ҒОЯҲОИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР 100

Абдуллозода С.

ЭЪТИМОДИ ХАЛҚ - КАФОЛАТИ ПИРӮЗИҲОИ МОСТ 108

Раҷабова Р.Ш.

ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ЗОДАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ АСТ 115

Темирова Х.И.

ҶАВОНОН-НЕРӮИ ОБОДГАРИ ИМРӮЗАИ КИШВАР 119

Маджнунова М.Ҳ., Ходжаалиев Ф.А.

ОСНОВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ ЛИДЕРА КАК ИНСТРУМЕНТ ЭФФЕКТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ 125

Сафарзода Г.С.

ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОН – ОМИЛИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЛАКАИ КАСБӢ 133

Олимов А.Х.

СИЁСАТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР 139

Қодиров Б.Б., Набизода Э.Қ.

ҶАВОНОН ВА МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ 149

Шарифзода Л.Ш.

РАВАНДИ ИШТИРОКИ ҲИЗБҲОИ СИЁСИ ДАР ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 158

БАХШИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ЭНЕРГЕТИКА

Исозода Д.Т., Рахматулоев А.З.

ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МАЛЫХ ГЭС В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН 166

Азизов Ф.Ҷ.

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА МАСЪАЛАҲОИ ГЛОБАЛИИ ОБ 172

Баротзода Ш.М., Сайфиддинзода С.С.

РОҲҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН 181

Набизода Э.Қ.

ТОҶИКИСТОН – ПЕШОҲАНГИ ТАШАББУСҲОИ МАРБУТ БА ОБ 187

Зувайдов М.М., Сафаров Ш.Ш., Абдуллоев С.С.

КОМПОНЕНТҲОИ АСОСИИ ТАҲИЯИ НАҚШАИ ТЕХНИКИЮ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ ОБРАСОН НОВОБАСТА АЗ ШАКЛИ МОЛИКИЯТ 192

Джайлоев З.М.

ТАКМИЛИ ИНФРАСОХТОРИ ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН 197

Каримов И.И.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ ПРИ ОПТИМИЗАЦИИ РАЗВИТИЯ И РАЗМЕЩЕНИЯ ФИРМ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В РТ 203

Қурбонов Н.С., Қурбонов А.Н., Фақиров Ч.Ҳ.

ТАЪМИНИ ИНФРАСОХТОРӢ БЕХАТАРИИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 208

Мамадалиева Г.Т.

ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ В ТАДЖИКИСТАНЕ 219

Каримова И.И.

РОҲҲОИ ТАКМИЛ ВА ВАЗЪИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД 224

Аминов Р.Ҷ., Айниддинов М.М., Самариддини Қ.

МЕХАНИЗМИ ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ ВА ТАШАККУЛИ ОН ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ 230

Аминов Р.Ҷ., Содиқов З.

РУШДИ БЕМАЙЛОНИ ФАЪОЛИЯТИ СОИҲБКОРӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ 242

Мирзоев Б., Бобоазиззода Ш. А., Ахмедов Д. Ҳ

МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ДАР МИНТАҚА .249

Мирзоев Б., Бобоазиззода Ш. А., Одилжонова Н.И.

ФОРМИРОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ И РЕСУРСНЫХ ОСНОВ ПОДГОТОВКИ РАБОЧИХ КАДРОВ 254

БАХШИ КИШОВАРЗӢ ВА САНОАТ

Бобозода Б.Б.

ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ТУХМИПАРВАР ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ 259

Холмуратов Т.Р., Муродзода И.Р., Ш.Зайниддин

МАТЕМАТИЧЕСКИЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ КИНЕМАТИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРИВОДНЫХ МЕХАНИЗМОВ ТЕХНИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ДЛЯ УБОРКИ ХЛОПЧАТНИКА И ЗЕРНОВЫХ КУЛЬТУР 265

Рукнидинов Ҷ.Қ.

ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ БА ПАЙДОИШ ВА ПАҲНШАВИИ ЗАРАРРАСОНҲОИ СИТРУСӢ ВА МУБОРИЗА БАРЗИДДИ ОНҲО 273

БАХШИ ҲУҚУҚ, АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ҳошимов Ф.Ҷ.

НАҚШИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ СУЛҲУ АМНИЯТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ 286

Аминжонов А.Х.

НАҚШИ ҲАДИС ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚӢ-ОИЛАВӢ ДАР ИСЛОМ 295

Раҷабализода С.Р.

БАЛҶУВОН-МИНТАҚАИ ТУРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО 299

Ғаюров Ҳ.Ш., Саидзода Ш.Ш.

ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ – ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ АСОСИИ АМАЛИГАРДИИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ КИШВАР 305

Саидзода Ш.Ш.

ИҶТИМОИШАВИИ СИЁСӢ ЯКЕ АЗ ЗАМИНАҲОИ ПЕШГИРИИ ҶАВОНОН АЗ ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ 312

Зарифов Ҳ.Р.

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КИШВАР 318

Аскарализода С.А., Шарифов К.Қ., Назаров З.А.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – АСОСГУЗОРИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИ МИЛЛӢ 326

Ризоев М.Ш.

ТОҶИКИСТОН КИШВАРИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ 335

Саидзода Д.А.

РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МАКТАБИ САРВАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ 339

Паёми шодбошии Раиси
Ҳизби Халқии Демократии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
ба муносибати рӯзи
таъсисиёбии ҳизб

Ҳамсафони азиз!

Аз таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки ҳадафи калидии он хизмати содиқона ба халқу Ватан мебошад, бисту шаш сол сипарӣ мешавад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун зодаи даврони истиқлоли кишвар бо мақсади ифодаи азму иродаи мардуми шарифи Тоҷикистон таъсис ёфта, маҳз бо рисолати мардумсолорӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, созандагиву бунёдкорӣ ва тарғиби ғояҳои бузурги ватандӯстиву худшиносӣ дар ҷомеа мавқеи сазовори худро пайдо намуд.

Ҳанӯз дар айёми бисёр ҳассос – замоне, ки дар кишвари мо ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ идома дошт ва мардум интизори паёми сулҳ буданд, зарурати таъсис додани ҳизби сиёсие пеш омад, ки бояд фарогири назару андешаҳои гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа бошад.

Моро зарур буд, ки мардумро дар меҳвари як мафкураи созанда муттаҳид намуда, ба мухолифату даргириҳои фоҷиабори сиёсӣ хотима бахшем.

Ҳамин тавр, 26 сол муқаддам мо ба фаъолияти Ҳизби Халқии Тоҷикистон, ки баъдан вобаста ба таҳаввулоти сиёсии ҷомеа ба унвони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон шинохта шуд, замина гузоштем.

Дар давраи зикршуда робитаи ҳизб бо мардум сол ба сол тақвияту густариш ёфта, сазовори бовар ва эътимоди кулли сокинони кишвар гардидааст.

Ҳанӯз дар оғози таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон эълон дошта будам, ки мақсади асосӣ аз созмон додани ин ҳизб сарҷамъу муттаҳид кардани миллати тоҷик ва тамоми нерӯҳои созандаву солимфикри ҷомеа, баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва ватандӯстиву ватанпарварии мардуми кишвар аст, ки ба хотири барпо кардани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, аз лиҳози иқтисодиву иҷтимоӣ пешрафта ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ба ҳар як шаҳрванди мамлакат талош варзанд.

Тайи солҳои сипаришуда ҳизби мо садоқати худро ба арзишҳои умумимиллии истиқлолу озодӣ, демократия, волоияти қонун ва баробарҳуқуқӣ собит намуда, то ба имрӯз барои пешрафти ҳамаҷонибаи Тоҷикистон тамоми тадбирҳои имконпазирро амалӣ гардонида истодааст.

Ҳизби мо ба ҳайси нерӯи пешбарандаи ҷомеа аз ҷумлаи ниҳодҳои сиёсиест, ки беш аз ним миллион нафар аъзо, инчунин, ҷонибдорони зиёд дошта, дар ҳалли масъалаҳои ҳамарӯзаи ҳаёти мардум фаъол ва саҳми он барои расидан ба ҳадафҳои рушди миллӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Имрӯз низ ҳизби мо ҳамчун нерӯи асосии сиёсиву ҷамъиятии кишвар ва қувваи таъсиргузори ҷомеа дар ҳоли рушд қарор дошта, мактаби ғоявӣ ва назариявии он мунтазам такмил меёбад.

Қобили зикр аст, ки ҳизб дорои имкониятҳои васеи зеҳнӣ, амалӣ ва идоракунӣ буда, ҳамчун нерӯи пешбар дар ташаккул ва татбиқи арзишҳои фарҳанги сиёсӣ дар Тоҷикистон нақши асосӣ мебозад.

Дар барномаи ҳизби мо зикр шудааст, ки вазифаи он дар иртибот ба фазои басо мураккаб, печида ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир аз он иборат аст, ки барои таҳкими истиқлоли

давлатӣ, суботу оромӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамеша талош намояд.

Маҳз ҳамин ҳадаф бояд самти асосиву муҳимтарини фаъолияти мо дар давраи минбаъда бошад.

Бовар дорам, ки ҳар як шаҳрванди ватандӯсти ин сарзамин, бахусус, ҳар як узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар амалӣ намудани ин ҳадафу ормонҳои ба фардои неки давлат ва халқамон нигаронидашуда дар оянда низ пешсаф хоҳад буд.

Бори дигар ҳамаи аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ба ифтихори 26 –умин солгарди таъсисёбии ин ҳизби мардумӣ самимона табрик гуфта, дар татбиқи ҳадафҳои созандаи он азму нерӯи тоза ва комёбиву муваффақият орзу менамоям.

Муваффақу сарбаланд бошед, ҳамсафони гиромӣ!

ПЕШГУФТОР

Асоси илмию назариявӣ ва методӣ касб намудани фаъолият ва ё дилхоҳ соҳа ҳамчун маданияти ташкилии идоракунӣ тақозои ҷомеаи муосир буда, дар радифи таъмини сифат ва самаранокии ҳадафу вазифаҳо ба роҳ монда мешавад.

«... баланд, бардоштани маҳорати касбии роҳбарон, истифодаи ҳаматарафаи натиҷаҳои илмиву таҳқиқотӣ дар раванди истеҳсолот, васеъ намудани фаъолияти инноватсионӣ, ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, пайвастагии илм ва истеҳсолот ва дигар чораҳо муҳим мебошанд» иброз менамоянд Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои хеш (14.10.2019). Дар воқеъ дар ҷаҳони муосир собит гардидааст, ки ҳар ҷое амалия бо илм тавъам аст, он ҷо рушд ва пешрафту комёбиҳо назаррас мебошанд. Илм поягузори рушди устувор, самарнокӣ дар иқтисодиёту истеҳсолот, пойдорӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва комгорӣ дар сиёсату маънавиёт арзёбӣ мегардад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки пешоҳанги сиёсати давлат мебошад, дар шароити имрӯза татбиқи илман асосноки ҳадафҳои он тақозо мегардад. Зеро маҳз ҳадафҳои созандаи ҳизб бо роҳбарии Пешвои миллат тавонист, ки сиёсати пойдори давлати навини тоҷиконро ташаккул диҳад, онро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун мамлакати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ маъруф гардонад, сулҳу ваҳдатро байни аҳли ҷомеа пойдор намояд, вазъи иҷтимою иқтисодии халқро беҳ гардонад.

Ҷалби олимону муҳаққиқон ба коркарди илмии татбиқи ҳадафҳои барномавии ҳизб имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои муайяншуда сари вақт, суроғавӣ, пурмаҳсул ва устувор дастёб гарданд; мактаби илмии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташаккул ёфта, кадрҳои болаёқати аз лиҳози идеологӣ омодагашта ба таҳкими иқтидорӣ илмии идоракунии мамлакат мусоидат намоянд. Тарбияи кадрӣ дар ҳошияи мактаби сиёсии Пешвои миллат ба роҳ монда шуда, механизмҳои муосири рушди устувори асосҳои институтсионалии мамлакат ташаккул дода мешаванд.

Маводи мазкур нахустин маҷмӯаи мақолаҳои илмию таҳлилӣ вобаста ба татбиқи ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, итминон дорем, ки силсилаи он ташкил ва давом ёфта, дар рушди илми мамлакат ва самаранокии фаъолияти соҳаҳои дахлдор саҳмгузор мегардад.

БАХШИ СИЁСАТШИНОСӢ

ҲИЗБИ ҲАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ВА РИСОЛАТИ СОЗАНДАИ ОН

Азизӣ А. А. -
муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

Вақте, ки мо дар мавриди ҳизби сиёсӣ ҳарф мезанем ва ё андеша меронем, бояд ин нуктаи бунёдӣ ҳамеша мавриди назар бошад, ки ҳизб ташкилоти ҷамъиятиест, ки бо мақсади таъмини иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тавассути ташаккул ва ифодаи иродаи сиёсии онҳо, иштирок дар ҳамоишҳои сиёсиву ҷамъиятӣ, интихоботу раъйпурсиҳо, инчунин ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ таъсис дода мешавад.

Ҳадафи асосии ҳизби сиёсӣ иборат аст аз:

- ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ;
- маърифати сиёсӣ ва тарбияи шаҳрвандон
- ифодаи назару андешаи шаҳрвандон доир ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, расонидани ин андешаҳо ба таваҷҷӯҳи ҷомеа ва мақомоти давлатӣ;
- пешбарии номзадҳо дар интихоботи зинаҳои гуногун, вазифаҳои баландпояи ҳокимияти иҷроия, мақомоти қонунгузори ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимият аст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, низ бо ибтикор ва тасмими Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи ҳамин арзишҳои бунёдии демократӣ таъсис ёфт, ки дар марҳилаи хеле душвор ва мураккаби сиёсӣ ҷиҳати муттаҳид намудани қишрҳои гуногуни ҷомеа хизмати арзишмандеро анҷом дод.

Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲҲДТ дар суханронии худ дар Маҷлиси васеи Кумитаи иҷроияи марказии ҳизб, ки моҳи феврали соли 2019 баргузор гардид доир ба зарурати таъсиси ҳизб ба таври хеле возеҳу равшан андешаҳои худро баён намудаанд: “Тавре дар хотир доред, ҳанӯз дар айёми бисёр ҳассос - замоне, ки кишвари мо дар оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ месӯхт ва мардум интизори паёми сулҳ буданд, зарурати таъсис додани ҳизби сиёсие пеш омад, ки бояд фарогири назару андешаҳои гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа бошад.

Моро зарур буд, ки мардумро дар меҳвари як мафкураи созанда муттаҳид намуда, ба мухолифату даргириҳои фоҷиабори сиёсӣ хотима бахшем.

Баъди таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи сиёсии кишвар ва бо дарназардошти назару андешаҳои табақаҳои мухталифи ҷомеа ба хулосае

омадем, ки тарҳи ҳизби нави сиёсиеро омода намоем, ки тавонад ҳизби ормонҳои мардумӣ бошад, дар меҳвари идеяи созандаи худ қишрҳои гуногуни ҷомеа – зиёиёну олимон, ҳунармандон, коргарону кишоварзон ва ҳатто рӯҳониёнро муттаҳид созад.

Дар ин замина, тарҳи Ҳизби ХалқииТоҷикистонро, ки баъдтар вобаста ба таҳаввулоти сиёсии ҷомеа онро Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон номидем, омода сохтем ва фикр мекунам, ки иштибоҳ накардем.

Баъдтар раванди муборизаҳои сиёсӣ дар ҷомеа собит намуд, ки аҳзоби сиёсие, ки барномаи худро бар асоси ақидаи як гурӯҳи маҳдуди сиёсӣ, мисли атеизм ё исломгароӣ роҳандозӣ намуданд, муваффақ нагардиданд ва қисми зиёди ҷонибдорони худро аз даст доданд.»”

Пешниҳод ва назару андешаҳои Пешвои миллат, ки ифодакунандаи афкори қишрҳои мухталифи ҷомеа мисли: зиёиён, коргарону кишоварзон, соҳибкорон, руҳониён, бонувон, ҷавонон буд, дар меҳвари ғояҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қарор гирифт, ки ба ҳайси як омили муҳими муттаҳидкунанда нақши хеле бориз дошт.

Агар таърихро ҳамчун арсаи тағйироту руйдодҳои ҷамъиятӣ арзёбӣ намоем, пас дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкиму усувории пояҳои он нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки бевосита бо ташаббусу роҳнамоии маънавию ғоявии Пешвои миллат ташаккул ёфт, хеле бузург ва барҷаста аст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шароити мушкили ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон ташаккул ёфта, бо саъю талошҳои пайвастаи сарвари сиёсии худ дар роҳи таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ, эҷоди низоми мукаммали давлатдории миллӣ, таъмини рушди муназзам ва устувори тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, дар байни мардум сазовори обрӯ ва эҳтироми шоиста гардид. Зери роҳбарии хирадмандонаи сарвари нобиғаи хеш, тавассути фаъолияти пурсамар, талошҳои созанда, ҳифзи манфиатҳои бунёдии мардуми ин сарзамин дар шароитҳои тақдирсози таърихӣ, ки ҷасорату матонати бемислро тақозо мекарданд, дар ҷомеа мақоми ҳизби роҳнаморо соҳиб шуд.

Комилан аён аст, ки Пешвои миллат, сарвари муаззами ҳизб дар лаҳзаҳои хеле ҳассосу тақдирсози таърихӣ масъулияти бузурги бунёд ва таҳкими пойдевори низоми нави давлатдориро ба дӯши худ гирифта, бо қабули қарорҳои муҳиму калидӣ, татбиқи воқеии онҳо дар як марҳилаи кутоҳи таърихӣ кишварро аз хатари маҳвшавӣ наҷот доданд ва Тоҷикистон дар радифи кишварҳои фазояш амну ором ва рӯ ба тараққӣ қарор гирифт. Бешак ҳақ ба ҷониби он соҳибназароне аст, ки кору пайкори Роҳбари муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар радифи шахсиятҳои бузурге, ки дар тақдири миллат нақши муҳим а бориз доштанд, қарор додаанд.

Табиист, ки аксари ҳаводорон ва ё рақибони ҳизб гоҳҳо бо мақсади сабақомӯзӣ ва баъзан аз рӯи ҳасаду нотавонбинӣ пайваста ҷӯёи посух ба саволе ҳастанд, ки омилҳои маҳбубияти ҳамешагии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Сарвари ҳизб аз куҷо маншаъ мегирад?

Дар умум ин омилҳоро ба се бахш метавон гурӯҳбандӣ кард. Аввалан, ҲХДТ ҳамеша дар лаҳзаҳои мушкилу печидаи ҳаёти ҷамъиятӣ иродаи матини пешниҳоди аз чунин вазъиятҳо баромаданро бо ҳисси масъулияти баланд ба зиммаи худ гирифта, маҳбубияташро миёни мардуми ин сарзамин афзудааст. Агар тасвири ин лаҳзаҳоро дар оинаи таърих пеши назар орем ба хубӣ мебинем, онҳо лаҳзаҳое буданд, ки дар бисёр мавридҳо ҳисси ноумедию ҳаросро дар кунҷи дили бештари мардум ҷой медоданд, вале боз ҳам ҳамон иродаи масъулиятшиносию ташаббускории ҳизб онҳоро ба уммеду бовармандӣ нисбати имрӯзу ояндаи давлатамон ҳидоят мекард. Мисолҳо дар ин маврид хеле зиёданд ва аз намунаҳои равшани он посухи муносиби ҷомеаи мо багурӯҳҳои иртҷоие, ки мехостанд сулҳу ваҳдати миллиро халалдор сохта, дар ҷомеа тухми нифоқу хушунатро сабз кунанд ва ё агар аз гузаштаи начандон дур мисол орем, таҳдиди вусъатталабонаи вабои ҳамагири КОВИД-19 ба шумор меравад, ки рақибони сиёсии мо мехостанд аз он як ҳангомаи сиёсӣ созанд. Дар ин маврид ҳам бо такя аз таҷрибаи андухтаи ҷомеасозии амалгароёна Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тавонист бо дастури Раиси муаззами худ, мардумро дар атрофи ҳукумат муттаҳид созад ва тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намояд. Дар баробари тадбирҳои андешидашуда инчунин иқдомҳои шуҷоатмандонаи Пешвои миллат, ки дар дар марҳилаҳои хуруҷи ин вабои ҳамагир дар байни мардум қарор доштанд, асари тарсу ноумедиро аз байн бурд. Ин қазия бозгӯи он аст, ки дар ҳоли таъмини иттиҳод ва ҳамраъйии ҷомеа, низоми амниятии кишвари мо алайҳи чунин хатарҳо ҳамеша пойдор ва устувор бошад.

Омили дигари ҳамеша дар атрофи арзишҳову ғояҳои созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон самимона муттаҳид шудани мардуми кишвар ба он бастагӣ дорад, ки арзишҳои олии ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, илммеҳварӣ ва аз ҳама муҳим арҷ гузоштан ба таърихи фарҳанги ғановатманди миллӣ, аз арзишҳои меҳварии ҳизби мо маҳсуб мешавад. Яъне талошҳои дар канори мардум будани ҳизб танҳо ба хотири ба даст овардани имиҷи сиёсӣ набудааст, балки чунин амал аз сиёсати мардумсолории Роҳбари муаззами он ва ғояҳои бунёдиву барномавии ҳизб сарчашма мегирад.

Бинобар ин Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва сарвари онро кулли сокинони кишварамон ба унвони «мардумӣ» эътироф кардаанд ва дар асоси иродаю боварии самимӣ атрофи онҳо муттаҳид мешаванд. Зеро унсури асосии мутаҳидсозию ба фаъолияти созанда раҳнамун сохтани ҷомеа пеш аз ҳама дар асоси дарку амалисозии талаботу манфиатҳои мардум ба даст меояд. Далели барҷастаи чунин иқдоми наҷиб, яъне

ҳамеша дар байни мардум будан, зимни сафару мулоқотҳои Раиси муаззами ҳизб ба тамоми гӯшаву канори кишвар, пайваста ба назар мерасад. Чунин тарзи муносибат имконияти амиқ дарк намудани талаботу манфиатҳои қишрҳои гуногуни ҷомеаро фароҳам меорад, ва ин ғамхориро ба таври врқеӣ эҳсос мекунанд, бо чашми худ мебинанд ва шарики фаъоли ташаббусҳои созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мешаванд.

Омили дигаре, ки дар татбиқи ҳадафҳо нақши калидӣ дорад, қонеъ гардонидани ниёзҳои мардум кишвар, роҳандозии ташаббусҳо дар бахши иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар аст, ки мақсади ниҳои аз он баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум мебошад.

Ба шарофати саҳми сазовори Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеаи муосир суботи макроиқтисодӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, аз ҷумла рушди устувори тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъмин гардида, дар давраи татбиқи барномаи қаблии фаъолияти он ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) қариб 2 маротиба афзоиш ёфт. Дар натиҷа сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар кишвар аз 41 фоизи соли 2011 то 30 фоиз дар соли 2020 коҳиш дода шудааст.

Мақсади асосии ҳизби мо дар бахши иқтисод фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоиста, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, фароҳам овардани заминаҳо барои таҳкими нерӯ ва қобилияти ҳар як шаҳрванд мебошад. Тавре, ки дар Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон сабт шудааст, минбаъд низ ба масъалаҳои нигоҳ доштани суботи макроиқтисодӣ, таъмини амнияти энергетикӣ ва ғизоӣ, рушди афзалиятноки соҳаҳои истеҳсолот, тавсеаи сармоягузории дохиливу хориҷӣ, рушди инфрасохтори мамлакат ва табдили он ба кишвари транзитӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин идомаи ислоҳоти сохторӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт чораҳои таъхирнопазир ва амалӣ афзалияти бештар дода мешавад.

Нуктаи муҳимми дигаре, ки дар барномаи ҳизб омадааст, таъмини рушди баробари минтақаҳои кишвар аст. Яъне, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар барномаи амалии худ рушди баробари ҳамаи минтақаҳои кишварро пешбинӣ менамояд. Тавре маълум аст, ҳатто дар даврони Шӯравӣ, ки имкониятҳои иқтисодӣ ва молиявӣ хеле густурда буданд, нобаробарии рушди минтақаҳои кишвар баръало эҳсос мешуд. Аммо, ҳоло ҳизби мо дар доираи сиёсати созандаи роҳбари муаззами хеш ҳадаф гузоштааст, ки ин масъаларо дар меҳвари фаъолияти хеш қарор диҳад.

Дар баробари ин як силсила омилҳои дигаре низ мавҷуданд, ки боиси маҳбубияту эътибори ҳизб гардидаанд, вале мутаассифона дар доираи як мақола шарҳу тавзеҳ додани он ғайриимкон аст.

Соли 2020 барои кулли мардуми Тоҷикистон, бахусус аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон соли санҷишҳои таърихӣ буд. Зеро дар таърихи даврони истиқлолияти кишвар нахустин маротиба дар як сол ду

маъракаи муҳими сиёсӣ, интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Иоҷикистон ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.

Мо шоҳиди он будем, ки буҳрони иҷтимоииву иқтисодӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва дар натиҷаи он барҳам хӯрдани низоми хамкориҳои байналмилалӣ, ки ҷаҳонро фаро гирифта буд, боиси ноором гардидани фазои сиёсии баъзе кишварҳо гардид. Сиёсатмадорон ва коршиносони тамоми дунё ба Тоҷикистон нигарон буданд, ки мардуми кишвар дар ин вазъи мураккаб маъракаҳои сиёсиро чи гуна ва бо кадом руҳия баргузор менамоянд.

Хушбахтона ин чорабиниҳои муҳими сиёсӣ дар сатҳи баланд доир гардида, мардуми мамлакат бо як иттиҳоду ҳамраъйи бори дигар собит намуданд, ки ҷонибдори сиёсати созандаи Пешвои миллат буда, ба ояндаи дурахшон ва фазои амну ороми кишвари хеш овоз медиҳанд.

Интихоботҳои гузашта муайян намуд, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба яке з ҳадафҳои калидии худ, маърифати сиёсии ҷомеа ноил гардида, тайи солҳои охир фарҳанги сиёсии шаҳрвандон дар сатҳи зарурӣ тақвият ёфтааст ва онҳо мавқеи худро мустақилона ва бидуни фишору таъсиррасонии беруна муайян менамоянд. Маҳз боло рафтани шуури сиёсии мардум моро водор ба он месозад, ки фаъолиятҳои таблиғотиро вусъат бахшида, дар татбиқи ғояҳои созандаи ҳизб саҳмгузор бошем.

Интихоботи Президенти кишвар собит намуд, ки Раиси муааззами ҳизбамон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз маҳбубияти хоссае миёни ҷомеа бархурдоранд. Маҳз ҳамин маҳбубияти Пешвои миллат ва Раиси муаззами ҳизб омили асосии мувафақияту комёбиҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки инро тамоми ҷомеа эътироф менамояд.

Дар Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки барои солҳои 2020-2025 қабул гардидааст ва самтҳои афзалиятноки пешрафти кишвар ва фаъолияти ҳар яки моро муқаррар менамояд, ба масъалаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки “Вазифаи ҲХДТ дар иртибот ба фазои басо мураккаб, печида ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, вазъи геополитикии сайёра ва минтақа афзудани тамоюлҳо ва хатарҳои терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ дар минтақа аз он иборат аст, ки баҳри таҳкими истиқлолияти давлатӣ, суботу амнияти миллӣ, ваҳдати миллӣ, ягонагии халқи Тоҷикистон ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамеша талош намояд”.

Маҳз ҳамин муқаррарот бояд маҳаки асосии фаъолияти моро дар фаъолиятҳои минбаъда ташкил диҳад.

Соли оянда мо 30 – солагии истиқлолияти давлатии Ҷумурии Тоҷикистонро таҷлил мекунем. Бинобар ин ҳамаи чорабиниҳои оммавию сиёсӣ бояд ба таҳкими истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва суботи ҷамъиятиву сиёсӣ мусоидат намоянд. Ин масъаларо ҳар як корманди масъули ҳизб, аъзо ва ҷонибдорони он бояд дар мадди назар дошта бошанд, таваҷҷӯҳи дигар табақаҳои иҷтимоӣ ва доираҳои сиёсиро бо ин масъалаи ҳаётан муҳим ҷалб намоянд.

Нақши аҳзоби сиёсӣ, бахусус мавқеъ ва мақоми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки дар ҷомеа нуфузи хосса дорад, барои солимгардонии афкори мардум ва ба самти муайян сафарбар намудани онҳо аҳамияти аввалиндараҷа касб мекунад. Дар ин росто ҳадафи аслии ҳизби мо ҷалби мардум ба корҳои созандагию бунёдкорӣ, таҳкими сулҳу субот ва таъмини зиндагии шоистаи сокинони кишвар мебошад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар тӯли фаъолияташ пастию баландиҳо, мушкилоту проблемаҳо ва дастоварду пирӯзиҳои зиёдеро дидааст. Имрӯз таҳти сарварии Пешвои миллат, мӯҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ба як ниҳоди тавоное табдил ёфтааст. Дар сафҳои он қариб 500 ҳазор нафар аъзо муттаҳид гаштааст. Ин неруи қудратманд боз садҳо ҳазор нафар ҷонибдор дорад. Ҳамин аст, ки дар интихоботҳо аз ҷонибдорӣ ва дастгирии аксарияти мардум бархурдор мешавем. Мо бояд ба ин нерӯи бузург такя намоем ва пайваста кӯшиш ба харҷ диҳем, ки бо фаъолияти созандаву бунёдкоронаи худ дар ҷомеа эътибор ва маҳбубият дошта бошем. Аз дастовардҳои худ саргарм нашавем ва бо меҳнати суботкорона дар пайи ислоҳи камбудиҳо бошем. Бояд ин нуқта ҳамеша мавриди назар бошад, ки ҷомеа хамеша ба пешравӣ ва таҷдид ниёз дорад, мо низ ҳанӯз камбудиҳо зиёде дорем, ки дар ҳалли онҳо бояд талош намоем. Аз фаъолияти худ ҳаргиз қонеъ набошем ва вобаста ба рушди ҷаҳони муосир дар фаъолияти худ тарзу усулҳои навро истифода намоем.

Рушду нумӯи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсиву мафкуравӣ, эътироф нагаштани афкори сиёсии ҳеҷ кадом аз ҳизбу ҳаракатҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятию динӣ ва созмонҳои дигар ба сифати мафкураи давлатӣ аз дастовардҳои муҳиме мебошанд, ки татбиқи меъёрҳои демократӣ ба он ноил гаштем. Бояд тазаккур дод, ки ҲХДТ мутобиқи талаботи Конститутсия, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ фаъолият карда, аз тариқи намояндагонаш дар ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ иштирок менамояд.

Дар Барномаи амали Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа инъикоси худро ёфтааст. Мушкилоту проблемаҳои мардум дар маркази таваҷҷӯҳи ҳизб қарор дошта, барои ҳаллу фасли он аъзои ҳизб ва созмонҳои ҳизбӣ бояд ҳамеша тадбирҳои муассир андешанд. Ҳам вакилони мардумӣ аз фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

дар парлумон ва ҳам кормандони масъули ҳизбии мо бо интихобкунандаҳо пайваста мулоқотҳо джоир намуда, аз мушкилоту ниёзмандиҳои мардум огоҳ шаванд.

Дар ҳар як ташкилоти ҳизбии шаҳру навоҳӣ қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ фаъол ҳастанд, ки онҳо низ ҳар кадом муроҷиату пешниҳоди корафтодаҳоро омӯхта барои баррасӣ ва чорабинӣ ба ташкилотҳои дахлдор равона мекунанд. Ин самти кор яке аз бахшҳои асосии фаъолияти ҳизб маҳсуб гардида, бояд ҳамеша мавриди назар қарор дода шавад. Ҳизби мо ҳамеша ва дар ҳама ҳолат бояд дар байни мардум ва шарики ғаму шодии онҳо бошад. Зеро таъкиди Пешвои миллат, Раиси муаззами ҳизб, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, ки ”Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи истиқлоли кишвар буда, аз умқи мардум реша мегирад ва он ҳимояи манфиатҳои халқро ҳадафи асосии худ қарор дода, барои саодати халқ ва ободии ватан саъю талош меварзад.”

Тавре, ки дар оғози матлаб ёдовар шудем Сарвари мӯҳтарами ҳизб Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаҳои аввали таъсиси он иброз дошта буданд, ки мақсади асосӣ аз созмон додани ин ҳизб муттаҳид кардани он нерӯи пешқадам ва тавонои ҷумҳурӣ буд, ки ба хотири барпо кардани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ҷомеаи аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ мутаррақӣ ва шароити арзандаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ талош варзад. Барои анҷом додани чунин рисолати пурифтихор ҳар як аъзои ҳизб бояд масъулияти бузург эҳсос кунад ва дар навбати худ вазифадор аст, мардумро барои чунин амри хайру созанда, ки ободии кишвар ва амнияти ҷомеа аз он вобаста аст, ташвиқу сафарбар намояд. Чунки шиори мо “ Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум ” аст ва мо ҳамеша ба он содиқ хоҳем буд.

МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

Миралиён Қ.А. –
доктори илмҳои сиёсӣ, Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон,
Ғуломов М. Н. – унвонҷӯи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии АИ ҶТ

Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали қадам ниҳодан ба арсаи сиёсат ба ташаккули рукнҳои мактаби сиёсии худ бо рисолати адолатпарварию инсондӯстӣ, худогоҳию худшиносӣ, нексириштию поктинатӣ, садоқатмандию ватандӯстӣ ва созандагию бунёдкорӣ пардохта буд.

Дар инҷо бояд равшани андохт, ки зери мафҳуми “мактаб”, одатан мактаби илмӣ, бо фарогирии корҳои назариявии гурӯҳи олимону муҳаққиқон дар самти муайяни таҳқиқот, фаҳмида мешавад, аммо дар ин мавод - мактаб маънои васеътар дошта, бештар фарогири корҳои таҳқиқотии амалӣ вобаста ба фаъолияти идеологии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад. Иштирокчиёни асосии ин мактаб, дар баробари олимон, ҳамчунин сиёсатмадорон, кормандони ҳизбӣ ва хизматчиёни давлатӣ мебошанд ва асоси фаъолияти (усулҳои) таҳқиқотии онҳоро мушоҳидаҳо, таҳлилҳои оморӣ ва систематикӣ, мониторинг, таҳлилҳои дедуктивӣ ва индуктивӣ, пурсишҳои иҷтимоӣ, озмоишҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Аз рӯзҳои аввали сарварӣ, дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) Пешвои миллат ҳамчун Раиси Шӯрои Олӣ иброз намуда буданд, ки *“...мақсаду мароми мо бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад”*. Зимнан, рисолати мазкур дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 1), ки 6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд, ҳамчун “*Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад*” муқаррар гардидааст. Яъне, ин аз аввалин дастовардҳои мактаби сиёсии Пешвои миллат арзёбӣ мегардад, ки он ба таҳкурсии асосии давлатдории навини тоҷикон табдил ёфт.

Қадами дигар дар шароити демократикунонии муносибатҳо ва татбиқи бомароми ғояҳои сиёсӣ 10 декабри соли 1994 таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Зарурати таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба се ҷанбаҳои зерин асос меёбад.

Якум, дар шароити ҷомеаи демократӣ, ки гуногунандешии сиёсӣ ва идоракунии ҳокимият тавассути ниҳодҳои сиёсӣ тақозо мегардад, зарур буд, ки бар ивази низоми барҳамхӯрдаи шӯравӣ ҳизбе таъсис дода мешуд, то ин ки аз як тараф ҷойи холишударо пур мекард ва аз тарафи дигар барои рақобати комили сиёсӣ шароит фароҳам меовард.

Дуюм, ниҳоде лозим буд, ки бар асоси ниёзи мардум бояд амал менамуд, бар таҳдидҳои берунӣ, аз ҷумла ғояҳои сохта ва бофтаю дини мубини Исломро олуданамуда истодагарӣ намуда, оташи барафрӯхтаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хомӯш менамуд.

Сеюм, ниҳоде бояд ташкил меёфт, ки ба талаботи институти демократия ва меъёрҳои байналмилалии идоракунии ҳокимияти сиёсӣ мутобиқат менамуд.

Ҳамин тариқ, барои устувор гардидани мавқеъҳо ташкили институти сиёсӣ дар шакли ҳизби сиёсӣ барои одамон зарур омад, то инки на танҳо дар мавриди интихобот, балки дар ҳама ҳолат (ба таври доимӣ) тавонад, ба ҳаммаслакони худ кумак расонад.

Чуноне, ки олими шотландӣ Девид Юм ҳизби сиёсиро таъриф додааст: «Ҳизбҳои сиёсӣ бештар таваҷҷуҳи худро барои ҷалб намудани одамон ва сохтани идеологияи нав, ки барои бунёди ҷомеаи нав талқин мекунад, равона месозанд», яъне ҳадафи асосии ҳизб ба расонидани халқ ва ҷонибдорони худ ва ё таъмин намудани иштироки онҳо дар идоракунии ҳокимият арзёбӣ мегардад.

Дар навбати худ, ҳизбҳои сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ ва ё ба даст овардани идоракунии ҳокимияти давлатӣ фишангҳои гуногунро истифода менамоянд. Боиси изтироб он аст, ки даҳсолаҳои охир дар ин муносибат фишангҳои нокомил ва ё ғайриқонунӣ, он низ экстремистӣ бештар истифода шуда истодаанд. Яъне, агар давраҳои аввали ташаккулёбӣ ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун институти фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ба даст овардани боварии халқ ва намояндагии онҳо дар ҳокимияти давлатӣ дар доираи талаботи қонунгузорӣ амал мекарданд, пас имрӯзҳо ин тартиби амал тағйир ёфта, василаҳои иловагӣ, бо роҳи таҳдиду зурӣ ва дуруғбофиву роҳгумсозӣ ба даст овардани ҳокимиятро касб намудааст.

Аз ин рӯ, ҳар гоҳе ки дар ҷомеа маъракаҳои интихоботӣ пеш меоянд, дар баробари берун омадани ҳаракатҳои идеологии комил, ҳаракатҳои идеологии нокомил ё инки экстремистӣ низ берун меоянд.

Маҳз ҳамин ҳолат, яъне муқовимат бо ҳаракатҳои идеологии нокомил моро водор месозад, ки василаҳои тарғиботии худро пурқувват сохта, тадбирҳои саривақтӣ амалӣ намоем.

Аз ин лиҳоз, маҳз дар шароити таҳдидҳои берунӣ, бахусус ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо ташаббус ва пайгирии бевоситаи Пешвои миллат Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташкил меёбад, ки дар номи худ ҳамаи он талаботи болозикрро фаро мегирад. Илова бар ин, ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии сиёсӣ ба ҳуқуқу имкониятҳои дигар азҳоби сиёсӣ дахл накарда, ба майдони набардҳои сиёсӣ бо ғояҳои хосса ва созанда, ифодагари азму ирода ва ниёзҳои аввалиндараҷаи мардум мебарояд.

Бо ҳамин мактаби сиёсии Пешвои миллат дастгоҳи идоракунии худро соҳиб мегардад.

Чуноне Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Анҷумани 9-уми ҳизб иброз менамоянд: "*Ҳизби мо дар замоне, ки хатари пароканда шудани миллат ва ҳамчун давлат аз байн рафтани Тоҷикистони тозаистиқлол ба воқеияти рӯз табдил ёфта буда, дар назди миллат ва Ватан, дар назди наслҳои имрӯзу оянда масъулияти бузурги таърихиро ба дӯши худ гирифт*"[1]. Дар воқеъ хизмати Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон на танҳо дар ташаккулдиҳи давлати муосири тоҷикон, балки дар бартарафсозии ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ба даст овардани ризоияти миллӣ хеле созгор аст. Дар ин ҷо мактаби дигари Пешвои миллат, ки таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ҷалб намудааст, - мактаби сулҳофарӣ, ки мавзӯи дигар аст, боиси зикр мебошад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон чаҳорчӯбаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар бо фарогирии ҳудудан ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷомеа арзёбӣ мегардад. Ин рисолат дар ду маврид давра ба давра ба воситаи барномарезии вазифаҳои алоқаманд амалӣ карда мешавад.

Якум, тариқи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зимни иштирок дар интихоботҳои парламентӣ. Принсипи амалии ин механизм ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, бо тартиби таҳлилу омӯзиши мушкилоти рӯзмарраи мардум, муайян намудани роҳу усулҳои дастрас ва имконпазири ҳалли мушкилот ва ҷамъоварии он дар шакли барномаи даврӣ татбиқ карда мешуд. Илова бар ин, муҳтавои барномаи таҳияшуда ба воситаи сохторҳои ҳизбӣ ва номзадони ҳизб ба мансаби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ зимни мулоқоту вохӯриҳои пешазинтихоботӣ ба интихобкунандагон расонида шуда, мавриди зарурат такмил дода мешуд. Ҳамчунин, барномаҳои пешазинтихоботии номзадон мансаби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба барномаи ҳизб асос меёфт. Маҳз ҳамин механизм барои дар амал татбиқгардии ҳадафҳои барномаи ҳизб шароитҳои зарурӣ фароҳам меовард.

Дуюм, тариқи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зимни интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барномаи номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкили гурӯҳҳои олимону муҳаққиқон ва баррасии мушкилоти воқеии мардум таҳия ва дар давраи муайян татбиқ мегардад. Маҳз барномаи пешазинтихоботии номзади ҳизб асоси фаъолияти дохилию хориҷии мақомоти ҳокимияти давлатиро ҳамчун ҳизби пешсаф ташкил медиҳад.

[1] Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон: Анҷумани IX. Душанбе, 2006. С.9

Татбиқи ҳадафҳои барномавӣ бошад, тариқи таҳия ва амалӣ намудани консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои гуногуни давлатӣ, ҳамзамон нақшаҳои соҳавӣ ба роҳ монад мешавад.

Чуноне ки дар Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025 оварда шудааст: "*Барномаи амали Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон метавонад рушди устувори кишварро дар марҳалаи солҳои 2020-2025 таъмин карда, тамоми заминаҳои воқеиро барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум муҳайё месозад*"[2] тасдиқи тавзеҳоти боло мебошад.

Барномаи пешазинтихоботии Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 7 самт: сиёсати иқтисодӣ, маориф ва илм, шуғл, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, маънавиёт ва иттилоот, ҷавонон, занон ва варзиш, масъалаҳои сиёсӣ, волоияти қонун, амният, мудофиа ва такмили қонунгузорӣ ва сиёсати хориҷӣ иборат мебошад[3], асоси сисёсати давлатро барои 7 соли оянда муқаррар намуда, кишварро ба рисолати асосии пешгирифта – рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум мерсонад.

Дар татбиқи ҳамаи ин масъалаҳо, албатта, дастгоҳи идоракунии иҷтимоию сиёсӣ – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун пешоҳанг истодааст ва мунтазам бо истифода аз василаҳои идоракунии хеш амалисозии ҳадафҳои барномавиро пайгирӣ намуда, гурӯҳи вазифаҳои сиёсӣ-идеологиро ҳамоҳанг намуда, динамикаи нишондиҳандаҳои муқарраршударо таъмин менамояд.

Ба сифати иштирокчиён ва ё шунавандагони асосии мактаби сиёсии Пешвои миллат аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро арзёбӣ кардан мумкин аст, шумори онҳо ба беш аз 500 ҳазор нафар расида, ботадриҷ афзоиш ёфта истодаанд. Кормандони асосии ҳизб, аз ҷумла раёсати ташкилотҳои ибтидоӣ, ки мақомоти иҷроияи фаъолият мебошанд, дар сатҳи кишвар 6600 нафар буда, масъулияти амалӣ намудани корҳои ташкилиро ба душ доранд. Сохторҳои ҳизбӣ дар вилояти Хатлон бошад, мутаносибан пешрафти устувор доранд. Имрӯз шумораи аъзои ҳизб ба 185384 нафар, ки ин рақам мутаносибан дар соли 2012 – 85552 нафар буд, яъне 216% афзоиш ёфтааст, теъдоди ташкилотҳои ибтидоӣ бошад, имрӯз 3042 ададро ташкил медиҳад, ки 205% афзоиш ёфтааст (с.2012-1480 адад).

Кадрҳои ин мактаби сиёсӣ дар муддати кутоҳ соҳиби малакаи хуби идоракунӣ, таҷрибаи фаъолияти идеологӣ ва сиёсӣ гардида, мунтазам ба

[2] Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (Самтҳои муҳимтарини рушди мамлакат дар солҳои 2020-2025). Душанбе-2019, с.39

[3] Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Душанбе-2020

зинаҳои гуногуни хизмати давлатӣ ва мансабҳои олии сиёсӣ роҳ меёбанд, ки боиси ифтихори мо ҳизбиён аст.

Дар умум, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташкилоти бутуни сиёсӣ бо сохтори идоракунии шакли амудӣ-амалӣ буда, дар ҳама минтақаҳо, оғоз карда аз сатҳи деҳот бо принсипи идоракунии ҳудудӣ ва ё ташкилоту муассисаҳои муайян бо принсипи идоракунии соҳавӣ то ба сатҳи шаҳру ноҳияҳо, вилоят ва ҷумҳурӣ фаъолият мекунад.

Хулоса мактаби сиёсии Пешвои миллат – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби пешсаф, пешоҳанги ҷомеа буда, дар роҳи бунёди давлати демократӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум фаъолият дошта, баҳри рушди устувори Ватани азизамон – Тоҷикистон талош меварзад.

Барои мо - олимон ва муҳаққиқон ҳамчун иштирокчиёни ин мактаби сиёсӣ месазад, ки дар роҳи таҳкими рукнҳои илмӣ – таҳия ва барои ҷомеа, аз ҷумла ниҳодҳои амалӣ пешниҳод намудани асосҳои назариявию методии он, яъне ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пайваста талош варзида, самаранокии устувор ва пойдории онро (мактабро) таъмин намоем.

АДАБИЁТ

1. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон: Анҷумани IX. Душанбе, 2006. С.9
2. Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (Самтҳои муҳимтарини рушди мамлакат дар солҳои 2020-2025). Душанбе-2019, с.39
3. Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Душанбе-2020

АННОТАЦИЯ

Статья посвящено основам создания и развития Народно-Демократической Партии Таджикистана как политическая школа Лидера Нации, уважаемого Эмомали Рахмон. Определенны важность данной школы и ее роль в развитии современной таджикской государственности.

Ключевые слова: Политическая школа, Народно-Демократической Партия Таджикистана, кадры, программы, политические партии.

ANNOTATION

The article is devoted to the foundation of the creation and development of the Democratic Party of People of Tajikistan as a political school of the Nation Leader, respected Emomali Rahmon. The importance of this school and its role in the development of modern Tajik statehood are determined.

Key words: Political school, Democratic Party of People of Tajikistan, personnel, programs, political parties

САҲМИ САРВАРИ СИЁСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Давлатзода С. Х. -
доктори илмҳои биологӣ, профессор, ректори муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Дар ҳар давру замон дар таърихи миллату халқият, шахсоне дар арсаи сиёсат ворид мегарданд, ки ба рушди инкишофи минбаъдаи давлату ҷомеа нақши муҳим бозида, ҳамчун сарварони сиёсӣ шинохта мешаванд. Рушди соҳаҳои амалкунанда ва инкишофи ҷамъиятӣ, аз сарварони сиёсӣ вобаста аст. Масъалаи ташаккул ва рушди саравари сиёсӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳим буда, аҳамияти илмӣ ва назариявӣ дорад, ки боиси омӯзиши сиёсатмадорони дохиливу хориҷӣ гаштааст.

Ташаккул ва инкишофи саравари сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон ба хусусиятҳои раванди сиёсӣ ва муносибатҳои он алоқаманд аст. Яъне, равандҳои сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-ум ва муносибатҳои сиёсӣ ҳамчун омили ташаккул ва инкишофи саравари сиёсӣ дар кишвар баррасӣ карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш аз тоталитаризм ба ҷомеа демократӣ раванди сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ хусусиятҳои худро доштанд, ки ба ҳалли як қатор масъалаҳо равона гардида буданд: муайян намудани вазъияти иҷтимоиву сиёсии зербинои иқтисодӣ, сохтори давлат, ки бо неруҳои синфӣ мувофиқат менамуданд; ба инобат гирифтани бунёди системаи сиёсии демократӣ; муайян ва таҷдиди унсурҳо, аломатҳои низоми демократии ҷомеа; қабул ва иҷроиши қарорҳои сиёсиву идоракунӣ; назорати амалнамоӣ ва идоракунии рушди системаи сиёсӣ.

Равандҳои сиёсӣ дар кишвар бо оғози сиёсати бозсозӣ ва сипас ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ хусусиятҳои сифатан навро касб менамоянд. Соҳибистиқлолӣ дар ҳаёти ҳар миллату халқият ва давлат ҳамчун масъалаи муҳим баррасӣ карда мешавад. Барои миллати тоҷик ин дастоварди падидаи сиёсии тақдирсоз ба ҳисоб меравад, ки садсолаҳо ба он саъйу кӯшиш менамуд, вале кутоҳбиниву кутоҳандешии сиёсатмадорони ин марҳилаи басо муҳим дар таърихи миллати тоҷик, суръати тағйирёбии ҳодисаву падидаҳои сиёсӣ, дуруст нафаҳмидани ҳалли масъалаҳои муҳими сохтори ҳаёти ҷамъиятӣ, ноуҳдабароии сохторҳои давлатӣ, боис гардид, ки аҳолии кишвар хусусияти идонаи умумимиллии ин ҳодисаи муҳими сиёсиро эҳсос намояд [2, с. 9].

Дар ин марҳила, дар кишвар неруҳои мухталифи сиёсие пайдо гардиданд, ки ҳар яке роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаро пешниҳод менамуд. Як қатор сарчашмаҳои таърихӣ, инчунин таҳлили далелҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки чунин неруҳои сиёсӣ, асосан ба

ҳалли масъалаҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ рӯй оварда, масъалаҳои умумидавлатӣ ва уммимиллиро нодида мегирифтанд.

Маҳз, дар натиҷаи чунин муносибат ва мухолифат дар дохили як миллат, сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, хисороти зиёди ҷонӣ ва моддиву маънавӣ гардид. Ҳамин тариқ, пас аз ба даст овардани истиқлолият дар натиҷаи мухолифату зиддияти неруҳои мухталифи сиёсӣ, кишвар ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда, ҳатто аз ҳиссаи тақсимоти молумулки умумииттифоқӣ маҳрум гардид.

Таҳлили шароити иҷтимоиву сиёсии солҳои 90-ум дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки парламенти кишвар ба таври равшан корношоямии сиёсии худро нишон додааст. Фаъолияти бесамари мақомоти давлатӣ дар маҳаллҳо, риоя нашудани адолат,норасоии маводи ғизоӣ ба мардум, далели заиф гардидани фаъолияти сохторҳои давлатӣ буд.

Бартараф намудани чунин вазъият барои миллати тоҷик масъалаи басо душвор ва мураккаб ба ҳисоб мерафт. Ба хотири муътадил намудани вазъияти ҷомеа, пеш аз ҳама, зарур буд, ки воситаҳои раҳоӣ аз ин буҳрони сиёсии барқарор намудани сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ, барқарор намудани қонун ва қонуният, ҳимояи манфиат ва талаботи халқу миллат амалӣ карда шаванд [2, с. 10].

Барои ҳалли ин масъалаҳо зарур буд, ки фаъолияти мусоиди роҳбарияти сиёсӣ таъмин карда шавад, то тавонад, тамоми захира ва сарчашмаҳои мавҷударо барои бартараф намудани буҳрони сиёсӣ равона намояд. Лекин қайд намудан зарур аст, ки дар чунин ҳолати ҳассос, ки миллат ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо гардида, ба якдигар мухолифат менамуд ва ҳар як тараф кӯшиш мекард мақсад ва манифатҳои худро амалӣ намояд, интихоби сарвари сиёсӣ кори басо мураккаб ва душвор ба ҳисоб мерафт.

Дар даврaҳои алоҳидаи таърихӣ дар ҳолатҳои буҳронӣ нафароне пайдо мешуданд, ки метавонанд, дар як муддати кутоҳ вазъияти буҳрониро бартараф намуда, заминаҳои рушди минбаъдаи давлату ҷомеаро таъмин намоянд. Чунин ашхос бо чунин амали худ байни мардум маҳбубият пайдо намуда, ҳамчун сарварони сиёсии воқеӣ ташаккул меёфтанд.

Барои миллати тоҷик низ дар ин марҳилаи мураккаб маҳз чунин сарвари сиёсӣ зарур буд, ки тавонад вазъиятро муътадил ва сохти конститутсиониро дар кишвар барқарор намояд. Мутаасифона, масъалаи интихоби сарвари сиёсии умумимиллӣ бо таъсири якчанд омил мураккаб гардида буд. Якум, интихоби сарвари сиёсии умумимиллӣ муборизаи неруҳои сиёсиро дар кишвар боз тезутундтар намуд. Чунин мубориза, на танҳо байни неруҳои сиёсӣ, балки дар байни вакилони мардумӣ мушоҳида карда мешуд. Дуюм, набудани шахсияти мувофиқ дар байни сарварони

сиёсӣ, ки тавонанд роҳбари умумимиллӣ, умумихалқӣ ва умумидавлатиро таҷассум намояд [2, с. 12].

Ҳамин тариқ, дар замони барои ҷумҳурӣ ниҳоят вазнин Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари давлат интихоб гардид ва аз рӯзҳои нахустин дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ роҳеро пеш гирифт, ки тавассути он кишвар марҳила ба марҳила аз ҷанги шаҳрвандӣ берун гардида, ба Ваҳдат ва ризоияти миллӣ расид [5, с. 3].

Бояд гуфт, ки ташаккули сарварони сиёсии умумимиллӣ ва умумидавлатӣ дар як ҳолати кутоҳ амалӣ намегардад. Чунин сарварон бо гузашти вақти муайян, дар асоси фаъолияти сиёсии мушаххас ташаккул меёбанд. Метавон қайд намуд, ки дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари давлат интихоб гардида, давраи ташшаккулёбии ӯ ҳамчун сарвари сиёсии сатҳи умумимиллӣ ва умумидавлатӣ ва минтақаву ҷаҳонӣ гардид

Эмомалӣ Раҳмон соли 1992 ҳамчун роҳбари давлат фаъолияти худро дар шароити мураккаби кишвар оғоз намуд. Рушди минбаъдаи кишвар, самти тағйироти демократӣ дар ҷомеа, сулҳ ва ризоияти миллӣ, ояндаи дурахшони кишвар бевосита бо номи ӯ алоқаманд мебошад. Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки масъулиятро дар чунин як вазъияти мураккаб ба дӯш гирифтан, ин танҳо сифат ва нишонаи сарварии сиёсӣ аст. Дар кишвар сарваре пайдо гардид, ки дар ҳолатҳои душвори таърихӣ дар оғози солҳои 90-ум, аз масъулият наҳаросид [3, с. 96].

Аҳамият ва нақши истиқлолияти миллиро баррасӣ намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудааст, ки “Мо истиқлолияти сиёсиро ба даст овардем, лекин роҳи мураккаб, дароз ва масъулиятноки бадастории истиқлолияти иқтисодӣ, масъулият барои ояндаи миллат, таъмини бомуваффақи раванди ислоҳот, бунёди давлати дунявӣ, ҳуқуқӣ ва демократӣ дар пеш аст” [6, с. 77].

Ҳамин тариқ, пас аз роҳбари давлат интихоб гардидан, Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро дар самти баратараф намудани вазъияти буҳронӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, баргардонидани гурезаҳо, омода намудани заминаҳои рушди минбаъдаи давлату ҷомеа оғоз намуд.

Оқибатҳои иҷтимоии ҷанги шаҳрвандиро дар кишвар баррасӣ намуда, Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст: “Ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваст, ки аз берун бо дастгирии моҷароёчӯёни дохилӣ оғоз гардид, ки ҳар лаҳзаи он бо дарду алам дар дили ҳазорон модарон, ки писарони худро аз даст додаанд, садо додааст, гурезаҳое, ки хонаҳояшонро аз даст доданд ва маҷбур шуданд дар сарзамини бегона саргардон шаванд. Ҷанг дар дилҳо ва ҷони ҳазорон кӯдакони ятим ва волидайни онҳо, ки бегуноҳ қурбонии он шуданд, осори амиқ боқӣ гузошт. Зарари ин ҷанги шаҳрвандӣ ба хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 10 миллиард доллари

америкоиро ташкил медиҳад. Ин давраи даҳшатнок дар саҳифаи таърихи халқи мо нуқтаи сиёҳ ва зишт боқӣ хоҳад монд [7, с. 220].

Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки заминаҳои ташаккул ва инкишофи фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсии сатҳи умумидавлатӣ ва умумимиллӣ қатъ намудани ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, баргардонидани гурезагон, таъмини заминаҳои мухталифи фаъолияти давлат ва ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Яъне, хусусиятҳои раванди сиёсӣ дар кишвар заминаи ташаккули сарвари сиёсӣ баромад менамояд.

Омили дигаре, ки ба инкишофи сарвари сиёсӣ дар Тоҷикистон мусоидат намудааст, муносибатҳои сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Бояд таъкид дошт, ки муносибатҳои сиёсӣ, дар як қатор бо муносибатҳои иқтисодӣ, сатҳи рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, заминаи муайянкунандаи сифат ва сатҳи дигар навъҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳсуб меёбанд.

Муносибатҳои сиёсӣ омили зарурӣ ва дар як ҳолат серталаби одамон ба ҳисоб меравад, зеро на танҳо гуногунии амали онҳоро муайян менамояд, балки дар нақши маҳдудкунандаи ин амалҳо баромад менамоянд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки муносибатҳои сиёсӣ як навъ танзимгари ҳаёт ва фаъолияти оммаи мардум баромад менамояд.

Таҳлили унсурҳо ва сохтори муносибатҳои сиёсии ҷомеаи тоҷик нишон медиҳад, ки асоси методологияи ошкор намудани омилҳои бунёдкунандаи низоми таснифоти моҳияти сиёсати Президент, табиати таъсиррасонии онҳо мебошад. Ин шаҳодат медиҳад, ки сиёсати Президент ба иҷроиши тамоми корҳо, ки аз табиати амалнамоии ҷомеа бармеояд, равона гардидааст. Сиёсати Президент ба ҳамоҳангсозии манфиати гурӯҳҳои мухталиф, бартараф намудани моҷаро, бадастории ризоият дар асоси имкониятҳо равона карда шудааст.

Хусусиятҳои муносибатҳои сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз сатҳи ҳалли масъалаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ вобаста аст. Дар ин самт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса равона намудааст. Масъалаи истифодаи имкониятҳои хориҷӣ барои таъмини рушди соҳаҳои гуногун дар кишвар, ба таври ҳамешагӣ мавриди таваҷҷуҳи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, зеро вобаста ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои обӣ, сатҳи инкишофи соҳаҳои мухталифи истеҳсолӣ, масъалаҳое ҷой доранд, ки ҳалли онҳо ба сармоягузориҳои хориҷӣ алоқаманд мебошанд [8, с. 4].

Миёни мақсаду вазифаҳои зиёд ҳадафҳои стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, саноатикунонии кишвар маҳз аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мушаххас гардидаанд, ки барои рушди минбаъдаи соҳаҳои мухталифи кишвар аҳамияти бузургро касб намудаанд. Илова бар

ин, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор масъалаҳо, аз қабили густариши фаъолияти сармоягузорӣ ва сармоягузории хурду миёна, такмили сиёсати буҷет ва андоз, ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, ташкили сохтори нави идораи иқтисодиёт, ҷобаҷогузории кадрҳо, баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, мубориза бо коррупсия диққати махсус равона карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои мухталифи соҳаҳои гуногуни рушди ҷомеа ба таври доимӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Масалан, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. “Низоми маориф яке аз муҳимтарин низомҳои замони мост. То даме, ки дар сохтори таҳсилот тағйироти куллӣ ба амал наояд, мо дар рушди фарҳанг ва маориф ба дараҷаи дилхоҳ расида наметавонем” [9, с. 62].

Дар соҳаи маориф, бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи барномаҳои мухталифи давлатӣ, гузариш ба низоми таҳсилоти кредитӣ, таъсиси низоми ягонаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии олӣ, таҳсили донишҷӯён дар дохил ва хориҷи кишвар тариқи квотаҳои президентӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар марҳалаи кунунии ҷаҳонишавии кишварҳо дар Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ доранд. Соли ҷорӣ дар кишвар ба маблағи 500 миллион сомонӣ 130 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо зиёда аз 32 ҳазор ҷойи нишаст ба истифода дода шуд. Соли 2020 сохтмони 181 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар ҳаҷми 900 миллион сомонӣ бо муҳайё намудани 54 ҳазор ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст.То ҷашни 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ 128 муассисаи томактабӣ ва 338 муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд гардида, дар маҷмӯъ, 1332 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ тармиму таҷдид карда мешавад.

Муҳимияти соҳаи маорифро ба инобат гирифта, Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи маориф чунин иброз намудааст: “Муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба миён гузоштан ва ҳалли проблемаҳои ҷойдошта аҳамияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ дорад. Рушди ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва фарҳанг, пеш аз ҳама, ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста мебошад” [1, с. 3].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ташаккул ва инкишофи сарвари сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон аз хусусиятҳои раванди сиёсӣ ва

муносибатҳои сиёсӣ, ки дар кишвар пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба миён омаданд, вобаст аст.

Ташаккул ва инкишофи сарварии сиёсӣ дар Тоҷикистон аз ҳамон лаҳзае оғоз мегардад, ки дар кишвар вазъияти сиёсӣ ба ворид гардидани неруҳои мухталифи сиёсӣ мусоидат намудааст. Ин неруҳои сиёсӣ ба саҳнаи сиёсат ворид гардида, ба таври равшан ва дақиқ мақсади ба даст овардани ҳокимиятро баён менамуданд.

Дар аввал чунин ба назар менамуд, ки ҳаракату созмонҳои сиёсӣ ба идеологияи коммунистӣ мухолифат менамоянд, лекин баъдтар ошкор карда шуд, ки мухолифат на бар зидди идеология, балки бар зидди шахсони мансабдор аст. Чунин мубориза, аз аввал хусусияти маҳаллӣ дошт, ки ба рушди системаи сиёсӣ, ба ташаккул ва инкишофи сарварии сиёсӣ дар кишвар монеа эҷод менамуд.

Баргардонидани гурезагон ва истиқрори сулҳ дар кишвар яке аз дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбад. Ин ташаббус сарчашмаи истиқрори сулҳ, Ваҳдати миллӣ, нахустсанги сарнавиштсоз дар бунёди таҳкурсии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон буд. Эмомалӣ Раҳмон зери шиори «То охирин тоҷикро ба Ватан барнагардонам, ором нахоҳам буд!» 5 маротиба ҷон дар кафи даст сафари Афғонистон ихтиёр ва бо сарварони мухолифин, намояндагони кишварҳои миёнарав ва созмонҳои байналхалқӣ мулоқот намуд. Ӯ ба сухани худ содиқ монд ва охирин тоҷикро ба Ватан баргардонд, дар кӯтоҳтарин муддат оташи ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон хомӯш кард. Институтҳои байналмилалӣ таҷрибаи Тоҷикистонро дар хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ дар арсаи ҷаҳон дастоварди бузургу беназир меҳисобанд ва барои татбиқ тавсия медиҳанд. Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ҳазор соли бедавлатӣ ба бунёди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон заминаи устувор гузошт.

Тавре Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ интизор буду умед дошт, ки аз Мовароуннаҳр боз нафаре пайдо хоҳад шуд, ки тамоми форсу тоҷикдаризабононро аз нав дар Шарқ муттаҳид менамояд. Имрӯз ман мегӯям, ки он нафар Сарвари давлати тоҷикон, Ҷаноби Олӣ эмомалӣ Раҳмон аст-гуфтааст Офтоби Асғар, профессори Донишгоҳи ховаршиносии Панҷоби Покистон.

Пешниҳодҳои саривақтии Сарвари муаззами ҳизб, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон доштани «Соли 2003 – соли оби тоза» (1999), «Солҳои 2005-2015- Даҳсолаи байналмилалии амал «Об — барои ҳаёт» (2003), «Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»(2009), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об — барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 (2016) аз минбари Созмони Миллали Муттаҳид ва аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид пазируфтан ва мавриди тадбиқ қарор додани онҳо аст. Қабул ва бар хизмати инсоният сафарбар кардани ин пешниҳодот дастоварди бузурги фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, бозгӯи дар доираи манфиатҳои миллати худ маҳдуд нагаштан, ангушт дар набзи масоили

мубрами ҷаҳонӣ доштан, наҷоти худро дар наҷоти инсоният ҷустани ӯст. Ин дастовардест, ки эътибори тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардошт.

Бунёди НБО «Роғун» дастовардест, баёнгари қудрати тафаккур ва бозувони инсон. НБО «Роғун» тарҳи нотакрор дар ҷаҳон ва шароити бунёди он ҳам нотакрор аст. Ҷаҳони мухолиф тамошо дошт, ки ин абармард чӣ гуна тани танҳо корро анҷом медиҳад, ки аз тавони инсон берун аст. Вале дар такя бо хираду заковати азалии Сарвари маҳбуби миллат ва эътимоду боварии мардум ин тарҳи аср зина ба зина бунёд гардида, ба хонадони кулли ҳамватанон нури Раҳмонӣ ато намуд.

Аз давлати аграрӣ ба давлати саноатӣ табдил додани Тоҷикистон аз ду ҷиҳат такони бузургеро ба бор овард: ҷаҳиш дар иқтисодиёт ва таҳаввулот дар тафаккури мардум. Бо 7 фоиз замини ҳамвор нумӯи иқтисодиётро таъмин кардан душвор ва ҳатто ғайриимкон аст. 93 фоизи ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Захираҳои табиӣ заминаи бузург барои саноатигардонии Тоҷикистон мебошанд. Тавассути саноатикунонӣ барои зиндагии шоистаи мардуми Тоҷикистон истифода намудани захираҳои табиӣ дастоварди бузург маҳсуб меёбад.

Имрӯз бо раҳнамоӣ ва ҳидоятҳои Пешвои миллат барои пешрафти соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, татбиқи сиёсати ҷавонон, занон ва оила ва рушди варзиш корҳои зиёдеро ба анҷом расонида шудааст.

Дар баробари дигар соҳаҳо ба соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низ диққати махсус дода, дар замони соҳибистиқлолӣ садҳо иншооти тандурустӣ, аз ҷумла беморхонаҳои замонавӣ, марказҳои саломативу бунгоҳҳои тиббиро бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд. Дар давоми ду соли охир 320 номгӯй таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва технологияҳои навтарин барои истеҳсоли доруворӣ дар ҳаҷми 950 миллион сомонӣ ворид гардида, барои муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳо 150 воситаи нақлиёти санитариву махсусгардонидашуда харидорӣ карда шудааст.

Бо пайравӣ аз сиёсати хайрхоҳонаи Пешвао миллат имрӯз дар кишвар расонидани кумак ба оилаҳои камбизоат, ятимону бепарасторон ва шахсони эҳтиёҷманд ба ҳукми анъана даромадааст. Дар робита ба ин, ҳолати иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеа ҳамеша дар маркази диққати роҳбари давлат қарор дошта, барои беҳтар намудани шароити онҳо пайваста чораҷӯӣ менамояд.

Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад. Мо шоҳиди онем, ки дар ҳақиқат, сафи ҷавонон дар соҳаҳои

дигар, аз ҷумла саноату сохтмон, маорифу тандурустӣ ва кишоварзӣ низ торафт афзоиш ёфта истодааст.

Натиҷаи интихоботи Президентӣ, ки чанде пештар баргузор гардид нишон дод, ки дар ҳақиқат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Ҷаноби Олӣ, раиси амуаззами ҲХДТ Эмомалӣ Раҳмон дар дилу дидаи мардуми сарзамини Тоҷикистон нақши созгор дошта, ояндаи хешро аз хиради волои роҳбари давлат алоқаманд медонанд. Дар робита ба ин, метавон бо суханони раиси Ҷумҳурии халқии Хитой Си Ҷин Пин хулоса кард, ки ба мавриди гуфтааст: “Натиҷаҳои интихоботи анҷомёфта бори дигар собит месозанд, ки консепсияи идораи давлат, ки аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон татбиқ мегардад мавриди дастгирии васеи мардуми Тоҷикистон қарор дорад. Итминон дорам, ки Тоҷикистон таҳти роҳбарии Шумо дар амалияи рушди миллӣ ҳатман ба комёбиҳои навини бузург ноил хоҳад шуд”.

АДАБИЁТ

1. Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар аз 22 декабри соли 2005 // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. –Душанбе, 2006.
2. Проблемы укрепления национальной независимости Республики Таджикистан. –Душанбе: Дониш. 2006.
3. Шарипов С.И. Таджикистан: Демократизация политических отношений.-Душанбе., 2000.
4. Шарипов С. И. Взаимодействие политических партий и движений с профессиональными союзами. Бюллетень ПАПТ. № 11. 1999.
5. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Зери назари Ҳ.Зарифӣ. –Душанбе: “Ирфон”, 2012.
6. Эмомалӣ Рахмон. Молодёжь-будущее нации. –Душанбе: «Ирфон», 1998. -С. 77.
7. Эмомалӣ Рахмон. Таджики в зеркале истории. Кн.первая: от арийцев до Саманидов.-Лондон, 1999. Кн.1.-С.220.
8. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Зери назари Ҳ.Зарифӣ. –Душанбе: “Ирфон”, 2012.
9. Эмомали Раҳмон – Пешвои миллат. –Душанбе, 2016.

АННОТАЦИЯ

В этой статье рассматривается формирование и развитие политического лидера в условиях Таджикистане. Автор отмечает, что в истории каждого народа появляются такие люди, которые играют важную роль в решении различных проблем общества, в том числе в разрешении политических конфликтов, в результате чего приобретают особую популярность среди народа и становятся политическими лидерами.

В Республике Таджикистан формирование и развитие политического лидера связано с приобретением государственной независимости. Формировались различные политические силы, претендовавшие на власть и предлагавшие различные пути и средства для дальнейшего развития государства и общества. Такая борьба и конфронтация между политическими силами ввергли Таджикистан в гражданскую войну, в результате чего парламент и местные органы власти стали неработоспособными.

Автор отмечает, что в этой сложной ситуации Таджикистану нужен был личность, который мог бы разрешить возникшую ситуацию. После избрания главы государства Эмомали Рахмон начал свою работу по преодолению кризиса, восстановлению конституционного строя, возвращению беженцев, подготовке основы для дальнейшего развития государства и общества.

Таким образом, автор отмечает, что становление и развитие политического лидера в Таджикистане связано с политическим процессом и политическими отношениями в Таджикистане в 1990-е годы.

Ключевые слова: политическое лидерство, независимость, лидерство, политические силы, парламент, конституционный строй, государство, общество, инвестиции, политический кризис.

ANNOTATION

This article examines the formation and development of a political leader in the conditions of Tajikistan. The author notes that such people appear in the history of every nation who play an important role in solving various problems of society, including in resolving political conflicts, as a result of which they become especially popular among the people and become political leaders.

In the Republic of Tajikistan, the formation and development of a political leader is associated with the acquisition of state independence. Various political forces were formed, claiming power and offering various ways and means for the further development of the state and society. Sach

struggle and confrontation between political forces plunged Tajikistan into a civil war, as a result of which the parliament and local authorities became ineffective.

The author notes that in this difficult situation, Tajikistan needed a person who could resolve the situation. After the election of the head of state, Emomali Rahmon began his work on overcoming the crisis, restoring the constitutional order, returning refugees, preparing the basis for the further development of the state and society.

Thus, the author notes that the formation and development of a political leader in Tajikistan is associated with the political process and political relations in Tajikistan in the 1990s.

Key words: political leadership, independence, leadership, political forces, parliament, constitutional order, state, society, investments, political crisis.

МОДЕЛИ ИМКОНПАЗИРИ РУШДИ ДЕҲОТ ДАР НОҲИЯ ВА МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шоҳиён Н. Н. –
номзади илмҳои техникӣ, доктори илмҳои педагогӣ, ректори
Донишгоҳи давлатии Данғара

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат 26.12.2018

Роҳҳои имконпазири ҷалби донишҷӯён, омӯзгорон ва олимони Донишгоҳи давлатии Данғара дар раванди таҳия ва татбиқи лоиҳа (кор) – и курсӣ, хатм, ихтироъкорӣ ва навоварӣ, лоиҳаҳои эҷодӣ ва инноватсионӣ, корҳои илмӣ-татқиқотӣ дар ноҳия ва минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Факултети лингвистика ва муоширати байнифарҳангӣ:

1. Маълумотномаи кӯтоҳ (топикҳо) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва чинӣ дар бораи деҳотҳо;
2. Таҳқиқи шарҳу мафҳумҳои вобаста ба ҳунармандӣ ва топонимияи манотиқи Тоҷикистон;
3. Омӯзиши осори фолклорӣ ва ривоятии мардуми деҳот;
4. Донишҷӯ ҳамчун тарҷумон-роҳбалад (гид переводчик) дар деҳот;
5. Ташкили маҳфилҳои забономӯзӣ бо иштироки донишҷӯён ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва хонандагон;

Омӯзиши забонҳо:

- Забони русӣ
- Забони англисӣ (вобаста аз имконият).

Факултети табиӣ-риёзӣ, педагогика ва рушди нерӯи инсонӣ:

1. Ташкили мафҳилҳо ва гурӯҳҳои тарғиботии равшаннамоии деҳотҳо;
2. Таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва пешниҳодҳои техникии пешгирии талафоти барқ дар деҳот;
3. Таҳияи чайнворд, анаворд, филворд, скайнворд ва ғайраҳо оид ба шарту шароит ва вазъи маишии бошандагони деҳотҳо;
4. Ташкили маҳфилҳои омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ;
5. Ташкили маҳфилҳои ихтироъкорӣ ва навоварӣ.

Факултети агробиология, стандартизатсия ва тибби бойторӣ

1. Имкониятҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ дар деҳот;
2. Имкониятҳои рушди чорводорӣ;

3. Имкониятҳои рушди занбӯри асалпарварӣ;

4. Технологияи аввалияи хушконидани меваҳо;

5. Татбиқи агротехнологияи гирифтани се ҳосил дар деҳот;

• аз заминҳои назди ҳавлигӣ

• аз хоҷагии деҳқонӣ

6. Роҳҳои илмӣ-асоснокнамоии таъмини талаботи экологӣ-санитарӣ дар деҳот ва қитъаи назди ҳавлигӣ;

7. Рушди парандапарварӣ дар деҳот;

8. Ташкили гурӯҳҳои тарғиботӣ ва ёрирасони тибби бойторӣ дар деҳот;

9. Ташкили мафҳилҳо ва гурӯҳҳои ёрии методӣ оид ба ҳифзи растаниҳо;

10. Масъалаҳои экологӣ ва биологии истифодаи об ва пешгирии он аз ғализшавӣ ва ифлосшавӣ) дар деҳот.

Факултети муҳандисӣ ва технологияҳои муосири истеҳсолӣ:

1. Зебосозии муҳити деҳот;

2. Нақшаи генералӣ ва сохтмони муосири деҳотҳо;

3. Технологияи коркарди партовҳо:

• партовҳои пас аз сухтани маводҳои органики (ҳезум партови коркардашуда ҳайвонот ва ғайра;

• партовҳои чорводорӣ.

4. Технологияи аввалияи коркарди пӯст;

5. Технологияи аввалияи коркарди пашм;

6. Технология ва ташкили биотуалетҳо (ҳоҷатхонаҳои махсус) ва ҳоҷатхонаҳо бо истифода аз канализатсия;

7. Таҳияи моделҳои имконпазирӣ ташкили обанборҳои хурди безарар дар деҳот;

8. Лоиҳакашӣ оид ба техника ва технологияи обкашӣ ва обёрӣ;

9. Ташкили гурӯҳҳои зудамали таъмири техникаҳои кишоварзӣ ва автомашинаҳо;

10. Ташкили нуқтаҳои хизматрасонии таъмири асбобҳои барқӣ ва телефонҳои мобилӣ;

11. Роҳсозӣ аз санг ва дигар маводи дастраси сохтмонӣ дар деҳот ва қитъаи назди ҳавлигӣ;

12. Сармоягузорӣ ба нерӯи рушди инсонӣ дар деҳот аз нигоҳи “Биёед, эй рафиқон, дарс хонем ва якҷоя ба фаъолияте шурӯъ намоем”.

Факултети муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ ва технологияҳои муосир:

1. Таҳияи зерсомонаи ҷамоати деҳот;

2. Татбиқи ҳукумати электронӣ дар деҳот;

3. Татбиқи ҳукумати электронӣ дар ҷамоати деҳот;

4. Ташкили марказҳои таълимӣ-тренингии ҳунаромӯзӣ бо иштироки донишҷӯён ва ҳунармандони деҳот;

5. Ташкили корхонаҳои хурди дӯзандагӣ ва мӯд;

6. Таҳлилу хулосабарори оид ба баланд бардоштани фарҳанги меҳмонпазирӣ аз нигоҳи рушди сайёҳӣ ва анъанаҳои миллӣ дар деҳот;

7. Рушди ҳунармандӣ дар деҳот;

8. Ташкили мафҳилҳои таомпазии миллӣ ва дигар халқҳои ҷаҳон дар деҳотҳо;

9. Ташкили чорабиниҳо фароғатӣ ва истироҳатӣ дар деҳот.

Факултети идораи давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва рушди сайёҳӣ

1. Ташкили гӯшаи таърихи деҳот, муаррифии деҳот аз нигоҳи таърих ва урфу одати он;

2. Ёдгориҳои таърихии деҳот аз нигоҳи туризм;

3. Муаррифии шахсиятҳои шинохтаи деҳот: Иштирокчиёни ҶБВ, Қаҳрамонони миллат ва меҳнат, шахсияти шинохта, ки бо ордену медалҳо сарфарозонида шудаанд, теъдоди академикҳо, докторон ва номзадҳои илм, вакилон ва шахсоне, ки берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият мекунанд ва муваффақияти беназир доранд. Таҳлили оморӣ муҳоҷирати меҳнатӣ;

4. Маҳфилҳои фаҳмондадиҳии хавфҳои ҷаҳони муосир ва таъсири он ба ҷомеа;

5. Маҳфилҳо оид ба баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ;

6. Ташкили марказҳои таълимӣ-касбомӯзии коркарди бадеии чӯб;

7. Ташкили мафҳилҳои тарғиби ҳаёти солим дар деҳот;

Департаменти тарбия, тарғибот ва масоили иҷтимоӣ, департаменти равобити хориҷӣ ва мобилияти академӣ:

1.Ташкили курсҳои омодагӣ оид ба интихоби касб ва супоридани имтиҳонҳо дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумурии Тоҷикистон;

2.Ташкили курсҳои бозомӯзӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара аз нигоҳи таъминоти мутахассисон барои рушди деҳот;

3. Ташкили мафҳилҳои ихтироъкорӣ дар деҳот;

4. Ташкили мафҳилҳои омӯзиши технологияҳои компютерӣ;

6. Ташкили нуқтаҳои ёрирасон (репититерӣ) оид ба рушди ҳунарҳои мардумӣ;

7. Сармоягузорӣ ба рушди нерӯи инсонӣ дар деҳот аз нигоҳи “Биёед, эй рафиқон, дарс хонем ва якҷоя ба фаъолияте шурӯъ намоем”;

8. Таҳияи сармаълумоти иттилоотӣ-тарғиботӣ оид ба ҳунармандони ноҳияи Данғара ва дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон.

“Рушди сайёҳӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос дар ин самт ба пешрафти иқтисоди миллии кишвар такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳонро ба мамлакат зиёд менамояд ва барои таъсиси ҷойҳои корӣ имкони бештар фароҳам меорад...” Аз Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2019)

Тоҷикистон дар ҳақиқат кишвари дорои табиати зебои нотакрори афсонавӣ, меваҳои шаҳдбор, обҳои зулолу шифобахш, олами набототу ҳайвоноти бою рангин ва мардуми фарҳангдусту тамаддунофар буда, дар арсаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Бо ташаббусу пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соли 2018 – Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва солҳои 2019-2021 – Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ имконият фароҳам овард, ки соҳаҳои мазкур тадриҷан рушду инкишоф ёфта, дар ин замина садҳо иншооти сайёҳӣ ва муҳимми деҳот аз нав сохта ба истифода дода шаванд.

Захираҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёданд. Агар мо ба табиату фарҳанг ва ёдгориҳои таърихии кишвар дақиққорона баҳо диҳем, пас захираҳои сайёҳии кишварамонро метавон ба 3 гурӯҳ ҷудо намуд.

1. Унсури марбут ба муҳити табиат, ҷангал, об ва иқлим;
2. Бахши таъминоти функсионалӣ-маърифатӣ, солимгардонӣ, варзишӣ;
3. Бахши марбут ба таърих, фарҳанг, этнография.

Баъди соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳар сол ҳазорон нафар сайёҳони хориҷӣ барои шинос шудан бо табиати рангину бой ва осори таърихию фарҳангӣ ба кишвари мо ташриф меоранд ва аз мероси моддиву маънавии мо баҳравар гашта, бо гузаштаву имрӯзи халқи тоҷик аз наздик шинос мешаванд.

Алҳол дар ҷумҳурӣ 2020 ёдгории таърихию фарҳангӣ қарор доранд, ки аз ин миқдор 1278-ададро ёдгориҳои бостонӣ, 300-ададро меъморӣ, 441-ададро таърихӣ (аз ҷумла 160 ҳайкалу нимпайкараҳо) ташкил медиҳанд.

Аз шумораи номбурда шаҳру шаҳракҳои қадима – 220 адад, конҳои қадима – 83 адад, қалъаҳо – 70 адад, мақбара ва масҷидҳои таърихӣ – 110 адад, катибаҳои рӯи сангӣ – 43 адад, тасвирҳо – 15 адад, макон ва талу теппаҳои татқиқнагардида – 654 ададро ташкил медиҳад.

Аз таҷрибаи кишварҳои мутараққии сайёҳӣ бармеояд, ки барои рушди устувори туризм бар пояи мавҷудияти иқтидори бузурги сайёҳӣ, инчунин, дастгириву таваҷҷуҳи доимии давлат ва ҳукумат ниҳоят зарур мебошад.

Пешвои миллат таъкид намуданд: “Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир дар Тоҷикистон низоми содакардашудаи раводид барои шаҳрвандони 80 кишвари ҷаҳон ҷорӣ гардида, шабакаи ягонаи электронӣ ба кор андохта шудааст”.

Тибқи арзёбии созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳоло Тоҷикистон аз лиҳози низоми сода гирифтани раводиди навъи сайёҳӣ дар рӯйхати 5 кишвари пешсафи ҷаҳон мавқеи чорумро ишғол менамояд.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои мероси бойи таърихию фарҳангӣ, табиати зебову ҷолиб, иқлими офтобӣ ва ёдгориҳои геологӣ маълум гаштааст. Ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аз замонҳои қадим дар саргаҳи роҳҳои бузурги тиҷоративу сайёҳӣ, аз ҷумла Шоҳроҳи арбешим воқеъ гардида, бешак дар раванди тиҷорату сафарҳои фарҳангии халқу миллатҳои гуногун нақши муҳим бозидааст.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки афзалияти рушди туризм дар он зоҳир мегардад, ки бо ҷалби сармояи нисбатан кам (дар қиёс ба соҳаи кишоварзӣ, саноат ва ғайра) ба буҷети давлатӣ маблағҳои зиёд ворид гардида, шумораи зиёди мардум бо ҷойҳои нави корӣ таъмин мегарданд ва дар ин замина барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи иҷтимоиву иқтисодии аҳолӣ қадами устувор гузошта мешавад.

Сайёҳӣ яке аз самтҳои ояндадори шакли туризм дар фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад. Зеро талабот ба он тайи чанд соли охир ба таври назаррас афзоиш ёфта истодааст.

Дар ҷумҳурӣ 125 объекти сайёҳӣ ва осоишгоҳҳо, аз ҷумла, 51 меҳмонхона, 9 санатория, хонаҳо ва минтақаҳои истироҳатӣ, пойгоҳҳои сайёҳӣ, марказҳои саломатӣ амал мекунанд. Тоҷикистон 3 фурудгоҳи байналмилалӣ дар Душанбе, Хуҷанд ва Кӯлоб дорад. Ҳудуди ҷумҳуриро аз ғарб ба шарқ се шохаи хати роҳи оҳан бурида мегузарад, ки ба воситаи ҳудуди давлатҳои ҳамсоя –Ӯзбекистон ва Туркманистон минтақаҳои марказӣ, шимолӣ ва ҷанубии ҷумҳуриро бо ҳам мепайвандад.

Имрӯз дар Тоҷикистон зиёда аз 50 муассисаи сайёҳии рақобатпазир таъсис ёфтааст. Ҳукумати кишвар ба хотири рушди туризми байналхалқӣ дар ҷумҳурӣ дар бораи содакунонии реҷаи вуруди сайёҳон қарор қабул намуд. Акнун сайёҳон метавонанд ин иҷозатномаро дар муддати се рӯз дастрас намоянд. Ҳамчунин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои Варзоб, Балҷувон ва Ромит минтақаҳои табобати санаторияви-курортӣ ва сайёҳӣ эълон карда шуданд, ки ин тадбир ба рушди тадриҷии соҳаи туризм мусоидат менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди сайёҳӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, таъкид карданд, ки мо бояд имкониятҳои хеле бузурги соҳаи сайёҳии худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем. Дар баробари муаррифии таъриху фарҳанг, табиати биҳиштосо, набототу ҳайвонот, иқлим, чашмаҳои мусаффо ва обҳои шифобахшу меваҳои шаҳдбор, замоне расид, ки аз ҷанбаҳои иқтисодии соҳа истифода карда шавад. Кор аз самтҳои таҳкиму ташаккул додани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва муаррифии имкониятҳои сайёҳии мамлакат оғоз ёфт. Дар партави лоиҳаи қонун “Дар бораи сайёҳӣ” дар таҳрири нав, лоиҳаи “Барномаи рушди сайёҳӣ барои солҳои 2018-2020”, як қатор санадҳои зерқонунӣ омода гардида, лоиҳаи Стратегияи рушди сайёҳӣ то давраи солҳои 2030 таҳия шуд. Бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди ин соҳа Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, дар ин кумита мутахассисони рақобатпазири соҳаи сайёҳӣ кору фаъолият доранд.

Сомонаи миллии сайёҳӣ тавассути Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ ба 158 давлати аъзо ва 509 ташкилоту муассисаҳои узви созмон муаррифӣ карда шуд.

Тибқи иттилои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ соҳаи сайёҳии Тоҷикистон дар байни кишварҳои дар ҳоли рушд дар зинаи дуюм қарор дорад. Мувофиқи нишондоди ин созмони сайёҳон дар ҳар як сафар ба ҳисоби миёна аз 500 то 750 доллар харҷ мекунанд. Мувофиқи омор аз ҳар 1 доллари барои сайёҳӣ масрафмешуда 91 сенти он ба соҳаи иқтисодиёт равона мегардад. Сайёҳӣ ба мисли содирот аст.Хизматрасонии мувофиқ пешниҳод шуда, даромади асъорӣ ворид мегардад.

Дар ҳудуди Тоҷикистон беш аз 125 сарчашмаи обҳои маъданӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки хусусиятҳои гуногуни миқдорӣ ва сифатӣ доранд. Обҳои маъданӣ асоси фаъолияти осоишгоҳҳои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ки Сарраёсати геологии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истироҳатгоҳҳоро ба пуррагӣ таҳқиқ намуда, корҳои ҳафриётиро дар сарчашмаҳои обҳои маъданӣ ба анҷом расонид.

Дар ҳоли ҳозир дар ҳудуди Тоҷикистон 229 иншооти туристӣ, осоишгоҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият мекунад, ки меҳмонхона, қароргоҳҳои табобатӣ, базаи сайёҳӣ ва ғайраро дарбар мегирад.

Дар ин мавсим зиёда аз 20 хатсайри нави сайёҳӣ пешниҳод мешавад. Аз ҷумла: Душанбе-Сари Хосор, Душанбе-Қаратоғ, Душанбе-дараи Ҳакимӣ, Душанбе-Канасква. Дар баъзе мавзеъҳои экологӣ шаҳраки хаймавии мавсими бунёд карда мешавад. Сайёҳии дохилӣ хеле рушд карда истодааст. Хатсайрҳои махсуси Душанбе-Искандаркӯл, Душанбе-Норак, Душанбе-Сафед-Дара, Душанбе-Қалъаи Ҳисор, Душанбе-Варзоб, Душанбе-Муъминобод бо фарогирии ноҳияи Восеъ ва шаҳри Кӯлоб, Душанбе-Панҷакент, Душанбе-Хуҷанд, Душанбе-Шаҳритуз бо фарогирии “Бешаи палангон”, Душанбе-Бадахшон, ки бо маблағҳои қобили мулоҳиза нафарони зиёдеро аз ҳисоби худи ҳамватанон ҷалб кардааст, ба ин нуқта далел шуда метавонанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёре аз ёдгориҳои таърихӣ дар шаҳрҳои Истаравшан, Хуҷанд, Панҷакент, Қалъаи Ҳисор, Ҳулбук таъмиру тармим гардида, бо мақсади рушд ва тақвият бахшидан ба соҳаи сайёҳӣ чандин санад ва барномаҳои давлатӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи туризм”, “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, “Дар бораи Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврaҳои солҳои 2009-2019” ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

“Дар бораи Барномаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017” қабул гардиданд.

Сайёҳони хориҷӣ пеш аз ҳама, ба манзараҳои табиӣ ва обҳои шифобахши “Шоҳамбарӣ”, “Хоҷаобигарм”, “Гармчашма”, “Оби гарм”, қуллаҳои барфпӯши кӯҳҳои Тоҷикистон, шаҳрҳои қадима Истаравшан, Ҳисор, Панҷакент, Кӯлоб, Исфара ва ғайраҳо бо нигоҳ доштани анъанаҳои фарҳангӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мутаваҷҷеҳ мешаванд. Солҳои охир сайёҳони кишварҳои Русия, Фаронса, Испания, Маҷористон, Швейтсария, Португалия, Олмон, Чехия ва Украина ба мавзеъҳои Сарихосори ноҳияи Балҷувон, ки минтақаи сайёҳии байналмилалӣ эълон шудааст, ташриф оварда, аз шаршараи машҳури Пушти боғ ва чашмаи табобатии “Оби гӯгирд”, Чилдухтарон, Эмомаскара ва табиати сеҳрофари намаккӯҳи Хоҷамӯъмин тамошо намуда, бо як ҷаҳон таассуроти хотираҳои нек ба ватанашон баргаштанд.

Айни замон дар Тоҷикистон зиёда аз 100 адад ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият доранд. Тибқи маълумоти соли 2019 аз 146 кишвари ҷаҳон қариб 1 млн. сайёҳ ба Тоҷикистон ташриф оварданд, ки даромади он ба ҳисоби миёна, зиёда аз 30,5 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Минтақаи Рашт бо чашмаҳои муолиҷавию минералӣ ва шароити ниҳоят хуб барои истироҳат мусоид буда, бо табиату иқлими худ шуҳратёр шудааст. Дар ҳудуди минтақа қариб 80 ҳазор гектар масоҳат дорои аҳамияти рекреатсионӣ мебошад, ки таҳқиқи шудааст. Релефи минтақа барои ташкил намудани сайёҳатҳои туристӣ, гузаронидани машғулиятҳои гуногуни варзишӣ, кӯҳгардӣ ва ғайра хеле мусоид мебошад. Дар ҳудуди минтақавии Рашт зиёда аз 30 кони истихроҷи обҳои минералӣ ва 3 кӯли сулфурдор ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар ҳудуди ин минтақа санаторияи дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ доштаи “Оби гарм” ҷойгир шудааст, ки дар байни мардуми мардуми ҷумҳурӣ ва берун аз он шӯҳрат дорад. Дар базаҳои курортии ин минтақа, ба монанди Камаров, Сангвор, шикоргоҳи Сангикар, Чилдара ва Ҳоит инкишофи васеи туризм бо истифода аз шикоргоҳҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Мавзеи Хатлонзамин аз замонҳои қадим бо табиати нотакрор, ҷойҳои таърихӣ ва мардуми меҳмоннавозаш хеле маълуму машҳур

буд. Махсусан, мавзеъҳои Даштиҷум, Сари Хосор, Сарчашма, Балҷувон, Муъминобод, Ховалинг, мақбараи Мир Саид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб, Чилучорчашма ва мазорҳои таърихии минтақаи Қурғонтеппа ҷойҳои дӯстошта ва зиёратгоҳу истироҳатгоҳи на фақат мардумони ҳамон маҳал, балки ҷойи муқаддаси меҳмонони ноҳияҳои дуру наздики мамлакат мебошанд. Кӯҳистони Бадахшон, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва дигар ноҳияҳои мамлакат низ бо обҳои шӯр, минералӣ, лойқаи муолиҷавии худ шуҳрати калон доранд.

Махсусан, мавзеъҳои Даштиҷум, Сари Хосор, Саричашма, Балҷувон, Муъминободу Ховалинги минтақаи Кӯлоб барои истироҳат қуллай мебошанд.

Аз рӯи ҳисоби мутахассисон дар оянда талабот барои истироҳат аз 943,2 ҳазор то 1,5 млн. ҷой дар як вақт зарур мешавад.

Ноҳияи Данғара низ бо табиати зебову нотакрораш ба яке аз мавзеъҳои диданибоби сайёҳӣ табдил ёфта, диққати хориҷиёнро ба худ ҷалб менамояд. Мавзеъҳои Сарсарак, Кӯҳи Морон, Себистон, Чашмаи нуқра, Сайёд, Сиёҳхор, Азиз, Сиёҳҷангал, Тутбулоқ, Обанбори Норак ва ғайраҳо барои ташкили соҳаи туризм ва сайёҳӣ дар ин минтақаҳо мусоид аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1 апрели соли 2018 зимни сафари хизматӣ ба ноҳияи Данғара 80 адад оҳуи холдорро, ки аз Федератсияи Русия ворид гардид ва ба иқлиму табиати Тоҷикистон мутобиқ мебошанд, дар ҳудуди мамнӯъгоҳи “Хуталон” сар доданд, ки ин боиси беҳтар гардидани олами ҳайвоноти нодири мамнӯъгоҳ хоҳад шуд.

Дар ин мамнӯъгоҳ инчунин бо ибтикори Пешвои миллат мурғи нодири тазарв (фазан), ки аз Чехия оварда шуда буд, бо теъдоди 1200 адад сар дода шуданд. Ин мамнӯъгоҳ, ки 6 ҳазор гектарро ташкил медиҳад бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат дар он парандагону чорвои нодир, аз қабили оҳуи холдор, гӯсфанди кӯҳии бухоройӣ (уреал), муфлон, тазарв парвариш меёбанд, яке аз мавзеъҳои сайёҳӣ гардидааст.

Ҳамин тариқ, дар маҷмӯъ имкониятҳои Тоҷикистон ҳамчун макони сайру сайёҳат хеле зиёд буда, рушди ин соҳа афзалиятҳои зерин дорад:

1. Ҷалби хориҷиёнро барои устувории соҳаи сайёҳӣ ва тамошои манзараҳои зебо ва табиати Тоҷикистон зиёд менамояд.

2. Ба буҷети давлатӣ маблағҳои зиёд ворид намуда, аз ин ҳисоб буҷаи давлатӣ ғанӣ мегардад.

3. Тоҷикистонро барои оламиён ҳамчун кишвари сайру сайёҳат муаррифӣ менамоянд.

4. Ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, сатҳи бекориро дар ҷумҳурӣ коҳиш медиҳад.

5. Сатҳи зиндагии мардум тадриҷан баланд бурда, накуаҳволиро таъмин менамояд.

6. Дӯстии байни тоҷикон бо миллату халқиятҳои дигар мустаҳкам гардида, гуфтугӯи тамаддунҳо дар амал татбиқ мегардад.

АДАБИЁТ:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.12.2018.

2. Кабутов М.К. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе 2005.
3. Рӯзномаи Ганҷ, № 02, феврали 2018.
4. Рӯзномаи Минбари халқ, № 8, аз 21.02.2018.
5. Рӯзномаи омӯзгор, № 8 22.02.2018, № 09.01.03.2018.
6. Рӯзномаи Хатлон, № 9, аз 10.03.2018.
7. Сангинов Д. Ш. Ҳуқуқи сайёҳии (туристии) Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2012.
8. Рӯзномаи Ҷумҳурият, №65 (23408), 02.04.2018.
9. Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Душанбе, нашриёти Шарқи озод 2020с.

МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ТАҶРИБАИ БУЗУРГИ ДАВЛАТДОРӢ

Мирализода А. М. –
доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Тасвири таърихи бо разму ҷидол, ғаразу бухли нотавонбинон олуда ва мушкилоту нобасмониҳои омехтаи Тоҷикистони ҷавон мушкилу ғамангез аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи навини таърихи давлатдории тоҷикон – баъди 1100 соли нузули давлати муқтадири Сомониён бо заҳмату талошҳои сангини Исмоили замон – Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардид, дар як муддати ниҳоят кӯтоҳи таърихӣ мақому ҷойгоҳи худро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо намуд.

Мардум ба вартаи ҷанги хонумонсӯз кашида шуда, дар фикри ҳифзи ҷон, гурӯснаву ташна, бе ҷову макон ва қисме дигар тарки Ватан карда буданд. Кишвар дар чунин як ҳолати вазнини иқтисодӣ қарор гирифта буд, ки умеде ба ояндаи дурахшон барояш намонда буд. Орзуи ягонаи миллат ғайр аз тинҷию осудагӣ чизи дигар набуд. Шоири хушкалом, равоншод Ашӯр Сафар дарди миллатро аз даҳшати ҷанги хонумонсӯз ба риштаи назм кашида гуфтааст:

Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?
Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад?
Бар ҷои ҳамин мамлакати сулҳҷудоям,
Як мамлакати сулҳталаб мешуда бошад? [6].

Таърих гувоҳ аст, ки ҷавҳари ҳастӣ ва рушду такомули ҳар як миллат аз фарзандони фарзонаю ҷонфидо ва номовару ғаюраш вобаста аст. Пешоҳангон тавассути роҳкушоиҳову шуҷоат ва хирадӣ волои худ, зиндагии шоистаро ба мардум эҳдо намуда, пуштибону сипари онҳо аз ҷафоҳои таърих мегарданд. Маҳз хидматҳои ояндаафрӯзи ин қабил афрод дар марҳалаҳои муҳиму тақдирсози ин ё он қавму миллат пешрафти ҳамаҷонибаи соҳаҳои афзалиятноки ҷомеа – иқтисодиёту иҷтимоиёт, илму фарҳангу маънавиёт, солимиву тандурустӣ, волоияти қонун, адолати иҷтимоӣ ва амсоли инҳоро таъмин менамояд, зеро худи мафҳуми «сарвар» маънои бурдан ё дар сафи пеш буданро ифода мекунад.

Таҷрибаи давлатдории ҷаҳон нишон медиҳад, ки барои шоиста будан ба мақоми сарвару пешво зиёӣ ва ё донишманд будан кифоят намекунад, зеро бо ин ду арзиши номбурда боварии аҳли ҷомеаро ба даст овардан кори басо мушкил аст. Сарварӣ дониши васеъ, масъулияти баланди ватандорӣ, эҳсоси қавии инсондӯстӣ, санъати худододи мудирият, тараҳҳуму шафқат ва амсоли инҳо барин вижагиҳои ба дарку фаҳмиш ва хулқу атвори инсон хосро тақозо менамояд. Ибни Сино мавҷудияти чор

сифатро дар сарвар таъкид намудааст: далерӣ, адл, ҳусни тадбир ва доштани хирад [7].

Мақоми сарвару пешвои муваффақ, ки кулли ҷомеа ва раияташ ӯро мақбул дониставу дӯсташ медоранд, дар осору эҷоди гузаштагони мо мақоми вижа касб кардааст. Аз ҷумла, Низомулмулк дар «Сиёсатнома» сифатҳоеро, ки барои як сарвар заруранд, хеле возеҳу равшан ифода кардааст. Иброз медорад, ки «... Сарвар бояд бомулоҳизаву эҳтиёткор рафтор намояд, ҷисман мукаммал ва дорои хотираи мустаҳкам, ақли расо, муҳаббат ба дониш ва дарки олам дошта, адолатхоҳу ҳақиқатҷӯ бошад... Агар подшоҳ дорои чунин сифатҳо набошад, дар мамлакат бесарусомонӣ, зӯроварӣ, таъқибкунӣ, ғоратгарӣ авҷ мегирад…» [3, 6].

Сарвари оқилу доно, хирадманд ва далеру дорои иродаи мустаҳкам раияти худро аз ҳама гуна хавфу хатар, зуҳури ақидаҳои бегона, зулму ситам, беадолатӣ ва дигар ноҷуриҳо ҳифз намуда, ҳадафи худро барои пойдории суботи комил, дӯстиву рафоқат, маърифатнокии мардум, кафолати ҳифзи ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, беҳдошти сатҳи зиндагӣ ва рушди босуботи ҷомеа равона менамояд.

Дар давлатдории навини тоҷикон нақши заҳмату талошҳои фарзанди барӯманди миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, маърифати баланди инсондӯстӣ, матонату шуҷоат ва касбияти волои сарварӣ мебошанд, ҳадду канор надорад. Аз ибтидои сарвории худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити пурпечутоби солҳои 90-ум дар бартараф кардани душвориҳои зиёди зиндагии мардум ҳастии хешро дареғ надошта, ба мардуми азизаш сулҳ овард.

Бо қавлу иродаи қавӣ, хирадӣ азалӣ ва сиёсати босуботу устувори худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарорсозии сулҳ, мустаҳкам намудани шохаҳои асосии ҳокимияти давлатӣ, амалӣ сохтани ҳадафҳои стратегӣ, фароҳам овардани шароити хуб баҳри мардум, таъмини амнияти дохилӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар ва амсоли инҳо саҳми боарзишу беназир доранд. Расул Ғамзатов дар бораи сулҳи тоҷикон ва саҳми бузурги Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба ин рӯзи нек гуфтааст: “Фақат ҷанг набошад, он гоҳ ҳамеша баҳор хоҳад буд. Ман аз сулҳ дар Тоҷикистон ниҳоят мамнунам. Инсони боҷасорату хирадманд – Президенти Тоҷикистон тавонист формулаи сулҳи ҷанги бародаркушро ёбад…”. [5, 1].

Мактаби сиёсию давлатдории Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарғибгари ғояҳои ватандӯстию хештаншиносӣ, маънавию ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ, илмӣ, солимӣ ва ғайраҳо буда, дар беҳбуд бахшидани ҳаёти мардуми сарбаланди кишвар нақши созгору беназир дорад. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар эъмори давлати навини тоҷикон, бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ

ва ягона, таҳкими Ваҳдати миллӣ ва тарғиби дастовардҳои нодири он, худшиносии миллӣ, бедории миллӣ, фарҳангсолорӣ ва боз чандин нуктаҳои дигар назаррас буда, ин абармарди дунёи сиёсат ва фарзанди дӯстдори миллат тавассути хиради азалию мактаби муқтадири сиёсии худ саргузашти дирӯзу имрӯзи кишварро бо созмон додани корҳои бузург рӯшан сохта, зиндагии осоиштаро ба мардум фароҳам оварданд.

Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз таҷрибаи сиёсии пурғановат ва талошҳои инсондӯстонаву фарҳангсолоронаи худ миллати тоҷикро ҳамчун воҳиди ягонаи сиёсӣ ва этнофарҳангӣ баъди 1100 соли давлатдории тоҷикон – давлати Сомониён эҳё намуда, миллатро аз вартаи нобудӣ, забонро аз махлутшавӣ, фарҳангу анъанаҳои ниёконро аз нестӣ берун оварда, номи бузургонро аз қаъри таърих, ки паси пардаҳои сиёсии давр ниҳон монда буданд, зинда намуданд.

Маҳз чунин заҳмату талошҳои шабонарӯзӣ буд, ки аз ибтидои ташкили давлатдорӣ дар самти эҳёи фарҳангу арзишҳои миллӣ, тақвияти худшиносии миллӣ ва ташаккули рӯҳияи ягонаи миллӣ қадамҳои устувор гузошта шуд. Ба роҳбарияти давлат муяссар гашт, ки забони тоҷикиро ҳамчун яке аз рукнҳои асосии мавҷудияти миллат пурра эҳё намуда, корбурди идорию сиёсӣ ва илмию ҷамъиятии онро таъмин намояд.

Бузургтарин хидмати Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди таърих дар баробари Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди давлатдорӣ ва эҳёи ҷашну анъанаҳои миллӣ зинда намудану ба забони расмии давлатӣ табдил додани забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ин забон 1100 сол қабл ба ҳайси забони расмии давлатӣ мақом дошт ва баъди завол ёфтани давлати Сомониён ва аз даст рафтани низоми давлатдории Сомониён беш аз ҳазор сол дар шароити бедавлатӣ қурбони гирудорҳои таърих гардид. Танҳо ба фарзанди дилсӯзи миллат – Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки ин забонро ҳамчун яке аз рукнҳои асосии мавҷудияти давлату миллат мақом дода, ба яке аз арзишҳои волои миллӣ табдил диҳад. Дар ин бора Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд: «Ҳар гаҳе ки дар бораи арзишҳои миллӣ сухан меронем, бузургтарин сарвати бебаҳои халқи худ – забони модариамон – забони тоҷикиро бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем» [4, 48].

Бо пуштибонии Сарвари хирадманд, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ аз бисёр ҷиҳат рушд намуд. Аз ҷумла бо тағйиру иловаҳо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ (05.09.2009, №535) [1], ду маротиба қабул гардидани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, нашри фарҳанги забони тоҷикӣ ва дигар фарҳангномаҳо, нашри китобҳои дарсӣ бо забони давлатӣ, ба забони расмии давлатӣ табдил додани забони тоҷикӣ, қабул намудани барномаи давлатии рушди забони давлатӣ, ба забони тоҷикӣ баргардон намудани осори гузаштагон, таъсиси Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти ҶТ, дар ин замина ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ, таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳот, махсусан ба шумори забонҳои кории СММ шомил кардани забони тоҷикӣ ва дар феҳристи забонҳои электронӣ ворид намудани забони тоҷикӣ дар назди таърих хидматҳои бузург ба ҳисоб мераванд.

Дар даврони ба курсии роҳбарӣ нишастани Эмомалӣ Раҳмон хазинаи кишвар на танҳо тиҳӣ буд, балки болои кишвар қарзҳои ҳангуфте меистод. Ин мушкилот садди роҳи давлатсозии ин марди барӯманду тавоно нагардид. Ба ҳама мушкилот нигоҳ накарда, Конститутсия, Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, асъори миллӣ ва дигар муқаддасоти миллиро расман таҳия ва қабул намуда, умеди миллатро ба ояндаи дурахшони кишвар мустаҳкам намуданд.

Дар рушд ва ташаккули бахши коммуникатсионии кишвар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сохтани роҳҳо, кандани нақбҳо ва дигар иншооти коммуникатсионӣ нақши арзишманд гузошта, кишварро аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардand.

Хидмати арзишманди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик ва ҳамсоякишварҳо Афғонистону Ӯзбекистон ба даст овардани истиқлолияти энергетии Тоҷикистон мебошад. Тавассути хиради воло ва кордониву ҷасорат неругоҳҳои обӣ-барқии “Сангтӯда-1”, “Сангтӯда-2”, “Тоҷикистон” ва ғайра сохта шуда, НОБ-и пуриқтидори “Роғун”, ки солҳо зери сиёсати баъзе муқтадирони муғризи давлатҳои хориҷӣ сохтмонаш ба ёди фаромӯшӣ рафта буду касе ҷуръати идома доданашро надошт, Эмомалӣ Раҳмон ба сохтмони он бунёд гузошт ва нахустчархаҳои онро ба кор андохта, тавассути ин хидматаш номи худро дигарбора ҳамчун бунёдкор ва шахсияти сиёсии ҷасуру тавоно дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд.

Мактаби сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарогири тамоми паҳлуҳои давлатдорӣ ва арзишҳои миллии ин шахсияти таърихии миллат аст. Дар ин масир бо барномарезиҳои ҳадафманд ҷиҳати ривоҷи худшиносии миллӣ, ташаккули эътимоди қавии мардум ба фарҳанг ва арзишҳои миллӣ хотираи таърихии миллат эҳё ва барқарор гардид. Дар ин росто, бо супориши бевоситаи фарзанди фарзонаву фарҳангпарвари айём, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон симои як қатор абармардони таъриху фарҳанги миллат, аз ҷумла Исмоили Сомонӣ, Имоми Аъзам Абӯҳанифа, Имом Бухорӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Камоли Хуҷандӣ, Имом Ғаззолӣ эҳё шуда, ҷашнҳои бошукӯҳи бузургдошти онҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ баргузор шуд. Ба як зумра абармардони таъриху фарҳанг, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур чун рамзи сипоси абадии мардуми Тоҷикистон барои хидматҳои беназирашон унвони олии кишвар «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.

Ҳамзамон, барои хидматҳои шоён ва ҷонисориҳо дар масири ватандорӣ номи кӯчаҳо, хиёбонҳо, шаҳру навоҳӣ, театру китобхонаҳо ва даҳҳо муассисаҳои дигар ба номи фарзандони миллат гузошта шудааст, амсоли боғҳои ба номи Куруши Кабир, Садриддин Айнӣ, Сайдалӣ Вализода, Сафар Амиршоев, кӯчаҳои ба номи С.Сафаров, С.Сангов, Мирзо Турсунзода, Ҷаббор Расулов ва ғайра.

Бо ташаббуси ҷаҳонии худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар партави сиёсати фарҳанпарварона – ба хотири муаррифӣ намудани фарҳангу тамаддуни миллати тоҷик ба ҷомеаи ҷаҳонӣ якчанд ҷашнвора ва ёдгориҳои миллати тоҷик, аз қабили «Боғи миллии Тоҷикистон» дар Бадахшон, Мусиқии классики «Шашмақом», Ҷашни байналмилалии Наврӯз, Чакан ва ёдгории таърихии Тоҷикистон «Саразм»-ро ба рӯихати ёдгориҳои таърихию фарҳангии ЮНЕСКО ворид намуданд, ки мақому шуҳрати миллати тоҷикро боз болотар бардоштанд.

Мактаби роҳбарӣ ва сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик дар шароити давлатдории навин ва ҷаҳони пурталотуми имрӯз, ки фазои онро раду бадалҳои пурмоҷаро фаро гирифтаанд, намунаи беҳтарини давлатдорию давлатсозӣ маҳсуб меёбад, ки омӯзишу пайравӣ намудан ба он қарзи имону виҷдон ва вазифаи муқаддасу аввалиндараҷаи пайравонаш мебошад.

Мактаби бузурги сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паҳнои густурда дошта, ҷомеаи ҷаҳонро низ бе таъсир нагузоштааст. Дар нахустин иштирок ва суханронии худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи сентябри соли 1993, ки барои кишвари мо оғози яке аз даврaҳои муҳим дар ҷодаи пешбурди сиёсати байналмилалӣ маҳсуб меёбад, мавқеи Тоҷикистонро дар ҳалли масоили глобалӣ муайян намуд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии пурмуҳтавояшон мисраҳои дар даромадгоҳи Созмони Милали Муттаҳид ҳаккокишуда, яъне: “Бани одам аъзои якдигаранд...”-ро бо забони ноби тоҷикӣ қироат намуда, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот намуданд, ки тоҷикону тоҷикистониён ҷонибдори сулҳу субот ва ваҳдату ягонагӣ буда, мушкилот ва андуҳи ҷомеаи ҷаҳонро мушкилу андуҳи худ меҳисобанд.

Муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳон дар партави сиёсати хориҷии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол аз сол вусъат ёфта, ҳамкориҳои бисёҷонибаи кишвар бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ҷиҳати пайвастан ба равандҳои глобалӣ ва изҳори назари ҷумҳурӣ ба ҳайси яке аз бахшҳои калидии сиёсати хориҷӣ мустаҳкам гардид. Дар партави ин муносибатҳо Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, монанди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди иқтисодии Аврупо, Созмони ҳамкории

Шанхай, Созмони конфронси исломӣ ва дигар созмону ташкилот ҳамкориҳои бисёрсамтаро ба роҳ монд. Дар ин замина дар кишвар сафоратҳои Арабистони Саудӣ, Британияи Кабир, Ирландияи Шимолӣ, ИМА, Беларусия, Озарбойҷон, Олмон, Покистон, Туркия, Туркманистон, Фаронса, Федератсия Россия, Ӯзбекистон, Афғонистон, Эрон, Чин, Ҷопон, Кареяи Ҷанубӣ, Хиндустон, Қазоқистон, Қиргизистон кушода шуда, ҳамоно фаъолият доранд.

Ҳамзамон, ҷониби Тоҷикистон низ дар заминаи ҳамкориҳои байналмилалии худ дар беш аз 24 давлати хориҷӣ Арабистони Саудӣ, Афғонистон, Белгия, Британияи Кабир, Ирландияи Шимолӣ, ИМА, Куба, Озарбойҷон, Олмон, Миср, Покистон, Туркия, Туркманистон, Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Украина, Эрон, Чин, Ҷопон, Шветсария, Ҳиндустон, Қазоқистон, Қиргизистон ва Қатар намояндагии дипломатӣ ва дар назди СММ, Созмони ҳамкорӣ ва амнияти Аврупо, Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, Созмони Конфронси исломӣ, Созмони ҳамкориҳои Шанхай, НАТО ва Иттиҳодияи Аврупо намояндагии доимии худро созмон додааст.

Ташаббусҳои раднопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид дар мавриди проблемаҳои оби тоза ва масъалаҳои марбут ба он, терроризму экстремизм, қоҷоқи маводи мухаддир, ҳамзамон, вазъият дар Ховари Миёна, махсусан, вазъияти Афғонистони ҳамсоя аз ҷониби кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҷонибдорӣ ва сазовори баҳои баланд мегардид. Бештари давлатҳои мамолики хориҷ мактаби сиёсии Эмомалӣ Раҳмонро дар мавриди ташаббусҳои байналмилалӣ масири ояндадор баҳо додаанд. Аз ҷумла, собиқ Директори генералии ЮНЕСКО, Коичира Матсуура иброз медорад: «Мо ба талошҳои бардавоми Президент Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷустуҷӯи роҳҳои нав барои ҳалли мушкилотҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва муҳити зист, ки дар фароянд барои манфиатҳои натанҳо як кишвар, минтақа, балки тамоми ҷаҳон хидмат мекунад, баҳои баланд медиҳем» [8].

Ҷомеаи ҷаҳонӣ барои саҳми беназирашон дар таҳкими сулҳи ҷаҳон ва ташаббусҳои ҷаҳонӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо як зумра мукофот ва унвонҳои дорои мақоми байналмиалӣ қадрдонӣ намудааст: Ордени «Достиқ» дараҷаи аввал, Ордени «Қаҳрамони миллии Афғонистон-Аҳмадшоҳи Масъуд», Ордени «Княз Ярослав Мудрый» дараҷаи аввал, Ордени «Се ситора», Ордени «Барои Хизматҳо» дараҷаи аввал, Ордени «Ҳайдар Алиев», Ордени Президенти Туркманистон «Битараплык», Ордени «Ҳилол ва Ситора», Ордени «Шӯрои Олимпии Осиё», Медали тиллоии ҷашнӣ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Нишони фахрии ИДМ, Медали тиллоии Парлумони Ҷумҳурии Мисри Араб, Мукофоти байналмилалии Пётри Кабир, Медали тиллоии Федератсияи байналмилалии Сулҳ ва Ризоят, Мукофоти сулҳи СММ, Ситораи ёқути

«Миротворец», «Пешвои асри 21», Доктори фахрии Донишгоҳи миллии Киев ба номи Тарас Шевченко, Профессори фахрии Донишгоҳии кӯҳии Урал, Профессории фахрии Донишгоҳии давлатии Москва, Профессори фахрии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Россия, Профессори фахрии Донишгоҳи Синзяни Хитой, Профессори фахрии Донишкадаи давлатии иқтисод ва идораи Туркманистон ва даҳои дигар.

Дар шароити аз лиҳози сиёсӣ ва ҳам беҳдошти саломатӣ (пандемияи коронавирус) бисёр печидаи ҷаҳони муосир дар давоми соли ҷорӣ дар сатҳи бисёр хуби ташкилӣ ва дар фазои осудаву фаъолнокии аҳли ҷомеаи кишвар доир гардидани ду маъракаи бисёр муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ – **интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоатҳо дар моҳи март** ва Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи октябр баёнгари маърифати баланди ҳуқуқӣ ва зиракии сиёсии аҳолии кишвар мебошад, ки аз ҷониби нозирони байналмилалӣ сазовори баҳои арзанда ва арзёбии нек гардиданд.

Чунончи ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлоли миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ зимни савгандёдкунӣ ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (30.10.20) бо ваҷҳи ба худ хоси ватандӯстона, эҳсоси баланди масъулият дар назди халқу Ватан ва меҳру муҳаббати беандоза нисбат ба халқи азизи кишвар таъкид доштанд: “Барои ман истиқлолу озодии Ватани азизам, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии кишвари маҳбубам, ваҳдати миллӣ ва иттиҳоду сарҷамъии халқи бузургворам аз ҷумлаи муқаддасоти азизтарин мебошад… Ман аз хурду бузурги Тоҷикистон муҳаббату самимият ва меҳрубонии ниҳоят зиёд дидаам ва ба чунин халқи азизу меҳрубон шабу рӯз, содиқона, бо виҷдони пок, дасту дилу нияти нек ва бо тамоми ҳастӣ хизмат мекунам” [9].

Савганди Пешвои муаззами миллат, дар асл, савганди тамоми пайравонаш – хурду бузурги кишвар, ҳар фарди баору номус ва худогоҳу ватандӯст ва суханони ироашуда сармашқи кору фаъолияти созанда ба хотири ояндаи дурахшони давлат ва саодатмандии наслҳои миллат мебошад.

Ҳамчун самараи тадбиру ибтикороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки маншаъ аз мактаби сиёсияшон мегиранд, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати кишвари сулҳдӯсту инсонпарвар, пайрави арзишҳои демократӣ, тарафдори ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷониба шинохта шуда, фарзанди давру замон Эмомалӣ Раҳмон, воқеан, ба ҳайси меъмори сулҳу ваҳдат ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон эътироф гардида,

дар қалби мардум чун фарзанди фарзона ва содиқи Ватан, ваҳдатовар ба эҳтироми самимӣ ва маҳбубияти хосу ом сазовор гаштаанд.

Мардуми сарбаланди кишвар ба Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо ба ҳайси Роҳбари давлат, балки ҳамчун ба як наҷотбахши миллат, сулҳовар, кафили сулҳу ваҳдат ва ҳаёти осоишта, эҳёгари тамаддуну фарҳанги миллӣ, бунёдгузори давлатдории навини тоҷикон менигарад ва мусаллам аст, ки пойдории истиқлоли миллӣ ва парафшонии Парчами давлатии мо маҳз аз татбиқи таҷрибаи бузурги давлатдорӣ ва баҳрабардории наслҳо аз мактаби сиёсии Пешвои муаззами миллат вобаста аст.

Ҳамин тавр, Пешвои маҳбуби миллат ба ваъдаи худ вафо кард, ташаббусҳои созандаву саривақтӣ, ҳиммати хусравонӣ, ақли гиро, маҳорати фавқулодаи таҳлили ҳаводис ва дурандешии ин абармарди дунёи сиёсат миллату давлатро аз ҷафои эҳтимолии таърих эмин нигоҳ дошта, ба шукуфоиву боландагӣ, ободиву осоиштагӣ, ба оғӯши гулистонҳову мавзеъҳои нотакрори сайёҳӣ оварда расонд ва ба чаҳорсӯи олам масири ҳамкориву пешрафт боз намуд. Агар дар он рӯзҳои пурмоҷарову зулму истибдод мардуми азиятдида “Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?”-гӯён ҳасрат мехӯрданд, пас, имрӯз чеҳраи ҳар як шаҳрванди кишвар пур аз хандаву табассум аст, имрӯзҳо сокинони пойтахт ва ҳам шаҳру ноҳияҳои дурдаст ҳатто шабонгаҳ ба боғҳои фарҳангӣ-фароғатии хуштарҳу гулрез ба сайругашт баромада, бо чеҳраҳои хандон ва бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу осоиштагии кишвар аксҳои хотиравӣ мегиранд ва бо эътимоду боварӣ ба фардои дурахшон менигаранд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 5 октябри соли 2009, №553.

2. Маърифат (Нашрияи Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ), №13(13) 27.11.2020.

3. Низомулмулк Сиёсатнома/Низомулмулк. - Душанбе: Адиб, 1989 – 200 с.

4. Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон. Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Зафар Шералӣ Сайидзода. - Душанбе: Бунёди забон, 2015. – 116 с.

5. Фановар (Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон), №10-11 (105-106) аз 25 июли соли 2019.

6. http://navisandagan.tj/tj/index.php/khabar/591-she-ri-zindag

7. https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/ta-limoti-ibni-sino-dar-borai-modda-va-atribut-oi-on-dar-partavi-falsafai-davrai-nav.html

8. http://www.tajembankara.org/index.php/tj/matbuot/vara-a-oi-matbuot

9. http://www.president.tj/node/24378

АННОТАЦИЯ

Статья посвящена анализу и обсуждению политической школы и опыта управления государством Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в новый период таджикской государственности.

В ходе анализа автор подробно рассматривает выдающиеся заслуги, выдержку и повседневные заботы Лидера нации Эмомали Рахмона с первых дней его назначения на пост главы государства, когда государственная система страны была полностью разрушена.

Ключевые слова: Лидер нации, Родина, политическая школа, политика, политическая стабильность, государственность, новая государственность, конституция, мир и единство, таджик, таджики.

ANNOTATION

The article is devoted to the analysis and discussion of the political school and the experience of governing the state of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the new period of Tajik statehood.

In the course of the analysis, the author examines in detail the outstanding merits, endurance and daily concerns of the Leader of the Nation Emomali Rahmon from the first days of his appointment as head of state, when the state system of the country was completely destroyed.

Key words: Leader of the nation, Homeland, political school, politics, political stability, statehood, new statehood, constitution, peace and unity, tajik, tajiks.

МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ҲИЗБИ МАРДУМӢ ВА НЕРӮИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА

Ҳаётзода А. Б. –
унвончӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Равади инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ қонуни объективии ҷомеа буда, вуҷуд доштани онҳо яке аз принсипҳои муҳими ҷомеаи демократӣ ба шумор меравад. Дар кишвари демократӣ, ки мақсади асосии он бунёди ҷомеаи шаҳрвандист, ташаккули сохторҳои давлатии дараҷаҳои гуногун бояд барои ҳар шаҳрванд, дастрас ва шафоф бошад. Ин раванд тавассути иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаётии сиёсии кишвар аз тариқи ҳизбҳои сиёсӣ сурат мегирад.

Омӯзиши ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳодва падидаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ яке аз самтҳои муҳими илми муосири ҷомеашиносӣ маҳсуб меёбад. Таваҷҷуҳи назариявӣ-методологӣ ва амалӣ вобаста ба пажуҳиши ин масъала дар илми ватанӣ бо тақвияти ташаккули низоми демократӣ ва плюрализми ҳизбӣ, инчунин табдили ҳизбҳои сиёсӣ ба ҷузъи сохтории механизми ташкилот ва амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад. [1, с.33]

Пайдоиши ҳизбҳо ба хусусиятҳои вазъи сиёсии ин ё он кишвар ва равандҳои инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ алоқамандӣ дорад. Таҳлил, ташкилшавӣ ва рушди ҳизбҳои сиёсӣ нишон медиҳад, ки қисме аз онҳо дар ҳамбастагӣ ба гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ, дигаре дар натиҷаи муборизаҳои пинҳонӣ бо низоми сиёсӣ, сеюмӣ аз ҳаракатҳои иттифоқҳои касаба ва ниҳоят бахши дигаре иҳотаи шахсиятҳои намоёни сиёсии ин ё он кишвар зуҳур мекунанд.

Ҷомеаи мо марҳилаи ибтидоии ташккули раванди бисёрҳизбиро аз сар гузаронидааст. Тоҷикистон дар доираи сиёсатии давлатии худ гуногунандешии сиёсиро эътироф намуда, барои рушди бемайлони он заминаҳои сиёсиву ҳуқуқиро фароҳам сохтааст. Аз як тараф гуногунандешии сиёсӣ, аз тарафи дигар мувофиқи хулоса ва арзёбии институтҳои сиёсии байналмилалӣ дар кишвари мо раванди мусбиирушди системаи сиёсӣ назаррас аст. Аммо,бархе аз ҳизбҳои сиёсӣ зиёдтар ба намоишкориҳои сиёсӣ бо истифодаи шиорҳои ҳангомадор ва танқиди равандҳои мураккаб аз масъулияти пешбарии ҷомеа худро канор мегиранд. Маълум аст, ки ҳадафи ҳар як ҳизби сиёсӣ ин талоши ҳокимият аст, вале дар роҳрави дастёбӣ ба ҳокимияти сиёсӣ, истифодаи ҳама усулҳо, аз ҷумла инкор кардани манфиатҳои миллию давлатӣ амали нобахшиданӣ ба шумор меравад. Сарфи назар аз мавқеи сиёсӣ ва ҳадафи ниҳоӣ, ҳама қувваҳои сиёсии ҷомеа бояддар андешаи шукуфоии Ватан бошанд. [2, с54]

Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳанӯз аз асри XVIII шурӯъ шуда, олимон онродар доираи баҳсу мунозирава таҳлилу таҳқиқ қарор додаанд. Дар инсамт,аз ҷониби муҳаққиқони ҳизбҳои сиёсӣ чандин мақолаи илмӣ ва китобҳои арзишманд рӯйи кор омадаанд. Бо вуҷуди ин,баҳсу таҳлилҳо ва андешарониҳои тӯлонии илмӣхотима наёфт. Аз чунин ранг гирифтани королимони асри XIX ва XX-ро низ бе ташвиш намонд ва онҳо дар пайравӣ аз гузаштагон баҳсро идома доданд.

Тарзи дуруст ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби олимони Руссия, Дания, Олмон, Англия, ИМА, Италия, Чин ва таҷрибаи мумтози ИҶШС мавриди муҳокима қарор гирифт. Ин масъала низ олимони тоҷикро бе тараф намонда, онҳо нисбати ин доғ ба гирдоби баҳси ҳизбҳои сиёсӣ кашида шуданд.

Заминаҳои ба вуҷудомадани ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвари мо баъд аз пошхӯрии ИҶШС ва аз байн рафтани фаъолияти ҳизби комунистӣ ба миён гузошта шуд. Дар кишвари тозаистиқлолиТоҷикистон ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сар зад, ин барои гурӯҳҳои разманда имконият фароҳам овард, ки ҳамчун ҳизби сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ дар маҳфилҳои мубоҳисавиву илмӣ арзи ҳастӣ намояд. Бо таъсис ёфтани қуввахои гуногуни сиёсӣ, ҳукумати ҳамонвақта маҷбур гардид, ки ба хотири ба эътдол овардани вазъият ба фаъолияти онҳо розигӣ диҳад. Гузашта аз ин, ҳар кадом ҳизбу ҳаракати навтаъсис ба чӣ кор қодир будани худро арзёбӣ карда наметавонистанд. Бо ҳазор ё ду ҳазор аъзои дар пойтахт доштаашон даъвои ҳокимияти давлатӣ мекарданд. Берун аз шаҳри Душанбе ҳатто онҳоро намешинохтанду намедонистанд. Дар баробари ин, ҳизбҳо, ки ташкил мешуданд, ҷамъиятҳои қавии ин ё он минтақаро ба ёд меоварданд.

Ҳанӯз дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсаду мароми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ буд. Ин ҳадаф дар Конститутсияи мамлакат бо майлу иродаи аксарияти халқи барӯманди тоҷик ҳукми қонунӣ пайдо намуд. Яке аз принсипҳои муҳими чунин ҷомеа ва давлатро гуногунандешии идеологӣ (мафкуравӣ) ва сиёсӣ ташкил медиҳад, ки маҳз дар инзамина имрӯз дар кишвари мо низоми бисёрҳизбӣ ба вуҷуд омадааст.

Аммо суоли матраҳ ин аст, ки мо ба кадом нерӯи сиёсӣ бовар кунем? Чӣ гуна метавонем ояндаи дурахшони давлату миллатро ба он вобаста донем? Ва чанди суолҳои сарбаста ва бидуни посух роҳбарияти олии вақти кишварро ба ташвиш меоварданд. Раиси вақти Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъсис додани ҳизби нави сиёсӣ андешаҳои хешро пешниҳод намуданд. Дар ин миён аксарияти коршиносони он вақта пешниҳодҳои гуногун намуда, пешниҳод доштанд, ки номи ҳизби комунистиро дигар намоянд. Аммо Пешвои муаззами миллат ба ин розӣ нашуданд. Ҳатто иброз намуданд, ки мо бояд, ҳизбе

таъсис бидиҳем, ки дар замираш ормони тамоми мардуми саодатманди кишвар ва хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани гурезаҳо, расидан ба ваҳдати комил нуҳуфта бошад. Дар таҳияи бисёра аз санадҳои ҲХДТ, идеяи ташкили он аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шуда буд. Бояд зикр кард ки ҳар гунна ҳизб барои соҳиб шудан ба ҳокимият аз роҳҳу василаҳое истифода мебаранд ва дар касбу кори гуногун фаъолият мекунанд.Лек Ҳизби Халқии Деморатии Тоҷикистонро он нафароне таъсис доданд, ки аллакай давлат доштанд.[3, с42]

Соли равон аз фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 26пур мегардад. Ин муҳлат дар ҳаёти як ҳизб айёми на онқадар тӯлонӣ, балки пурифтихор дорад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон яке аз фаъолтарин ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар аст. Мақсади ташкили он аз қуввахои ақлонии мамлакат овардаанд, бо роҳи мусолиҳа ва гуфтушунид хотима додани масъалаҳои марбут ба сиёсат буд. Таҷрибаи бесобиқаи ин ҳизб буд, ки тавонист ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз байн бараду мардуми ба зиндагии хубу осоишта баргаштанро вазифаи асосии худқарор медод. Дар ҳамон давраи басо душвор ва ҳалокатбор зиёини барӯманд эҳсос намуданд, ки Тоҷикистон дигар ба сохтори тоталитарӣ ва маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, озодии ВАО наметавонад дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи устувор ёбад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии низоми сиёсии ҷумҳурӣ, аз рӯзи нахустини вориди майдони сиёсӣ гаштанаш як омили такондиҳанда ва таҳкимбахши раванди созандагиву бунёдкориии ҷомеаи Тоҷикистон гардид. Ҳизб ба сифати созмони сиёсӣ дар раванди таҳаввулоти кишвар иштироки фаъолона дошта, ҷиҳати барқарор намудаи сулҳу суббот дар мамлакат, таҳия ва қабули конуститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид сохтани тағйиру иловаҳо ба он, таҳия ва қабули қонуну санадҳои дигари меъёрӣ дар парлумони кишвар, инкишофи байналхалқии Тоҷикистон, умуман дар кули соҳаҳо ва самтҳои гуногун инкишофи ҷомеа нақши бориз дорад. [4, с13]

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон раванди мутобиқгардониро пешаи худ намуда, тавонист ҳамчун ташкилоти сиёсӣ барои мақоми муайян пайдо намудан дар ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани ғояҳояш мубориза барад. Зеро бунёди давлатии соҳибистиқлолии демократӣ бе қабули қонунҳои ҳимоякунандаи манфиати умум ва иҷрои сарвақтии бечуну чарои онҳо вуҷуд дошта наметавонад. Муассисони ҲХДТ медонистанд, ки барои миллати тоҷик, ки борҳо бар асари ихтилофоти гуногун пароканда шуда, давлатдории хешро аз даст дода буд, ин ғоя аз ҳама муҳимтар мебошад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон созандагиву бунёдкориро сармашқи фаъолияти худ қарор дода, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти давлатиро шиори худ қарор додааст ва ҳамеша баҳри амалӣ

намудаи ҳадафҳои барномавии худ кӯшишҳои зиёде ба харҷ медиҳад то зиндагии хубу осоиштаи мардум дар сатҳи хело баланд бошад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳизби иҷтимоӣ, мардумӣ соҳибирода ва бомасъулият аст.

Шодравон Мусо Асозода, ҳамчунин собиқадори ҲХДТ буданд, дар мақолаи худ таҳти унвони «Ҳизби Халқи Демократии Тоҷикистон – нерӯи тавонои сиёсӣ» чунин нигоштааст: «Бо назардошти он ки Тоҷикистон соҳибистиқлол дар бунёди давлат ва давлатдорӣ хиштҳои аввалинро мегузошт ва дар марҳилаи мураккабу тақдирсоз буду якпорчагии мамлакатро бояд таъмин мекард, қудрати ҲХДТ барои амалӣ гаштани ин ниятҳои нек авомона карда шуд…» Нуфузи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва маҳбубияти он дар мардуми кишвар дар умқи ҷомеа реша давондааст. Чӣ тавре дар Конститутсияи кишвар таъкид шудааст, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст. Ин хусусияти хоси миллии мост, ки диққати тамоми қишрҳои ҷомеаи Тоҷикистонро ба худ ҷалб намудааст.

Ҳизб аз аввали таъсисёбиаш ҷонибдори кишвари ҳуқуқбунёд ва демократӣ буд, аммо имконияту шароитҳои давраи ҷанги шаҳрвандӣ монеа мешуд то ба амалӣ намудани мақсад қадамҳои устувор гузорад. Ҳизб ҳамеша ҷонибдориашро ба он равона мекард, ки Тоҷикистони комилҳуқуқ ва мустақилро барои ҷаҳониён муаррифӣ намояд. Зимнан, ҳизб дар назди хеш мақсад гузошт, ки қисматҳои парокандагаштаи мамлакатро сарҷамъ намояд. [5]

Соли 2000 давраи асосӣ ва рушду нумӯъи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад, ки ин давраи созандагиву бунёдкорӣ ба шумор мерафт. Ин давра имкони хуб барои рушд кардан ва амалӣ намудани ҳадафҳои оинномавӣ ва барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буд. Хушбахтона то ин давра маҳбубияти худро ҳизб дар байни мардум мустаҳкам намуда буд. Дар Анҷумаи ҳаштуми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ишора намуданд: «Мо ҳизби худро на барои афзудани шумораи бюрократҳо, балки барои эҷоди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, барои марҳила ба марҳила баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ ва амнияти иҷтимоии онҳо созмондодаем». [6, с.37-38]

Ин далолат бар он мекунад, ки меҳвари асосииии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро мардумсолорӣ ва хизмат кардан ба мардуми шарифи Тоҷикистон ташкил медиҳад. Маҳз ҳамин ҳадафҳост, ки мардум риштаи тақдирашро ба он пайванд месозанд. Ин пайвандӣ ишора ба он аст, ки ҳизб аллакай дар байни мардуми тоҷик нуфузи худро пайдо намудааст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар оянда низ ҳифзи ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ, густариш ва инкишофи равандҳои демократӣ, мустаҳкам ва рушд додани муносибатҳои нави иқтисодиро аз вазифаҳои асосӣ муҳими худ донистааст. [7, с.122]

Чӣ тавре ки аз барномаҳои ҲХДТ бармеояд, ҳизб дастовардҳои афкори пешқадами ҷамъиятиро эҷодкорона татбиқ намуда, манфиатҳои мардумро сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, мансубияти миллӣ, мавқеи ҷамъиятӣ ва муносибат бо дину мазҳабро ҳимоя намуда, сунати беҳтарини миллӣ, таърихӣ, ва фарҳангиро дастгирӣ ва инкишоф дода, ҳар гуна зуҳуроти номатлубро қатъиян маҳкум намуда, худшиносӣ ва ватанпарвариро асоси фаъолияташ мешуморад.

Тоҷикистон тибқи арзиши дигари конститутсионӣ, рушди давлати иҷтимоиро аз ҳадафҳои асосии худ медонад. Тартиботи демократии созмондиҳандаи давлати иҷтимоӣ бе татбиқи волоияти қонун дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа имконнопазир аст. Бинобар ин, ҳар давлате, ки даъвои демократӣ ва иҷтимоӣ буданро мекунад, лоизм аст, ки заминаҳои ҳуқуқии онро бар пояи волоияти қонун бисозад. [8, с.38]

Самтҳое, ки дар иқтибоси мазкур овардаем, ба арзишҳои тартиботи демократӣ ишора мекунанд ва тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаро дар бар мегирад. Бо муваффақона дар ҳаёт татбиқ гардидани онҳо танҳо дар заминаи таъмин кардани волоияти қонун имконпазир мебошад. Дар асоси ин, Раиси муаззами ҲХДТ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон дар Анҷумани Х – уми ҲХДТ роҷеъ ба ин масъала диққати махсус зоҳир намуданд: «Ҳизби мо ба сифати нерӯи муқтадири сиёсии кишвар барои амалӣ гардонидани озодиҳои сиёсиву иқтисодӣ, аз қабили гуногунандешӣ, бисёрҳизбӣ, озодии сухан, матбуот, эътиқод, интихоботи шафофу демократӣ, волоияти қонун, рақобати озоди иқтисодӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва ташаккули ҷомеа шаҳрвандӣ талош меварзад».[9, с.29]

Сарчашмаи ин ҳама маҳбубият ва таваҷҷуҳи мустақими мардум ба Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз куҷо маншаъ мегирад?

Баъзан вақт мо мушоҳида мекунем, ки аз ҷониби муборизҳои сиёсӣ нуфӯзи онро ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон медонанд, ки дар як вақт Раиси ҲХДТ мебошанд ва дуруст ҳам ҳаст. Боиси ифтихор ва сарфарозии мардуми шарифи Тоҷикистон аст, ки ҳизбро роҳбари ғамхор, ҷавонпарвар, ваҳдатовар, сулҳҷӯ сиёсатсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ бар зиммаи хеш доранд. [1, с.64]

Дар баъзе мавридҳои дигар ин гурӯҳи ҳокимиятхоҳ ҲХДТ-ро ба он мутаҳам мекунанд, ки гуё ин ҳизб яке аз ячейкаҳои ҳукумати мамлакат аст ва барои ғолиб шудан дар интихоботҳо аз фишангҳои маъмурӣ-сиёсӣ кор мегиранд ё ба истилоҳи дигар ин ҳизб ҳизби мансабхоҳон аст. Бояд тазаккур дод, ки дар ҳудуди кишвар даҳҳо созмонҳои гуногуни байнламилалӣ фаъолият мекунанд, кадоме аз ин созмонҳо гуфтааст, ки дар Тоҷикистон ҳуқуқи башар риоя намешавад ва ё интхоботҳо шафофу одилона баргузор нагашта, эълон карда бошад.

Ин ва дигар далелҳо гувоҳи онанд, ки дар ҳақиқат ҳизб, ҳизби халқию демократист. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ин

айёми пурошӯб тавассути барнома ва кордонию кӯшиши ҳизбиёни асили худ дар интихобҳои гуногун иштирок намуда, дастболо шавад. Ин пирӯзиҳо ба он оварда расонд, ки аъзоёни ҷории он дар маҳалҳову ноҳия, шаҳру вилоят ва парламанти кишвар қудратро бар зимма гиранд. Дар айёми сарнавиштсози миллат, ки бародар ба бародари худ эътимод ва боварӣ надошт, барои ба меҳнати бунёдкорона даъват кардани мардум ва дар замири эшон пайдо кардани ҳисси боварӣ ва эътиқод, бедор кардани эҳсоси худшиносиву худогоҳӣҲизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба арсаи сиёсат ворид гардид.

Таърихи сиёсии ҳар кадом ҳизбро санаҳои фархунда, иқдому ташаббусҳои наҷибаш, саҳми гузоштааш дар беҳдошти рӯзгори мардум, демократисозии ҷомеа ва ғайра рангин месозад. Аз ҷумла бо фаро расидани маъракаҳои сиёсӣ бархе аз ҳизбу ҳаракатҳо ба таърихи худ ручӯъ менамоянд, воқеаҳоеро пеши рӯ меоранд, ки дар сарнавишти он нақш гузоштааст.

Дар ниҳоят қайд намудан лозим аст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон нерӯи созанда ва қудрати бунёдкоронаи худро барои пешрафти ҷомеа татбиқи ормонҳои демократӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум комилан истифода накардааст.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

1. Раҳмон, Э. Бист қадами созанда [Матн]: Аз таърихи таъсиси ҲХДТ. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 33.
2. Қурбонова, Ш. Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019 [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих. – Душанбе, 2020. – С.54.
3. Сабзов, У. Роҳи сиёсат ҳамвор нест [Матн] / Ҳизби зодаи масъулият. – Душанбе: Санадвора, 2009. – С.42.
4. Давлатзода, Д. 15 соли талошу муборизаҳо [Матн] / Ҳизби зодаи масъулият. – Душанбе: Санадвора, 2009. – С.13
5. Маҷлиси васеи Раёсати КИМ ҲХДТ [Матн] // Ҷумҳурит, 2011. – 23 ноябр
6. ҲХДТ [Матн]: Интихобот – 2005. - Душанбе, 2005. – С.37-38.
7. Ҳотамов, Н. ва диг. [Матн] / Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – С.122.
8. Ваҳдат, Давлат, Президент [Матн]: ҷашномаи Имоми Аъзам, назария ва амалияи ваҳдати миллӣ. – Душанбе, 2009. – Ҷ.9. – С.38.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ. – Душанбе, 2004. - С. 29.

АННОТАЦИЯ

В статье рассматривается история становления Народно-демократической партии Таджикистана, партии как политической школы Лидера нации, стабильности государства и мира и национального единства. Отражен вклад Достопочтенного лидера нации Эмомали Рахмона как основателя и председателя НДПТ. Авторы считают, что политическая школа Лидера нации - Народно-демократической партии Таджикистана — это действительно исследовательская, аналитическая, экспериментальная и научная школа.

Ключевые слова: Лидер, нация, основатель, школа, государство, независимость, экономика, политика, проявление, развитие, условия, общество, героизм.

ANNOTATION

The article examines the history of the formation of the People's Democratic Party of Tajikistan, the party as a political school of the Leader of the nation, stability of the state and peace, stability and national unity.

The contribution of the Honorable Leader of the Nation Emomali Rahmon as the founder and chairman of the PDPT is reflected.

The author believes that the political school of the Leader of the Nation - the People's Democratic Party of Tajikistan - is really a research, analytical, experimental and scientific school.

Key words: leader, nation, founder, school, state, independence, economy, politics, manifestation, development, conditions, society, heroism.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - АСОСГУЗОРИ НИЗОМИ ТАҲСИЛИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Ализода Б.П. –
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити рушди ҷомеа ва ҷаҳонишавӣ масъалаи муҳиме, ки дар назди давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, тарбияи насли нави хизматчиёни давлатии дорои донишу ҷаҳонбинии фарохи ба талаботи ҷаҳони имрӯза ва идоракунии муосири давлатӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар айни замон низоми тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ муҳимтарин масъалаи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳалли он ба зиммаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон поягузори низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар кишварамон мебошад.

Воқеан, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар низоми таҳсилоти кишвар мебошад, ки муассиси он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Тавре маълум аст, дар замони Истиқлол то таъсиси собиқ Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2003 дар кишвари мо низоми муайяни таҳсили хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ амал намекард.

Дар замони давлати Шӯравӣ мактабҳои ҳизбӣ дар омӯзиш ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ нақши муҳим доштанд. Дар Тоҷикистон мактаби ҳизбӣ фақат барои такмили ихтисоси кормандони ҳизбӣ ва хизматчиёни давлатӣ фаъолият менамуд. Барои тайёркунии касбии ходимони ҳизбӣ ва дигар категорияҳои хизматчиёни давлатӣ шаҳрвандони Тоҷикистон ба мактабҳои олии ҳизбии ҷумҳуриҳои дигари Шӯравӣ фиристода мешуданд.

Дар баробари пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ мактабҳои ҳизбӣ ҳам, тадриҷан мавқеи худро аз даст дода, аз байн рафтанд. Дар аксари давлатҳои пасошӯравӣ дар заминаи собиқ мактабҳои олии ҳизбӣ, институтҳо ва академияҳои хизмати давлатӣ ва ё идоракунии давлатии назди президенти ин кишварҳо таъсис дода шуданд.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар Тоҷикистон ҳайати кадрии хизмати давлатӣ аз ҳисоби кадрҳои собиқи ҳизбӣ ва хатмкунандагони мактабҳои олии мухталифи кишвар таъмин карда мешуд. Такмили ихтисос ва азнавтайёркунии хизматчиёни давлатӣ дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар дохили кишвар, тамоман аз байн рафта буд. Ҳамин тавр, дар кишвари мо аз соли 1992 то соли 2003 хизматчиёни давлатӣ дар ягон муассисаи таълимӣ ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта намешуданд ва тайёркунии касбии хизматчиёни давлатӣ аслан вуҷуд надошт.

Дар баробари ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997) дар кишвари мо, тадриҷан, сулҳу оштӣ ва якдигарфаҳмӣ ба вуҷуд омада, барои ваҳдати комили мардуми кишвар замина муҳайё гардид, ки Асосгузор ва меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар натиҷаи татбиқи сиёсати сулҳҷӯёнаву ваҳдатсози Сарвари давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти босамари Комиссияи оштии миллӣ дар кишварамон фазои сулҳу оштӣ ва ваҳдати миллӣ ба вуҷуд омада, барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон заминаи воқеӣ ба амал омад.

Дар натиҷаи сулҳи оштии миллӣ - дастоварди бузурги сиёсии охири садаи XX, ки назирашро таърихи аҳли башар надида буд, дар Тоҷикистон барои рушди институти хизмати давлатӣ, ки яке аз нерӯҳои пешбарандаи давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон мебошад, тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Аз ҷумла, соли 1998 бори аввал дар таърихи Тоҷикистони навин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» [2] қабул гардид. Қонуни мазкур барои рушди минбаъдаи хизмати давлатӣ замина гузошт.

Дар асоси қонуни мазкур соли 2001 дар Тоҷикистон мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ – Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон(айни замон Агентии ташкил ёфта, ба фаъолият оғоз кард.

Аммо барои рушди минбаъдаи соҳаи хизмати давлатӣ, ташаккули ҷавҳари кадрии ин соҳаи муҳим зарур буд. Дар навбати худ, ташкили низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ маҳаки асосии рушди захираҳои инсонии хизматчиёни давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар ин замина ба такмилу таҳкими давлату давлатдории навини миллӣ мусоидат мекард.

Вобаста ба зарурати бамиёномадаи таҳсили хизматчиёни давлатӣ бо дарки масъулияти баланди рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ ва давлату давлатдории миллӣ барои ташкили низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон[4] аз 9 октябри соли 2002 дар назди Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳамзамон, бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003 Стандарти давлатии таҳсилоти иловагии касбии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун заминаи асосии амалисозии ин шакли фаъолият қабул гардид.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмири пурраи бино ва ташкили заминаҳои моддию техникӣ ва таълимӣ-методии Донишкада маблағи зарурӣ ҷудо гардид. Дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бинои Донишкада пурра таъмир гардида, тамоми шароитҳо барои оғози таҳсили хизматчиёни давлатӣ фароҳам оварда шуд.

Фаъолияти Донишкада дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи «Фармоиши давлатии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Нақшаи кори Донишкада ба роҳ монда шуд.

Барои фаъолияти самарабахши Донишкада олимон ва мутахассисони ботаҷриба, аз ҷумла профессорон, докторони илм, дотсентҳо ва омӯзгорон оид ба соҳаҳои идоракунии давлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқ, илмҳои иҷтимоӣ -гуманитарӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, табиӣ ва техникӣ даъват гардида, фаъолияти мунтазами он ба роҳ монда шуд.

Барои гузаронидани машғулиятҳо, инчунин олимони намоён ва мутахассисони баландихтисоси дигар муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ, марказҳои илмию таҳқиқотии мамлакат ва кормандони роҳбарикунандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷалб карда шуданд.

Дар оғози фаъолият тибқи дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои таълимӣ тасдиқ ва машғулиятҳо дар Донишкада амалӣ карда мешуданд. Соли 2007 тибқи ислоҳоти хизмати давлатӣ ва тағйирот ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” дар моддаи 19 муқаррар карда шуд, ки тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар асоси Фармоиши давлатӣ, инчунин талаботи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад. Ҳамзамон муқаррар карда шуд, ки Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ карда мешавад. Бо назардошти ин, Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида,бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии тасдиқ карда шуд[6].

Дар Донишкада кӯшиш карда шуд, ки Барномаҳои таҳсилотии касбӣ, нақшаҳои таълимӣ ва таълимӣ – мавзӯӣ, шаклҳо ва мундариҷаи таҳсилот, таъминоти таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, моддӣ–техникӣ ҷавобгӯй

ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти муосири толибилмон бошанд.

Дар баробари дастовардҳо дар низоми тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, истифодаи технологияҳои навтарин дар идоракунии давлатӣ тақозо мекард, ки низоми таълиму тарбия ва усули тайёр намудани хизматчиёни давлатӣ ба шароит ва талаботи муосир мувофиқ гардонда шавад. Зеро муваффақиятҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як миллат аз сатҳи маърифати хизматчиёни давлатӣ, мутахассисон ва фаъолияти бонизоми идоракунии давлатӣ дар ин раванд вобастагии амиқ дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил собит месозад, ки барои баланд бардоштани нерӯи зеҳнию ақлонӣ ва инкишофи захираҳои инсонии хизматчиёни давлатӣ танҳо ташкили курсҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии собиқ кифоя нест.

Бо назардошти ин ва ҷиҳати ба талаботи имрӯза мутобиқ гардонидани самаранокии идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, баланд бардоштани нерӯи зеҳнию ақлонӣ, инкишофи сармояи инсонӣ ва захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатӣ, тарбияи кадрҳои нав барои ин самти бисёр муҳими давлатдорӣ, ки дар маҷмӯъ ба рушди соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоӣ, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамкории пайвастаи давлат ва ҷомеа мусоидат менамоянд, зарурати боло бардоштани мақом ва мавқеи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада буд.

Бо назардошти зарурати бамиёномада дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон[4] аз 26 августи соли 2013 таъсис дода шуд, ки тақозои замон буд.

Ҳамзамон, вобаста ба зарурати бамиёномада Донишкада бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 29 феврали соли 2020 № 1463 ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Айни замон Академия идоракунии давлатӣ заминаи ҳозиразамони таълимию методӣ ва моддию техникӣ дар ихтиёр дорад. Китобхонаи муҷаҳҳаз бо мавод ва адабиёти таълимию илмӣ, синфхонаҳо ва толорҳои бо воситаҳои техникии замонавии таълимӣ ва таҷҳизоти аудио-видеоӣ таъминбуда дар ихтиёри донишҷӯён, магистрантҳо ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос қарор доранд.

Хизматчиёни давлатӣ имконият доранд, ки дониш ва маҳорати худро оид ба фарҳанги муошират корӣ такмил диҳанд, тарзҳои кору рафторро дар

вазъияти муқаррарӣ ва фавқулодда аз бар кунанд, технологияҳои муосири иттилоотию компютериро аз худ намоянд ва такмил диҳанд, оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти маъмурию идоракунӣ аз тайёрии махсус гузаранд.

Дар давоми фаъолияташ Академия дорои заминаҳои муосири моддию техникӣ, таълимӣ ва иқтидори зарурии зеҳнӣ гардида, дар кори амалисозии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ саҳми муайян гузоштааст. Қобили зикр аст, ки сол то сол шумораи донишҷӯён, магистрантҳо ва хизматчиёни давлатие, ки ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд, афзоиш меёбад.

Донишкада (Академия) аз оғози фаъолият дар баробари курсҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ, тайёркунии касбиро дар шакли бакалавриат, магистратура, таҳсилоти дуюм (ғоибона ва таҳсилоти фосилавӣ) ба роҳ мондааст.

Самтҳои асосии фаъолияти Академия: - фаъолияти таълимӣ ва таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иттилоотию таҳлилӣ, -таҳририю интишоротӣ, молиявию хоҷагидорӣ ва робитаҳои байналмилалӣ мебошанд.

Таҳсил дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ омили асосии ташаккулдиҳандаи маҳорату малака ва тарбияи касбии кадрҳо арзёбӣ мегардад. Тибқи талаботи қонунгузории хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2009 дар асоси Стандарти иловагии таҳсилоти хизматчиёни давлатӣ бояд хизматчиёни давлатӣ дар 5 сол як маротиба ба таҳсил, аз ҷумла такмили ихтисос фаро гирифта мешуданд. Ин раванд баъди ислоҳоти соҳа ва ворид намудани тағйирот ба заминаҳои ҳуқуқии таҳсили хизматчиёни давлатӣ такмил ёфта, бо дарназардошти равандҳои ҷаҳони тағйирёбанда таҷдиду такмили донишҳои назариявии онҳо дар се сол як маротиба муқаррар карда шуд. Дар заминаҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, ки таҳсили хизматчиёни давлатӣ яке аз ҳуқуқҳои хизматчии давлатӣ буда, дар соли аввали ба хизмати давлатӣ ворид шудан ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, даври навбатии ба таҳсил фаро гирифтан баъди се соли фаъолият фаро мерасад.

Раванди таҳсил дар собиқ Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи майи соли 2004 бо ташкили аввалин курсҳои сайёр ва моҳи декабри ҳамон сол курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар заминаи Донишкада оғоз гардиданд. Ҳамин тавр, бо ташаббус ва ҳидоятҳои Асосгузор ва меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳила ба марҳила ба таҳсил фаро гирифтани шунавандагон такмил ёфта, дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ низоми муназзами омӯзиши хизматчиёни давлатӣ ба роҳ монда шуд.

Таҳлили тамоюли афзоиши теъдоди курсҳо аз марҳилаи оғози фаъолияти Донишкада соли 2004 то оғози соли 2019 чунин мебошад:

Соли 2004 курсҳои такмили ихтисос дар Донишкада оғоз гардида, аввалин курси серӯзаи сайёр дар мавзӯи «Идоракунии давлатӣ» дар ноҳияи Файзобод аз 26-уми май то 28 уми май ва нахустин курс дар заминаи Донишкада барои роҳбарони хадамоти кадрии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар мавзӯи «Идоракунии ҳайат» аз 21-уми декабри соли 2004 то 4 январи соли 2005 доир гардиданд.

Донишкада аз соли 2005 раванди таҳсилро аз рӯйи 14 курси такмили ихтисос ба роҳ монд. Курси асосии ба шунавандагон пешниҳодшуда аз рӯи барномаи «Асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ» буда, вазифаи он шинос кардани шунавандагон бо асосҳои ҳуқуқӣ, мафҳум ва моҳияти хизмати давлатӣ ҳисоб мешуд. Соли 2005 дар маҷмуъ 556 нафар хизматчиёни давлатӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Соли 2006 дар маҷмуъ 19 курс дар заминаи Донишкада ва 8 курсҳои сайёр гузаронида шуда, 720 хизматчии давлатӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуд. Соли 2007 бори аввал дар таърихи Донишкада курси якмоҳа барои сардорони департамент ва идораҳои молияи вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи барномаи «Сиёсати давлатии молиявӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва татбиқи он дар мақомоти маҳаллӣ» баргузор гардид ва дар ин сол 816 нафар хизматчиёни давлатӣ аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд. Теъдоди курсҳо ва шунавандагон сол ба сол зиёд гардида, соли 2008 аз тарафи Донишкада 22 курси такмили ихтисос гузаронида шуд. Бо дар назардошти семинар-тренингҳо дар доираи лоиҳаҳо дар маҷмуъ 1507 нафар хизматчиёни давлатӣ дар курсҳои такмили ихтисос таҳсил намуданд.

Аз моҳи январи соли 2009 Донишкада фаъолияти хешро дар самти ташкил ва гузаронидани курсҳои азнавтайёркунии касбӣ аз рӯйи барномаи «Асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар доираи 138 соат оғоз намуд ва ҳар сол дар он хизматчиёни давлатии нав ба хизмати давлатӣ қабулшуда ҷалб карда мешаванд.

Моҳи апрели соли 2009 аввалин маротиба дар заминаи Донишкада курси такмили ихтисос барои раисони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи барномаи махсуси «Идоракунии давлатӣ дар шароити муосир» баргузор гардид. Дар ин курс раисони 23 шаҳру ноҳия донишу маҳорати касбии худро такмил доданд. Ҳамин тавр, соли 2009 бо назардошти семинар-тренингҳо дар доираи лоиҳаҳо дар маҷмуъ 1638 нафар хизматчиёни давлатӣ ба курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шуданд.

Соли 2010 дар курсҳои Донишкада бо дарназардошти семинарҳои дар доираи лоиҳаҳо доиргардида, дар маҷмуъ 1749 нафар хизматчиёни давлатӣ аз курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос гузаштанд. Дар соли 2011 бошад, дар асоси Фармоиши давлатӣ дар заминаи Донишкада ва курсҳои сайёр, ҳамчунин семинарҳо 1521 нафар хизматчиёни давлатӣ таҳсил намуда, соҳиби шаҳодатнома ва гувоҳнома гардиданд. Соли 2012 дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ таҳсили

хизматчиёни давлатӣ тибқи Фармоиши давлатӣ амалӣ гардида, дар асоси он як курси азнавтайёркунӣ ва 29 курси такмили ихтисос гузаронида шуд, ки дар онҳо 1277 нафар (464 нафар бонувон) шунавандагон иштирок намуда, шаҳодатнома ва гувоҳнома гирифтанд.

Соли 2013 дар асоси Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ барои соли 2013 дар маҷмуъ 1 курси азнавтайёркунӣ ва 33 курси такмили ихтисос ва 6 дарси хониши идоравӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо 1680 нафар шунавандагон(429 нафар бонувон, 1251 нафар мард) иштирок намуда, соҳиби шаҳодатнома ва гувоҳнома гардиданд. Соли 2014 дар асоси Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ барои соли 2014 дар маҷмуъ 1 курси азнавтайёркунӣ, 30 курси такмили ихтисос ва 15 семинар- тренингҳо гузаронида шуданд, ки дар онҳо 1589 нафар шунавандагон (485нафар бонувон, 1104 нафар мард) иштирок намуда, соҳиби шаҳодатнома ва гувоҳнома гардиданд.

Академия(Донишкада) дар давраи фаъолият тадриҷан дорои заминаҳои муосири моддию техникӣ, таълимӣ ва иқтидори зарурии зеҳнӣ гардида, дар кори роҳандозии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ саҳми муайян гузоштааст. Қобили зикр аст, ки сол то сол шумораи хизматчиёни давлатие, ки ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд, афзоиш меёбад. Агар соли 2004 445 хизматчии давлатӣ дар курсҳои гуногуни такмили ихтисоси Донишкада фаро гирифта шуда бошанд, пас соли 2018 ин рақам ба 1695 нафар расидааст.

Дар маҷмуъ аз оғози фаъолият, яъне аз соли 2004 то имрӯз дар Академия бештар аз **25 000** нафар хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот донишу малакаи худро такмил доданд. Сол ба сол сафи ҳайати устодону омӯзгорони Академия афзуда, донишмандони унвондор- профессорону дотсентон, тадриҷан, зиёд гардида, дар раванди таълим мутахассисон аз мақомоти давлатӣ ва устодону омӯзгорон аз макотиби олии дигар низ ҷалб карда шуданд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар соли 2014 баъд аз тағйир ёфтани мақоми Академия, самтҳои фаъолияти он хеле васеъ гардидаанд. Айни замон дар баробари курсҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ, тайёркунии касбиро дар шакли бакалавриат, магистратура, таҳсилоти дуюм (ғоибона ва таҳсилоти фосилавӣ) ба роҳ мондааст.

Таҳсил дар магистратура. Дар Академия соли даҳум аст, ки бо мувофиқаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон магистратура аз рӯйи ихтисоси “Идоракунии давлатӣ” дар собиқ Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, ки бо ташаббус ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 26 августи соли 2013 ба Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 29

феврали соли 2020 № 1463 ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шудааст, фаъолият дорад.

Магистратураи Академия фаъолияташро дар асоси Созишномаи ҳамкорӣ бо Бунёди Ҳаннс Зайдели Ҷумҳурии Федеративии Олмон оид ба тайёр намудани магистрҳо аз рӯи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» ба роҳ мондааст.

Ҳадафи асосии таъсиси магистратура пеш аз ҳама омода намудани мутахассисони баландпояи касбӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ мебошад, ки имрӯз кишвари мо воқеан ба чунин мутахассисон ниёзи бештар дорад, зеро аз идоракуниии самараноки мақомоти давлатӣ таъмини болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тайёр намудани кадрҳои соҳибкасби соҳаи хизмати давлатӣ диққати махсус медиҳад, ки таъсиси чунин як ниҳод худ шоҳиди возеҳи гуфтаҳои болост.

Дар давоми фаъолияти магистратураи Академия бештар аз 600 нафар хизматчии давлатиро дар магистратура ба таҳсил фаро гирифтааст, ки аз ин шумора 178 нафарашонро занону духтарон ташкил медиҳанд. Ҳангоми қабул ба магистратура ба мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати идоракунӣ дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз сохторҳои маҳаллӣ бештар магистрантҳо ба таҳсил фаро гирифта мешавад.

Натиҷаи мониторинг нишон дод, ки қариб 40%-и хатмкардагони магистратура ба болоравии мансабӣ ноил гардидаанд. Дар айни замон 4 нафар хатмкардаи магистратура дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то ба сатҳи муовини раисони шаҳр ва ноҳия(Рӯшон, Варзоб, Мурғоб ва Хуросон) расидаанд.

Соли ҳафтум аст, ки Академия бо дастгирии молиявии Бунёди Ҳаннс Зайдели Олмон дар асоси Созишномаи ҳамкорӣ бо Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба тайёр намудани магистрҳо дар шаҳри Остона аз рӯйи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ» ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.

Аз рӯйи ихтисоси номбурда то имрӯз 16 нафар аз мақомоти марказии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба таҳсил фаро гирифта шуда, баъди хатми таҳсил ба кишварамон баргаштанд ва фаъолияти касбиро идома медиҳанд. Дар айни замон чор нафар дар Академияи мазкур аз рӯйи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ» таҳсил мекунанд.

Илова ба ин, роҳбарияти Академия оид ба ҳавасмандгардонии магистрантҳо низ чораҷӯӣ менамояд. Соли нуҳум аст, ки бо дастгирии

молиявии Бунёди Ҳаннс Зайдел се нафар магистроне, ки дар магистратура бо баҳои аъло таҳсил намудаанд, барои такмили ихтисос ба Мактаби олии махсусгардонидашудаи идоракунии давлатӣ ва адолати судии замини Баварияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон ба муҳлати 10 рӯз фиристода мешаванд, ки дар 9 соли охир 27 нафар аз ин имконият истифода намуданд.

Ҳамин тавр, раванди таҳсил дар магистратураи аз ҳисоби Бунёди Ҳаннс Зайдел маблағгузоришаванда бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» ҳар сол дар моҳи декабр ба охир расида, бештар аз 60 нафар хатмкардагон бо унвони магистр барои идомаи фаъолият ба мақомоти давлатӣ фиристода мешаванд.

Айни замон дар магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи 10 ихтисос магистрантҳо таҳсил мекунанд.

Дар соли 2015 дар таърихи собиқ Донишкада боз як марҳилаи нав оғоз гардид. Бори аввал дар ҷумҳурӣ магистратура бо ихтисоси “Амнияти иттилоотӣ” кушода шуд. Дар соли 2017 аз рӯйи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ” магистратураи 2 сола аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба роҳ монда шуд ва айни замон дар ду курси магистратура бештар аз 150 нафар таҳсилро идома медиҳанд.

Ҳамзамон дар соли 2015 бо назардошти эҳтиёҷоти мақомоти давлатӣ бо кадрҳои соҳибкасб бори аввал таҳсилоти дуюм аз рӯйи ихтисосҳои “Идоракунии давлатӣ” ва “Идоракунии ҳайати кадрӣ” ба роҳ монда шуд ва айни замон бештар аз 400 нафар дар зинаи таҳсилоти дуюм ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли 2018 аввалин маротиба аз рӯйи ихтисоси “Идоракунии давлатӣ” хатми таҳсилоти дуюм баргузор гардид.

Таҳсил дар бакалавриати Академия. Дар шароити ҳозира дастовардҳои илмӣ ва технологияҳои истеҳсолӣ бо суръати баланд тағйир меёбанд. Ин раванд тақозо менамояд, ки тарзу усулҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ ба ин дигаргуниҳо созгор бошанд.

Бо дар назардошти ин, дар Академия барномаҳои таҳсилоти касбӣ, нақшаҳои таълимӣ ва таълимӣ-мавзӯӣ, шаклҳо ва мундариҷаи таҳсилот, таъминоти таълимӣ–методӣ, илмӣ - таҳқиқотӣ, моддӣ–техникӣ ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти муосири хизматчиёни давлатӣ таҳия гардидаанд.

Дар асоси Нақшаҳои таълимӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, Академия тайёркунии касбиро дар шакли бакалавриат дар факултетҳои идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ аз рӯйи ихтисосҳои идоракунии давлатӣ, идоракунии давлатии иқтисодиёт, идоракунии ҳайат ва ихтсоси муносибатҳои байналмилалӣ (дар шаклҳои рӯзона ва таҳсилоти фосилавӣ) ба роҳ мондааст.

Дар моҳи ноябри соли 2013 дар натиҷаи тағйир ёфтани ном ва мақоми Донишкада имтиҳони қабули аввалин довталабон доир гардида, 82 нафар довталабон ба номи донишҷӯ мушарраф гардиданд. То оғози таҳсил раванди омодагӣ ба таҳсили донишҷӯён идома дошт. Дар ин марҳила дар баробари омӯзгорони Донишкада бо сабаби нарасидани омӯзгорони дохилӣ мутахассисон аз макотиби таҳсилоти олии дигари кишвар барои фаъолияти омӯзгорӣ даъват шудаанд.

Аз 7 январи соли 2014 дар таърихи Донишкада марҳилаи нав оғоз гардид. Дар факултетҳои идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ таҳсил дар бакалавриат оғоз гардид.

Тавре ки маълум аст, дар кишварамон соли 2014 имтиҳоноти давталабон ба мактабҳои олӣ ба тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонба роҳ монда шуд, ки яке аз дастовардҳои ташкили низоми инноватсионии таҳсил дар замони истиқлол мебошад. Дар натиҷа рӯзи 1 сентябри соли 2014 дар асоси имтиҳоноти марказонидашуда дохилшавӣ ва тақсимоти Маркази миллии тестӣ 228 нафар ба номи донишҷӯ сазовор гардиданд. Дар ин муддат 2 маротиба маросими хатми донишҷӯёни зинаи бакалавриат доир гардид.

Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои заминаи ҳозиразамони таълимию методӣ ва моддию техникӣ мебошад. Китобхонаи муҷаҳҳаз бо мавод ва адабиёти таълимию илмӣ, синфхона ва толорҳои бо воситаҳои техникии замонавии таълимӣ ва таҷҳизоти аудио-видеоӣ таъмингашта дар ихтиёри донишҷӯён, магистрантҳо ва шунавандагон мебошанд. Бинои нави 12 ошёнаи Академия бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, 1 сентябри соли 2019 ба истифода дода шуд ва ҷавобгӯ ба стандарти ҷаҳонӣ буда, тамоми шароитҳо муҳайё гардидааст.

Ҳайати профессорону омӯзгорони Академия таҷрибаи хуби илмӣ-педагогӣ дошта, бо тайёрии махсуси амалияи фаъолияти ташкилӣ, таълимӣ-илмӣ ва маъмурӣ-идоракунӣ мусаллаҳ мебошанд.

Роҳбарияти Академия ҳадафи асосии худро дар он мебинад, ки омӯзиши инноватсионии хизматчиёни давлатиро ба роҳ монда, хизматрасонии таҳсилотиро дар сатҳи талаботи байналмилалӣ амалӣ созад.

Академия бо дастгирии ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки муассиси ин ниҳоди таълимӣ ва асосгузори низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ мебошад, минбаъд низ фаъолияти таълимию илмии худро дар самти тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзӣ ва баланд бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ равона мегардонад. Роҳбарияти дар ин самт ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим, баланд бардоштани

самаранокии он, мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ бо талаботи рӯз, кушодани факултету марказҳои нав ва ихтисосҳои навӯ шӯроҳои диссертатсионии ҷавобгӯ ба талаботи муосири раванди таҳсилу илм ва ва таҳкими иқтидори зеҳнӣ ва моддӣ-техникии Академияро дар маркази фаъолияти худ қарор медиҳад.

Таъминоти илмии таълим шарти муҳими амалишавии ислоҳоти низоми таҳсилот аст. Фароҳам овардани заминаи илмию методӣ имконият медиҳад, ки барои ба фарҳанги идоракунӣ воридсозии фазои эҷодӣ шароит муҳайё намуда, ба хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, таъсири мусбат расонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд дар баробари фаъолияти низоми тайёркунӣ, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии касбии хизматчиёни давлатӣ дар заминаи Академия дар зинаи бакалавриат, магистратура, таҳсилоти дуюм ва фосилавӣ амалӣ карда мешавад. Аммо ҳанӯз низом ва инфрасохтори тайёркунии мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ бояд ҳампоя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ бошад.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои асосии марҳилаи ҳозираи рушди соҳаи хизмати давлатӣ ташаккули низоми муназзами таълими хизматчиёни давлатӣ бо инфрасохтори пешрафта, идоракунии самарабахш ва таъминоти захиравие мебошад, ки битавонад ҳам барои зинаи олии идоракунӣ кадрҳои баландихтисос тайёр намояд ва ҳам азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои зинаи поёнӣ ва миёнаи идоракунии давлатиро амалӣ намояд. Таълими хизматчиёни давлатӣ бояд ба таъмини эҳтиёҷоти хизмати давлатӣ ва пеш аз ҳама талаботи тахассусӣ нисбат ба мансабҳои хизмати давлатӣ нигаронида шавад.

Бо назардошти андешаҳои зикргардида, мо бо итминони комил гуфта метавонем, ки бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки поягузори низоми таҳсили хизматчиёни давлатии кишвар мебошанд, тайёркунии касбӣ ва таҳсили хизматчиёни давлатӣ ба сатҳи стандартҳои ҷаҳонии омӯзиши хизматчиёни давлатӣ баробар карда мешавад, ки ҳамаи ин дар маҷмӯъ барои рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва таҳкими давлату давлатдории навини Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат хоҳад кард.

АДАБИЁТ:

1. Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 – 2010, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007 № 448 тасдиқ шудааст.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №3.

3. Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2009 – 2016, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 № 252 тасдиқ шудааст.
4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 августи соли 2013 №1502.
5. Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011 № 266 тасдиқ шудааст.
6. Қосимов Г.Ҷ., Нуриддинов Ҳ., Искандаров Қ., Ализода Б.П. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Офсет”, 2012, - 168с.
7. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Душанбе, 2010.- 167с.
8. Коргузорӣ дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот: навъ ва шаклҳои ҳуҷҷатҳо. Душанбе , 2010.- 248с.
9. Фарҳанги истилоҳоти хизмати давлатӣ. Душанбе, 2015.-254с.

ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – КАФИЛИ СУБОТ ВА УСТУВОРИИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ашуров А. –
корманди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои ҳар як давлате, ки дар шароити муосир дорои суверенитет ва истиқлоли сиёсӣ аст, масъалаи ҳифзи субот ва устувории сиёсӣ дар доираи системаи таъмини амнияти миллӣ ҳадафи усулӣ ба ҳисоб меравад, зеро бидуни мавҷудияти ду унсури зикргардида ягон давлати миллӣ наметавонад соҳиби рушд гардад, манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои миллии худро ҳимоя намояд ва ҳамзамон, мавҷудияти системавӣ ва ниҳодии худро нигоҳ дорад. Таърихи сиёсӣ ва таҷрибаи давлатдории миллӣ собит намудааст, ки муҳимтарин ормонҳои миллӣ дар заминаи мавҷудияти субот ва устувории сиёсии давлат амалӣ мегарданд. Раванди таъмини устувории сиёсӣ ва ҳифзи субот дар давлат кори осон нест, махсусан, дар замони муосир, ки ҷаҳонро хатару таҳдидҳои нав ба нав дунболагирӣ доранд, масъалаи мазкур аз ҳар вақта дида бештар рӯзафзун гардидааст. Дар доираи илми сиёсӣ муҳаққиқон талош намудаанд, ки раванди рушд ва системаи таъмини устувории сиёсии давлатро ба омилҳои гуногун вобаст намоянд. Аз ҷумла, таваҷҷуҳ намудан ба ниҳоди сарварӣ ва шахсияти сиёсӣ мавқеи махсус дорад. Бояд қайд кард, ки чунин тарзи масъалагузорӣ воқеияти худро дорад. Албатта, раванди таъмини усувории сиёсӣ ба фаъолияти субъекти сиёсӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Маҳз роҳбари сиёсӣ аст, ки тавассути фаъолияти ҷудонопазир аз хирад, сиёсат, ҷасорат ва ҳувиятсози худ масири пурпечутоби таърихро тай намуда, давлату миллатро ба саодат ва ормонҳои бузурги миллӣ мерасонад. Ҳамин аст, ки таърихи миллатҳоро тарҷумаи ҳоли шахсиятҳои бузургашон ҳифз ва муаррифӣ менамоянд.

Мавҷудият ва рушд намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ ва дорои истиқлоли сиёсӣ дар замони муосир муҳимтарин дастоварди миллати тоҷик дар ҷодаи таърих ба ҳисоб меравад. Аз таърихи сиёсии Тоҷикистон ба хонандаи огоҳ ва дурандеш маълум аст, ки раванди ҳифзи истиқлол ва таҳкими он дар кишвар, ба низоми муайяни рушд даровардани системаи сиёсии давлат ва ба марҳалаи рушди устувор ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон пайвастагӣ ба фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорад. Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор гардид ва ин ҷанги таҳмилӣ омили фалаҷ гардидани сохтори сиёсӣ, нобуд гардидани низоми идоракунӣ ва инкишофи бисёрҳокимиятӣ дар давлат гардид. Дар чунин раванди ҳассос барои миллати тоҷик роҳбар ва раҳнамое зарур буд, ки аркони давлатдориро аз

нобудшавӣ ва миллатро аз парокандашавӣ нигоҳ дорад. Маҳз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вуруди худ ба саҳнаи сиёсати давлати тоҷикон ҳамчун абармард, шахсияти мардумӣ, худогоҳ ва сулҳофар тавонист дар як муддати аз нигоҳи таърихӣ начандон тулонӣ сулҳу ваҳдатро дар мамлакат барқарор намуда, низоми муайяни идоракуниро рушд диҳад.

Мусаллам аст, ки дар ин муддат Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои бузурги миллӣ ноил гардида, дар сиёсати ҷаҳонӣ ва ҳалли муаммоҳои глобалӣ ҳамчун давлати ташаббускор муаррифӣ шудааст. Барои дарки масъалаи мазкур ба хонандаи огоҳ баён намудани чанд воқеияти инкорнашаванда ва чанд нукта, муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Нуктаи аввал ин аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароите ба саҳнаи сиёсат ворид гардид, ки низоми сиёсии давлат фалаҷ гардида, давлат дар ҳолати нобудшавӣ қарор дошт. Ҷанги шаҳрвандӣ ва бозиҳои сиёсии гурӯҳу давлатҳои манфиатхоҳ суботу оромии ҷомеаро аз байн бурда буданд. Дар ин давраи ҳассос ва душвор муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо андешаи барқарории сулҳу ваҳдат аз байни мардум ва барои мардум ба саҳнаи сиёсати миллат ворид гардида, фаъолияти худро оғоз намуд. Дар ҳақиқат, иброз доштани “Ман ба шумо сулҳ меорам”-и муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷомаи амал пӯшид. Роҳбари давлат заминаҳои бунёдии системаи идоракуниро ташаккул дод ва давлатдории миллиро эҳё намуд. Агар қабули Конститутсия (1994) паҳлуҳои ҳуқуқии ташаккули системаи сиёсиро фаро гирифта буд, пас дар амал ташкил намудани сохтори сиёсии бонизом ғайрати сиёсиро талаб менамуд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро аз худ зоҳир намуд. Иқрор бояд шуд, ки дар раванди ҷанги шаҳрвандӣ системаи идоракунӣ гирифтори буҳрон мегардад ва бисёре аз роҳбарон қудрати идоранамудани вазъро аз даст медиҳанд. Танҳо ҳамон сарвароне, вазъи буҳрониро идора намуда метавонанд, ки дорои шуҷоат ва хиради сиёсӣ бошанд, равандҳои сиёсиро дарк намуда тавонанд ва аз ҳама муҳим шахсияти онҳоро мардум эътироф намуда бошад. Шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ҷиҳатҳо, ҳатто аз онҳо бештарро фаро гирифта буд ва он тавонист дар муддат муайян системаи сиёсии давлати тоҷиконро эҳё ва рушд диҳад.

Нуктаи дигар ин аст, ки баъд аз ташаккул додани низоми сиёсии идоракунӣ масъалаи таъмин намудани субот ва эҳёи ваҳдат масъалаи ҳаётан муҳим арзёбӣ карда мешуд. Дар алоқамандӣ ба ҳолати мазкур дар раванди ҷанги шаҳрвандӣ масъалаи барқарор намудани сулҳу ваҳдат ва сарҷамъ намудани миллати тоҷик яке аз унсурҳои асосии барномаи кории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро фаро гирифта буд. Бояд таъкид намуд, ки дар марҳалаи даргириҳо ва авҷи моҷароҳо дар мамлакат ва ҳамзамон дастгирӣ ёфтани нерӯҳои бадхоҳ аз ҷониби қудратҳои хориҷӣ барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ кори мушкил буд. Ҷонфидоӣ, талошҳо ва ҷасорати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омиле гардид, ки суботу ҳамгироии

миллӣ дар давлат барқарор гардида, ваҳдати миллӣ тантана ёфт. Имрӯз дар фозои субот, ҳамгироӣ ва ваҳдату якдилӣ рушд намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи фаъолияти сулҳофаринии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Нуктаи сеюм ин аст, ки барои ҳифз намудани сулҳу ваҳдат ва бартараф намудани хатару таҳдидҳо масъалаи таҳким ва пойдор намудани ваҳдати эҳёгардида ба вуҷуд омада буд. Аввалин иқдоме, ки дар ин замина муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ намуда буд, бунёди нақб ва бозсозии роҳҳои мошингард ба ҳисоб мерафт. Бунёди нақбҳо ва азнавсозии роҳҳои мошингард дар он замони душвор фалсафаи худро дошт. Агар аз як тараф бунёди нақбу роҳҳо омили баромадан аз бунбасти коммуникатсиониро ташкил менамуд аз тарафи дигар заминаи муҳимми таҳким ваҳдати миллӣ гардид. Сангарҳои табиат, ки сабаби маҳдуд гадидани муносибатҳо байни минтақаҳо буданд, бартараф карда шуданд. Тоҷикистон ҳамчун давлати воҳид ба марҳалаи нави инкишоф ворид гардид.

Нуктаи чорум ин аст, ки дар мамлакат масъалаи бартараф намудани харобаҳои ҷанг ва баромадан аз буҳрони шадиди иқтисодӣ ва ҳамзамон таъмин намудани шароити зисти арзанда муҳим буд, зеро суръати рушди давлатҳо ва технологиякунонии ҳаёти ҷамъиятӣ чунин ҷиҳатро тақозо менамуд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар радифи таҳкими сулҳ масъалаҳои мазкурро дар барномаи миллатмеҳвари худ қарор дод. Ҷиҳати ҳалли муаммоҳои мазкур дар ҷумҳурӣ корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ ташкил ва бозсозӣ гардида, соҳаи кишоварзӣ рушд дода шуд. Ҳамчунин, дар мамлакат як қатор нерӯгоҳҳои барқии обӣ бунёд карда шуданд, ки ҳам амнияти энергетикии мамлакатро таъмин намуданд ва ҳам дар пешрафти корхонаҳои саноатӣ мусоидат намуданд. Махсусан, бунёди Нерӯгоҳи барқии обии Роғун ва ба истифода додани ду чархаи он, яке аз муҳимтарин фаъолияти таърихии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳогузорӣ карда мешавад. Ин воқеиятест, ки инкорнашаванда аст. Доираҳои фикрӣ гувоҳанд, ки нақшаи бунёди НБО Роғун-ро ҳанӯз давлати абарқудрати Шӯравӣ роҳандозӣ намуда, ба анҷоми сохтмони ба он натавонист ноил гардад. Ин ормон ва ҳадафи миллӣ маҳз бо талош ва фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомлаӣ Раҳмон амалӣ гардида истодааст. Имрӯз дар натиҷаи чунин ҷасорату талошҳои сарвари сиёсии тоҷикон мардум соҳиби зиндагии шоиста гардида, давлат марҳилаи рушди устуворро фаро гирифтааст.

Нуктаи панҷум ин аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари таҳкими ваҳдати миллӣ, таъмини устувории сиёсӣ ва беҳтар намудани иқтисодиёти давлат ҳамчунин арзишҳои фарҳангӣ ва тамаддуни қадимаи миллати тоҷикро эҳё, ҳифз ва системаи инкишофашро таъмин намуд. Эҳё намудани ҷашнҳои қадимаи халқи тоҷик, тақлил намудани солгарди бузургони ниёгон ба монандӣ

Абӯабудлоҳи Рӯдакӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Имоми Аъзам, Абдураҳмони Ҷомӣ ва ғайра аз ташаббусҳои фарҳангсолории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар ин муддат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ карда шуд. Илова бар ин, эҳё ва бозсозии маконҳои таърихии миллати тоҷик ҷузъи таркибии сиёсати таърихиву фарҳангии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил медиҳад.

Нуктаи шашум, ин аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ташаккул додани низоми муайяни рушди давлатдорӣ, ҳамчунин дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ ташаббусҳои беназирро роҳандозӣ намуд, ки мавриди эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт. Хусусан, ташаббусҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи ҷаҳонӣ, вобаста ба маъалаҳои марбут ба об ва масоили амниятӣ ба манфиат ва ҳалли мушкилоти аҳолии сайёра равона гардидаанд, ки мақсади асосии онро хайрияти умум ташкил медиҳад.

Умуман, фаъолияти сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсӣ фарогири дастовардҳои беназиру бештар аст. Агар ҳамаи он дастовардҳоро огоҳона баҳогузорӣ намоем, ба мо маълум мегардад, ки ӯ худро барои миллату давлати тоҷик фидо намудааст. Маҳз чунин фидокорӣ боис гардидааст, ки миллати тоҷик дар дохил ва хориҷӣ мамлакат, умуман тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Пешвои миллат ва роҳбари тоҷикони ҷаҳон пазируфтаанд.

НАҚШИ НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Ализода А. –
мушовири ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, узви Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ватани азизамон-Тоҷикистон аз ҷониби олимон, сиёсатмадорон ва донишмандони маҳаллӣ оиди нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳкими ваҳдати миллӣ мақолаву рисолаҳои зиёде омодаву пешниҳод гардидаанд. Дар мисоли тачрибаи давлатдории навини тоҷикон ва раванди ба истиқлолияти давлатӣ расидани Тоҷикистон баъди ҳазорсолаҳо, ниҳодҳои ҷамеаи шаҳрвандӣ низ дар Ватанамон мунтазам ташаккул ёфтанд ва дар таъмини устувории пояҳои соҳибистиқлолӣ саҳмгузор ҳастанд. Ба фикри ман аз соли 1996 сар карда фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хубтар гардид, чунки ин давра худаш як давраи ҳассос ва тақдирсоз буд. Дар он лаҳзаҳо барои барқарор кардани иқтисоди аз ҷанги шаҳрвандӣ харобгардида сулҳу субот чун обу ҳаво зарур буд. Дар фазои сиёсии кишвар низ таҳаввулотҳои ҷиддие ба амал омадан гирифтанд. Нерӯҳои сиёсию иҷтимоӣ дар заминаи мафкураҳои мухталиф гурӯҳбандӣ мешуданд. Ин табақаҳои гуногуни ҷомеаро ҷоннок гардонда, ҳар кадоме аз таҳаввулоти ба амаломада манфиат бардоштанӣ мешуданд. Чунин рангорангӣ, ки аз оғози эъмори ҷомеаи демократӣ ҳуқуқӣ ва дунявӣ дарак медод, бояд аз ҷониби мақомоти олии ҷумҳурӣ сарварӣ ва ҳидояту роҳнамоӣ мешуд. Сарфи назар аз фикру ақида ва назариёти мухталиф ҳар кадоми ин ҳизбу ҳаракату ҷомеаҳо ва созмонҳои иҷтимоию фарҳангӣ ҳадафҳои мушаххаси худро доштанд, ки чӣ гуна ҷомеае барпо кунанд ва аз кадом ғояҳо пайравӣ намоянд. Ҳамин буд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳалли ин мушкилот ба истиқболи мардум омаданд ва масъалаи ташкили Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистонро дар миён гузоштанд. Ба таърихи 1 марти соли 1996 намояндагони ҳамаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва марказҳои фарҳангии халқҳои сокини мамлакатро дар гирди як мизи мудаввар ҷамъ оварданд. Дар ин нишаст, ки ҳанӯз ҳам баъзеҳо ба оромию осудагӣ эътимод надоштанд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки «Имрӯз вақти он расидааст, ки мову шумо раванди демократикунонии ҷомеаро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суръат бахшем. Мо бояд воситаҳои ахбори оммаро дастгирӣ намоем, то ин ки чун оинаи ҷамъият камбудиҳои асосии ҷомеаро ошкоро гӯянд, роҳи ҳалли баъзе масъалаҳоро пешниҳод намоянд, равандҳои хатарнокро пешгӯӣ кунанд ва нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мардумро

бевосита дар ҳалли масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бештар намоён гардонанд. Мову шумо як қувваи ягонаро ташкил дода, онҳоеро, ки сулҳу салоҳро дар ҷомеа халалдор карданӣ мешаванд, ҳамдигарфаҳмии байни қувваҳои сиёсиро аз байн бурданӣ мешаванд, ҳушдор диҳем».

Инчунин дар нишасти мазкур Ҷаноби Олӣ бори аввал дар бораи ҷомеаи бисёрҳизбӣ сухан гуфта таъкид сохтанд, ки дар ҳар як ҷомеаи демократӣ ҳизбҳои сиёсӣ танҳо аз тариқи муборизаҳои осоиштаи парлумонӣ ба ҳадафҳои сиёсии худ бояд муваффақ шаванд. Дар ин амр роҳи дигаре нест. Тариқи зӯроварӣ ва фиребу найрангро ҳеҷ гуна давлати ҳуқуқбунёду демократӣ намепазирад. Мақсади ҳар кадом ҳизб мутобиқи оинномааш рушду инкишофи Тоҷикистон, ободии мамлакат ва дар ниҳоят ба даст овардани қудрат мебошад. Ҳизби Халқии Демократии мо замоне ташкил гардид, ки аллакай соҳиби қудрат буд. Яъне аъзои асосии он аз ҳисоби шахсиятҳое буданд, ки дар ташкилотҳои ҳукуматӣ барои сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва якпорчагии кишвар бештар талош менамуданд. Аз рӯзҳои оғози гуфтушунидҳои сулҳи миёни тоҷикон ҳизби мо дар ҷараёни он қарор дошт ва барои ҳарчи зудтар ноил гардидан ба мусолиҳаи миллӣ талошу мусоидат мекард. Имрӯз бошад дар ҷомеа соҳиби обрӯ ва нуфузи баланд гаштааст.

Ҳамон рӯзҳо Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сарҷамъ намудани нерӯҳои гуногуни сиёсӣ гуфта буданд: «Таъмин кардани шароити мусоид барои ҳаёти осоишта, ки гарави муҳими меҳнати созанда дар ҷамъият мебошад, аз бисёр ҷиҳат ба ҳизбу созмонҳо ва иттиҳодияҳои дар мамлакат фаъолшиятдошта вобаста аст» ва ҳамзамон пешниҳод карданд, ки оиди ризоият ва ҳамбастагӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон бояд Аҳднома ба имзо расонда шавад. Ин ташаббуси Пешвои миллат дар миёни ҳамаи қишрҳои ҷомеаи Тоҷикистон ҳамовозии гармеро ба амал овард. Дар давоми ҳамагӣ як моҳ роҳбарони беш аз 50 ташкилотҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон имзо гузоштанд. Санади мазкур аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва шахсан Котиби генералии собиқи он Бутрос Ғолӣ баҳои баланд гирифт. Бо дархости Ҳукумати Ҷумҳурӣ нусхаи «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» ба роҳбарияти мухолифини ҳамонвақта супруда шуд. Ҳамин тариқ, Аҳдномаи мазкур заминаи бисёр ҷиддие барои ба даст овардани сулҳи тоҷикон гардид. Зеро, ки дар он ҳамаи масъалаҳои зарурии усулие, ки дар ҷараёни гуфтушунидҳо бо мухолифин мувофиқа шуда буданд, инъикоси худро ёфтанд. Масалан, созмон додани Шӯрои ҷамъиятӣ аз ҷумлаи ҳамон пешниҳодҳои ҷараёни музокирот аст, ки имрӯз ба як маҳфили хеле фаъол табдил ёфтааст.

Дар Шӯрои ҷамъиятӣ гирдиҳам омадани чандин ҳизбу ҳаракатҳои гуногунандешу мухталифмавқеъ далели равшани он буд, ки ғояи ризояити ҷомеа ба пирӯзӣ расида, раванди сулҳу салоҳ ба маҷрои зиндагӣ ворид шудааст. Ҳар як аъзои Аҳднома бо гузоштани имзо ҳамзамон ба

зиммаи худ масъулияти бузургеро гирифтааст. Алҳол Шӯрои ҷамъиятӣ ба як механизми нодири кори сиёсӣ табдил ёфта, ҳамчун маркази машваратию таҳлилӣ фаъолияти пурмаҳсулеро ҷиҳати мусоидат намудан ба ҳаллу фасли масъалаҳои ба даст овардани сулҳу оромӣ дар кишвар, мустаҳкам кардани пояҳои давлат, таҳким бахшидани раванди ваҳдати миллӣ, эҳё ва истифодаи беҳтарин дастовардҳои таърихии халқу кишварамон, вусъат бахшидани дигаргунисозиҳои иқтисодӣ, муборизаи зидди ҷиноятқорию коррупсия, тавсеаи ҳамкориҳо ва ҷалби ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологӣ, ба сомон мерасонад.

Имрӯз дар вилоят садҳо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла: ташкилотҳои иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ҳизбу ҳаракатҳо ва дигар ташкилотҳои ғайридавлатӣ фаъолияти густурда доранд, ки асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ташкилотҳое, ки дар фаъолияти худ танҳо ба нерӯи фитриву кӯмаки молиявии аъзои худ такя доранд ва ташкилотҳое, ки дар асоси грантҳои дохилӣ ва хориҷӣ амал менамоянд. Вале фаромӯш накардаем, ки аз рӯзҳои нахустини барқарорсозии сохти конститутсионии давлат аъзои Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилоят, Шӯрои олимони дини вилоят, созмонҳои миллию фарҳангии вилоят, инчунин як қатор ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои ватанпарастонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати ба ваҳдат омадани миллат, фаъолияти неку созанда доштанд. Дар партави меҳнати софдилонаи аксарияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ, мутаасифона, ташкилотҳое ҳам ҳастанд, ки бо роҳҳои гуногуни шубҳаовар соҳиби грантҳо, хусусан грантҳои ташкилотҳои байналмилалӣ гашта, фаъолияти онҳо камрангу бесамар ва барои шаҳрвандони аксаран номаълум мондааст.

Бо ифтихор ёдовар мешавем, ки мо хатлониён аввалин шуда, дар асоси дастуру ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16 июли соли 1997 Маҷлиси муассисони Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистонро дар вилояти Хатлон баргузор намудем. Баъдтар бо ишора ба шароити душвори сиёсиву ҳарбии маълуми ҳамон солҳо ва дар ҳамин шароити вазнин баргузор шудани ин маҷлис, дар Анҷумани дуюми ҲВМЭТ моҳи маи соли 2002-ум Раиси муаззами ин Ҳаракат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳори назар карда буданд: «Раҳмати калон ба мардуми боору номӯси Хатлон, ки сарҷамъ шуданду пеши роҳи хоинони миллатро гирифтанд».

Дар Тоҷикистон аҳзоби сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар асоси талаботи Қонун фаъолияти мекунанд. Аз ҷумла қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» барои фаъолияти озодонаи аҳзоб имкониятҳои баробару одилонаро фароҳам меорад. Аз ҳамин лиҳоз, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии сиёсӣ, бо роҳи иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа барои таҳкими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона, инчунин рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини зиндагии осоиштаи мардум фаъолият менамояд.

Дар фаъолияти худ ҲХДТ бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ба фазилатҳои баланди сиёсӣ, сифатҳои наҷиби ахлоқӣ ва маърифати пурсамари маънавии аъзояш такя намуда, кӯшишу ғайрат ва донишу идроки онҳоро барои мустаҳкам намудани истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар менамояд.

Дастовардҳои афкори пешқадами ҷамъиятро эҷодкорона татбиқ намуда, ҲХДТ манфиати мардумро сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, мансубияти миллӣ, мавқеи ҷамъиятӣ ва муносибат ба дину мазҳаб ҳимоя намуда, суннату анъанаҳо ва арзишҳои беҳтарини миллӣ, таърихӣ ва фарҳангиро дастгирӣ ва инкишоф дода, ҳар гуна, зуҳуроти маҳалгароӣ, миллатчигӣ, таасуби динӣ, зӯроварӣ, экстремизм (ифротгароӣ), сепаратизм (ҷудоихоҳӣ), терроризми сиёсӣ ва диниро қатиян маҳкум намуда, худшиносӣ ва ватанпарастиро асоси фаъолияташ мешуморад.

ҲХДТ яке аз аввалинҳо шуда, ба Аҳдномаи ризоияти ҷомеа имзо гузошта буд. Дар ҷаласаҳои маҳфили ҳамкориҳои иҷтимоии Шӯрои ҷамъиятӣ низ фаъолона иштирок карда, ба масъалаҳои доғи мавриди баррасии он назари қотеонаи худро баён медорад ва мустақиман санадҳои ҳуқуқӣ ва проблемаҳои иҷтимоию сиёсиро барои муҳокимаи аъзои Шӯро манзур менамояд. Чунин иқдому ташаббусҳо ва ҳамкориҳои муштарак имкон дода истодаанд, ки ҳам обрӯю нуфузи ҳизб дар ҷомеа афзун гардад ва ҳам дар амри хайри пешрафту шукуфоии Ватани азиз ва таъмини зиндагии шоистаи ҳар як сокини мамлакат нақши босазо гузорад.

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ САРВАРИИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Исозода Т. И. –
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, декани факултети таърих ва ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Сарварони сиёсӣ дар кишварҳои муосир нақш ва мақоми махсус доранд ва инкишофу рушди ҷомеа маҳз аз онҳо вобастагӣ дорад. Дар доираи проблемаҳои муосири ҷомеашиносӣ ба масъалаи сарварии сиёсӣ диққати махсус равона менамоянд. Ташхиси адабиёти илмӣ, таҷрибаи таърихӣ-сиёсӣ нишон медиҳад, ки омӯзиш ва баррасии сарварии сиёсӣ шарти муҳим ва зарурии фаҳмиши масъалаҳои мавҷуда аст, ки бо трансформатсияи ҷомеа алоқаманд мебошанд. Маҳз аз ҳамин хотир сарварии сиёсӣ мавзӯи баҳсҳои доманадор гардидааст. Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон нисбати ташаккул ва инкишофи сарварии сиёсӣ ақидаи ягона ҷой надорад.

Дар воқеияти пасошӯравӣ, дар давраи нави инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ, самти тағйироти сифатии системаҳои дохилии сиёсии кишварҳои зиёд ва инчунин муносибати байни кишварҳо мушоҳида карда мешавад. Таҷрибаи инкишофи муосири давлатҳо нишон медиҳад, ки бе омӯзиши таҷрибаи муосири инкишофи сарварии сиёсӣ, коркарди назария ва амалияи инкишофи ҷомеа ғайриимкон аст.

Сарвар шахсияте ба ҳисоб меравад, ки дорои қобилияти махсус аст, сарварӣ бошад ҳамчун институти иҷтимоӣ баромад менамояд, ки алоқамандии байни сарвар ва тарафдорони ӯро фаро мегирад. Хусусияти ташаккули сарвари сиёсӣ дар Тоҷикистон ба он алоқаманд аст, ки ҳалли проблемаҳои зиёд на танҳо аз худи сарвар, балки аз он, ки гурӯҳи ӯ чӣ тавр амал менамояд ва чӣ тавр муносибати сарвар бо пайравони ӯ ба роҳ монда шудааст, вобастагӣ дорад.

Воқеияти иҷтимоиву сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ исбот намудааст, ки проблемаи интихоби гурӯҳ на танҳо дар ташаккули худи сарвар, балки дар икишофи минбаъдаи равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ин проблема ба сарварони сиёсии ташаккулёфта ва инчунин ба сарварони мухталифи қувваҳои сиёсии ҷомеа дахл дорад. Таҳлили хусусиятҳои сарварии ин шахсиятҳо имконият медиҳад, ки омилҳои асосии ташаккул ва инкишофи чунин сарварон ошкор карда шавад. Бояд тазаккур дод, ки омӯзиши як қатор сарчашмаҳои илмии солҳои охир оиди моҷарои байни тоҷикон шаҳодат медиҳад, ки муносибатҳои мухталифро нисбати чунн сарварон ва фаъолияти онҳо ошкор намуд.

Амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки моҷароҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар роҳи инкишофи худ даврaҳои гуногунро паси сар менамояд, ки яке аз онҳо давраи эскалатсия ба ҳисоб меравад, яъне мухолифатҳои асосии моҷаро бартараф шудаанд ё тарафҳо нисбати онҳо ба мувофиқа омадаанд.

Дар мисоли Тоҷикистон чунин давра ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун консепсияи ризоияти миллӣ баромад менамояд. Нақши муҳими сарварони сиёсӣ дар танзими моҷаро ва бадастории сулҳ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар асоси донистани хусусиятҳои миллии халқу миллати худ, шакли «мобайнӣ»-и пешбурди гуфтушунидҳоро интихоб намудаанд. Лекин ин маънои онро надорад, ки дар доираҳои илмӣ тарҳ ва шаклҳои дигари пешбурди гуфтушунид ҷой надошта бошад. Интихоби дурусти шакл ва тарзи гуфтушунидҳо, ки ба хусусиятҳои милливу анъанавӣ мувофиқанд, самаранокии раванди гуфтушунид ва ба даст овардани ҳадафи ниҳоиро таъмин менамояд.

Тарҳи раванди гуфтушунид аз бисёр ҷиҳат аз методе ки тарафҳои иштирокчӣ интихоб менамоянд вобаста аст. Дар доираҳои илмӣ, як қатор муҳаққиқон методи «гуфтушуниди принсипиалӣ» - ро пешниҳод менамоянд, ки моҳияти он дар ҳалли проблема дар асоси хусусиятҳои сифатии он зоҳир мегардад. Дар чунин ҳолат, масъалаи гузашт намудани тарафҳо аз ҳадафҳои ниҳоии худ бартараф карда мешавад. Ин метод кӯшиши тарафҳоро нисбати дарёфти манфиати тарафайн пешниҳод менамояд. Дар масъалае, ки манфиати тарафҳо мувофиқ намеояд, зарур аст, ки он бо истифода аз меъёрҳои адолатнок асоснок карда шавад ва ба хоҳиши тарафҳои иштирокчӣ эътибор дода нашавад. Методи «гуфтушуниди принсипиалӣ» муносибати ҷиддиро дар баррасии моҳияти масъала пешниҳод менамояд, лекин муносибати оддии байни иштирокчиёни раванди гуфтушунидро пайгирӣ менамояд [4, 19].

Таҳлили ҳаматарафаи моҷарои байни тоҷикон нишон медиҳад, ки мухолифатҳои сиёсӣ, ки бо мубориза барои ҳокимият алоқаманд мебошанд, мушкилиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва мухолифати давраи гузариш бо мутташанниҷ гардидани мухолифат, ки хоси таърихи Тоҷикистон ҳамчун ҷомеаи анъанавӣ аст, ба ҳам омезиш меёбанд. Дарки зарурати гузариш ба сиёсати оштии миллӣ амалӣ ҷасуронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсӣ аст, ки нишонаи зиракии сиёсии сарвари сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Зарурат дар мавҷудияти чунин нишондод бо мавҷудияти ҳамон воқеияте алоқаманд аст, ки мувофиқи он ҳокимияти сиёсӣ дар Тоҷикистон наметавонист, ки ба як гурӯҳ ё минтақа тааллуқ дошта бошад. Дар асоси чунин нишондиҳанда, воқеияти сиёсӣ талаботи худро

ба тарафҳои моҷарогар пешниҳод менамуд. Ду тарафи моҷарогар, ки субъектҳои сиёсии хусусияти дохилӣ дошта буданд, хоҳиш ба ҳокимияти сиёсиро доштанд ва чунин ҳолат, албатта тақсимоти ҳокимиятро пеш меовард.

Дар амалияи ҷангҳои шаҳрвандӣ чунин амалия кам ба назар мерасид, ки «ғолиб» бо тарафи «мағлуб» ҳокимиятро тақсим намуда бошад. Лекин дар Тоҷикистон, бо саҳми сарвари сиёсӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки пас аз ба сари ҳокимият омадан, худро ҳамчун сиёсатмадори варзида нишон додаст, чунин ҳолат имконпазир гардид. Нисбати ин масъала, муҳаққиқони ватанӣ ақидаҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намудаанд. «На оиди ғолибон ва ё ин, ки мағлубон, на оиди манфиат ва талаботҳои сиёсии минтақаи алоҳида, миллат ё гурӯҳи сиёсӣ сухан меравад, балки оиди манфиатҳои Тоҷикистони ягона, соҳибистиқлол ва шаҳрвандони он ақида рондан мувофиқи ҳадафи сиёсӣ аст» [5, 122].

Ҷиҳати муҳимтарини ислоҳоти иқтисодиро дар Тоҷикистон гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ ташкил менамояд, ки дар шароити Тоҷикистон мукаммалгардонии механизми роҳбарӣ ва ҳам механизми ташкили муносибатҳоро байни субъектҳои гуногун талаб менамояд. Маълум аст, ки ҳар як шакли муносибатҳои истеҳсолӣ сотсиализатсияи истеҳсолотиро фаро мегирад, ки дар муносибатҳои роҳбарӣ таҷассум мегардад, ки дар шароити бозоргонӣ аҳамияти хосаро касб менамояд. Дар ин самт шакли қобили қабул инкишофи минбаъдаи соҳибкории хурду миёна, туризм ва истифодаи ратсионалии захираҳои энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, дар ин радиф таъсири фаъолияти сиёсати хориҷии Тоҷикистонро махсусан қайд намудан зарур аст. Ин самти фаъолияти хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати Тоҷикистонро бо кишварҳои хориҷии наздик ва дур муайян менамояд. Дар шароити имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон бо миқдори зиёди кишварҳои хориҷӣ муносибатҳои дипломатӣ барпо намудааст. Бояд иброз намуд, ки дар барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ дар таърихи нави Тоҷикистон саҳми сарвари сиёсии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бузург аст. Маҳз бо пешниҳод ва кӯшишҳои зиёди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсӣ ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ ва таъмин намудани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо мақсади таъмини рушди устувории иқтисодиёти кишвар имконпазир гардидааст.

Мукаммал гардонидани сарварии сиёсӣ дар Тоҷикистон барои инкишофи устувори ҷомеа дар шароите, ки тартиботи иҷтимоӣ мавқеи устуворро ба даст наовардааст ва соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дигаргуниҳои куллиро талаб менамояд, дар сатҳи муайян аз роҳбарии бомаҳорати сарвари сиёсӣ вобаста аст. Маҳз дар чунин давраҳои

гузариш сарварони сиёсӣ қодиранд, ки ҳамчун омили асосии равандҳои таърихӣ хизмат намоянд. Давраи гузариш ва ташкили тартиботи нави инкишофи устуворӣ, тамоми ҷомеа бе иштироки сарварони сиёсӣ амалӣ намегардад.

Сарварии сиёсӣ ҳамчун институти иҷтимоии ҷомеа дар ҳар давру замон ба сифати омили муҳим ва асосии муттаҳидкунанда, сафарбарнамоянда ва коммуникативӣ дар системаи умумии муносибатҳои иҷтимоӣ баромад намудааст. Илова бар ин, қайд намудан зарур аст, ки сохтори иҷтимоии ҷомеа ҳамеша дар ҳолати рушд қарор дорад ва ин ба мураккаб гардидани доимӣ мусодат менамояд, ки ба тамоми раванди идоракунии ҷомеа таъсири назаррас мерасонад.

Ҳамин тариқ қайд намудан зарур аст, ки сарварии сиёсӣ, ҳамчун механизми асосии иҷтимоӣ, ки хусусияти мунтазам ва устувори муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд, бояд ба тариқи доимӣ дар инкишоф ва рушд қарор дошта бошад.

Ҳамин тариқ, дар шароити Тоҷикистон, маҳз вазъияти сиёсиву иҷтимоии ҷойдошта боис гардид, ки сарварони сиёсӣ ташаккул ёбанд. Лекин ин сарварон асосан минтақа ё нерӯи алоҳидаи сиёсиро намояндагӣ менамуданд, ки дар асоси фаъолияти онҳо, дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ ба миён омад. Rайд намудан зарур аст, ки сарварони сиёсии дар оғози солҳои 90-ум ташаккулёфта, ҳанӯз дорои таҷрибаи пешрафтаи сиёсӣ набуда, кушиш намуданд, ки аз вазъияти ҷойдоштаи иҷтимоиву иқтисодии кишвар истифода намуда, ҳадафҳои сиёсии худро ба даст оранд.

Ташаккули сарвари сиёсии умумиллӣ бо бадастории имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон алоқаманд аст. Маҳз кӯшишҳо ва ояндабинии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадор боис гардид, ки сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар ба даст оварда шавад. Бояд тазакур дод, ки маҳз ин рӯйдоди таърихӣ боис гардид, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсии умумимиллӣ дар байни оммаи мардум маҳбубият ва эътирофи хосаро касб намояд.

Rайд намудан зарур аст, ки дастовардҳои минбаъдаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаҳои алоҳидаи инкишофи ҷамъиятӣ боис гардид, ки ӯ ҳамчун Пешвои миллат ташаккул ёбад. Пешвои миллат ҳамчун омили муттаҳидӣ, сафарбарнамоӣ ва коммуникативии тамоми оммаи мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол баромад намояд.

АДАБИЁТ

1. Амонов Р. Факторы национального единства и возрождения Таджикистана. Душанбе, 1999.
2. Ахмедов Б. Прочность мира в Таджикистане: историческая необходимость // Исторический опыт миротворчества в Таджикистане. –Душанбе, 2001.
3. Гуломов Р. Г. Суверенный Таджикистан на пути демократизации общества. -Душанбе., 2001.
4. Фишер Р. Юрии У. Путь к согласию, или переговоры без поражения.-М., 1990.
5. Усмонов И. Миростроительство в Таджикистане Душанбе. 2006.

АННОТАЦИЯ

В данной статье рассматриваются основные механизмы формирования и развития политических лидеров. Автор утверждает, что механизмы формирования и развития политического лидера только во взаимосвязанности друг с другом могут быть эффективными. Отмечается, что только развитием личностных качеств и приобретением определенного политического опыта из разных источников, лидер не формируется. Это означает, что этот механизм может быть эффективным и надежным только во взаимосвязи с другими механизмами. Одним из таких механизмов, который связан с механизмом личностных качеств, является выборы.

В механизме формирования и развития политических лидеров средства массовой информации и политические технологии играют важную роль. Именно посредством этих институтов формируются политические лидеры, осуществляется предвыборная пропаганда, и борьба между различными политическими силами.

Ключевые слова: механизм, политический лидер, средства массовой информации, политические технологии, личные качества, имидж, политические партии, парламент, выборы, разделения власти.

ANNOTATION

This article discusses the basic mechanisms of formation and development of political leaders. The author argues that the mechanisms of formation and development of a political leader only in interconnectedness with each other can be effective. It is noted that only the development of personal qualities and the acquisition of a certain political experience from different sources, the leader is not formed. This means that this mechanism can be effective and reliable only in conjunction with other mechanisms. One of these mechanisms, which is associated with the mechanism of personal qualities, is elections.

Mass media and political technologies play an important role in the mechanism of the formation and development of political leaders. It is through

these institutions that political leaders are formed, electoral propaganda is carried out, and the struggle between various political forces.

Keywords: mechanism, political leader, mass media, political technologies, personal qualities, image, political parties, parliament, elections, separation of powers.

САҲМИ АСАРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ: “ЧЕҲРАҲОИ МОНДАГОР” ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Сироҷиддинзода М.М. –
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи
фанҳои ҷомеашиносии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ

Бузургонро бузургон зинда медоранд,
Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд…
Лоиқ Шералӣ

Аз нахустин даврони пайдоиши адабиёти форсии тоҷикӣ то ба имрӯз масъалаи худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ яке аз муҳимтарин рисолати аҳли қалам будааст. Бовуҷуди тағйири сиёсатҳо, инқилобҳои таърихиву истилоҳо ва таҳоҷуми фарҳангии аҷнабиён ин мавзӯъ меҳварияти худро дар матни адабиёти мо ҳифз кардааст. Аз устод Рӯдакӣ то Фирдавсӣ ва баъди ӯ масъалаи худшиносии миллӣ, ифтихори таърихиву фарҳангӣ ва ватандорӣ дар маркази таваҷҷуҳи шоирону нависандагон, давлатмардон ва муаллифони китобҳои адабию таърихӣ, будааст.

Масалан Фирдавсии бузургвор «Шоҳнома»-ро барои зинда доштани миллати куҳанбунёду тамаддунофар ва шахсиятҳои мондагори он эҷод намуд. (Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ…).

Мисоли дигар асари илмию адабии устод С.Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” шуда метавонад, ки аз як тараф барои муаррифии халқи тоҷик навишта шуда бошад, аз тарафи дигар барои баланд бардоштани ҳуввияти миллӣ саҳми арзанда гузоштааст.

Ин анъанаро Пешвои миллат ба камол расониданд, ки осори арзишманди он дар баробари аҳамияти илмиву адабӣ ва таърихӣ пуразриш маҳсуб мешаванд. Махсусан, асарҳои таърихии Пешвои миллат оид ба таърихи тамаддун, забон ва шахсиятҳои мондагори таърихӣ дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон нақши басо бузургу шоиста доранд.

Да ин радиф китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Чеҳраҳои мондагор” низ дар баробари арзиши баланди илмиву таърихӣ доштан дорои аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад. Китоби мазкур ифодагари таърихи пурғановати тоҷик буда, муаллиф дар бораи ҳаёт ва фаъолият, ҳамчунин, фидокориву ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаву далер, тадқиқоти ҷолиб бурда дар ниҳоди хонанда, эҳсоси худшиносӣ, худогоҳӣ ва ватандориро такмил медиҳад. Ин китоб бори дигар собит месозад, ки эътиқоду эътимоди Сарвари кишвар ба таърих, адабиёт ва фарҳанг – такягоҳи устувори миллат беандоза аст ва воқеаҳои таърихиро барои имрӯзиён дарси ибрат ва ҳаёт медонанд.

Пешвои миллат дар эҳёи таъриху фарҳанги миллӣ кӯшида, бо асарҳои безаволи худ аз бузургони гузашта ба некӣ ёд меорад ва мо таҷиконро аз ҳуввияти миллиамон огоҳ месозад. Маҳз чунин инсони бузург метавонад дарк кунад, ки омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти ин шахсиятҳои таърихӣ барои тарбияи наслҳо хеле пураҳамият буда, барои таҳким бахшидани пояҳои Истиқлолият ва поянда доштани ҳуввияту асолати миллӣ дар оянда амри зарурист.

Ҳамзамон, рушди фарҳангу маънавиёт ва тарбияи насли нав аз омӯзиши даврaҳои муайяни таърихӣ вобастагии калон дорад. Асарҳои иншо кардаи Пешвои миллат дар вуҷуди мо ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои наҷибу ҷовидонаи миллатро ҳамчун як рукни бисёр муҳимми истиқлолияти давлатӣ бедор карда, собит месозад, ки *“Мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба ҷомеаи мутамаддини демократӣ бо ҳуввият, арзишу анъанаҳо ва чеҳраву симои хоси миллии хеш, бо дастоварду комёбиҳо ва бозёфтҳои фарогири фарҳанги башарӣ ворид гардидем”*.

Аз хусусиятҳои хоси осори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин баёни воқеияти таърихӣ бо назардошти ҳамаи он бурду бохтҳои мавҷуда мебошад. Худ низ қайд намудаанд, ки “... мо набояд хизмати шахсиятҳои таърихиро аз будаш зиёд карда, ба иғроқ роҳ диҳем”. Чунин муносибати шарофатмандона ба воқеиятҳо арзиши таърихии асарҳои Пешвои миллатро аз сатҳи муқаррарӣ хеле боло бурда, дар баробари ҳисси эътимод инчунин ба хонанда имконияти васеъи ибратомӯзӣ ва таҳлилиро фароҳам меорад.

Пешвои миллат ҳамчун ҳомии миллати тоҷик бар пояи муаррифӣ намудани шахсиятҳои таърихӣ моро ба саҳифаҳои пурифтихори миллат ошно намуда, бо омӯзиши таҷрибаҳои гузашта имкон фароҳам меорад, то ҷойгоҳи мустаҳками худро дар ҷаҳони муосир пайдо кунем. Тавре Пешвои миллат зикр намудаанд: “Замони муосир моро водор месозад, ки баробари ифтихор доштан аз гузаштагони хеш дар арсаи зиндагии имрӯза қаҳрамонҳои корзори замонро ба воя расонем”

Дар баробари ин Пешвои миллат омӯзиши осори гаронбаҳои ин абармардони илму адабро барои имрӯзиён муҳим мешуморанд ва мавриди истифода қарор додани онҳоро дар амалияи ҳаррӯзаи иҷтимоию фарҳангии зиндагии худ зарур медонанд.

Пешвои миллат сарчашмаи ноби тарбияро дар омӯзиши ҳамаҷонибаи таърих аз ҷониби насли муосир медонад. Ӯ таъкид менамояд, ки дар камолоти инсон ва ҷомеа донистани таърихи гузашта, аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва дар ташаккули андеша ва тафаккури пешқадам мусоидат менамояд. Масалан, барои насли имрӯза донистани он муҳим аст, ки гузаштагони бонангу номуси мо дар ҳама ҳолатҳои тоқатфарсо, ҳатто таҳти тасарруфи дигар давлату халқият буданаш волоияти забону фарҳангашро пос медошт ва намегузошт, ки гавҳари ноби илму адаб ба дасти душманони миллат афтад. Омӯзиши ҳақиқати

таърихӣ ҷавонони моро аз бегонапарастӣ, инкори хидматҳои падарону модарон, беэътиборӣ ба равандҳои пешқадами ҷомеа бозмедорад ва дар тинати онҳо эҳтиром ва сипосмандиро нисбати ашхоси ватанхоҳу ватандӯст бедор месозад.

“Чеҳраҳои мондагор” беҳтарин намунаи осори таърихӣ, чӣ аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва чӣ аз назари сабку услуб ва шеваи таҳқиқ аст, ки дар зоти худ беҳамтост.

Аксарияти ин чеҳраҳои таърихӣ шахсиятҳои барҷастае мебошанд, ки дар тағйири куллӣ бахшидани таърихи аҳли башар, ё миллати сарбаланди тоҷик таъсири бузург расонидаанд. Махсусан, хидмати ин чеҳраҳои мондагор дар муаррифӣ намудани фарҳангу тамаддуни миллат дар арсаи ҷаҳонӣ назир надорад.

Аввалин чеҳраи мондагори таърихӣ дар китоби Пешвои миллат Куруши Кабир аст, ки дар тамаддуни ориёӣ ҳамчун асосгузори нахустин империя дар таърихи башар номбар мешавад. Дар заминаи сарчашмаҳои муътамади таърихиву археологӣ, Пешвои миллат собит месозанд, ки Куруши Кабир маҳз тавассути сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, сабку усул ва тартиби нави идоракунии давлат, адолатҷӯӣ, ободкорӣ ва муҳимтар аз ҳама, бо эҷоди эъломияи таърихии худ, ки нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст, шуҳрат дорад. Тақдири давлати муосири тоҷиконро муаллифи китоб ба тақдири давлатдории Куруш шабоҳат додаанд.

Воқеан, ин ҷо метавон дар мавриди сифатҳои ҳукуматдории Куруши Кабир ва Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сухан кард. Ҳамоҳангӣ ва монандии давлатдорӣ аз хусусият ва сифатҳои фардии онҳо аз қабили ифтихори ватандориву миллатпарварӣ, адолат ба мардум, масъулияти баланд дар назди тақдири Ватан ва соҳибони он, пуштибонии сулҳу ваҳдат ва монанди инҳо рӯи кор омадаанд.

Дар эъломияи Куруши Кабир, ки дар китоб навишта шудааст, эъломияи ин шоҳи кабир бо сатрҳое хотима меёбанд, ки дилу ният ва омоли Пешвои миллати моро ифода мекунанд: “Сулҳу оромиро ба тамоми мардум ато кардам”.

Сипас Пешвои миллат дар бораи чеҳраи мондагори дигари таърих Спитамен нақл менамоянд. Саргузашти Спитамен воқеан ибратбахш буда, дар тарбияи ҷавонони имрӯза таъсири бузург мегузорад. Муаллиф бо овардани лаҳзаҳои ҷоннисорӣ ва фидокориҳои Спитамен ҷанбаи тарбиявӣ ва ахлоқии асарро такмил бахшидаанд.

Пешвои миллат сарнавишти Спитаменро ба тариқи зайл маънидод мекунанд: “Ҳарчанд муборизаҳои шадиди истиқлолхоҳӣ ва ватандӯстии ниёгони мо таҳти сарварии Спитамен оқибат ба шикасту бебарориҳо дучор шуданд, корнамоиҳои бемислу монанди онҳо дар сафҳаҳои таърих то ба рӯзгори мо ба ёдгор мондаанд. Мо имрӯз корнамоиҳои Спитамени диловар ва ҳамсафони ӯро қадршиносӣ намуда, барои зинда доштани

номи нек ва хотираи бегазанди фарзандони фидоии Ватан ордени “Спитамен”- ро таъсис додем, ки он барои шуҷоату корнамоиҳои ватандӯстона ва идомаи анъанаи неки ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ ба ворисони воқеии ин марди қаҳрамон дода мешавад”.

Дар китоб ҳамчун чеҳраҳои мондагори таърихӣ як қатор суханварон ва олимони классик чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - қофиласолори адабиёти тоҷику форс, ки ба андешаи муаллиф шеъри ӯ пайвандгари наслҳои гузашта, имрӯза ва ояндаи миллати тоҷик аст, Абулқосим Фирдавсӣ – ситоишгари адлу ростӣ ва нуру хирад, ки бо вуҷуди марди мусулмон будан ҳаргиз таърихи пурифтихори халқи худро қурбони идеологияи ҷоҳилона насохтааст, Абуалӣ ибни Сино - мутафаккири абадзинда, ки дар тӯли умри 57 - солааш тавонист осори безаволу гаронбаҳое офарад, ки садҳо сол мавриди ниёзи ҳамарӯзаи олимону табибон қарор гирад, Носири Хусрав – суханвари бузург ва марди андеша, Шамси Табрезӣ - шахсияти бузург ва камназири олами ирфон, Ҷалолуддини Балхӣ – пайвандгари дилҳо ва тамаддунҳо, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ - таблиғгари фарҳанги сулҳ ва хостори ваҳдату субот, Камоли Хуҷандӣ - бунёдгузори кохи азими сухан, Абдураҳмони Ҷомӣ – пешвои ҳавзаи илмиву адабии Мовароуннаҳру Хуросон, Мирзо Абдулқодири Бедил - нобиғаи шеър ва пайвандгари ду кишвар, Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ - суханвари номвари адабиёти тоҷик муаррифӣ гардидаанд.

Инчунин дар ин китоб зиндагиномаи Қаҳрамонони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, ки зиндагонии ӯ худ қаҳрамонӣ буд, Нусратулло Махсум, ки аз назари Сарвари давлат ҷонфидои миллат маҳсуб меёбад, Шириншоҳ Шоҳтемур, ки ҳамчун офтоби зиёбахш дар таърихи Тоҷикистони навин тулӯъ намуд, Бобоҷон Ғафуров, ки олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ буд ва Мирзо Турсунзода, шоири бузург ва ходими маъруфи ҷамъиятӣ ба ҳисоб мерафт ва дар радифи инҳо Сотим Улуғзода ҳамчун мусаннифи таърихи пурфоҷиаи халқ зикр ёфтаанд. Ин ашхос, воқеан, дар бунёди Тоҷикистони навин, дифои ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон дар солҳои вазнини мавҷудияти миллат хидматҳои арзанда кардаанд, ки қадршиносии онҳо аз ҷониби Пешвои миллат аз эҳсоси баланди худшиносии ӯ дарак дода, барои ҷавонон дарси бузурги ибрат ва ҳикмат мебошад.

Китоби “Чеҳраҳои мондагор” дар ниҳоди хонанда муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба миллату забон, гузаштагони бонангу орро бедор мекунад ва дар густариши эҳсоси худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсири бузург дорад. Китоб баёнгари ҳадафҳои олии инсонӣ, аз ҷумла некиву некукорӣ, ҷавонмардиву фарзонагӣ, садоқату вафодорӣ буда, ба ҷавонони имрӯза дарси бузурги одамият медиҳад.

АДАБИЁТ:

1. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: “Ганҷ-нашриёт”, 2016. – 456 саҳ.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: “Ганҷ-нашриёт”, 2018. – 436 саҳ.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Мавлоно ва тамддуни инсонӣ. – Душанбе, 2007. – 220 саҳ.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам: рӯзгор, осор ва афкор. – Душанбе, “ЭР-граф”, 2009. – 416 саҳ.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Дар бораи дин. – Душанбе, - 2006. – 553 саҳ.

ХУСУСИЯТҲОИ ФАЛСАФАИ МАОРИФИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ IX-XIII ВА АҲАММИЯТИ АМАЛИИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

М. Тағоймурод –
ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII мисли дигар даврaҳои тамаддуни халқи тоҷик хусусият ва вижагиҳои ба худ хос дорад. Агар ба гузаштаи давлатдории тоҷикон - даврони Сомониён назар афканем, мебинем, ки ин сохти давлатдорӣ яке аз барҷастатарин ва камназиртарин даврaҳои таъриху тамаддуни халқи тоҷик ба шумор мерафт. Ин ҳама муваффақиятҳои сулолаи Сомониён дар натиҷаи ба роҳ мондани сиёсати дурусти идоракунии амирони Сомонӣ ва дар назар гирифтани усулҳои таълимию тарбиявии замони худ, ки дар осори гаронбаҳои намояндагони илму адаби ин давр, матраҳ шудааст, ба миён омадааст. Яке аз хусусиятҳои афкори маорифпарваронаи ин давра хусусияти инсондӯстӣ ва гуманистӣ доштани он мебошад. Ин масъала, пеш аз ҳама, дар осори аҳли илму адаби ин давр ба монандии Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Абубакри Розӣ, Закариёи Розӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Насирудини Тусӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигарон инъикоси худро ёфтааст. Равияи гуманистӣ дар назми тоҷику форс адабиёти классикии тоҷикро ба баландтарин мақому мартаба расонид. Дар асрҳои IX-XIII ақидаи гуманистӣ дар шакле маъмулу маъруф шуд, ки тавъам ба анъанаи фарҳангии ҳазорсолаи мардуми эронинажод буд. Ин масъала дар асарҳои як қатор муаррихон, файласуфон, адабиётшиносон ва забоншиносони дохилию хориҷӣ, аз қабили А.Е.Бертелс, А.М. Белинский, А.Н.Болдрев, И.С.Брагинский, Н.Неъматов, В.Никитина, Б.Ғафуров, А.Турсунов, Р.Масов, А. Корбен, М. Муин, Э.Табарӣ ва дигарон инъикос гардида, ҷиҳатҳои таваҷҷуҳманди ин падидаи фарҳангӣ, яъне анъанаи гуманизм дар асрҳои IX-XIII то андозае мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Дар асрҳои IX-XIII чи файласуфони алоҳида ва чи ҷараёнҳои томи фалсафӣ аз анъанаҳои фарҳангии гузаштагон, аз ҷумла зардуштию монавӣ, ки саршор аз афкори инсондӯстӣ буданд, илҳоми ғоявӣ гирифтаанд. Ба ин афкори инсонгароӣ, ки омили асосии хушбахтии ҷомеаҳо дар ҳар давру замон дониста шудааст, амирони Сомонӣ низ, ки ин давра салтанат рондаанд, арҷгузорӣ мекарданд. Амирони Сомонӣ бо ёрии вазирони кордон ва донишмандони даври худ низоми муайяни давлатдории худро дар шакли девонҳо ба роҳ монданд. Онҳо уламо ва донишмандонро сарҷамъ намуда, бо пайравони адёну мазҳабҳои мухталиф бо мудоро рафтор мекарданд. Замони Сомониён давраи ривоҷу

шукуфоии фарҳанги тоҷикон ва забони адабии форсӣ ва тамаддуни тоҷик ба ҳисоб меравад.

Албатта, саҳми Сомониён, ки аз Тоҳириён ва Саффориён пайравӣ мекарданд, ниҳоят бузург аст. Муҳаққиқи тоҷик Қ. Қодиров бо нақл аз Мақдисӣ, ки яке аз олимони аҳди Сомониён аст ва ба тамоми мамолики мусулмонӣ сафар карда буд, дар бораи шоҳону вазирони адолатхоҳи онҳо чунин менависад: «Абдуллоҳ, Тоҳири-II, Исмоил, Насри-II, вазирон Балъамӣ ва Ҷайҳунӣ аз байни шоҳону вазирон, феълан ва зоҳиран нисбат ба илму уламоҳо беҳтаринанд ва аҳли илмро маҷбур намесохтанд, ки замин бӯсанд. Дар ҳузури эшон тамоми моҳи рамазон маҳфилҳо ороста мешуд» [5,186] Ин ҷо сухан аз ҷамъомадҳои махсуси илмию адабӣ меравад, ки дар дарбори Сомониён барпо мешуданд. Дар ҳаёти маънавии замони Сомониён оид ба интишори донишҳои илмӣ, адабиёт ва санъат маҳфили илмии «Ихвон-ус-сафо», ки дар асри X фаъолият мекард, нақши муҳим мебозид. Шабакаи китобхонаи Бухоро бо номи «Савон-ул-ҳикмат» ва дуконҳои китобфурӯшӣ дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Марв, Кеш, Балх, Нишопур, Хуҷанд, Ҳулбук, Насаф, Истаравшан марказҳои бузурги илмию фарҳангӣ буда, дар пешрафти фарҳанги мардуми тоҷик нақши калон бозидаанд.

Бузургию хирадмандии мардуми Аҷам ва уламои онро муҳаққиқи тоҷик Н. Неъматов бо такя ба қавли ал-Ҷоҳид чунин шарҳ додааст: «Дар рӯйи замин нест санъати олӣ аз соҳаи адабиёт, фалсафа, ҳисоб, ҳандаса, мусиқӣ, ҳунармандӣ, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра, ки дар он хуросониён моваруннаҳриён набошанду бар донишмандони бузург ва олимони машҳур ғолиб наоянд». [3,57] Бо гузашти айёми таърихӣ дар мавзеъву ноҳияҳои дигари ҷуғрофӣ густариш ёфтани забону фарҳанги тоҷикон ба доираи ҷунбиши мадании онвақта тадриҷан қавму қабилаи бегона низ кашида шудаанд. Ин қавму қабилаҳо забону маданияти тоҷиконро пазируфта, баҳри ривоҷу равнақ ва такомули он кӯшидаанд. Ҳамаи ин муваффақиятҳои илмие, ки асрҳои зиёд мардумони олам аз он истифода менамоянду мояи ифтихори мо тоҷикон ба ҳисоб меравад, асосан дар асрҳои IX-XIII бунёдгузорӣ шудааст. Комёбиҳои бузурги илмии ин давра ба ғояҳои фалсафаи маориф ва низоми таълимию тарбиявии он вобастагӣ дорад.

Агар мо дар маҷмӯъ ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва хусусиятҳои онро ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ дида бароем, маълум мегардад, ки дар ин давра барои ҷомеъасозию шахсиятсозӣ нақши ғояҳои фалсафаи маорифи ин замон хеле бузург аст. Таълимоти мутафаккирону донишмандони ин давр, ки бар пояи усулҳои фалсафаи маорифи ниёгон бунёд ёфтааст, асосан тарғибу ташвиқи мавзӯи инсондӯстӣ буд. Ба қавли донишманди тоҷик А. Турсунов «Ҳамаи бузургони тоҷик дар замони Эҳёи Аҷам

ҳастӣ ва сарвати маънавии худро ба мавзӯи инсондӯстӣ бахшидаанд». [4,77] Бояд ёдовар шуд, ки ҷомеаи башарӣ то имрӯз аз анъанаи инсонгароии ниёгони мо, ки рӯйи принсипҳои бародарию баробарӣ, адлу инсоф, шафқату муҳаббат, муомилаи нек бо одамон, ғамхорӣ дар ҳаққи инсон, эҳтироми шаъну шарафи инсон ва ҳифзи арзишҳои инсонӣ устувор гардидааст, ба таври васеъ истифода мекунад. Насли навраси имрӯза бевосита зери таъсири тачрибаи садсолаҳо ғункардаи гузаштагони мо ба воя мерасанд ва дар системаҳои маорифи ҷаҳонӣ тачрибаи инсонгароёнаи гузаштагони мо васеъ истифода мешавад.

Таърих гувоҳ аст, дар ҷамъияте, ки низоми хуби фалсафаи маориф ба роҳ монда шудааст, қуллаҳои баланди тараққиёт фатҳ мегардад, чунки он ҳаракатдиҳандаи ҷомеа мебошад. Башарият ба шарофати мавҷудияти маориф ба дараҷаи баланди тамаддун расид. Бамаврид аст, агар гӯем, ки шояд дар ҷаҳон мисли тоҷикон чунин миллат кам пайдо шавад, ки бузургони илму фарҳанги он дар бораи тарбияи инсони комил асарҳои зиёди безаволи пур аз панду ҳикмат офарида бошанд. Андешаҳои таълимию тарбиявӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстӣ дар асарҳои устодони барҷаста ба монанди Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Носири Хусрав, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Соиб, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Иқбол ва боз даҳҳо нобиғаи бузурги тоҷик фаровонанд. Тавассути онҳо дар мактабу маориф тӯли солҳо аст, ки наслҳои гуногун тарбият ёфта, ба камол мерасанд. Мутафаккирон ва маорифпарварони тоҷику форс, ки дар асрҳои IX-XIII зиндагӣ кардаанд, хидмати бузургеро дар таърихи афкори фалсафаи маориф анҷом додаанд.

Яке аз хусусиятҳои фалсафаи маорифи маорифпарварони тоҷик, ки дар асрҳои IX-XIII эҷод кардаанд ва дар осори тарбиявии мутафаккирони ин замон зоҳир мешавад - ин фарогирии васеи масъалаҳои таълимию тарбиявӣ мебошад. Мутафаккирони тоҷик дар ин замон тамоми вижагиҳои таълиму тарбияро баён кардаанд, ҳатто, муносибати байни устод ва шогирдро низ матраҳ намуда, онро яке аз меъёрҳои асосӣ дар низоми таълиму тарбия донистаанд. Дар омӯзгор мавҷуд будани сифатҳои асосӣ, аз қабили донишмандӣ, ботамкинӣ, серғайратӣ, суботкорӣ ва ғайра таъкид шуда, вазифаи асосии омӯзгорон дар замири тарбиятгирандагон ҷой кардани тарбияи сифатҳои хуб ва решакан намудани сифатҳои манфӣ муайян шудааст. Дар назар гирифтани хоҳиш ва майли фитрии ҳар як нафари таълимгиранда дар раванди таълим яке аз усулҳои асосӣ дониста мешуд.

Тақсим шудани омӯзгорон ба риштаҳои гуногун, аз қабили омӯзгори динӣ, саводомӯзӣ, касбомӯзӣ, тарбияи баданӣ ва ғайра

аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар он замон донишҳо ба системаҳои муайян ҷудо шуда, ба онҳо муаллимони махсус вогузор шуда буданд, ки ин ҳам яке аз бартариҳои низоми таълимию тарбиявии фалсафаи маорифи он замонро нишон медиҳад.

Таҳқиқи масоили таълим ва тарбия дар ғояҳои фалсафаи маорифи мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ҳаминро нишон медиҳад, ки он асосан барои ташаккул ва инкишофи шахсият ва ба вуҷуд овардани «инсони комил» равона гардида, ин мазмун яке аз хусусиятҳои дигари ғояҳои маорифпарварии фалсафа ин давраро нишон медиҳад.

Масъалаи ташаккули шахсияти инсон аз масъалаҳои муҳимтарини замони имрӯза ба шумор меравад. Ин масъала натанҳо таваҷҷуҳи олимони замони имрӯзаро ба худ ҷалб кардааст, балки он масъалаи муҳимме ба шумор меравад, ки таърихи омӯзиши дуру дарозеро фаро гирифтааст. Ин масъаларо мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII низ мавриди баррасӣ қарор дода, нисбати паҳлуҳои гуногуни он андешаҳои муҳимму ҷолибро гуфтаанд. Ташаккули шахсиятро мутафаккирони тоҷик асосан, дар таълиму тарбия ва ба роҳ мондани усулҳои пешқадами таълимию тарбиявӣ дар оила, муассисаҳои таълимӣ ва муҳити иҷтимоӣ медонистанд. Зеро масъалаи таълим ва тарбияи насли наврас, дар ҳар як давраи таърихии инкишофи ҷамъият аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Аз ин ҷост, ки ин масъала диққати мутафаккирони тоҷикро ба худ ҷалб карда буд ва онҳо дар асарҳояшон ба ин мавзӯъ ҷиддан машғул шуда буданд. Бояд гуфт, ки ниёгони тоҷик ба воситаи асори гаронбаҳояшон, ки асосан масоили ташаккули инсони комилро дар бар мегирифт, мехостанд дар ҷомеа низоми таълимию тарбиявие ба вуҷуд оваранд, ки тавонад дар инсон хислатҳои комили шахсият, аз қабили фарҳангдӯсту башардӯст, ватандӯсту меҳнатдӯст, соҳибкасб ва дорои ахлоқи баланди инсониро тарбият намояд. Ин анъана аз насл ба насл гузашта, то ба замони мо омада расидааст. Ин ҳадафҳо дар системаи маорифи муосири ҷаҳонӣ пайгирӣ мешаванд ва дар сиёсати маорифи имрӯзаи мо низ ин ҳадафҳо амалӣ мегарданд.

Хусусияти дигари фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII дар он аст, ки меъёрҳои муқарраргардидаи он асосан бо дарназардошти вазъияти воқеии иҷтимоии он замон ба роҳ монда мешуд. Чунон ки маълум аст, дар ин замон асосан омезиши фарҳангу тамаддунҳои гуногун, аз қабили тамаддуни ориёӣ, исломӣ, юнонӣ, суриёнӣ, чинӣ, ҳиндӣ ва ғайра сурат гирифта буд. Дар чунин ҳолат ғояҳои фалсафаи маорифи мардуми тоҷик асосан, баҳри таълиму тарбия намудани афроде равона шуда буд, ки тавонанд барои ҳифзи фарҳангу арзишҳои миллӣ аз фарҳангҳои бегона талош кунанд. Амалӣ шудани ин мақсади олиро мо метавонем дар ҷомеаи тоҷику форс дар асрҳои IX-XIII мушоҳида кунем, зеро, чуноне ки маълум аст, маҳз натиҷаву самараи

низомҳои дурусти таълимию тарбиявии он замон буд, ки мардуми тоҷик дар мубориза бар муқобили фарҳангҳои бегона, аз ҷумла фарҳанги араб пирӯз шуда, арзишҳои миллию фарҳангии худро ҳифз намуданд. Илова бар ин, мардуми тоҷик дар он замон дастовардҳои бузурги илмию фарҳангии тамаддуни гузаштагони худро ба дигар халқу миллатҳо муаррифӣ кард. Албатта, барои амалӣ шудани ин мақсадҳои олӣ нақши ғояҳои фалсафаи маорифи ин давра, ки дар афкори таълимию тарбиявии маорифпарварони ин давр инъикос гардидааст, бениҳоят бузург аст.

Ҳамчунин, таълиму тарбия дар асрҳои IX-XIII ҷанбаи синфӣ надошт ва аз ин раванд тамоми табақаҳои ҷомеа метавонистанд бархурдор бошанд. Чунон ки маълум аст, дар ҷомеаҳои пешин, аз ҷумла замони Хахоманишиён ва Сосониён бо таъсири режими мубадӣ низоми табақоти ҳукумрон буд ва раванди таълиму тарбия низ аз ин низом ҷудо набуд. Дар раванди таълим на ҳама афроди ҷомеъа фаро гирифта мешуданд ва табақаи поёнӣ аз омӯзиш маҳрум буданд. Аммо ин ҳолат дар асрҳои IX-XIII ба тарзи дигар ба роҳ монда шуд. Дар ин давра таълиму тарбия барои тамоми табақаҳои ҷамъият пешниҳод карда мешуд. Ин ба хотири таъсиру нуфузи бештари ислом бар мардум нисбат ба режими мубадӣ буд. Ислом нисбат ба дигар таълимотҳо низоми табақотиро маҳкум мекард ва омӯзиши илмро ба ҳама табақаҳои ҷомеа ҳатмӣ медонист. Аз ин хотир, яке аз хусусиятҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII дар он аст, ки он вобаста ба талаботи замон ва дар пояи арзишҳои миллию исломӣ устувор гардида, омӯзиши табақотиро маҳкум карда, асосан баҳри фаро гирифтани тамоми афроди ҷомеа ба илмомӯзӣ равона шуда буд. Дар ин маврид муҳаққиқ ва маорифпарвари муосири тоҷик Р. Назаров чунин мегӯяд: «Дар ин давра фалсафаи маориф пурра дар асоси таълимоти исломӣ бунёд ёфта, он асосан баҳри тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули арзишҳои ахлоқӣ нигаронида шуда буд». [2,154]

Яке аз хусусиятҳои хоси фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ин мусоидат намудани низомҳои сиёсии ҳукмрони он замон ба маориф ва пуштибонии он аз тарафи давлатҳои миллии ин давра буд. Давлатҳои ташкилшудаи миллӣ, махсусан давлати Сомониён дар низоми идоракунии худ ба самти маориф таваҷҷуҳи зиёд доштанд ва барои рушди он ҳамаҷониба мусоидат мекарданд. Таъсиси марказҳои илмию фарҳангӣ, мактабу мадраса ва китобхонаҳо дар шаҳрҳои гуногун махсусан китобхонаи «Сивон-ул-ҳикмат» («Ганҷинаи ҳикмат») дар Бухоро аз сиёсати маорифпарваронаи ин давлатҳои миллӣ гувоҳӣ медиҳад.

Сиёсатмадорон ва амалдорони тоҷик дар асрҳои IX-XIII бо дарназдошти шароити ин давра афкори фалсафаи маорифро дар пояи таълимоти динӣ ва дунявӣ устувор гардонида буданд. Ин равиш дар рушду инкишофи ҷомеаи тоҷик дар ин давра мусоидат

кард. Бинобар ин истифодаи ин таҷриба дар системаи маорифи муосир хеле манфиатовар мебошад. Зеро таълими идеологияи дунявӣ ва динӣ барои яктарафа нарафтани таълимгирандагон дар раванди омӯзиш мусоидат карда, инчунин омили асосии мубориза бо идеалогияи хусусияти ифротидошта мегардад. Истифодаи ин усул дар системаи маорифи ҷомеаи абарқудрати имрӯза низ аз самарбахшии ин методи таълимӣ дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили хусусиятҳои фалсафаи маорифи тоҷику форс дар асрҳои IX-XIII натиҷагирӣ намуда, муҳимтарин хусусиятҳои онро метавон ба тариқи зайл баён кард:

- эҳёи усулҳои таълимию тарбиявии маорифи ниёгон;
- инъикоси ҷанбаъҳои инсондӯстӣ ва гуманистӣ;
- фарогирии васеи масъалаҳои таълиму тарбия;
- ҷудо шудани донишҳо ба системаҳои муайян ва вогузор шудани омӯзгорони тахассусӣ;
- ташаккули шахсият ва «инсони комил»;
- ба роҳ мондани низоми маориф бо дарназардошти вазъияти воқеии иҷтимоӣ ва талаботи замон;
- мусоидат намудани низомҳои сиёсии ҳукмрони он замон ба маориф ва пуштибонии онҳо аз маориф;
- аз байн рафтани таълими табақотӣ ва ба раванди таълиму тарбия ҷалб шудани тамоми афроди ҷомеа.

Дар натиҷаи таҳқиқоти ғояҳои фалсафаи маорифи мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва ошкор гардидани хусусиятҳои фалсафаи маорифи ин давра муайян гардид, ки;

- ақидаҳои маорифпарваронаи мутафаккирони тоҷик манбаи ғаниест, ки барои азнавсозии таълиму тарбия дар замони ҳозира ва дар амалия татбиқ намудани онҳо барои беҳтар гардидани низоми маориф мусоидат мекунад;

- барои омӯзиш ва татбиқ намудани ақидаҳои пешқадаму маорифпарваронаи ин мутафаккирон дар амалия бояд дар асоси осори онҳо воситаҳои таълимӣ тартиб дода шавад;

- фалсафаи маорифи миллии тоҷик, ки имрӯзҳо дар раванди ислоҳоти навин ва пайвастани он бо системаҳои пешқадами фалсафаи маорифи ҷаҳонӣ қарор дорад, бояд аз таҷрибаи бузургони гузаштаи худ дар самти таълиму тарбия ва андешаҳои маорифпарваронаи онҳо истифода намояд. Зеро истифода аз ин андешаҳои таълимию тарбиявӣ ва таҷрибаҳои пешқадам метавонад дар рушду ташаккули фалсафаи маорифи миллӣ мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Афзалов Х.С. Аз таърихи фалсафаи маорифи точик.-Душанбе: Ирфон, 2008.
2. Назаров Р. Философия качества образования (социально-философский анализ). – Душанбе: Дониш, 2011.
3. Н. Неъматов. Тоҷикон, Тоҷикистони таърихӣ, Тоҷикистони муосир. –Душанбе,1993.
4. Турсунов А. Эҳёи Ачам, – Душанбе «Ирфон», 1984. – С. 77.
5. Қодиров Қ. Таърихи тарбия аз аҳди қадим то замони Сомониён. – Душанбе, 2012.
6. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Ачам. Душанбе: Дониш, 1997.
7. Курбонов А.Ш. Философия образования таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 2010.
8. Файзалиев Дж. Х. Философия образования таджикско-персидских мыслителей средневековья и их ценность в развитии современной национальной педагогики. –Душанбе: Эр-Граф, 2014.

АННОТАЦИЯ

В статье рассматриваются особенности таджикской философии образования в IX-XIII веках и практическая значимость образовательного опыта таджикских педагогов того времени на современном этапе. На основании достоверных научных источников автор показал, что наиболее важными чертами таджикской философии образования в IX-XIII веках являются: возрождение педагогических и воспитательных методов образования предков; отражение человеколюбивых и гуманистических аспектов; широкий спектр вопросов образования и воспитания; разделение знаний на определенные системы и предоставление профессиональных преподавателей; формирование личности и «идеального человека»; внедрение системы образования с учетом реальной социальной ситуации и современных требований; способствование правящих политических систем того времени к образованию и их поддержка; исчезновение стратифицированного образования и вовлечение всех людей в учебный процесс.

Ключевые слова: Образование, философия образования, обучение, воспитание, учебное заведение, школа, учитель, ученик, гуманизм, формирование личности.

ANNOTATION

The article discusses the features of the Tajik philosophy of education in the IX-XIII centuries and the practical significance of the educational experience of Tajik teachers of that time in the modern time. Based on reliable scientific sources, the author showed that the most important features of the Tajik philosophy of education in the IX-XIII centuries are: revival of pedagogical and educational methods of education of ancestors; reflection of

the philanthropic and humanistic aspects; a wide range of issues of education and upbringing; separation of knowledge into certain systems and the provision of professional teachers; the formation of personality and "ideal human"; introduction of an education system taking into account the real social situation and modern requirements; the promotion of the ruling political systems of that time to education and their support; the disappearance of stratified education and the involvement of all people in the educational process.

Keywords: Education, philosophy of education, training, upbringing, educational institution, school, teacher, student, humanism, public person.

ҒОЯҲОИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Хоркашов И. С. –
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат,
Абдуллоева Л. М. – ассистенти кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

Масъалаи истиқлолият ва тадқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи он дар шароити ҳозира ба муҳимтарин мавзӯи пажӯҳиши илмию академӣ табдил ёфтааст. Бисёре аз падидаҳо ва равандҳои ҷомеа аз инкишофи муттасили истиқлолияти кишвар бар меояд. Масъалаи истиқлолият хосияти мушаххас дошта, ба макон, замон ва низоми муайяни арзишҳо пайваст аст. Аз тарафи дигар, истиқлолгароӣ яке аз категоряи махсуси сиёсатшиносӣ ба ҳисоб рафта, паҳлӯҳои мухталифи онро равшан менамояд. Таърихи истиқлолият якранг нест. Онро дар давраҳои мухталифи инкишофи таърихӣ ва мазмуну моҳияти гуногун шарҳу эзоҳ медоданд. Аз замони атиқа оғоз ёфта, то ба муҳаққиқони замони муосир андешаҳои пуразриш оид ба истиқлолияти сиёсӣ иброз доштаанд, ки моҳияти худро нигоҳ медоранд.

Назарияи истиқлолро ба таври мукаммал дар Эломияи Истиқлоли ИМА дучор гардидан мумкин аст, ки асосан аз тарафи Томас Ҷефферсон таҳия гардида, 4 июли соли 1776 ба расмият шинохта шудааст. Меҳвари асосии Эломияро озодии инсон чун қудрати асосӣ ташкил медиҳад.

Асоси Эломияи Истиқлолият ИМА – ро таълимоти суверенитети халқ ташкил менамояд. Дар он омадааст: *«Мо тарафдори ҳақиқате хастем, ки тамоми мардум баробар офарида шудааст ва онҳоро Худованд ба як қатор ҳуқуқҳои ҷудошаванда мушарраф гардонидааст, ки дар байни онҳо Ҳаёт, Озодӣ ва Хушбахтӣ мебошанд. Барои таъмини ин ҳуқуқҳо дар байни мардум ҳукуматҳо созмон дода мешаванд, ки ҳуқуқҳои одилонаи худро аз ризоият ҳукумронӣ кардан мегиранд ва ҳар вақте ки шакли ҳукумат ба ин талабот ҷавоб дода натавонад, маҳз халқ ҳуқуқ дорад, онро дигар ё бекор намояд ва ҳокимияти нав таъсис диҳад, ки ба Бехатарӣ ва Хушбахтии онро таъсири беҳтарин расонад». [2, с.3]*

Истиқлол ин ҳокимияти доимӣ ва ягонаи давлат аст. Вуҷуд доштани истиқлол, ягона нишонаи вуҷуд доштани ҳокимият мустақили давлатист ва бе истиқлолияти комил давлат фаъолияти мустақили сиёсиаашро ба роҳ монда наметавонад. [8, с.277]

Мутафаккирони замони гузашта, ки асосан ба донишҳои фалсафаи сиёсӣ такя менамуданд, истиқлолиятро дар сатҳи умумӣ ва комил мефаҳмиданд. Масъалаи истиқлолияти кишвар, ба мисли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеа ба таври зайл гузошта мешуд: қонунҳо ва

қоидаҳои рафтори одамон ва ҷомеаро, ки тағйир дода метавонад. Чигунагии ҷавоб ба саволи мазкур моҳият ва хусусиятҳои истиқлолиятро ошкор месохт. Ҳокимияти давлатӣ, ки нерӯи пешбарии истиқлолият ба ҳисоб меравад, бояд хосияти мазкури масъаларо дар назар дошта бошад. Фаъолияти он боиси тағйири муносибатҳо гардад. Давлат бояд кафили сохтори ҷамъиятӣ, муносибатҳои байни ҳамдигарии одамон, муносибатҳо байни умумиятҳои иҷтимоӣ танзимгари муносибатҳои байни халқӣ баромад намояд. [3, с.9]

Чуноне, ки мебинем дар айёми гузашта истиқлолиятро дар маънои мушаххас мефаҳмиданд. Фаҳми комилтари он ба давраи заволи муносибатҳои ҷомеаи асримиёнагӣ ва ташаккули давлатҳои миллӣ рост меояд. Синфи миёна ва табақҳои поёнии ҷомеа, ки истиқлолияти халқӣ ва конститутсионирo пуштибони менамуданд, баҳри шикасти ҳокимияти аристократӣ кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ доданд. Ба вуҷуд омадани давалатҳои зиёди миллӣ, махсусан дар Аврупо, асосан таҷассуми ғояҳои истиқлолияти давлатӣ буданд. Дар ин айём мақом ва нақши ҳаракатҳои озодиҳоҳии миллии Аврупо ва Амрикои мустамликавӣ хеле бузург буд. Масъалаи миллӣ, ки яке аз қисматҳои асосии истиқлолияти кишвар буд, аз ҳар вақта дида, баръоло ҳис мегардид. Аз ин ҷост, ки идеологҳои ҷомеаи сармоядорӣ принсипи миллиятро ба миён мегузоштанд. Мувофиқи он бояд ҳар як миллат соҳиби давлати худ мегашт.

Истиқлолият ду навъи асосӣ дорад: истиқлолияти дохилӣ ва истиқлолияти хориҷӣ. Ба истиқлолияти дохилӣ ғояҳои монархия, халқ, конститутсия, қонун, парламент ва ғайраҳоро мансуб медонистанд. Яъне, мавҷудияти чунин институтҳои сиёсиро шарти зарурии воқеъияти истиқлолият меҳисобиданд. Ба сифати шарти зарурияти истиқлолияти хориҷии кишвар бошад, ҳуқуқи комили давлатҳоро оид ба ҳалли масъалаҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ медонистанд. Донишварони замони гузашта, ки асосан ба донишҳои фалсафаи сиёсӣ такя менамуданд, истиқлолиятро дар сатҳи умумӣ ва аз назари замона комил мефаҳмиданд. Масъалаи истиқлолияти кишвар, ба мисли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеа ба таври зайл гузошта мешуд: қонунҳо ва қоидаҳои рафтори одам ва ҷомеаро кӣ тағйир дода метавонад? Чигунагии ҷавоб ба саволи мазкур моҳият ва хусусиятҳои истиқлолиятро ошкор месохт. Ҳокимияти давлатӣ, ки нерӯи пешбари истиқлолият ба ҳисоб меравад, бояд хосияти мазкури масъаларо дар назар дошта бошад. Фаъолияти он боиси тағйири муносибатҳо гардад. Давлат бояд кафили сохтори ҷамъиятӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии одам, муносибатҳои байни умумиятҳои иҷтимоӣ, танзимгар муносибатҳои байналхалқӣ баромад намояд. [4, с.206-207]

Дар шароити ҳозира низ моҳияти истиқлол дигар нашудааст, аммо дар мазмун ва хусусиятҳои он тағйиротҳои назаррас пайдо шудаанд. Пеш аз ҳама зарурати аз фаҳми радикалии истиқлолият даст кашидан, пайдо

гардидааст. Зеро, дар низоми сиёсии олам вобаста ба равандҳои глобалкунонӣ падидаю ҳодисаҳое ташаккул меёбанд, ки дар фаҳми классикӣ истиқлол намеғунҷанд. Давлати миллии муосир дигар ба монанди то замони глобалкунонӣ дар нисбати раванду ҳодисаҳои ҷомеа инҳисоре надорад. Зеро, дар баробари он дар низоми сиёсии олам актӯрҳое мақом ва ҷойгаҳи хосае пайдо кардаанд, ки онҳо низ дар ҳалли масъалаҳо ва таъмини рушди олам нақш офарида метавонанд. Бинобар ин, истиқлол аз доираи давлат берун гашта, хусусиятҳо ва вазифаҳои онро ниҳодҳои дигари сиёсӣ дар қатори давлат бо ҳам мебинанд. Давлати миллиро зарур аст, ки мақом ва нақши воқеъии актӯрҳои дигари сиёсати ҷаҳониро ба эътибор гирад.

Истиқлолияти сиёсӣ талаб дорад, ки давлат тамоми ҳуқуқҳо ва имкониятҳоро барои истифодаи ҳокимият дар ҳудудҳои хеш истифода намуда, рушди ҷомеаро таъмин созад. Давлат нафақат самтҳои стратегии ҷомеаро муайян менамуд, балки ҷараёни рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиро низ танзим менамуд. Чунин ҳуқуқи миллиро давлатҳои дигар эътироф ва эҳтиром менамуданд ва ба корҳои дохилии якдигар дахолат намуда, дурравӣ ва принсипҳо ва арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дониста шуда, нисбати субъектҳои моҷарогар ҳаргуна муҷозотро раво медонистанд.

Истиқлолияти сиёсӣ дар замони муосир мазмуни ба худ хосро гирифтааст ва дар баробари ин, нигоҳ ва фаҳмиши соҳибистиқлоли давлат аз тарафи оммаи мардум низ дар сатҳи пешина нест. Тамоми миллату халқияте, ки давлати мустақил доранд, кӯшиши такмилдиҳии истиқлолияти сиёсии хешро низ доро мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин масъала истисно нест. Миллати тоҷик, ки таърихи қадимаи тӯлонии давлатдорӣ дорад, барои такмили нигоҳдории истиқлолияти хеш камар бастааст.

Истиқлолгароӣ ҳамчун самти асосию муҳими инкишофи даврaҳои миллӣ бояд бо низоми сиёсии олам дар мувофиқа сурат гирад. Моҳият ва хусусиятҳои даврaи инишофи таърихии олам ба эътибор гирифта шаванд. Махсусан, равандҳои глобализм ва хосиятҳои асосии инкишофи он: моҳиятан дигаргун гаштани оқибатҳои иҷтимоии ҳам рушди давлати миллӣ ва ҳам равандҳои глобаликунонӣ; таҳдидҳои навини олам ва таъсири онҳо ба равандҳои истиқлолгароӣ ва гайра.

Соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистонро муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор додаанд ва хулосаҳои гуногун иброз менамоянд. Чунин сатҳи муносибат мансуб ба муҳақиқони ватанӣ низ мебошад. Андешае мавҷуд аст, ки «ба ҷуз Тоҷикистон чун кишварҳои дигари шӯравӣ ҳеҷ кас барои истиқлолият мубориза набурдааст». Ё андешаи дигар «мустақилият Тоҷикистонро ба талошҳои миллати тоҷик мепайванданд». Ҳаркатҳои аввалин нисбат ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ дар охири солҳои 80-ум ба вуқӯъ омада буд. Соли 1988 дар Ӯротеппа, Конибодом ва

Кӯлоб аввалин ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ ташкил гардиданд. Ин инттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсӣ паҳлӯҳои мухталифи ҳокимияти шӯравиро зери танқид қарор дода, мустақилиятро афзал дониста ва дар байни мардум чунин ҳолатро таблиғ менамуданд.

Пайдоиш, ташаккул ва ҳуввияти ҳар як халқу миллатро дар марҳилаҳои гуногуни таърих саргузашту сарнавишти он муайян месозад. Халқи тоҷик, ки дар тӯли таърих басо ҷафоҳо кашидааст, бурду бохтҳои худро аз давраи пайдоиш то кунун маҳз дар тарозуи таърих муайян мекунад. Ин амри табиист. Зеро, таърих оинаест, ки мо дар он мавқеи гузаштагонамонро дар масири таърих бо ҳама шаҳомат ва хорию зорияш дида, ба ҳусну қубҳи фаъолияти корбарии ӯ сарфаҳм рафта, ба ин восита қадаме ба сӯйи хештаншиносӣ ва худогоҳӣ ниҳода, ба дидаи ибрат дурнамои кишвару мардуми худро муайян карда метавонанд. [9, с.9]

Ошкор сохтани паҳлӯҳои мухталифи раванди истиқлолиятхоҳӣ муҳим ва зарур мебошад. Аммо дар шароити Тоҷикистон мавриди пажӯҳиш қарор додани давлати рӯ ба инкишоф роҳу воситаҳои муҳимтар мебошад. Зеро истиқлолияти комил имкон медиҳад, ки дар доираи муносибатҳои байналхалқӣ давлат талаботу манфиаташро беҳтару хубтар ҳимоя намояд. Дар чунин ҳолат назар ба масъалаи роҳу воситаҳо ба дастории истиқлолияти сиёсӣ даҳҳо маротиба масъалаи дарёфти роҳҳои таҳкими он аҳамиятноктар мебошад.

Доираи мухталифи андешамандон барои такмили истиқлолияти Тоҷикистон талош доранд. Зеро, дар амалияи ҷамъиятии Тоҷикистон омилҳои мухталифе ҳастӣ доранд, ки барои рушди истиқлоли Тоҷикистон монеаи ҷиддӣ мегарданд. Мо имкони дар як вақт ҳалли тамоми он монеаҳоро надорем. Пас бояд рӯ ҷониби он монеаҳое овард, ки хусусияти аввалиндарҷа ва унверсалиро доро мебошад, махсусан омилҳои зерин аз худ бештар дарак медиҳад: заифии қуввахои мудофиявӣ; сатҳи пасти зиндагии мардум; муҳоҷирати барзиёди аҳолӣ; амалҳои коррупсионӣ; инкишофи нокифояи иқтисодиёт ва дигар масъалаҳо.

«Аз рӯзи ба истиқлолият соҳиб гардидан сарзамини бостони мо ҳанӯз се чор моҳ нагузашта буд, ки халқи Тоҷикистон ба кашмакашиҳои хатари дар гаҳворааш нобуд гардидани истиқлолияти кишварамон пеш омада буд. Нерӯҳои ба ҳам мухолиф ба ҷони якдигар теғ кашиданд ва ҳазорҳо манзилу биноҳои маъмурӣ, корхонаю иншооти хадамоти омма харобу валангор карда шуданд». [9, с.127]

Чунин андешаҳои Э. Раҳмонов гувоҳӣ медиҳанд, ки дар воқеият каме зиёдтар ҷанги шарҳвандӣ давом мекард миллати тоҷик давлатдорияшро аз даст медод. Тоҷикон да тули таърих дар воқеият азобу шиканҷа дидаанд, аз ин ҷост, ки мебояд насли нав танҳо оиди рушди давлатдорӣ надеша намояду роҳҳои гуногуни онро ҷуяд. Инчунин боз як андешаи Э. Раҳмонов ҷолиб аст: *«Халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷианоктарин давраҳои таърихии хешро аз сар мегузаронад. Ҳақиқат талх*

аст, вале мо бояд иқрор шавем, ки қуввaҳои муайян сабабгори фоҷиаи миллат гардиданд. Дар натиҷа будан ва ё набудани ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо зери хатар монд. Ранҷбарону деҳқонон ва равшанфикрони миллат, ки дар фазои дӯстиву рафоқат бо ҳам мезистанд, гирифтори фишору таъқиб шуда, ниҳоят иҷборан ба даст яроқ гирифтанд. Натиҷаи ҷанги бародаркушӣ ба ҳама маълум аст. Даҳҳо ҳазор одамони бегуноҳ шаҳиду маҷрӯҳ шуд. Имрӯз халқи тоҷик дар Ватани худ номи гурезаро касб карда, садҳо ҳазор одамон бехонаву дар сарсону саргардон шуданд. Таърихи ёд надорад, ки халқи тоҷик хонаашро бо дасти худ оташ зада, деҳу деҳкада ва шаҳристонҳоро ба харобазор табдил дода бошад. Фоҷиаи падарон, модарон ва хоҳарону бародарони мо тамаддуни оламшумул ва фарзандони нобиғаи худ машҳури ҷаҳон гардида буд. Чаро ва аз баҳри чӣ ин фоҷиа ба сари халқ омад? Ҷавоби савол ба ҳама маълум аст. Мубориза баҳри мансабу ҳокимият. Ин мубориза бо кадом роҳ пеш бурда шуд, ба халқ маълум аст». [9, с.4]

Инчунин, оиди давлатдории тоҷикон шоирону зиёиён андешаҳои гуногун ибрози андеша намудаанд, ки якеи аз онҳо шоири барҷаста Лоиқ Шерали мебошад, ӯ оиди таърихи тоҷикон чунин менависад:

Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳеҷ замоне
Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина
Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидааст
Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих
Тоҷик зи роҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб
Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидааст. [11, с.43]

Дар воқеъият шоир шери аҷибе навиштааст ва ин нишонаи он аст, ки тоҷикон дар масири таърих басо азобу шиканҷа дидаанд, аз ин ҷост мебояд оиди ояндаи рушди давлатдорӣ андеша намуд.

Дар шароити ҳозира ҳар як шарванди Тоҷикистонро мебояд оиди ғояи миллие андеша намояд, ки тавонад такони пурзури рушди давлатдорӣ гардад.

Оиди масъалаи ғояи миллӣ андешаҳо зиёданд ва бештари онҳо хосиятӣ универсалӣ надошта, танҳо ба манифиати он давлатҳоеанд, ки мутафаккирон дар он минтақа руш намудаанд. Мисол, В.Н. Муравев чунин андеша дорад: «Ҷаҳиши сифатан бузургеро дар чеҳраи хеш дарк бояд кард, ки ба фаҳми, пеш аз ҳама дар маънои олӣ озоди ин сухан миллатгаро будан лозим, мувофиқ аст ва он инсонро ифода менамояд, ки баҳри хайрият халқу кишвараш кӯшиш намояд». [6, с.4] Яъне, Муравев ҳар як сокини давлатро баҳри рушди давлатдорияш даъват менамояд, ки маҳз милатгарой метавонад такони бузурги рушди давлатдорӣ шавад.

П.Б. Струв бошад қарзи ҳар як зиёиёнро чунин мешуморид: «Бо ҳаяҷону қатъият дар байни оммаи васеъи мардум ғояи миллиро ба сифати нерӯи беҳдошту муташаккилкунанда тарғиб намояд, ки бе он эҳёи халқ ва навсозии давлат номумкин аст». [10, с.144]

Умуман, мактабҳои гуногуни илми сиёсии Ғарб миллатгароиро хосияти мусбӣ дода, онро меҳаври асосии рушди давлатдорӣ медонанд. Барои мисол дар Энсиклопедияи британӣ миллатгароӣ чунин баён шудааст: миллатгароӣ ҳамчун садоқат ва дӯстдорӣ ба миллат ё мамлакат тавсиф менамояд, ки манфиятҳои миллӣ аз манфиятҳои шахсӣ ва ё гурӯҳи боло меистад. [12, с.552]

Инчунин, оиди масъалаи миллатгароӣ дар Луғати сиёсии амрикоӣ бе назар нест, дар он чунин омадааст: «Дар зери таъсири омилҳои беҳамтои маданӣ ва рӯҳбаландӣ дар байни халқи мазкур тавассути парастиши ҳиссиёти мансубияти умумӣ ба ин арзишҳо ташаккул ёфтаанд. Миллатгароӣ халқеро муттаҳид менамояд, ки хосияти умуми маданӣ, забонӣ, нажодӣ, таърихӣ ва географӣ ва тачриба дорад. Чунин хосиятҳо садоқати чунин умумияти сиёсиро таъмин менамояд». [13, с.545]

Оиди масъалаи миллатгароӣ мутафаккирони тоҷик низ андешаҳои зиёд доранд. Яке аз мутафаккироне, ки оиди масъалаи миллатгароӣ андешаҳои хеле ҷолиб менамояд устод Гулмаҳмад Зокиров мебошад. Эшон дар ҳама мақолаҳои илмияш марбут ба рушди давлатдории Тоҷикистон оиди миллатагроӣ ибрози андеша менамояд. [5, с.125-132] Устод масъалаи миллатгароиро яке аз категорияи асосии рушди давлатдорӣ шуморида дар яке аз масъалаи асосии рушди давлатдории Тоҷикистон маҳз миллатгароиро пешниҳод менамояд. Ӯ қайд менамояд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ фаъолият дорад. Тачрибаи таърихӣ исботи он аст, ки тамоми давлатҳои миллӣ маҳз таввасути ғояи миллӣ – миллатгароӣ ба низоми баландӣ миллатгарои расидаанд. Аммо фаҳми мафҳуми миллатгароӣ ва назарияи миллатгароӣ пурихтилоф аст. Аз сабабе, ки раванди миллатгароӣ дар шароити кишвари мо ва собиқ мамлакатҳои комунистӣ муносибати холисона наёфтааст, аз эҳтирофи рӯирости он мутафаккирон меҳаросанд. Ҳоло низ дар мақолаҳои ва асарҳои илмӣ миллатгароиро бештар аз назари манфӣ менигаранд. Аз истифодаи мусбати мафҳум ҳазар менамоянд. Ба он сифатҳоеро мансуб медонанд, ки гӯё маҳз онҳо барангезанда ва нерӯҳи мутаҳаррики пайдоиш ва рушди муқовиматҳои байналхалқӣ мегашта бошанд. Чунин муносибат бар зарари кор буда, дар сатҳи арзишӣ ба раванди таҳкими истиқлолияти миёсии кишвар таъсири манфӣ мерамонад, дар раванди инкишофи худшиносӣ ва таҳкими истиқлолияти миллӣ монеа мегардад». [3, с.125]

Яъне, ҳар як мутафаккире, ки оиди миллатгароӣ андешарони намудааст масъалаҳои марбут ба мӯҳити давлати хешро овардаанд. Агар сухан дар бораи тарзи фаҳмиши миллатгароии Зокиров Г.Н. равад мутафаккир оиди миллатгароии Тоҷикистон андешарони намуда паҳлӯҳои мусбии онро марбут ба сатҳи давлатдории Тоҷикистон масъалагӯзори намудааст. Аз ин хотир оиди андешаҳои Устод метавон хосияти мусбӣ дод.

Дар маҷмуъ, баҳри амалӣ намудани ғояи миллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зиёде дар пеш истодаанд. Аз рӯ ба андеши мо, бояд ҳар фарди ватандӯст дар пайравӣ бо Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кору пайкори созанда дошта бошад ва дар пешравии давлатдории миллӣ саҳми арзишманди хешро гузорад.

АДАБИЁТ

1. Абдулҳақов М., Манфиятҳои миллӣ-омили меҳварии рушди давлатдорӣ.-Душанбе, 2008.
2. Декларация независмости.-М.:ТОО «Ла Пред», 1992.-С. 3.
3. Зокиров Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ.-Душанбе, 2006.-С. 9.
4. Зокиров Г.Н. Давлат.-Душанбе., 2012.- С. 206-207.
5. Зокиров Г.Н. Миллатгароӣ чист ва миллатгаро кист?//Ҳафтганҷ, 1998.-№2;
6. Муравьёв В.Н. Национальная идея //Независмоя газета, 1993. 13 янв.
7. Кентавр, 1994. №1.-С. 13.
8. Политология: Словарь-справочник. Под. реда. М.А. Василик, М.С. Вершин и др.-М., 2001.-С. 277.
9. Раҳмонов Э. Тоҷикистон даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ . Ҷилди дуюм.- Душанбе.,2001. С. 3
10. Струв П.Б. Исторический смысл руской революции и национальные задачи//Из глубы.-М.,1990.-С. 250.
11. Шералӣ Л. Таърих гувоҳ аст….(Куллиёт, ҷилди 1). Хуҷанд., 2001.- С. 43
12. The New Encyclopedia? Chicago, London, Vol.8, p. 552.
13. The American Political Dictionary, 1993, Nint Elition, New York, p. 545

АННОТАЦИЯ

Важно и необходимо определить различные аспекты процесса независимости. Однако в контексте такой развивающейся страны, как Таджикистан, необходимы исследования и более важные инстркменты. Потому что полная независимость позволяет государству лучше защищать свои потребности и интересы в международных отношениях. В этом случае вопрос поиска путей усиления политический независимости становится в десять раз важнее, чем вопрос путей и средств достижения политической независимости. Различные круги мыслителей пытаются повысить независимость Таджикистана. Таджикский народ, много пострадавший на протяжении истории, также определяет свои победы и поражения с момента своего возникновения до наших дней на весах истории.

ANNOTATION

It is important and necessary to identify the various aspects of the independence process. However, in the context of a developing country like Tajikistan, research and more important tools are needed. The Tajik people, who have suffered a lot throughout history, also determine their victories and defeats from the time of its emergence to the present day on the scales of history.

ЭЪТИМОДИ ХАЛҚ - КАФОЛАТИ ПИРЎЗИҲОИ МОСТ

Абдуллозода С. –
узви Кумитаи иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон,
муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон

Фирдавсии бузургвор дар «Шоҳнома»-и безаволи хеш оид ба шоҳи одил Нӯшервон ва вазири хирадманди ӯ Бузургмеҳр маълумот дода, дар абёти равоне мазмуни зеринро дарҷ кардааст: «Дарахте, ки дар ҷаҳон пойдор аст ва ҳосили он ҳамаро нофеъ бувад, дарахти хирад аст. Нахустин меваи ин дарахт дили инсон аст, ки шахсро ба олами нузҳату накӯӣ ва бунёдкориву созандагӣ ҳидоят мекунад. Инсони хирадманд ба халқ хидмат карданро рисолати худ медонад, ки ин арзиши олӣ ва беҳамтост».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияти таърихие ҳастанд, ки барҳақ, дил ва шуурашон мамлӯъ аз хирад аст. Хирадмандӣ, такя ба нерӯи тавонои халқ, шуҷоату далерӣ, олиҳиммативу баландназарӣ ва дар айни замон фурӯтанию хоксории ин фарзанди номдори халқ миллати соҳибдилеро ба худаш шиносонд ва Тоҷикистони моро ҳамчун давлати қудратманду сулҳпарвар ба аҳли олам муаррифӣ кард. Мақсаду мароми ҳизбе, ки сарвариашро ин шахсияти вологуҳар ба зимма доранд, парвариш намудану ба бор овардани дарахти хирад дар дилу вуҷуди ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ мебошад, дарахте, ки имрӯзу фардо ҳамагон аз меваи он баҳравар хоҳанд шуд.

Некӯаҳволии халқ, рушди бемайлони ҷомеа, адолати иҷтимоӣ, таъмини волоияти қонун, баланд бардоштани шукӯҳу шаҳомати Тоҷикистон аз нахустин вазифаҳои ҳизб буданд ва минбаъд низ боқӣ мемонанд. Маҳз ана ҳамин ҳадаф ва мақсадҳои олӣ буданд, ки дар кутоҳтарин фурсат Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон худро чун ҳизби пешбари ҷомеа муаррифӣ намуд ва имрӯз бешак ҳар яки мо-ҳизбиёнро мебояд, ки қудрати бунёдкоронаи худро ба татбиқи ҳадафҳои ҳизбамон равона карда, саҳмгузор будани худро дар пешрафти ҷомеа, татбиқи демократия ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум ба беҳтарин ваҷҳ собит намоем. Мо вазифадорем, ки хушбин бошем, ба ояндаи дурахшони миллату Ватан эътимоди қавӣ дошта бошем ва дар ин роҳ садоқатмандона заҳмат кашем.

Зеро, ки давлатдории навини тоҷикон, ки имсол мо 29-солагии соҳибистиқлолии онро ҷашн гирифтем, ба шеваҳое зуҳур карда истодааст, ки барои наслҳои имрӯзу фардо ибратомӯз аст.

Омӯзиши таърихи ҳизб ва бо нигоҳи воқеӣ баҳо додан ба он имкон медиҳад, ки як давраи таърихи кишвар аз бисёр ҷиҳатҳо таҳқиқ карда шавад. Воқеан, таҳқиқ ва тадқиқи ҳақиқатнигоронаи таърих рисолати инсонӣ ва шаҳрвандии ҳар шахси худогоҳ аст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, чун зодаи истиқлолияти кишвар, тавонист дар ин марҳила дар майдони сиёсӣ мавқеи устувор ва ҷонибдорони зиёди худро дарёбад. Ҳизби мо бо муқаддастарину олитарин ормонҳои давлатдорӣ ва фаъолияти бунёдкоронаи хеш ба як созмони ифодагари ниёзҳои мардум табдил ёфтааст.

Қобили таваҷҷеҳ аст, ки бо гузашти солҳо ғояҳои мардумпарваронаи ҲХДТ бештар оммавӣ мегарданд ва теъдоди аъзову ҷонибдорони он бештар аз пештара тамоюли афзоиш дорад.

Ба қавли шоири зиндаёди ёвонӣ Убайдуллои Ширин:

Ба рӯзи сахти ин Ватан,
Ба рағми маргу бандагӣ.
Ҳама камар бубастаем
Ба номи ишқу зиндагӣ.

Сафои мо – сафои халқ,
Бақои мо – бақои халқ.
Шиори мо, умеди мо
Бувад ҳама барои халқ, барои халқ,

Нигоҳи халқ диди мост,
Дуруди ӯ навиди мост.
Садои якмаромиаш
Фурӯғи мо, калиди мост.

Чу дар вафост ҳизби халқ,
Дирафши мост ҳизби халқ,
Миёни мову насли мо
Чу раҳнамост ҳизби халқ.

Шараф!
Шараф ба халқи олишон!
Ки ҳизби мо навои ӯст,
Зи ҳар диле ба ҳар канор
Садои ӯ, садои ӯст! Садои ӯст!

Оре, яке аз принсипҳои муҳими ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва демократӣ гуногунандешии мафкуравӣ ва сиёсӣ мебошад. Ба эътибори ҳамин принсип Тоҷикистон низоми бисёрҳизбиро пазируфтааст ва имрӯз мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар қаламрави кишварамон ҳафт ҳизби сиёсӣ дар фазои озод, сулҳу салоҳ ва ваҳдату якдигарфаҳмӣ фаъолият доранд. Озодона ва дар асоси Оинномаву Барнома ва ҳадафҳои худ фаъолият

доштани ҳизбҳои сиёсиро метавон тантанаи демократия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номид.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бисту шаш сол муқаддам зери шиори «Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!» ба майдони сиёсат ворид гардида, дар муддати начандон тӯлонӣ садоқати худро ба муқаддасоти миллӣ ва арзишҳои озодиву баробарҳуқуқӣ ва ошкорбаёниву демократия сарбаландона собит намуд ва имрӯз бо боварии комил ба ояндаи дурахшони Ватан ва бо умеди баровардани ормонҳои миллӣ тамоми тадбирҳои имконпазирро амалӣ сохта истодааст.

Он таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди бунёди ҷомеаи демократӣ нақш ва мавқеи хоса дорад ва бо татбиқи ҳадафҳои барномавии худ баҳри таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, ободиву шукуфоии Ватани азизамон пайваста талош меварзад. Ҳамин аст, ки пайванди миёни ҳизб ва мардум, ҳизб ва ҷомеа дар ин муддат на танҳо устувору побарҷост, балки сол то сол, давра ба давра қавитар мегардад.

Ҳадафҳои созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки аз ормонҳо ва ҳадафҳои мардумӣ маншаъ гирифтаанд,бо гузашти айём арзиши волотар касб намуда, ба мақсаду мароми миллати шарафманди тоҷик табдил меёбанд. Сокинони мамлакат роҳи расидан ба зиндагии шоистаро дар татбиқи ҳадафҳои хирадмандонаи ин ҳизб ва Роҳбарияти Олии ӯ мебинанд. Воқеан ҳам, имрӯз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба як ташкилоти тавоное табдил ёфтааст ва метавонад халқи кишварро ба фатҳи қуллаи мурод раҳнамоӣ кунад.

Фаъолияти созанда ва ҳадафҳои тараққихоҳонаву инсондӯстонаи Роҳбарияти Олии ҲХДТ, Пешвои миллат, ки ҷавҳари онро таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ташкил медиҳанд, дар шароити имрӯзаи ҷаҳони пуртазод аҳамияти бештар касб намудааст. Ба ибораи дигар, ҳоло мардуми аз ҷиҳати бунёдӣ, фитрӣ ва мафкуравӣ сулҳхоҳу ободкори кишвар бараъло мушоҳида мекунад, ки ҳадафу ормонҳои ин ҳизб бо ҳадафу ормонҳои ӯ мувофиқанд.

Дар замони ҷаҳонишавӣ, бархӯрд ва омезиши тамаддунҳову фарҳангҳо, яъне дар замоне, ки мо умр ба сар мебарем, фарқ кардани иттилооти созанда аз сӯзанда, ҷудо намудани асл аз ғараз ва нек аз бад барои қишрҳои гуногуни ҷомеа, бахусус, ҷавонон хело мушкил шудааст. Таҳлили воқеаву ҳодисаҳои ҷаҳони муосир,муноқишаҳои мусаллаҳонаи бисёр давлатҳо нишон медиҳанд, ки қуввахои ғаразноки сиёсӣ, аз он ҷумла ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, метавонанд дар ҳар соату дақиқа фазои орому осудаи дилхоҳ кишвару минтақаро халалдор намоянд.

Дар чунин марҳилаи ҳассоси таърихӣ ҳама аъзо ва ҷонибдори Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва умуман ҳар як сокини мамлакатро

шарт ва зарур аст, ки аз ҳарвақта дида бештар талоши ватанхоҳона дошта бошанд, худшиносу худогоҳ ва ҳамқадами замони муосир бошанд.

Мо бояд бошуурона дарк намоем ва асло фаромӯш насозем, ки сарбаландиву саодати мо дар асоси осудагиву сарсабзии Ватан бунёд меёбад. Аз ин рӯ, сарҷамъу муттаҳид будан дар атрофи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳизбе, ки роҳбарии онро ин фарзанди фарзонаву дилсӯзи миллат ба уҳда дорад, метавонад мову кишвари моро дар муқобили ҳама ақидаҳо ва нақшаҳои харобкоронаи қуввaҳои худхоҳу манфиатҷӯ устувору муқтадир гардонад ва ба фатҳи марҳилаи навини давлатдорӣ ҳидоят намояд.

Сокинони ноҳияи Ёвон, ки аз ибтидо худро ҳамчун мардуми ватанпараст ва ҷонибдори қавииродаи сохти конститутсионӣ муаррифӣ кардаанд, дар давоми 26 соли фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба ҳайси аъзо ва ҳаводорони ин ташкилоти бонуфуз баҳри амалӣ гардидани мақсаду мароми халқпарваронаи он садоқатмандона саъю талош варзида истодаанд. Ин аст, ки сол то сол дар пайравӣ ба корҳои созандагии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноҳияи Ёвон руш намуда, ба ифтихори 30 солагии Истиқлолияти давлатӣ корҳои созандагиву бунёдкорӣ мароми тоза дорад.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои ҳизб, мусоидати фаъол доштан дар рушди бонизоми кишвар ва саҳми арзанда гузоштан дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мо зимни таълифи ин китоб кӯшиш намудем, ки роҳи тайнамудаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ёвон ва кору пайкори аъзои онро рӯи коғаз биёрем, то барои насли ҷавон ва аъзои имрӯзаву ояндаи ҳизб мояи ибрат ва боиси иқдомгириҳои тоза гардад.

Мусаллам аст, ки миллати тоҷик дар давраи навини давлатдории худ бори дигар аз имтиҳони ҷиддии таърих гузашта, бо талошҳои фидокоронаи Пешвои миллат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рукнҳои бунёдии истиқлолияти давлатиро побарҷо намуд, ваҳдати миллиро ба вуҷуд овард ва имрӯз дар роҳи пешрафту тараққӣ қарор дорад.

Истиқлолияти давлатӣ барои фаъолияти озодонаи шаҳрвандон заминаи созгор фароҳам овард. Шаҳрвандони Тоҷикистон дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” ҳуқуқ доранд озодона фаъолияти сиёсӣ намоянд. Шаклҳои асосии иштироки мардум дар ҳаёти сиёсӣ тариқи аъзо шудан ба ҳизби сиёсӣ ва иштирок дар интихоботҳо амалӣ карда мешаванд.

Дар ҳама давру замон ҳизбҳо ва ё гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ба раванди ҳаёти ҷомеа таъсири назаррас доранд.Ҳизби Халқии Демократии

Тоҷикистон дар айёми ҷанги дохилии кишвар таъсис ёфта, аз рӯзи аввали ба майдони сиёсӣ ворид гаштанаш бо такя ба қудрати зеҳнӣ ва масъулиятшиносии аъзои худ дар раванди созандагиву бунёдкории ҷомеа нақши бориз гузошта омада истодааст.

Ҳамин аст, ки мардуми кишвар дар симои Роҳбари ҳизби мазкур-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати пешгирифтаи ин ҳизбро ҷонибдорӣ карда, бо узвияти худ қудрати рӯзафзуни онро таъмин менамоянд.

Ба таърихи ташаккули ҳизб таваҷҷеҳ намуда, мебинем, ки идеяи ташкил намудани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон нимаи аввали соли 1993 аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод шуда, бо ҳамин мақсад кумитаи тадорукотӣ ташкил гардидааст.

10 декабри соли 1994 Анҷумани муассисони ҳизб дар бораи ташкилёбии Ҳизби Халқии Тоҷикистон қарор қабул кард, Оиннома ва Барномаи онро тасдиқ намуд ва ин ҳизб 15 декабри соли 1994 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд.

Мақсад аз созмон додани ҳизби мазкур ҳимояи ҳамаҷонибаи манфиатҳои шаҳрвандони мамлакат ва муттаҳид намудани тамоми нерӯҳои пешқадам ва тавонои ҷумҳурӣ ба хотири таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян гардида буд.

Ҳизби Халқии Тоҷикистон аз ҷиҳати он ки ҳифзи арзишҳои миллӣ ва бунёди ҷомеи навини шаҳрвандиро мароми худ эълон намуд, дар як муддати кутоҳ ба ташкилоти бонуфуз ва тавоно табдил ёфт. Аъзои ҳизб бо ҳисси баланди ватандорӣ аз қадамҳои нахустин ба амалисозии ҳадафҳои мардумии худ пардохта, ҷиҳати баровардани ҷумҳурӣ аз буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ анҷом додани иқдомҳои мушаххасеро пешниҳод менамуданд.

Ҳизби Халқии Тоҷикистон 25 июни соли 1997 дар Анҷумани 3-юми худ номи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро гирифт.

ҲХДТ татбиқкунандаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, таъмини манфиатҳои миллӣ, озодӣ, амният, субот, шароити мусоиди пешрафту тараққӣ ва рушди кишварро ҳамчун субъекти мустақили низоми навини робитаҳои байналхалқӣ дар мадди аввал мегузорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо амалисозии як қатор барномаҳо оид ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ, варзишию маишӣ ба пешрафти мамлакат суръати тоза бахшид, ки дар ин раванд нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон хеле барҷаста ва намоён аст.

Воқеан имрӯз кишвари Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо бо сарварии муаззаму Пешвои хеш бо ташаббусҳои оқилонаву одилонаи хеш дар арсаи ҷаҳон ҳамчун як давлати ташаббускор шинохта шудааст.

Дар ин ҷода мусоидат ба татбиқи фарогири Даҳсолаи мазкур, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон ва бо иттифоқи оро аз ҷониби Маҷмаи Умумии

Созмони Милали Муттаҳид эълон гардид, боиси хушнидии тамоми мардуми Тоҷикистон аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускор ва пешсифати фаъоли ҳалли масоили глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардидааст.

Дар ин ҷода мусоидат ба татбиқи фарогири Даҳсолаи мазкур, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон ва бо иттифоқи оро аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардид, яке аз вазифаҳои муҳими давраи наздик ба шумор меравад.

Боиси ифтихору сарфарозӣ аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳму ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар масъалаҳои ҷаҳонии об қадрдонӣ карда, ӯро аз байни роҳбарони 193 кишвари аъзои СММ ба Панели сатҳи баланди 15 нафара, ки ҳама роҳбарони ташаббускорро дар масъалаҳои об мебошанд, интихоб намуд. 14 нафари дигари ба узвияти «Панели сатҳи баланд роҷеъ ба об» интихобшуда роҳбарони давлатҳои Чин, Ҳиндустон, Нидерландия, Маҷористон, Мексика, Сингапур, Австралия ва дигарон мебошанд.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод гардидани Даҳсолаи нави байналмилалии “Об барои рушди устувор” ва аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид дастгирӣ ёфтани ин ташаббуси инсонпарварона барои ҳар як фарди тоҷикистонӣ боиси ифтихор аст.

Мо ҳама хуб медонем, ки масъалаи ба истифода дода шудани агрегати дуюми НБО Роғун ба мавзӯи рӯз табдил ёфтааст. Ҳар сокини кишвар новобаста аз миллату наҷод ва дину оин ба ин масъалаи ҳаётан муҳими диёр таввақҷуҳи хоса дорад.

Пешвои муаззами миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мисли фурeuи нур ба дили мардуми кишвар ва тоҷикони ҷаҳон нуру зиё, равшанию сафо ва ба тафаккури мардум умеди ояндаро бедор месозад. Ҳар як қаҳрамониҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо бунёди пулу роҳҳо, корхонаҳои азими саноатӣ, мактабу маориф, белохира неругоҳҳои азими аср нишона аз ояндаи дурахшони Тохикистон аст.

Даъватҳои Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушду таҳкими асосҳои демократии кишвар ва шиори «Барои созандагӣ ва рушди босуботи Тоҷикистон» самти асосии фаъолияти ҳизб эътироф гардидаанд ва умед аст, ки бо дастгирии мардуми тараққипарвари диёр ҳама ҳадафҳои бунёдкоронаи он амалӣ хоҳанд шуд.

Нуктаи бисёр муҳим дар фаъолияти ҳизбӣ таваҷҷуҳ ва дастгирии бевоситаи занон мебошад. Ин дастгирӣ танҳо дар сухан ва қоғаз нест ва мо занон инро бевосита дарк мекунанд.

Зеро маҳз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занонро пуштибонӣ мекунад ва барои баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа ҳам заминаҳои ҳуқуқӣ ва ҳам иҷтимоӣ созмон додаанд. Имруз мактаби захираҳои ҳизбӣ барои бонувон имконияти воқеӣ барои интихоб ва таъин шуданро ба вуҷуд овардааст. Ҳизби халқи демократии Тоҷикистон ҳизби амал буданашро исбот намудааст.

Ҳамин аст моҳияти халқӣ будан, дар байни мардум будан. Ҳизбҳои дигар низ даъво мекунанд, ки барои баробарҳуқуқии занону мардон кушиш мекунанд, вале дар амал бинем чӣ? Нест. Агар чунин мебуд, аз ҳисоби занон раисони ҳизб дар маҳалҳо таъин мекарданд, дар руйхатҳои пешазинтихоботӣ номи занонро дар қатори аввал ҷойгир мекарданд. Мо онҳоро танқид намекунем, ин ҳуқуқро ҳам надорем. Танҳо воқеиятро таъкид мекунем. Аз ҳисоби бонувон дар шохаи қонунгузори кишвар 12 нафар интихоб гардидан, 7 нафар дар Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олӣ муаррифӣ шудани занҳо, инчунин дар маҷлисҳои халқии вилоятиву шахриву ноҳиявӣ интихоб гардидани онҳо ин ҳама пиёда сохтани баробарҳуқуқии гендерист.

Мо дар фаъолияти ҳаррӯзаи таблиғоти- ташвиқотӣ ин масъалаҳоро зикр мекунем ва бо эътимод ҳастем, ки шумораи занон дар шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ аз ин ҳам бештар меафзояд ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик мешавад.

Занону модарони кишвар дар паҳлуи кормандони масъули ҳизбӣ меистанд. Таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, эълон гардидани солҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ онҳоро атрофи ҳизб сарҷамъ оварда истодааст. Барномаҳои зиёди дастгирӣ барои бонувон имконияти бо кори хонагӣ машғул шудан, онро эҳё кардану ривоҷ додан, имтиёзҳои қонунӣ муҳайё кардан ба манфиати занон аст. Бинобар ин сафи ҳизб аз ҳисоби бонувон меафзояд.

Мо занон ҳамеша дар татбиқи идеяҳои бузурги низоми давлатдории миллӣ, ки аз ҷоноби Пешвои муаззами миллат муаайян гардидаасд ва амали намудани ҳадафҳои оинномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамеша саҳмгузор хоҳем буд ва инро ба Пешвои муаззами миллат, қавл медиҳем. Тамоми дастуру ҳидоятҳо ва роҳнамоииҳои ҲХДТ-ро барои саодати миллат, пешрафти Ватан, зиндагии шоистаи мардум ва таҳкими пояҳои давлат нигаронида шудаанд.

Озодӣ, сулҳу осоиштагӣ, амният ин вожаҳои муқаддас барои занону бонувон аст ва эҳтиёт кардани он, ба қадраш расидан масъулияти ҳар як ҳамватан бошад ҳам, занон даҳчанд вазифадоранд. Ҳизби халқи демократии Тоҷикистон дар баробари дигар институтҳои ҷомеа бароии пирузии ақли солим, устувории давлати демократии ҳуқуқбунёд, сулҳу субот, рушди иқтисоди кишвар саҳм мегузорад.

ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ЗОДАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ АСТ

Раҷабова Р. Ш. -
ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ

Пас аз пошхӯрии ИҶШС дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Тоҷикистон Истиқлолияти Давлатӣ ба даст оварда, ба эъмори сохторҳои нави ҳокимият пардохт. Дар Тоҷикистон ҷомеаи бисёрҳизбӣ ба вуқуъ пайваст. Вале, бисёре аз созмонҳо ва иттиҳодияҳои ба вуҷудомада, характери маҳалгароӣ ва мазҳабӣ доштанд ва маҳз ҳамин боиси оғоз гардидани рақобатҳои сиёсӣ ва маҳалгароӣ шуд, ки оқибат зиёда аз яксаду панҷоҳ ҳазор нафар қурбони ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 гардиданд. Ҳамин тариқ, дар аввали солҳои 90-уми қарни XX дар ҷумҳурӣ даҳҳо ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ пайдо шуда, ба фаъолият пардохтанд.

Дар ташаккули низоми бисёрҳизбӣ қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» ва «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», ки моҳи декабри соли 1990 ба тасвиб расида буданд, мусоидат намуд.

Соли 1993 аз ҷониби Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идеяи ташкил кардани Ҳизби Халқии Тоҷикистон пешниҳод шуд ва 12 июни соли 1993 кумитаи тадорукоти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташкил гардид. Ва ниҳоят 10 декабри соли 1994 Анҷумани муассисони ҳизб дар бораи ташкилёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қарор қабул намуда, Оиннома ва Барномаи онро тасдиқ кард.

Барои давлати тозабунёди тоҷикон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва дар баробари ин ба таҳдиди нобудшавӣ дучор гардида бисёр мушкил буд, ки самтҳои асосии фаъолияти худро муайян созад. Яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва махсусан Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳалли масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии мамлакат ва ҷомеаро дар бар мегирад. Баҳри ба ин ҳадаф расидан Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар зеҳну шуури насли наврас ҳисси баланди худшиносиву ватандӯстӣ, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонунро доимо тарбия менамояд, то онҳо дар оянда ҳамчун фарзандони шоиста кору пайкори насли имрӯзаро идома бахшида, Ватани азизамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонанд[1].

Воқеан, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҷойи холӣ бунёд гардида, таҷрибаи мусбии аҳзоби сиёсии дигарро ба кор бурда, аз амалияи

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. Душанбе: Эр-граф,2014.-С.143.

сиёсии ҷаҳонӣ истифода бурдааст. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ташкилёбӣ тарафдори роҳу равиши пешрафт буд. Ин аст, ки дар байни халқи шарифи кишвар имиҷи баланди сиёсӣ пайдо карда, тарафдоронаш зиёд гардидааст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давраи сарнавиштсоз ба фаъолият шурӯъ намуда, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ барои устуворию пойдории сулҳ ва ободии Ватан кӯшиш ба харҷ дода, ҳадафи асосиаш ваҳдату ягонагӣ, таъмини ояндаи неки кишвар ба шумор мерафт. Имрӯз аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ғояи умумӣ ва вазифаҳои бузурге, ки ҳалли онҳо танҳо ба манфиати ҷомеа аст, муттаҳид менамояд[2].

Дар китоби худ Давлаталӣ Давлатзода қайд менамояд, ки «ҳамин тариқ, вақте ки сухан аз таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон меравад, пеш аз ҳама бояд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пеши назар биёрем, ки он роҳи баъдинаи давлати моро муайян ва мушаххас намуд. Ҳамчунин, он самти стратегии ояндаи Тоҷикистонро таъйин кард ва заминае гузошт барои эъмори ҷомеаи ҳуқуқӣ, демократӣ, дунявӣ ва ягонаи мо. Қарорҳои ин иҷлосия воқеан ҳам барои ватану миллати мо тақдирсоз буданд, зеро ки он ҳукумати конститутсионирo барқарор кард»[1].

Дар сиёсати худ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои устувориву пойдории сулҳ ва ободии Ватан кӯшиш ба харҷ дода, ҳадафи асосии ҳизб низ ваҳдату ягонагӣ, таъмини ояндаи неки кишвар аст. Аъзоёни Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ғояи умумӣ ва вазифаҳои бузурге, ки ҳалли онҳо танҳо ба манфиати ҷомеа аст, муттаҳид менамояд.

Оид ба фаъолияти ҳизб Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз доштааст, ки мақсади стратегии ҳизби мазкур сарфи назар аз мансубияти миллӣ, баромади иҷтимоӣ, дину мазҳаб, тамоюлҳо ва одоти фарҳангӣ ҷонибдори муттаҳид намудани ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар атрофи ҳалли масъалаҳои мушаххас ва таърихан ҳалшавандаи умумимиллӣ, пойдор намудани тараққиёти аз ҷиҳати сиёсӣ соҳибихтиёри иқтисодӣ, якпорчагии мамлакат ва давлати ҳуқуқбунёди аз ҷиҳати ахлоқӣ устувор мебошад, ки он ҷузъи таркибии сохтори ҳозиразамони хоҷагидории умумиҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ буда, тавонад бо ҳамаи мамлакатҳои хориҷии ҳам Шарқу ҳам Ғарб дар фазои мусолимат вуҷуд дошта бошад[4].

Ба хотири ваҳдати миллӣ дар сафҳои ин ҳизб ҳам коммунистон, ҳам демократҳо, ҳам аъзои Растохезу ҳам диндорон, ҳам фронти халқиву ҳам намояндагони азҳоби мухталиф шомил мебошад. Ин аз ғояи аслии ҳизб,

[2] Мароми пойтахт. № 3 (544), 23. 01. 2019. - С.-2.
[1] Давлаталӣ Давлатзода. Барои саодати зиндагӣ. -Душанбе: Шарқи озод, 2008.-С.5.
[4] Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. – Душанбе, 2014.-С. 18.

ки дар давраи ҷангу ҷидол ҳамчун як қувваи сиёсии муътадил ба вуҷуд омада буд, ин пеш аз ҳама ваҳдати миллӣ бар меояд. Ҳизб барои ғояҳои гурӯҳии худ аз ҳадафҳои миллӣ даст кашида наметавонистем. Тавре Раиси ҲХДТ Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд «Мо бо мардум будем, мардум бо мо. Халқ бо мо буд, бинобар ин ҳизби мо аз аввал халқӣ буд ва номаш ҳам халқӣ шуд. Мафҳуми демократиро ман баъдтар пешниҳод кардам. Аъзои ҳизб ин ғояро соли 1997 дар Анҷумани III ҳизб пазируфта, қонунӣ гардониданд»[1].

Мақсад, вазифаҳо ва сиёсати асосии фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар "Оинномаи ҲХДТ" ба таври муфассал қайд шудааст ва чуноне, ки омадааст, "Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои иттиҳоди ҳамаи неруҳои солими ҷомеа, бо мақсади баланд бардоштани некӯаҳволии халқ, рушди иқтисод, дар асоси инкишофи ҳама гуна шаклҳои моликият, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мекӯшад"[2]. Инчунин, дар ҷойи дигар дарҷ гардидааст, ки "Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар асоси Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, баҳри тараққиёт ва инкишофи минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон хамкорӣ менамояд"[3].

Дар соҳаи сиёсати иқтисодӣ Ҳизби Халкии Демократии Тоҷикистон аз аввал ҷонибдори ислоҳоти пурраи иқтисодӣ буд. Дар сиёсати хориҷӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҷонибдори баробарҳуқуқ бо ҳамаи созмонҳо ва халқҳо дар навбати аввал кишварҳои ҳамсарҳади худ мебошад. Ин ҳизб тарафдори он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси узви соҳибихтиёри муносибатҳои байналмилалӣ, қисми таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ бошад ва баҳри ба ин ҳадаф расидан пайгирона кӯшиш намояд. Яке аз вазифаҳои муҳиме, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар пеши худ гузоштааст, аз он иборат аст, ки ҳамаи қисматҳои ҷумҳурӣ-шимолу ҷануб, водию кӯҳистон, ноҳияҳои саноатию зироатиро дар як ҳалқаи пайванд гирд оварад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон принсипи тақсими ҳокимиятро дар асоси Конститутсия ва ҳам дар амалия ба роҳбарӣ гирифта, кӯшиш бар он медиҳад, ки дар ҷамъияти мо баста шудани роҳ ба ҳокимияти томгаро, фишори сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ ё рӯҳонии синфҳо роҳ дода нашавад. Ба муқобили ҳамагуна кӯшишҳои ба зӯрӣ ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ё иҷборан дигар кардани сохти давлатдориро маҳкум мекунад.

Баъд аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳаёти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Марҳилаи нави созандагӣ оғоз гардидаст. Бояд тазаккур дод, ки яке аз сабабҳои боло

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда.-Душанбе, 2014.-С. 11.
[2] Оинномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон.-Душанбе, 2016. -С.6.
[3] Оинномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон.-Душанбе, 2016. - С.8.

рафтани обрӯю нуфузи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҷомеа пеш аз ҳама ифода гардидани ғояҳои ватандӯстӣ, ваҳдат ва худшиносӣ, ҳимояи манфиатҳои мардум дар барномаи кории он ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, обрӯи ҳизб дар симои аъзоёни нексиришту кордон ва соҳибдилу покнияти он таҷассум меёбад. Халқ ба фаъолияти ҳизб на танҳо аз рӯйи оинномаву барномаи он, балки бештар вобаста ба ҳадафҳои сиёсӣ, гуфтору рафтори роҳбарон ва ҳар як узви қатории ҳизб баҳо медиҳанд.

Ҳамин тариқ, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи истиқлолият мебошад ва маҳз баъди бо райъпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи нахустини Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳамагон маълум гардид, ки ин ҳизб ба ҳаёти сиёсию ҷамъиятии кишварамон фаъолона ворид гардидааст. Он дар роҳи расидан ба сулҳу субот ва таҳкиму афзоиши дастовардҳои давлатӣ саҳми худро гузоштааст. Ғояҳо ва сиёсати бунёдкоронаи ҳизби мазкур омили муҳими ризоияти ҷомеа ва эҳёи суннатҳои миллии сокинони ҷумҳурӣ гардидааст.

АДАДБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. Душанбе: Эр-граф, 2014
2. Мароми пойтахт. № 3 (544), 23. 01. 2019. - С.-2.
3. Давлаталӣ Давлатзода. Барои саодати зиндагӣ. -Душанбе: Шарқи озод, 2008
4. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. – Душанбе, 2014
5. Оинномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон.-Душанбе, 2016
6. Ҷумҳурият. Маҷлиси васеи Раёсати Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. – Душанбе. - 23 ноябри соли 2011

ҶАВОНОН-НЕРУИ ОБОДГАРИ ИМРӮЗАИ КИШВАР

Темирова Х. И. -
н.и.п. дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии ДПДТТ
ба номи М.Осимӣ дар ш.Хуҷанд

Дар Паёми шодбошии Сарвари давлат омадааст, ки “бо назардошти он, ки ҷавонон неруи бузурги ҷомеа мебошанд, мо илова ба мақоми ваколатдор доир ба пешбурди сиёсати давлат оид ба ҷавонон боз Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис додем. ...”

Дӯст доштани Ватан ва меҳру муҳаббат ба он бояд дар ҳамаи шаҳрвандон аз хурдӣ тарбия дода шавад. Зеро Тоҷикистони ман ватанест, ки ба ғайр аз онро дӯст доштан ба ҳар сангу хори он бо муҳаббат назар кардан, ба он имон овардан, марзу буми онро обод кардан вазифаи шаҳрвандии ҳар як фард мебошад.

Ҳамаи ин меҳанпарстӣ, содиқиву меҳрубонӣ, ғамхории падаронаву таҳкими суботу оромӣ, якпорчагии кишварро нигоҳ доштан, дар натиҷаи ҷонбозиҳои Ҷаноби Олӣ, ки барои дар ҳуввияти миллӣ тарбия ёфтани миллати тоҷик саҳм гузоштааст, нодида наметавонам.

Сиёсати давлатии ҷавонон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ дар маркази таваҷҷӯҳи Тоҷикистон қарор дорад.

Пас аз ба Ҷумҳурии соҳибихтиёру мустақил табдил ёфтани Тоҷикистон дар соҳаи маориф имконият омад, ки як қатор тағйироту падидаҳои навро ба роҳ монад.

Бо мақсади амалӣ намудани шодбошиҳои давлат дар Паёмҳои ҳарсола дар муддати соҳибистиқлолӣ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим ба чоп расид, ки ин баҳри беҳтар намудани маърифати ахлоқии ҷавонон равона шудааст.

Иҷлосияи 16-уми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми ноябри соли 1992 дар вилояти Суғд баргузор гардид, ки дар бораи ин санаи таърихӣ, мазмуну мӯҳтавои Иҷлосияи тақдирсоз, ба ҷавонон ҳар соату ҳар рӯз бояд маълумот диҳем ва расидан ба қадри ин меваи ширини ҳаётро тарбия карда бошем. Дар лаҳзаҳои дарсӣ маънидод намудану истифода намудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷавонон ҳуввияти миллиро бедор ва нисбат ба ватани худ меҳру муҳаббатро зиёд мнеамояд.

Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 дар асоси раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст, соли 1999, соли 2003, 2016 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст. Дар бораи тағйиру иловаҳо зарурати тағйиру иловаҳо, Соли ҷавонон эълон шудани соли 2017, аз синни 30-солагӣ дар мансабҳои гуногун кор карда тавонистнаи ҷавонон маълумотҳои арзишманд дода бошем.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳим, ки аз боғча, муассисаҳои таълимии миёнаву олӣ ва касбӣ қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" 17 майи соли 2004, 2013 қабул карда шудааст. Ин ҳуҷҷатест арзишманд ва асоситарин пас аз Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарбияи ҷавонони соҳибистиқлол мебошад, ки аз 6 бобу 57 модда иборат буда тамоми фаъолияти соҳаи маориф дар он сабт ёфтааст. Дар бораи (моддаи 41). (Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими миёнаи умумӣ, миёнаи махсус ва олии бепулро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад). Инро бояд ҳар як ҷавон дарк карда бошад ва дар ҳаёт роҳи рости зиндагиро интихоб карда бошад.

Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 3 майи соли 2002 таҳти рақами 200 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Барои расидан ба мақсад ҳар як шаҳрванд дар пиёда намудани омилҳои дар Консепсия оварда- шуда таваҷҷӯҳ зоҳир намояд. Барои амалӣ гаштани талаботҳои Консепсия ҷавононро роҳнамоӣ бояд кард. Омилҳое, ки барои амалӣ гаштани Консепсия оварда шудаанд дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат мешаванд. Аксари омилҳо аллакай татбиқ шуда истодаанд, аммо барои иҷрои баъзе омилҳо дастҷамъона фаъолият намоем. Якчанд омилҳои Консепсия:

-Нарасидани китобҳои дарсӣ дар мактабҳо;

-То ҳол пурра бо омӯзгорони касбӣ таъмин набудани мактабҳо;

-Паст будани сатҳи базаи моддӣ техникии баъзе мактабҳо;

-Дастрас набудани воситаҳои техникии таълим-компютер, кабинетҳои таҷрибаомӯзӣ;

-Тез-тез тағйир ёфтани нақша, барнома ва китобҳои дарсӣ;

-Гуманизатсияи таҳсилот;

-Ба ҳама дастрас набудани боғчаҳои бачагона;

-Паст будани корҳои тарбиявӣ дар баъзе мактабҳо;

-Ба ҷои кор ҳозир нашудани мутахассисони ҷавон (хусусан омӯзгорӣ);

-Ба масъалаи гендерӣ аҳамияти махсус равона карда нисбати ҷалби духтарон ба таҳсилоти миёна, таваҷҷуҳ зоҳир намудан нисбати кадрҳои захиравӣ аз ҳисоби духтарони болаёқат;

-Дар курсҳои такмили ихтисос нисбати кор бо воситаҳои техникӣ курсҳои махсус ташкил намудан ва 100 % омода намудани омӯзгорон барои истифодаи воситаҳои техникӣ ва ғайраҳо.

Дар як муддати кӯтоҳ пас аз соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ Консепсияи мактабҳои миллии таҳсилот таҳия гардида дар нақша ва барномаҳои таълимӣ тағйиротҳои ҷиддӣ дароварда шуданд. Маорифчиёни ҷумҳуриро зарурате ба миён омад, ки роҳу усулҳои нави таълимро ҷустуҷӯ намоянд, дар интихоби маводи таълим нуктасанҷу борикбин бошанд, ки барои ташаккули шахсият, маънавиёти хонандагони

хурдсол мусоидат намояд. Мо медонем, ки зиёда аз 70 сол мо аз рӯи нақшаву барномаҳои асосан барои мактабҳои Руссия таҳияшуда раванди таълимро ба роҳ мемондем.

Барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ тариқи талқинкунӣ мураттаб гардида, барои руҳияи миллӣ гирифтанаш асарҳои бачагонаи адибони муосир дароварда мешуданд ва ба ҷои осори ниёгонамон, дар шакли тарҷума осори адибони классики рус ва дигар миллатҳоро меоварданд, чунки бо ин роҳ дӯстии тамоми халқҳои ҷумҳуриҳои шӯравиро мустаҳкам намоянд. Соли 1994 дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ (он вақт ҳамин тавр буд) соли навҷӯиҳо дар таълим буд. Маҳз ҳамон сол таълими ҳамгиро дар мактабҳо роҳ ёфт.

Дар таълими ибтидоӣ ва умуман таълим бархе аз фанҳо дар ҳамбастагиву якҷоягӣ таълим дода мешавад. Дар синфҳои ибтидоӣ фанҳои хониш, забони модарӣ, инкишофи нутқ, хондану навиштани даври савод ва санъати тасвирию таълими меҳнат, дар синфҳои болои забони русӣ ва адабиёти рус, физика ва астраномия ва баъзе фанҳои дигар тариқи ҳамгиро таълим дода мешуд. Имрӯзҳо ҳамаи барномаву нақшаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёна, олӣ ва олии касбӣ ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, омӯзиши чуқури илмҳои дақиқ, табиӣ, риёзӣ ворид карда шуда, ҷавонони далеру шуҷоъро дар ҳисси ватандӯстиву, ҳифзи дастовардҳои давраи соҳибистиқлолӣ тарбия кардан равона шудааст.

Консепсияи миллии тарбия-3-юми марти соли 2006 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати пуразрзише барои маориф ба имзо расид. Ин Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саввумин ҳуҷҷати муҳими соҳаи маориф аст. Ҳуҷҷат аз 18 самт иборат буда, самтҳои меҳандӯстӣ, хештаншиносӣ, меҳанпарастӣ, тарзи ҳаёти солим ва ғайраҳо самтҳои ахлоқию маърифатӣ вазифаҳои асосии тарбияи хонандагони ҳам синни хурдӣ мактабӣ ва мактабҳои миёнаву олӣ аҳамияти хосса дорад. Вобаста ба ин ҷавонон имрӯз вазифаҳои худро бомасъулият иҷро карда дар соҳаҳои ба онҳо вобаста саросари кишвар ба корҳои созандагиву ободонӣ машғуланд, ба қадри шароите, ки аз тарафи давлат ва Ҳукумат барои онҳо мерасанд ва софдилона хизмат мекунанд.

Моҳи августи соли 2011 пас аз омӯхтан ва муҳокима дар байни аҳолӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд” иборат аз 6 боб ва 17 модда қабул карда шуд. Дар Паёми 22 декабри соли 2016 Ҷаноби Олӣ нисбати иҷрои ин қонуни мазкур ба ВМИҶТ супориш доданд, ки нисбати ин иҷроиши масъала дар мактабҳо омӯзиш ва баррасии қонуни мазкур ба таври ҳатмӣ ба роҳ монда шавад.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи рушди томактабӣ” ва Қарори ҲҶТ “Оид ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди саломатии кӯдакон ва наврасон дар давраи то соли 2016”, “Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030”,

“Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Паёмҳои ҳарсолаи Ҷаноби Олӣ фаъолияти ҷавоноро боз ҳам баланд бардошта дар пайдо кардани мавқеашон дар байни ҷомеа мегардад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забон 22 июли соли 1989 қабул карда шуда буд, пас аз сипарӣ гаштани 20 сол зарурати таҷдид назар намудани ин қонун ба миён омад. 5 октябри соли 2009 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забон” қабул ва қонуни соли 1989 аз эътибор соқит карда шуда рӯзи забони давлатӣ 5 октябр эълон карда шуд.

Дигар ҳуҷҷатҳои зиёде қабул карда шудаанд, ҷавононро бояд чунин таълим ва тарбия диҳем, ки бояд онҳоро омӯзанд ва дар лаҳзаҳои зарур истифода бурда тавонад, албатта ба мақсадашон расида метавонанд.

Дар лаҳзаҳои тарбиявии дарс устодон устокорона дар татбиқ гаштани ин ҳуҷҷатҳо самаранок истифода намоянд.

Масалан, бо нақли ҳикояи «Муаллим» аз Муҳаммад Авфии Бухороӣ истифода намоянд:

Амир Наср Аҳмади Сомонӣ муаллиме дошт, ки дар вақти хурдиаш ба ӯ таълим медод. Муаллим амирро бисёр мезад. Амир Наср мегуфт, ки ҳар вақт ман калон шавам ва ба мартабаи султонӣ расам, аз муаллим қасдамро мегирам.

Як шаб Амир айёми гузаштаро ба хотир оварда, муаллимаш ба ёдаш расид. Тамоми шаб фикр кард, ки аз муаллимаш чӣ хел интиқом гирад. Рӯзи дигар хизматгорро ҷеғ зада фармуд, ки аз боғ 10 чӯби биҳӣ биёрад. Ба хизматгори дигараш фармуд, ки муаллимро ба наздаш ҳозир намояд. Ходим ба назди муаллим омада гуфт, ки Султон ӯро металабад. Муаллим аз вай пурсид, ки Султон чӣ кор мекард, ки маро ёд кард?

- Ғуломеро фармуд, ки аз боғ даҳ чӯби биҳӣ биёрад ва маро фармуд, ки муаллимро ба наздам овар.

Муаллим фаҳмид, ки Султон дар банди интиқоми вай аст. Ҳангоми назди Султон омадан аз мевафурӯше музди дуруст дода биҳии хушрӯе харид ва онро дар зери остин пинҳон кард. Вақте ки пеши Амир Наср омад, амир чӯби биҳиро гирифта гуфт:

- Дар бораи ин чӯб чӣ мегӯӣ?

Муаллим аз зери остин меваро бароварда гуфт:

- Умри шоҳам дароз бод, як гуфтание дорам. Амир иҷозат дод, муаллим гуфт:

- Ин меваи латиф аз ҳамин чӯби тар ба вуҷуд омадааст.

Ҷавоби муаллим ба амир хуш омад ва ба вай маош таъин кард.

Бо мазмуни ин ҳикоя ҷавонон дар руҳияи ҳурмати устод, шахси босавод ба мақсад расиданаш, талаботи ӯ барои ҳаёти хуби шогирдон равона карда шуданаш гуфта мешавад..

Бо мақсади тарбия намудани дӯстӣ байни ҷавонон, шогирдон, устодон муқоисаи рафтори хубу бади қаҳрамонҳои асарҳо мувофиқи

мақсад аст. Масалан, ҳикояи «Дӯстӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Дӯстӣ насия намешавад»-и Убайди Зоконӣ, «Нӯшервон пурсид»-и Муҳаммад Ғазолӣ ва ғайраҳо роли муҳим мебозад.

Панди Саъдии Шерзӣ:

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,

Дар парешонҳоливу дармондагӣ.

Ба воситаи маънидод намудани ин байт, ҷавоноро ба дӯстиву рафоқат, дилсӯзу ғамхор будан дар интихоби дӯст, ҳушёр шудан, дар лаҳзаи душвор дастгири ҳамдигар шудан барин хислатҳоро тарбия намудан аҳамияти муҳим дорад. Дар оила, маҳалла, ноҳия, шаҳр, вилоят ва ҷумҳурие, ки тифоқию ободӣ, дӯстиву рафоқат, меҳру муҳаббат ҳаст, аз шукуфоии он болидану хандидан, завқ бурданро тарбия намудан лозим аст. Калимаи муқобилмаънои дӯст-душман чӣ маъно доштанашро, дӯстро аз душман ҷудо карда тавонистанро бояд омӯзонем. Дӯстро на бо пулу мол, балки дар рӯзҳои сахтиву мушкилӣ шинохта тавонистан аз дар оила мактабҳои миёнаву олӣ тарбия карда мешавад.

Дар тадқиқоти равоншиносон таъкид мешавад, ки ҷавонон барои ҷудо намудани фикри асосии асар ба қаҳрамонони асар такя мекунанд. Аз ин рӯ кор аз болои асарҳои хондаи онҳо, Қаҳрамонони Тоҷикистон, шахсони барӯманди шаҳру ноҳия вилоят ва ҷумҳурӣ мисолҳо оварда барои идеали худ шуморидани онҳо, тақлид кардан ба ҳаёту зиндагии чунин шахсон равона карда шавад.

Барои тарбияи маърифати ахлоқии ҷавонону донишҷӯён на ҳама устодон лаҳзаҳои тарбиявии дарсро самаранок истифода мебаранд. Имрӯз баъзе ҷавонони мо дар бораи бузургони миллат, осори бои онҳо чизе гуфта наметавонанд, мисраъҳои шеър аз шоирони классик аз ёд намедонанд, онҳоро маънидод карда наметавонанд. Мероси илмӣ – адабии гаронбаҳои машриқзаминро аҳли илму адаби ҷаҳон ҷиддан мутолиа мекунанд, номи бузургони миллатро бо эҳтиром ба забон гирифта дар назди дониш, ақлу заковати эшон сари таъзим фуруд меоваранд. Ин фахри миллат аст, омӯхтани он, шинохтану эҳтироми онҳоро ба ҷой мондан яке аз рукнҳои хештаншиносӣ, ватанхоҳиву ватандӯстии тоҷикон мебошад ва мебояд, ки имрӯз он камбудиҳои бартараф карда шаванд.

Хулоса, ба воситаи лаҳзаҳои тарбиявӣ омӯхтани қарору фармон, барномаву нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯхтани асарҳои бадеӣ, шиносоӣ бо таърихи бои гузаштагонамон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва зинаҳои мактабҳои миёнаву олии касбӣ на фақат барои ҷавонон барои ҷамъият низ аз аҳамият орӣ нест.

АДАБИЁТ:

1. Арипов М. Из истории педагогической мысли таджикского языка, Д:1962, саҳ. 143;
2. Консепсияи маълумоти миёнаи умумии РСС Тоҷикистон -Д: 1989;
3. Лутфуллоев М .Педагогикаи шафқат-Д: 1994;
4. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи аҷам -Д: Дониш, 1991;
5. Махмутов М.И. Современный урок -М: 1985, саҳ. 177;
6. Пудинаев А. Тарбияи маънавии ҷавонон -Д: 1996;
7. Расулов Д. Инъикоси масъалаҳои таълиму тарбия дар «Қобуснома»-и У.Кайковус.Кӯлоб: 1996.

АННОТАЦИЯ

Статья посвящена актуальной теме – воспитанию национального менталитета у таджикской молодежи, рекомендации источников по данной теме. Нормативно-правовые документы, опубликованные НДП РТ должны быть доступны всему населению страны, а их реализация должна быть задачей каждого патриота родины.

Сегодня некоторые из наших молодых людей не знают о великих личностях нации, об их наследии, не знают наизусть строчки из стихов наших классиков, не могут их комментировать.

Богатоее научно-литературное наследие великих ученых, поэтов и мыслителей Востока признается мировым сообществом. Признавая их великую роль в развитии культуры человечества, просвещенные люди планеты отдают дань уважения их гуманности, мудрости, проницательности. В деле воспитания умной, творческой молодежи должны быть объединены усилия родителей и всего общество в целом.

Ключевые слова: Концепция, кредит, Послание, требует, ценный, восточная страна

ANNOTATION:

This article deals with the problem of moral education of Tajik youth, and with the recommended literature. Documents which were published by NDP of Tajikistan should be available to the whole population of the country with its realization. The article demonstrated and gives the examples of the love to the Motherland, the Respect to the adults.

Nowadays a lot of young people don’t know the poems of great poets and can’t comment them.

A rich heritage of great, famous scientists, poets of the East admits all over the world.

Key words: concepts, credit, massage, demands, valuable

ОСНОВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ ЛИДЕРА КАК ИНСТРУМЕНТ ЭФФЕКТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ

Маджнунова М.Ҳ –
дотсент кафедры таможенное дело БГУ имени Носира Хусрава
Ходжаалиев Ф.А.-
преподаватель кафедры менеджмент БГУ имени Носира Хусрава.

В современной литературе повсеместно встречаются публикации на тему саморазвития лидерских качеств, а также эффективности управления, построенной на этих качествах. Данная тема исследована достаточно глубоко, но в большинстве случаев подчеркиваются два основных моделей управления- западная и восточная, а именно японская и американская модели управления. Краткое определение этих систем можно охарактеризовать следующим образом:

- американская модель- в основном опирается на процессы, методы управления, средства, планы, тем самым ассоциируя управление персоналом последовательность механических действий. процесс управления в данной модели напоминает стандартизированный продукт, с помощи которого руководители реализуются, используя эти методы на своих подопечных.
- японская модель управления- в основе которого понимается единство персонала и каждый отдельно взятый работник. Особое внимание выделяется на наставничество, мотивацию и развитию рабочий персонал. Все достижения в предприятии ассоциируются с уровнем развития персонала.[5]

Обуславливаются данные особенности менталитетом и традициями. Например, у жителей северной части земли развито чувство обязательства перед установленными нормами. Игнорирование установленных норм считается социальным отклонением. Именно это и является основной причиной налаженной системообразующей менеджмента в Америке и европейских странах. в таких восточных странах, где больше используют восточную модель управления, Южная Корея, Япония, Китай преобладает патернализм, и развитое чувство традиций. [4]

Жители вышеперечисленных стран в основном отличаются высокой порядочностью и не является обязательным ставить вокруг них жесткие рамки. Восточные люди прекрасно осознают важность общественной цели и понимают, и принимают во всех смыслах важность своей роли в обществе. об этом свидетельствует успешность и таких компаний как Nissan, Toyota, Samsung Electronics и др.

Лидерство, как и управление, является до некоторой степени искусством. Возможно, это и есть причина того, почему исследователям не удалось разработать и обосновать единую теорию. Ситуационный

подход подошёл, на мой взгляд, ближе всего к решению данной проблемы. Стиль лидерства напрямую зависит от ситуации. В некоторых из них менеджер добивается эффективности, структурируя задачи, проявляя заботу и оказывая поддержку, в других руководитель допускает подчиненных к участию в решениях производственных проблем, в-третьих - безболезненно меняет стиль под нажимом начальства или обстоятельств. В любом случае стиль настоящего лидера должен быть гибким орудием эффективного управления производством.[10]

Менеджер должен быть лидером, достойным подражания. На этом я бы хотел остановиться и рассказать подробней. Главная задача менеджера - делать дело при помощи других людей, добиваться коллективной работы. Это значит сотрудничество, а не запугивание.

Хорошего менеджера всегда заботят и интересы всей фирмы. Он стремится сбалансировать интерес группы, интересы босса и других менеджеров, необходимость выполнения работы с необходимостью найти время для обучения, производственные интересы с человеческими потребностями подчиненных.

Согласно личностной теории лидерства, лучшие из руководителей обладают набором общих для всех личных качеств. Если эти качества можно было бы выявить, то люди могли бы научиться их воспитывать в себе и тем самым становиться эффективными руководителями. Некоторые из этих изученных черт - уровень интеллекта, внешность, честность, здравый смысл, инициативность, специальное экономическое образование и высокая степень уверенности в себе. К сожалению, изучая собранные факты и соотношение личных качеств и лидерства, ученые так и не смогли выявить единый выбор свойств лидера. В 1948 году Р. Стогдилл обнаружил, что в разных ситуациях эффективные руководители обнаружили разные личные качества, что позволяет сделать следующий вывод: "не существует такого набора личных качеств, который присутствует у всех эффективных руководителей и, следовательно, человек не становится руководителем только благодаря какому-то набору личных свойств" [1]

Характерным для Республики Таджикистан принято считать американскую модель управления, так как почти во всех учебных заведениях, где преподают менеджмент в основном пользуются западной классической и современной литературой. [3] Исторически в Таджикистане сложилось так, что в общественный строй обусловлен наличием одного или нескольких лидеров. Не все из этих лидеров наделены лидерскими качествами, некоторые обладают ораторскими способностями, некоторые обладают харизмой, а другие вовсе приняты на должность управляющего с помощи разного вида способов.

Руководитель должен всегда быть готовым к переоценке суждений и, если необходимо, соответствующему изменению стиля руководства.

Руководитель, который выбрал определенный стиль лидерства и строго его придерживается, поскольку этот стиль хорошо зарекомендовал себя в прошлом, может оказаться неспособным осуществлять эффективное руководство в другой ситуации и на другом посту.

Руководитель, который хочет работать как можно более эффективно, получить всё от своих подчиненных, не может позволить себе применять какой-то один стиль на протяжении всей карьеры. Современный менеджер должен адаптировать стиль для конкретной ситуации, ориентировать его на реальность, так как самые эффективные руководители - это те, кто может вести себя по-разному - в зависимости от требований реальности.[10]

Современный Таджикский менеджмент реализуется аналогично американской модели управления. Далее представлены итоги статистического анализа среди работников ООО «Ёсин», который занимается перепродажей авиабилетов. Сотрудникам был задан вопрос: «Представьте себе, что вы более часа стоите в очереди для получения важного документа. Когда именно подойдет ваша очередь неизвестно. Операторы, выдающие документ, не работают должным образом- то отвечают на телефонные звонки, в общем прерывают рабочий процесс по различным поводам. В помещение входит некий человек и несмотря на стоящую очередь, всячески пытается подойти к окошку. Тут один из стоящих в очереди высказал своё недовольство по поводу происходящего и попросил человека занять своё место в очереди.

Как именно вы отреагируете?» Варианты вопросов были изложены в следующей форме:

- не буду вмешиваться, не моё дело;
- не буду вмешиваться, во избежание конфликта;
- выскажу своё мнение до очередника.

Рисунок 1. Готовность следовать за лидером

Наличие лидерских качеств

таблица №1

Наличие лидерских качеств		
Всего опрошено сотрудников 25		
Готовы следовать за лидером кол-во сотрудников		в %
Выражено слабо	12	48%
Выражено ярко	8	32%
Присутствуют лидерские качества	5	20%

Рассчитано автором на основе соц. опроса

Таким образом проанализировав варианты ответов можно прийти к выводу, что лишь 20 % опрошенных готовы следовать за лидером, и именно они, как правило, занимают место руководителя или становятся замистителями.

Проведённый соцопрос даёт возможность определить уровень значимости лидера и личностных качеств в процессе управления. Однако, на сегодняшний день не существует никаких инструкций по лидерству. Такие качества, прежде всего, это качество индивида, которые складываются в процессе жизненного опыта. Как и все личностные качества их можно натренировать, однако труд это нелегкий и требует определенных усилий. Однако, как показывает практика оно того стоит. Если любой работник ставит перед собой цель не закончить свою карьеру

линейным сотрудником и развиваться не как просто руководитель, а именно как лидер, то это единственный путь. [2]

Ряд западных ученых подчеркивают необходимость лидерских качеств руководителя и признают их значимость, подчеркивая важность их развития. В своём труде Брайан Трейси «Личность лидера» отмечает: «когда Вы входите в помещение, то раньше, чем Вы вообще что-то произнесете, присутствующие сразу распознают в Вас лидера. это видно из Вашего облика». [1] Руководитель, имеющий качества лидера, также имеет способность влиять на обстановку и людей. Так же он отмечал, что в жизни для руководителя даны две возможности влиять на других или позволить влиять на себя. На наш взгляд можно выделить четыре основных элементов руководителя, которые определяют его личность и лидерские качества.



Рисунок №2. Основные элементы лидера

Рассмотрим каждый элемент.

1. Элемент- личностные качества. Здесь имеются в виду такие черты, как характер, мораль, нравственность взаимопонимание и др. черты характера человека, которые играют определяющую роль в том, как именно подчинённый примет руководителя с точки зрения человечности. Развитие данных качеств считается самым сложным процессом на пути становления лидера. В случае достижения этих качеств управляющий приобретает определенные методы управления, так сказать определённую менеджерскую философию. А эффективное управление персоналом считается самым значимым составляющим менеджмента.

Руководители, которые эффективно управляют персоналом считаются лидерами, и именно такие руководители имеют способность решать проблемы любого уровня и достигают желаемого результата в своей карьере. [6]

2. Элемент- внешний вид, поведение и ораторские качества. Трудно представить себе управляющего руководителя имеющим заурядным видом, помятой одеждой, и дешевым парфюмом. внешний вид управляющего как лидера всегда влияет на подчинённых. Что же касается ораторских качеств, то речь лидера всегда должна отличаться грамотностью, артикуляция должна быть чёткой. Речь не должна быть монотонной, интонационные выделения считаются обязательными в ораторском искусстве. Грамотный руководитель в силу своей личности и своего мировоззрения всегда сможет направить подчинённого к выполнению задач, не превышая при этом голос.

3. Элемент- управленческая компетентность (необходимые знания теории и навыки менеджмента). Зачастую, руководителями становятся те, которые имеют какие- либо качества, выработанные в процессе работы, за проработанные годы с которыми накопился кое- какой опыт, за ответственность и т.п. Однако, это не считается правильным, поскольку часто руководителями становятся далёкие от искусства менеджмента работники, не обладающие элементарными навыками менеджмента. Такие люди обычно управляют на интуитивном уровне, и зачастую не считают обязательным последующее обучение после своего назначения, что в конечном итоге приводит невыполнению планов, к снижению показателей, к ухудшению качеств и др. Каждый управляющий обязан иметь умение эффективно применять на практике управленческие основы- базовый цикл менеджмента, все его элементы, уметь мотивировать персонал, так же он обязан знать основы тайм менеджмента, технику переговоров, индивидуальный психологический подход к каждому подчинённому, стресс менеджмент и т.п.

4. Элемент- практический опыт управления. Этот элемент приходит со временем. Каждый руководитель до определенного времени считался без опытным. Для любого руководителя опыт считается значимым элементом. опыт приходит со временем, путем ошибок. Единственным, что нужно подчеркнуть в данном элементе так это важность того, что каждый руководитель должен ценой своих проб и ошибок вынести ценный урок и учится анализировать свои поступки.[7]

Таким образом, можно отметить, что истина заключается в том, что лидерами не рождаются, а становятся. Для достижения эффективности управления, необходимо развивать личностные качества. Вышеперечисленные качества характеризируют успешность лидера и гармонируют личность с богатым внутренним миром. Именно такой лидер имеет возможность вести за собой персонал и способность

формировать у подчинённых уважение и доверие к себе и своим идеям считается основой искусства менеджмента не только в качестве управляющего, но и в качестве лидера. Именно такой лидер добивается определённых «высот» в своей карьере, отражая своим искусством управления эффективность любого предприятия.

ЛИТЕРАТУРА:

1. А. Парабеллум. – М.: Генезис, 2010. – 30 с.
2. Башарин, В.Ф. Лидерство одна из доминант современного российского образования. Текст. / Среднее профессиональное образование. – 1998. - № 7. - С. 23-28.
3. Борисова, Е.М. Индивидуальность и профессия / Е.М. Борисова, Г.П, Логинова. М.: Знание. 1991. - 79 с.
4. Брокгауз Ф.А. Энциклопедический словарь / Т.34. - СПб.: Миля, 1896. - 664с.
5. Гандапас Р. Харизма лидера / Р. Гандапас. – М.: Проспект, 2010. – 60 с.
6. Грейс Н. Работа, Деньги и Любовь. Путеводитель по самореализации /
7. Р. Стогдилл. 1948г. Жеребова, Н. С. Лидерство в малых группах как объект социально-психологических исследований. [Текст] / Н. С. Жеребова // Руководство и ли-дерство / под ред. Б. Д. Парыгина. – Л., 1973. - С. 61-63.
8. Зайверт Л. Ваше время – в Ваших руках / Л. Зайверт. – М., 2009. – 20 с.
9. Кови С.Р. Семь навыков высокоэффективных людей. Мощные инструменты развития личности, 4-е изд, М.: Альпина Бизнес Букс, 2009. – с. 11.
9. Мрочковский Н. Ежедневник. Тайм-менеджмент / Н. Мрочковский. –
10. Н. Грейс. – М.: Проспект, 2012. – 58 с.
11. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент қисми 6. 2004
12. http://www. infonsuccess.ru/?p=1126.
13. http://www. manalfa.com/lichnost/kachestva-lidera.
14. http://www.litmir.co/br/?b=193049 (дата обращения: 30.10.2015).
15. http://psyfactor.org/lib/lider3.htm.

ANNOTATION

In this article, the author gives a practical rationale for the importance of leadership qualities in the process of personnel management. The author also carried out a statistical analysis, based on the opinion poll, which determined the readiness of subordinates to follow the leader. Along with this, the author

reveals the main constituent elements of leadership qualities on the basis of which proposals are made to achieve the effectiveness of personnel management and the career growth of an employee.

Key words: Management, personnel, subordinates, leadership qualities, art of management, element.

МУҲИМИЯТИ МАВЗӮЪ

Дар мақолаи мазкур барои муҳим будани сифатҳои роҳбарӣ дар раванди идоракунии кадрҳо асосҳои амалӣ оварда шудааст. Инчунин дар асоси пурсиши афкор таҳлили оморӣ гузаронида, омодагии тобеъонро ба пайравӣ аз пешво муайян кардааст. Дар баробари ин, муаллиф унсурҳои асосии таркибии сифатҳои пешвоиро ошкор намуда, дар асоси онҳо барои ноил шудан ба самаранокии идоракунии кадрҳо ва афзоиши мансабии корманд пешниҳодҳо кардааст.

Калидвожаҳо: Менеҷмент, кадрҳо, тобеон, сифатҳои роҳбарӣ, санъати менеҷмент, унсур.

ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОН – ОМИЛИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЛАКАИ КАСБӢ

Сафарзода Г. С. –
унвонҷӯи Пажуишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Таъмини рақобатпазирии низоми маорифи миллиамон дар бозори ҷаҳонии таҳсилот ва меҳнат, пеш аз ҳама, ба омӯзгорони баландихтисоси мусаллаҳ бо донишу истеъдодҳои замонавӣ вобаста аст. Зеро омӯзгорон меъмори рӯҳу ҷисми инсон буда, бо рушди инсон ва ба ин васила бо рушди ҷомеа бевосита сару кор дошта, бобати татбиқи стратегия ва барномаҳои рушди маориф масъулияти бузург ва вазифаи калидиро дар таъмини таҳсилоти босифат ба уҳда доранд **[8.3].** Аз ин ҷиҳат, омӯзгорро талаботи ҷаҳони муосир водор мекунад, ки бояд васоити нави техникӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба мисли тахтаи электронӣ, проекторҳо, шабакаи интернет, корҳои озмоишии автоматикунандаро дар дарсҳояш васеъ бурда тавонад. Бар зимми ин, омӯзгор бояд навовару эҷодкор бошад. Аз ин рӯ, ҳоло омӯзгор аз ҳарвақта дида бештар ба такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ниёз дорад.Чунки таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти имрӯза бе ягон шак созандагон ва офарандагони ҷомеаи оянда мебошанд ва минбаъд рушди устувори кишварро ҷавононе, ки имрӯз дар паси курсиҳои мактабӣ таълиму тарбия мегиранд, таъмин месозанд. Маҳз ба ин далел, замона ба дӯши омӯзгорон масъулияти бузургеро вогузор кардааст **[8.5].** Ва сиёсати имрӯза Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф низ пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин, аз қабили болоравии сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ равона карда шудааст.

Чунон ки маълум аст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар суханрониҳояш доир ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дастуру ҳидоятҳо медиҳанд ва аксар ба чунин мазмун таъкид мекунанд: «Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсонеро, ки онҳоро иваз мекунанд, нақши асосӣ доранд ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст. Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорон ба таври доимӣ ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва ҳар чӣ бештар шинос намудани онҳо бо технологияҳои муосири таълим амри зарурӣ мебошад»**[72:14].**

Барҳақ, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва такомули малакаю маҳорати касбии омӯзгор аз фаъолияти пурсамари раванди фаъолияти муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ вобаста аст.

Аз ин хотир, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2018 №357 «Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» қабул гардид, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи масъалаҳои дар барномаи мазкур омада ва ташаккул ёфтану ҷавобгӯи замони муосир шудани сифати такмили ихтисос пайваста чораҷӯйӣ мекунад.

Бояд донист, ки фаъолияти Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ва филиалҳои он дар асоси нақшаҳои фаъолияти донишкадаву филиалҳо, нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос, курсу семинарҳои махсус ва дигар нақша-чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, бо мақсади роҳандозӣ намудани иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Ҳоло дар Донишкада дар қатори дигар барномаҳои давлатӣ бо мақсади такмил додани системаи амалкунандаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф, ташкили низоми ягонаи такмили ихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи таҳсилоти ҷаҳонӣ «Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, №357 тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад. Бинобар ин, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2018, № 26/7 ва фармоиши вазири маориф ва илм аз 12.11.2018, №7145 дар донишкада роҳбабрият ба хулосае омадааст, ки шуъбаи бозомӯзӣ ташкил карда шавад. Бо фармоиши вазири маориф, ҳамчунин,намунаи ягонаи шаҳодатнома дар бораи курсҳои бозомӯзӣ тасдиқ карда шудааст.

Нақшаҳои таълимии курсҳои бозомӯзии фанҳои таърих ва ҳуқуқ, суруд ва мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ, технологияи меҳнат, синфҳои ибтидоӣ, забони русӣ, забон ва адабиёти тоҷик, химия, биология, география, технологияи информатсионӣ, забони англисӣ, физика, математика ва педагогикаю психология аз ҷониби мутахассисони донишкада таҳия карда шуда, аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикисон низ пас аз ташхис тасдиқ карда шудааст. Тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои бозомӯзӣ доир ба ихтисосҳои дар фавқ зикршуда аз соли 2019 ба фаъолият шурӯъ кардаанд. Чунончи, фаъолияти

бахши корҳои таълимию методӣ дар донишкада дар чунин сатҳ қарор дошт:

- дар пояи донишкада аз курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ гузаронидани 12 нафар омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷики муассисаҳои таълимашон ба забони тоҷикии Ҷумҳурии Қазоқистон бо мактуби дархостии сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қазоқистон;

- таъсис додани Шӯрои муҳаққиқони ҷавон дар донишкада бо мақсади ба корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ҷалб намудани омӯзгорону кормандони ҷавони донишкада ва филиалҳои он. Айни ҳол дар донишкада 16 нафар омӯзгорону кормандони ҷавон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул буда, дар самти методикаи таълими фанҳо ва педагогика тадқиқот бурда истодаанд;

- танҳо дар давоми моҳи январи соли 2020 тибқи нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус (танҳо дар курсҳои нақшави) дар ҷумҳурӣ доир намудани 179 курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ бо фарогирии 4767 нафар омӯзгорону кормандони соҳаи маориф таъсис дода шудааст; тибқи накшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус (танҳо дар курсҳои нақшавӣ) давоми моҳи январи соли равон дар ҷумҳурӣ 179 курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ бо фарогирии 4767 нафар омӯзгорону кормандони соҳаи маориф гузаронида шуд;

- дар донишкада барои хоҳишмандон 30 курси омӯзишӣ, 20 курси забони англисӣ бо фарогирии 298 нафар, 1 курси технологияи иттилоотӣ 13 бо ишитироки нафар, 2 курси дузандагӣ бо ишитироки 20 нафар ва 5 курси пазандагӣ бо ишитироки 41 нафар ва 2 курси химия бо иштироки-20 нафар ташкил ва ҷамъбаст карда шуд;

- тибқи нақшаҳои тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсуси донишкада ва филиалҳо барои соли 2018 аз тарафи омӯзгорону мутахассисон вобаста ба масъалаҳои мубрами рушди соҳа ва методикаи таълими фан мунтазам семинарҳои мақсаднок дар мавзӯъҳои гуногун гузаронида шудааст;

- дар доираи ҳамкорӣ бо Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат барои ҳайати омӯзгорону кормандони донишкада ва филиали он дар шаҳри Душанбе семинари машваратӣ оид ба “Амалисозии муносибати босалоҳият дар таълим” ташкил ва гузаронида шуд;

- бо мақсади татбиқи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» дар доираи ҳамкориҳо бо Донишкадаи такмили ихтисоси Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия давоми моҳҳои январ-феврали соли ҷорӣ курси бозомӯзӣ барои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти руси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ

машғулиятҳо аз рӯи барномаи таълимии 500 – соата гузаронида шуд;

- барои кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва донишкада курсҳои омӯзишии забонҳои русӣ ва англисӣ доир карда шуд;

Тазаккур мебояд дод, ки ба ҷузъ аз чорабиниҳои дар иртибот ба сифати таълим баррасишуда, ҳамчунин, бо мақсади иҷрои фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15/01-2018**,** №96 аз тарафи ДҶТИБКСМ оид ба ташкилу баргузории курсҳои омӯзишии татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим:

-барои омӯзгорони фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионии ҷумҳурӣ дар доираи ҳамкориҳо бо “Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат”-и Иттиҳоди Аврупо дар 3 марҳила (аз 16-31.01.2018**)** 592 курси омӯзишӣ бо
фарогирии 22547 нафар шунаванда ташкил ва баргузор карда шуда, шунавандагон-омӯзгорон бо шаҳодатномаҳои хатми курс таъмин карда шудаанд;

- дар доираи гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои омӯзгорони фанҳои забонҳои хориҷӣ дар ҷумҳурӣ 138 курси омӯзишии татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои хориҷӣ ташкил карда шуд, ки дар ин курсҳо
4176 нафар фаро гирифта шудаанд;

- тибқи нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 973 курси баландбардории маҳорати касбии нақшавӣ бо фарогирии 23238 нафар, 592 курси омӯзишии муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ бо фарогирии 22547 нафар, 138 курси омӯзишии муносибати босалоҳият дар таълим барои омӯзгорони фанҳои хориҷӣ бо фарогирии 4177 нафар ва 217 курси омӯзишии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо фарогирии 4503 нафар дар доираи лоиҳаи “Ҳамроҳ бихонем”-и ЮСАИД ташкил ва баргузор карда шуд, ки дар маҷмӯъ 1920 курсро бо фарогирии 54543 нафар ташкил медиҳад.

Бахши корҳои илмӣ-инноватсионӣ. Дар донишкада раванди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ тавсеа ва тақвият ёфта, таҳқиқи 2 мавзӯи илмӣ (фармоишӣ) мавриди амалишавӣ қарор гирифтааст:

1. «Коркард ва татбиқи моделҳои илмии такмили маҳорати касбии омӯзгорон барои солҳои 2018-2022” (Роҳбари мавзӯъ, доктори илмҳои таърих Хоналӣ Қурбонзода).

2. «Таҳқиқи омилҳои пастшавии маънавиёти наврасон ва роҳҳои педагогии пешгирии он барои солҳои 2018-2022” (Роҳбари мавзӯъ номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психология, педагогика ва методикаи таълим Ғиёсиев М) **[81:85].**

Мебояд таҳкид сохт, ки рафти иҷрои мавзӯъҳои номбурда мувофиқи нақша идома ёфта, аз натиҷаи онҳо мунтазам ба Вазорати маориф ва илм ва шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот дода мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ДҶТИБКСМ **6 адад** маҷмӯаи мақолаҳо доир ба татбиқи стандарти фанҳои нав ва гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим таҳти унвони “Таълими босалоҳият ва моҳияти он” (Душанбе: “Бухоро”, 2018.-158 саҳ.), маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ-методӣ дар мавзӯи “Роҳҳои коркард ва истифодаи усулҳои дидактикии таълим дар такмили ихтисос” (Душанбе: “Графика-Принт”, 2018.-163 саҳ.), маҷмӯаи мақолаҳои конференсия дар мавзӯи “Президент ва вахдати миллӣ” (Душанбе: “Графика-Принт”, 2018.-131 саҳ.), “Татбиқи нуқтаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” (Душанбе: “Графика-Принт”, 2018.-80 саҳ.), “Эҷози эҷод” (Душанбе-Принт, 2018.-207 саҳ.), “Афкори рангин” (Душанбе-Кайҳон, 2018.-127 саҳ.) монографияҳо дар мавзӯи “Роҳҳои таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули стратегияи он” (Душанбе: Ирфон, 2018.-189 саҳ.) ва “Историческое значение первых мероприятий и правовых актов правительства Таджикской АССР” (Душанбе, 2018.-182 стр.), инчунин, 22 дастури методӣ доир ба масъалаҳои такмили ихтисос ва методикаи таълим таҳия ва ба нашр расонида шудаанд.

Руйхати адабиётҳо:

1. Абдулазизова З. О кампитентности лбучения вышей школе / З. Абдулазизова // Маърифати омӯзгор, 2018-№3,14-15 с
2. Абдураҳим Ш. Тарбия ва инкишофи кӯдакони то 2-3 сола// «Маърифати омӯзгор», 2018 №7 24-25 с.
3. Абдусамадова М.А. Компетентности подход в профессиональной подготовые учителей начальных классов в эстетическом воспитании учащихся (на примере уроков изобразительного искусства)// Авт.дисс.. канд. Пед. наук. -Душанбе, 2014. -22 с.
4. Азизи С.Т. Социально –педагогические аспекты воспитания и обучения трудно –воспитуемых детей// Авт. дисс.. канд. пед. наук-Душанбе, 2013.-22 с.
5. Аткинсон Р.Л. и др. Введение в психологию (Учебник для студентов унверситетов). Москва: 2002. -672 с.
6. Бадалов М. Ҳамгироии ҳадафҳои маориф дар бораи рушди устувор бо барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон. – Душанбе: «Бухоро», 2017-72 с.
7. Байденко В.А. Компетентции в профессиональном оброзование// Высшее оброзование в России, 2014, №11.- с3-13

8. Байзоев А. Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим. Душанбе: «Донишварон», 2018.-48 с.
9. Болтов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образавательной программе// «Педагогика». -2003, №10. с.8-14
10. Булбулов Д.Ж. Педагогические основы совершенствования деятельности школьного технического кружка как важнейшего средства подготовки учащихсия к труду// Авт. дисс… канд. пед. наук. -Душанбе, 2000-23 с.

АННОТАЦИЯ

В данной статье исследуется вопрос повышения квалификации учителей. Автор считает, что текущая политика Правительства Республики Таджикистан в области образования в первую очередь направлена на решение наиболее важных вопросов, таких как повышение качества образования, подготовка специалистов для конкурентоспособности на рынке труда и выход в мировое образовательное пространство. При этом обеспечение конкурентоспособности нашей национальной системы образования на мировом рынке образования и труда зависит, прежде всего, от высококвалифицированных учителей, вооруженных современными знаниями и талантами.

Также автор обращает внимание на деятельность Государственного учреждения «Республиканский институт повышения квалификации и переподготовки кадров» и его филиалов в стране.

Ключевые слова: повышение квалификации, качество образования, система образования, профессиональные навыки, переподготовка кадров, рынок труда, конкурентный.

ANNOTATION

In this article, the issue of professional development of teachers is studied. The author believes that the current policy of the Government of the Republic of Tajikistan in the field of education is primarily aimed at addressing the most important issues, such as improving the quality of education, training specialists to compete in the labor market and entry into the global educational space. In this process, ensuring the competitiveness of our national education system in the global market of education and labor depends, first of all, on highly qualified teachers armed with modern knowledge and talents.

Also, the author pays attention to the activities of the State Institution "Republican Institute for Advanced Training and Retraining of Education" and its branches in the country.

Keywords: professional development, quality of education, education system, professional skills, staff retraining, labor market, competitiveness.

СИЁСАТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Олимов А.Х. -
декани факултети баҳисобгирӣ ва молия ва ассистенти кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Расулов Н.Ҷ

«Имрӯз дар Тоҷикистон намояндагони қариб сад миллату халқият зиндагӣ мекунанд.Конститутсияи Тоҷикистон таъмини манфиатҳои тамоми гуруҳҳои миллӣ, қавмӣ ва мазҳабӣ, ривоҷи маданият, забон, оину сунннатҳои онҳоро кафолат медиҳад. Мо бояд анъанаҳои неки ҳамаи миллату халқиятҳои муқими кишварамонро ҳамчун сарвати бебаҳои маънавию фарҳангӣ ва пайвадгари риштаҳои дӯстию бародарии ҳамватанонамон, ҳамчун омили ваҳдату ягонагии халқи Тоҷикистон истифода барем ва наслҳои ҷавонро низ дар ҳамин руҳия ба камол расонем».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Масъалаи миллат, халқият ва дигар умумиятҳои милливу этникӣ мавзӯи марказии консепсияи давлатдории муосир ба ҳисоб меравад. Фаҳмиши миллат ва сиёсати миллӣ вобаста ба шакли идоракунии давлат, режими сиёсӣ ва шакли сохтори давлатӣ мазмун ва шакл мегирад. Мавзуннамоии муносибатҳои миллӣ ҳамчун самти сиёсати давлатӣ дар танзими муносибатҳои дигари ҷомеа чун иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳимро мебозад. Аз он хотире, ки кишварҳои муосири олам дар асоси гуногунчеҳрагии милливу этникӣ инкишоф меёбанд, сиёсати миллӣ ба танзими муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо машғул аст. Аз ин хотир, сиёсати миллӣ муҳимтарин воситаи ҳалли оқилонаи зиддиятҳо ва мухолифатҳои байнимиллӣ маҳсуб шуда, дар таъмини амнияти миллӣ саҳм мегирад.

Барои фаҳмиши амиқи масъала зарурият ба вуҷуд меояд, ки ба андешаҳои муҳаққиқон такя менамоем. Ходими давлативу ҷамъиятӣ ва инқилобчӣ В.И. Ленин муқобили ҳама гуна миллатгароии либералӣ-буржуазӣ баромад менамояд. Ба ақидаи ӯ миллатгароии либералӣ-буржуазӣ ба озодиҳо ва фаъолияти муборизаи синфии пролетариат монеа эҷод месозад. В.И Ленин шиори фарҳанги миллии буржуазиро танқид намуда, ба назари ӯ шиори «фарҳанги миллӣ»-и буржуазӣ ин фиреб мебошад. Дар аввал фарҳангҳои миллӣ алоҳида ба амал меояд, сипас буржуазияи ҳамаи миллатҳо ба вуҷуд меояд. В.И. Ленин қайд менамояд, ки «Шиори мо ин фарҳанги интернатсионалии демократӣ ва ҳаракати умумиҷаҳонии коргарӣ мебошад». [7. с. 26] В.И. Ленин нишон медиҳад, ки бояд тамоми миллатҳоро дар шакли ҳаракати коргарӣ муттаҳид намуд ва бо миллатгароии буржуазӣ мубориза бурд.

Дар доираи масъалаи мазкур андешаҳои О. Бауэр қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Ӯ ба муносибатҳои миллӣ ва миллат таваҷҷуҳи хоса зоҳир

намудааст. Ба андешаи ӯ миллат натиҷаи инкишофи ҷамъият ва давлат аст. О. Бауэр миллатро «умумияти маданӣ ва характери дар асоси умумияти тақдир ба вуҷуд омада» медонад. [6. с. 18] Ӯ нишон медиҳад, ки ҳатто одамони мансубияти миллии гуногундошта, метавонанд дар асоси умумияти тақдир ва характери умумӣ муттаҳид гарданд ва ҳамчун миллати ягона шинохта шаванд.

Ба ақидаи О. Бауэр миллатро гуруҳҳои ҳукмроне ташкил менамоянд, ки забони умумӣ ва маълумоти умумӣ доранд ва онҳо муносибатҳои хешутабориро бо ҳамдигар бунёд месозанд. Карл Каутский андешаҳои О. Бауэрро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки «онҳоро танҳо сотсиализм миллат намуда метавонад, дар асоси «сиёсати миллӣ- эволютсионии муосири синфи коргар». [6. с. 20]

Дар тафовут ба андешаҳои О. Бауэр Карл Каутский нишон медиҳад, ки одамон дар асоси характери миллӣ муттаҳид мешаванд. Одамон дар муҳит ва фазои муайян зиндагӣ намуда, характери миллиро бунёд менамоянд. Карл Каутский мисол меорад, ки оё метавон одамонро дар асоси умумияти забон муттаҳид намуд? Вале бештари англисҳо ва ирландиҳо, шотландиҳо, даниягиҳо ва норвегиҳо, сербҳо ва хорватҳо, босниягиҳо бо як забон ҳарф мезананд, лекин худро ба миллати ягона мансуб намедонанд. Яҳудиҳо бошанд, забони ягонаи умумӣ надоранд, лекин то надозае хусусиятҳои миллатро соҳибанд ва миллати яҳуд худро мансуб медонанд. Аз ин хотир, ба ақидаи Карл Каутский дар бораи миллат андеша ронда, пеш аз ҳама аз мавқеи характери миллӣ сухан ронд. Карл Каутский дар бораи фазои интернатсионалиии маданӣ низ сухан рондааст. Ба ақидаи ӯ бо рушди муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ зарурияти забони ягона дар байни гуруҳҳо ба вуҷуд меояд. Инчунин, дар ин раванд васеъшавии миллатҳои бузург бо фурӯ бурдани миллатҳои хурд ба амал меояд, ё ин ки забонҳои омехта ба вуҷуд меоянд. Чунин раванд ба инкишофи се умумияти бузурги маданӣ оварда расонид. Ин се умумияти маданиро дар асоси дин: ба насронӣ, исломӣ ва буддоӣ тақсимбандӣ метавон намуд. Ҳар як доираи фарҳанг бо гуногунрангии забон ва миллат таркиб ёфтааст. Ҳар як ситемаи умумияти бузурги маданӣ на дар асоси характери миллӣ ба амал меояд, балки характери интернатсионалиро мегирад.

Дар бораи фаҳмиши миллат андешаҳои И.В. Сталин хеле муҳим арзёбӣ мегарданд. Дар адабиёти муосир бештар андешаҳои ӯ дар бораи миллат ва хосиятҳои асосии он эътироф карда мешавад. Ба ақидаи И.В. Сталин миллат ҳамчун умумияти устувори таърихан ташаккулёфтаи одамон, ки умумияти забонӣ, ҳудудӣ, ҳаёти ягонаи иқтисодӣ ва хислати психикӣ хоси он буда, дар умумияти маданият ифода меёбад, дониста мешавад. И.В. Сталин низ миллатгароии буржуазиро зери танқид қарор дода, интернатсионализми пролетариро ҷонибдорӣ менамояд. Ӯ бештар ҳуқуқи халқро барои худмуайянкунӣ ҷонибдорӣ менамояд. И.В. Сталин

принсипи автономияи милливу маданиро тарафдорӣ намекунад. Мувофиқи нуқтаи назари ӯ принсипи автономияи миллӣ ҳамчун шакли натсионализм баромад менамояд. Созмони ташкилотҳои миллӣ барои ақаллиятҳои миллӣ муҳим нест, танҳо ҳуқуқи ақаллиятҳо барои забон ва озодии эътиқод кафолат дода шавад, ҳатто иҷозат дода шавад дар мактаб бо забони модарии худ илм омӯзанд. [8. с. 290-367]

Муҳаққиқи дигар Эрнест Геллнер бештар кӯшиш намудааст ба давлати миллӣ ва масъалаи миллат диққати хоса диҳад. Ба ақидаи ӯ миллат ва давлат танҳо тасодуфиянд ва зарурияти ҳатмӣ нестанд. На давлат ва на миллат дар тамоми замон ва шароити гуногун вуҷуд дошта наметавонанд. Маҳз миллатгароӣ имконият медиҳад, ки миллат ва давлат барои якдигар муқаррар гардида бошанд. Давлат бе ёрии миллат ба вуҷуд омадааст, инчунин, баъзе миллатҳо бе давлати худӣ ба вуҷуд омадаанд. Муҳаққиқ нишон медиҳад, ки ду инсон худро ба як миллат дар ҳолате мансуб медонан, ки агар онҳоро як маданият муттаҳид намуда бошад. Дар ҳолати дигар ду инсон худро ба як миллат дар ҳолате мансуб медонанд, ки агар мансубияти худро ба он миллат эътироф намоянд. Бо ибораи дигар миллатро инсон месозад, миллат ин маҳсули эҷоди боварӣ ва майлу хоҳиши инсон мебошад. Гуруҳи муқаррарии одамон (одамони ҳудуди муайян, ки бо забони муайян ҳарф мезананд) миллат шуда метавонанд, агар аъзоёни ин гуруҳи одамон масъулият ва ҳуқуқҳои умумиро эътироф намоянд. Маҳз ҳамдигарфаҳмӣ чунин иттиҳодро ба вуҷуд меорад ва миллатро аз чунин шакли умумият ҷудо месозад. [2. с. 34-35] Вале, андешаи Эрнест Геллнер дар хусуси он ки давлат тасодуфӣ пайдо шудааст, чандон дастгирӣ намеёбад, зеро ки давлат ҳамчун зарурияти ҳатмӣ аз ҷониби одамон ба вуҷуд оварда шудааст.

Сиёсатшиносӣ бузурги тоҷик Зокиров Г.Н. дар баробари омӯзиши масъалаҳои сиёсӣ ба омӯзиши муносибатҳои миллӣ машғул аст. Муҳаққиқ масъалаҳои муҳими инкишофи давлатдории муосирро мавриди таҳлилу тадқиқ қарор медиҳад. Бештар дар бораи давлати муосир ва тавоно андешаронӣ мекунад. Зокиров Г.Н. сиёсати миллиро «мақсад аз он ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳалли зиддиятҳо ва масъалаҳои байни умумиятҳои милливу этникӣ мебошад» медонад. Муҳаққиқ назарияи умумии сиёсати миллӣ, принсипҳои асосии сиёсати миллӣ, вазифаҳов ва самтҳои онро мушаххас нишон додааст. [5. с. 106]

Ҳамин тариқ, сиёсати миллӣ, сиёсати иқтисодӣ, сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати фарҳангӣ, сиёсати забонӣ, сиёсати демографӣ, сиёсати минтақавӣ ва дигар навъҳои фаъолияти идоракунӣ- сиёсӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Умумияти манфиатҳои муҳими субъектони алоҳидаи муносибатҳои миллӣ ва манфиатҳои умумиллӣ дар сатҳи давлат асоси объективӣ дорад. Вазифаи муҳими сиёсати миллиро идораи намудани манфиатҳо тавассути амалинамоии манфиатҳои миллӣ ташкил медиҳад. Инчунин, сиёсати миллии давлат на танҳо ба амалӣ намудани

манфиатҳои миллӣ машғул аст, балки руҳияи тағйирёбандаи миллиро ба инобат мегирад ва ояндаи эҳтимолиро тағйир медиҳад.

Дар шароити Иттиҳоди Шӯравӣ барои танзими муносибатҳои миллӣ сиёсати интернатсионализми пролетарӣ пеш бурда мешуд. Вобаста ба идеологияи ҳукмрон ва шакли идоракунӣ дар ҷомеаи шӯравӣ мавҷудбуда, фаҳмиши миллат ва сиёсати миллӣ шакл гирифта буд. Сохтори миллӣ-давлатдории шӯравӣ дар заминаи тадқиқоти этнографии кишвар ба амал омада буд. Миллатҳо аз ҷиҳати таърихӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешуданд. Инкишофи милливу давлатии ҳалли масъалаи миллӣ ва муносибатҳои байнимиллӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар асоси принсипи худмуайнкуниии миллӣ дар заминаи ҳудуди мушаххас ва забони муайян амал мекард. Инчунин, автономияи фарҳангӣ- миллии ин ё он умумиятҳои алоҳидаи хурд эътироф карда мешуд. Мақсади сиёсати миллӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳуҷҷатҳои муҳими ҳизбӣ- давлатӣ зоҳир мегардид, ки он инкишоф ва наздикшавии миллатҳои сотсиалистиро инъикос менамуд.

Дар замони муосир навъҳо, шаклҳо ва моделҳои асосии сиёсати миллӣ мухталиф мебошанд. Олимон моделҳои инкишофи мунсибатҳои этнонатсионалиро ба чунин навъҳо ҷудо менамоянд: «модели ассимилятсионӣ», «модели деги гудозиш», «модели мултикултурализм», «модели ядрои (маркази) периферия (музофот) ва колонилаизми дохилӣ» [1. с. 117] ва ғайрахо.

Яке аз тарҳҳои асосии сиёсати миллӣ ассимилятсияи милливу этникӣ ба ҳисоб меравад. Ассимилятсия (лотинии *asimillatio*- якшавӣ, якҷояшавӣ) -бегона гаштани одамон аз баъзе хусусиятҳои милливу этникии худ маҳсуб мешавад ва одамон ба умумияти дигар дар асоси хусусиятҳои этникӣ ба он дохил мегарданд. Дар ин раванд хосатан, муҳоҷироне, ки аз кишварҳои беруна меоянд забони миллати дигарро ба сифати забони модарӣ қабул менамояд. Одамон маданияти миллӣ, маишат, тарзи зиндагӣ ва анъанаҳои миллии умумияти дигари милливу этникиро қабул менамоняд. Равандҳои ассимилятсионӣ бештар дар марказҳои ҷамъшавии анбуҳи зиёди одамон, махсусан шаҳрҳо мушоҳида карда мешавад. Дар шаҳрҳои калон, ки аз ҷиҳати милливу этникӣ гуногунчеҳраанд, имконияти бештари авҷ гирифтани равандҳои ассимиялтсионӣ мушоҳида мешавад. Кӯшишҳо ба харҷ дода мешавад то ки фарҳанги нав, маданияти нав, қоидаҳои рафтор, тарзи муносибат ва муошират омӯхта шавад ва ин амал ба инкор намудани шаклҳои кӯҳнаи фарҳангу маданият оварда мерасонад. Одамон ба муҳити нав ворид гардида, дар он ҷо одат мекунанд. Ассимилятсия метавонад дар наслҳои минбаъдаи одамон мушоҳида гардад. Он метавонад худ ба худ ба таври стихиявӣ рӯх дода бошад, яъне одамони мансубияти гуногуни миллидошта, худро ба айният ва шаклҳои афзалиятдоштаи маданияту фарҳанг худро мансуб медонанд. Ё ин ки ассимилятсия метавонад

маҷбуран амалӣ гардонида шавад, махсусан тавассути сиёсати давлатӣ амалӣ гардонида мешавад. Баъзан ин тарзи муносибат одамон худро зери таъсири фарҳангу маданияти бегона эҳсос намуда, рӯ ба шаклҳои миллатгароии канора ва амалҳои иртиҷоӣ меоранд. Дар натиҷа моҷароҳои милливу этникӣ сар мезананд, ки хатари ҷангҳои минтақавиро афзун мегардонанд.

Модели ассимилятсионии сиёсати миллӣ пешниҳод менамояд, ки ҷомеи мадании бисёрмиллата, дар заминаи муносибатҳои гуногунии этникӣ, нажодӣ, динии аҳолӣ ба вуҷуд оварда шавад ва ба системаи том табдил дода шуда, асоси онро идеали «шаҳрвандии ягона» ва стандартҳои маданияти умумӣ ташкил диҳад. Айнияти милливу этникии одамон дар натиҷаи чунин сиёсати миллӣ бо айнияти шаҳрвандӣ омехта мешавад ва мавқеи сиёсии шаҳрвандро муайян мекунад. Намунаи маъмули он модели сиёсати миллии ИМА ба ҳисоб меравад, ки солҳои зиёд дар сиёсати дохилии кишвар амал мекард. Дар замони худ призидент Ҷон Кеннеди халқи амрикоро «миллати муҳоҷирон» ном бурда буд ва чунин муайянкунӣ ҳадафҳои сиёсии роҳбарияти давлатро нишон медод. Шумораи зиёди муҳоҷирон, ки муддати солҳои зиёд аҳолии ИМА-ро ташкил менамуданд, хавфро ба вуҷуд оварда буд, ки давлатро ба умумиятҳои муттаҳидаи муҳоҷирон табдил медиҳанд. Ҳар яки онҳо бо қонунҳои дохилии худ, идеалу ҷаҳонбинии худ ва такя намудан ба фарҳангу маданияти хеш зиндагӣ менамоянд. Барои сохтани ҷомеаи муттамаркази сиёсӣ дар баробари институтҳои умумидавлатӣ арзишҳои умумӣ, образ, идеал, стандартҳои маданӣ лозим буданд, ки рӯовариҳои арзишии муҳоҷирони ба кишвар омадаро муттаҳид намояд. Дар натиҷа назарияи «деги гудозиш» пешниҳод карда шуд, ки самтҳои асосии инкишофи миллати амрикоиро таҷассум менамуд. Шиори «Амрико –деги гудозиш» муқобили дискриминатсияи нажодӣ ва милливу этникӣ баромад мекард. [10. с. 237]. Назарияи мазкур як навъ ҷавоб ба муҳоҷирати оммавии давоми асри XIX буд. Назарияи «деги гудозиш» дар амалияи ҷамъиятӣ бартарият ва афзалияти худро нишон дод. Идеологҳо ва машваратчиёни сиёсӣ нақши онро дар америкоикунонии ҷомеа бузург муаррифӣ намуданд.

Эрнест Геллнер нишон медиҳад, ки миллатгароӣ ба иттиҳод ва муттаҳидии фарҳанги умумӣ алоқамандӣ дорад. Ҷомеаи аграрӣ аз рӯи гуногунрангии этникӣ, миллӣ ва маданӣ хеле бой ва бисёртаркиба мебошад. Амммо, он тавассути сиёсати ассимилятсионӣ ҷомеаи индустриалӣ нави бераҳм нест карда мешавад. Бисёре аз тафовутҳои фарҳангӣ шуста шуда, ҷойи онро фарҳанги индустриалии космополитикӣ (шаҳрванди сайёра) мегирад. Шахсияте, ки худро дар шаҳри нави индустриалӣ эҳсос менамояд, маҷбур мешавад, ки анъанаҳои маданӣ онро қабул намояд. Космополитизми бозор дар худ комополитизми бозори меҳнатро дар бар мегирад ва он тафовутҳои милливу этникиро аз

байн мебарад. [2. с. 9-10] Андешаҳои Эрнест Геллнер ҳақу ҳуқуқи мавҷудият доранд. Онҳо асосҳои воқеӣ ва далели инкишофи айнияти нав, яъне айнияти космополитикиро доранд. Тарҳи дигари сиёсати миллӣ дар кишварҳои бисёрмиллата истифода мегардад-ин мултикултурализм (бисёрфарҳангӣ) мебошад. Мултикултурализм-ин шакли махсуси идеологияи либералӣ буда, интегратсияи гуруҳҳои гуногуни этникӣ ва ақаллиятҳои миллиро дар бар мегирад ва кӯшиш менамояд, ки расман махсусиятҳои мадании одамонро нигоҳ дорад.

Яке аз кишварҳое, ки мултикултурализмро ҳамчун сиёсати давлатӣ эътироф намудааст Канада мебошад. Сиёсати мултикултуралистӣ дар Канада солҳои 70-уми асри XIX ин ба амал омада буд. Канада дар тафовут аз ИМА модели ассимилятсиониро пеша нагирифт. Ҷомеаи канадагӣ дар заминаи арзишҳои милливу этникӣ бо хусусиятҳои фарҳангии худ бунёд ёфтааст. Моҳияти модели мултикултуралистии сиёсати миллӣ дар он аст, ки асотсиатсияҳои этнофарҳангӣ ҳифз карда шаванд ва ҳар гуна монеаҳо, ки барои иштироки ақаллиятҳои миллӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа мавҷуданд, бартараф карда шаванд.

Сиёсати миллӣ дар раванди таърихӣ дар давлатҳои гуногун новобаста аз идеологияи сиёсии онҳо дар шакл ва навъҳои гуногун амалӣ гардонида мешуд. Давлатҳои замони муосир низ ба ҳалли муносибатҳои миллӣ таваҷҷӯҳ доранд. Аз ин хотир, сиёсати миллиро вобаста ба мақсаду вазифаҳо, таркиб, самт, шакл, методҳои амалинамоӣ дар шакли зер таснифбандӣ менамоем:

Таснифоти сиёсати миллӣ	
Мақсад	Муттаҳидии миллӣ Интегратсияи байниэтникӣ Ба ҳам наздкишавии миллат Ҷудошавии миллат, канорачӯӣ Ҳимояи «тозаги»- и этникӣ Ҳифзи миллат аз миллати бегона
Мазмун	Гуманистӣ- инсондӯстӣ Интернатсионалӣ Зиддигуманӣ- инсонбадбинӣ Натсионалистӣ (миллатгароӣ) Абарқудратӣ- шовинистӣ

Самт	Демократӣ Сулҳхоҳӣ-оромихоҳӣ Бунёдкорӣ-созандагӣ Тараққихоҳӣ Тоталитарӣ Вайронкорӣ Радикалӣ (иртиҷоӣ)
Шаклҳо ва методҳои амалинамоӣ	Зӯригарӣ Таҳаммулпазирӣ Эҳтиромгузорӣ Ҳукмфармоӣ Фишороварӣ Маҷбурнамоӣ Таҳқирнамоӣ «Тақсим намо ва ҳукмронӣ кун».
Натиҷа	Консенсус (ризоият) Компромис (созиш) Интегратсия (муттаҳиднамоӣ) Ҳамкорӣ, дӯстӣ Шиддатнокӣ, Конфронтатсионӣ, Моҷарогарӣ.

Аз ин ҷо бар меояд, ки сиёсати миллӣ метавонад натиҷаҳои мусбӣ ва манфиро ба бор оварда бошад, вале дар замони муосири инкишофи Тоҷикистон бештар ба хусусиятҳои муҳими сиёсати миллӣ ҳамчун омили муҳими рушди давлатдорӣ, омили нигоҳдории тамомияти арзии давлат, омили пешгирии бухронҳо ва моҷароҳои сиёсӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва талаботу манфиатҳои онҳо бештар таваҷҷӯҳ равона карда мешавад. Тамоми фаъолияти институтҳои сиёсӣ ва идоракунӣ, ки ба таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва равандҳои руҳӣ- психологӣ машғуланд, бояд дар заминаи принсипҳои муайни сиёсати миллӣ ба роҳ монда шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар асоси гуногунчеҳрагии милливу этникӣ инкишоф ёфта, муносибатҳои байниҳамдигарии аксарият ва ақаллиятҳои миллиро танзим менамояд. Мақсади асосии сиёсати миллиро дар Тоҷикистон таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд новобаста аз мансубияти милливу этникӣ, бунёди шаклҳои нави тамаддунии муошират ва дарёфти роҳу воситаҳои осоиштаи ҳалли моҷароҳои сиёсӣ ва амалинамоии механизми идораи муносибатҳои миллӣ дар кишвар ташкил менамояд. Вазифаи асосии давлати муосирро ин мавзуннамоии муносибатҳои миллӣ, ҷустуҷӯ ва амалӣ намудани роҳҳои пурсамари баҳамалоқамандии иштирокчиёни муносибатҳои миллӣ ташкил

менамояд. Роҳбарияти олии кишвар ва мақомоти давлатӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки муносибатҳои байнимиллиро мавзун гардонад ва роҳу воситаҳои алоқаву муошарати байни ақаллиятҳои миллиро дарёфт созад, сатҳи нобоварии байниҳамдигарии онҳо паст бурда шуда, сатҳи қолабии муносибатҳоро нест кунад. Сиёсати миллӣ дар Тоҷикистон бештар, баробарии иҷтимоӣ ва сиёсии шаҳрвандонро новобаста аз тафовутҳои милливу этникӣ эътироф менамояд ва танҳо ҳуқуқи худмуайянкунии фарҳангии онҳоро эътироф мекунад. Иштироки ақаллиятҳои миллиро дар идоракунии давлатӣ тавассути ҳизбҳои сиёсии умумимиллӣ кафолат медиҳад. Ақаллиятҳои миллӣ ҳуқуқи таъсиси ташкилотҳои сиёсиро, ки барои бадастории ҳокимият зарур аст, надоранд. Созмонҳои ақаллиятҳои миллӣ дар Тоҷикистон танҳо хусусияти фарҳангӣ доранду халос.

Мақсаду ҳадафҳои асосии сиёсати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

- Муайян кардани мақсаду вазифаҳо, коркарди барномаи фаъолият бо дарназардошти манфиатҳои умумиллӣ ва гуруҳҳои этникии кишвар. Барномаи махсуси фаъолият хусусияти стратегӣ дорад ва он ба оянда нигаронида шудааст. Сиёсати миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии сиёсиву ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешавад;

- Мақсади ташкилӣ- танзимнамоӣ. Сиёсати миллӣ дар кишвар фаъолияти институтҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ташкилотҳои ҳукуматӣ, гуруҳҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ақаллиятҳои миллӣ ва ҳаракатҳо, гуруҳҳои аҳолӣ ва ғайраро танзим менамояд. Тавассути таъсиси институҳои давлатӣ мувозинати байни аксарият ва ақаллияти миллӣ таъмин карда мешавад. Сатҳи иштироки онҳоро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ муайян менамояд;

- Вазифаи интегриатсионӣ (баҳамоӣ, муттаҳидшавӣ) Сиёсати миллии Тоҷикистон намояндагони умумиятҳои гуногуни милливу этникӣ, аксарият ва ақаллияти миллиро муттаҳид месозад. Асосан, умумиятҳои милливу этникӣ дар асоси мақсаду манфиатҳои умумӣ муттаҳид менамояд, яъне тамоми аҳолии кишвар дар доираи иттиҳоди шаҳрвандон, бунёди арзишҳо ва идеалҳои умумишаҳрвандӣ ба ҳам муттаҳид мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ намояндагони ақаллиятҳои милливу забониро ба ассимиялятсия маҷбур намесозад. Онҳоро дар доираи иттиҳоди шаҳрвандони озод зиндагӣ менамоянд.

- Ҳалли зиддиятҳои байнимиллӣ ва моҷароҳои милливу этникӣ. Сиёсати давлатӣ ба коркарди роҳу воситаҳо ва методҳои танзим ва ҳалли муносибатҳои байниҳамдигарии гуруҳҳои этникӣ, аксарият ва ақаллиятҳои миллӣ, моҷароҳои байни онҳо ва ғ. машғул аст. Дар доираи муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ ҳар гуна монеаҳоро, ки дар байни намояндагони умумиятҳои милливу этникӣ ба амал меоянд, бартараф мекунад. Баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодии байни умумиятҳои

милливу этникиро таъмин менамояд. Ҳадафи сиёсати миллӣ дар Тоҷикистон ин паст бурдани зиддиятҳои байнимиллӣ, роҳ надодан ба моҷароҳои милливу этникӣ, ҳифзи миллат, ҳимояи ҳамватанон дар дохил ва хориҷи кишвар ташкил менамояд. Кӯшиш менамояд, ки дар байни миллату халқиятҳо моҷароҳо сар назанад;

- Сиёсати миллии Тоҷикистон маҷмӯи чораҳоро дар бар мегирад, ки ҳолатҳои буҳронӣ ва зиддиятҳои байни умумиятҳои милливу этникиро бартараф менамояд. Руҳияи тағйирёбандаи миллиро пешбинӣ намуда, ҳар гуна монеаҳо, ки ба рушди ояндаи давлати Тоҷикистон ба миён меояд бартараф месозад;

- Сиёсати миллии кишвар ба ташаккули маданияти шаҳрвандӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун қисми таркибии соҳаи мадании ҷомеа, ташаккули фарҳанги сиёсӣ ҷомеа, ташаккули одамон дар руҳияи ватандӯстӣ, эҳтироми эътибори миллӣ, эҳтироми ваҳдати миллӣ, гуфтугӯ ва муошарати байнимиллӣ мағул аст. Роҳбарияти кишвар ва ҳукумати мамлакат муносибати оштинопазир нисбати натсизм ва шовинизм ва шаклҳои дигари миллатгароии канора дорад.

Ҳангоми амалинамоии сиёсати миллӣ таҷрибаи ҷаҳонии ҳалли муносибатҳои байнимиллӣ ба инобат гирифта шавад. Ҳам натиҷаҳои мусбӣ ва манфии таҷрибаи ҷаҳонӣ ба назар гирифта шавад. Аз он хотире, ки санадҳои сиёсиву ҳуқуқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қисми таркибии низоми сиёсиву ҳуқуқии кишварро ташкил менамояд, бинобар ин, меъёрҳои хосаи сиёсати миллии кишвар ба меъёрҳо ва принсипҳои сиёсиву ҳуқуқии байналхалқӣ мувофиқат намоянд.

Хулоса, таҷрибаи амалии сиёсати миллӣ дар кишварҳои гуногуни олам мухталиф мебошад. Дар сатҳи байналхалқӣ низ ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳифз карда мешавад. Дар шароти феълӣ давлатҳои мустақил ва ҷомеаи ҷаҳонӣ масъулияти ҳифзи аксарият ва ақаллиятҳои миллӣ, ҳалли осоиштаи зиддиятҳои миллӣ ва моҷароҳои милливу этникиро бар дӯш гирифтаанд. Шарти муҳим ин аст, ки то кадом андоза он дар сатҳи зарурӣ амалӣ карда мешавад. Муҳим он аст, ки пеши роҳи ҳама гуна миллатгароии канора ва натсистиву шовинистӣ гирифта шавад.

АДАБИЁТ:

1. Абдулатипов Р.Г. Российская нация. Этнонациональная и гражданская идентичность россиян в современных условиях. М., 2005. 388 с.
2. Геллнер Э. Нация и национализм: пер. с анг. /редак. и. посл. И.И. Крупника. М., 1991. 320 с.
3. Ғаффорӣ В., Сайидзода З. Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон. Душанбе, 2012. 372 с.

4. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ.2. Душанбе, 2015. 536.
5. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ.3. Душанбе, 2015. 540 с.
6. Каутский К. Нацональные проблемы. Пер. с нем./ Предис. С. Семковского. Изд. 2-е. М., 2011. 184 с.
7. Ленин В.И. Вопросы национальной политики и пролетарского интернационализма. М., 1959. 190 с.
8. Сталин И.В. Пол. собр. соч. в 18 томах. М., 1946- 2006.
9. Тавадов Г.Т. Этнология. Современный словарь- справочник. М., 2007. 668 с.
10. Тишков В. А. Шабаев Ю.П. Этнополитология: политические фукции этничности. М., 2011. 376 с.

АННОТАЦИЯ

В данной статье теоретически обоснованы представления о нации, национальных отношениях, национальной политике и ее основных функций. Наряду с этим автор пытается рассмотреть вопрос национальной политики с практической точки зрения. Рассмотрены основные направления национальной политики в условиях разных стран мира, особенно США, Канада и бывшего СССР. Этот вопрос подвергнут также рассмотрению в условиях Республики Таджикистан.

Ключевые слова: национальная политика, национальные интересы, межнациональные отношения, национальный характер, нация, космополитика, мультикультурализм, национализм, шовинизм, нацизм, национальное большинство, национальные меньшинства, национальные конфликты, этнос, гуманизм, интернационализм, идеология, буржуазия, социализм, колониализм, периферия, ассимиляция.

ANNOTATION

This article provides theoretically substantiated the idea of a nation, national relations, national policy and its main functions. Allong with this, the author tries to consider the issue of national policy from practical point of view. The main dirctions of national policy in the conditions of different countries of the world especially the USA, Canada and the former USSR are considered. This issue is alsoconsidered in the conditions of the Republic of Tajikistan.

Keywords: national policy, national interests, national character, nation, cosmopolitanism, multiculturalism, nationalism, chauvinism, nazism, national majority, national minorities, national conflicts, ethnos, humanism, internationalism, ideology, bourgeoisie, socialism, colonialism, periphery, assimilation.

ҶАВОНОН ВА МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

Қодиров Б. Б. –
н.и.ҳ мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
ДДБ ба номи Носири Хусрав
Набизода Э. Қ. –
омӯзгори факултети сиёсат ва идораи давлатии
ДДБ ба номи Носири Хусрав

«Ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳанӯз дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ дар асоси усули муносибатҳои баробарӣ ва дӯстӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муайян ва поягузорӣ гардида буд, боқӣ мемонад».
Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Бистунуҳ сол аст, ки Тоҷикистон бо эътимоди қавӣ ба ояндаи дурахшони худ дар ҷодаи истиқлолияти давлатӣ дар ҳалқаи кишварҳои мутамаддини ҷаҳон бо сарбаландӣ, шарофатмандӣ ва шоистагӣ роҳ мепаймояд. Таърихи кунунии тоҷикон аз ҳар самте, ки ба он нигарем ва аз пойгоҳи ҳар масъалае, ки ба таҳқиқи он ручӯъ намоем, бо касби истиқлолияти мамлакат пайванд мегирад. Истиқлолият сарманшаи ҷаҳони имрӯзаи миллати тоҷик аст, ки дар ниҳоди худ ҳадафҳои олии миллӣ, таърихӣ ва инсонии мардумро асолат бахшид[1, С. 372]

Дастовардҳои имрӯзаи даврони соҳибистиқлолӣ насли ҷавонро ба суботу созандагӣ ҳидоят менамояд. Ин тасмими арзишманд кишварамонро ба рушди босуботу амнияти комил ва касб намудани обрӯву эътибори арзанда дар арсаи байналмилалӣ ноил гардонд, ки бе муҳобот, дар ниҳоди насли ҷавон нерӯву тавоноӣ ва умед мебахшад.

Ҳарчанд даврaҳои тақдирсози кишваромон бо хотираҳои ибратомӯзу таърихӣ пушти сар шуданд, вале дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир ҳифзи манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ назди мо - ҷавонон, вазифаҳое истодаанд, ки иҷрои онҳо баҳри таҳкими Истиқлолият ва бақои Давлату миллат аҳмияти бузург доранд. Бо ибораи Сарвари давлат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Пеш аз ҳама бояд сари ин проблема андеша кунем, ки дар даврaҳои хеле ҳассоси тезутунд шудани муносибатҳои байни абарқудратҳо барои ҷорӣ намудани низоми нави ҷаҳондорӣ, сарфи назар аз мавҷудияти ақидаҳои мухталифи сиёсиву динӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа, мо барои ҳифзи сарвати бузургтарин ва бебаҳои худ, яъне Ватан ва истиқлолияти миллӣ муттаҳид бошем, барои ҳифзи манфиатҳои милливу давлатии худ зиракиро аз даст надиҳем» [2, С. 320].

Давлати миллӣ, ки шаҳрвандони муайянро дар марзи худ фаро гирифтааст, барои ҳимоя намудани манфиатҳои онҳо уҳдадор аст, зеро манфиатҳои миллӣ ин ҳамон манфиатҳои шаҳрвандон аст. Агар ба тарзи

сода баён кунем, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар якҷоягӣ манфиатҳои миллиро ташкил медиҳанд. Бо назардошти чунин вижагӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ беҳтар намудани шароит ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандони хешро дар садри сиёсати иҷтимоӣ қарор додааст. Барои даст ёфтан ба чунин ҳадаф то имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор барномаву стратегияҳое қабул ва амалӣ гардидаанд, ки воқеияти ин гуфтаҳоро тақвият мебахшанд.

Мавзӯи манфиатҳои миллӣ ва ташаккулёбии он дар ҷомеа баҳсҳои гуногунро ба миён овардааст ва ин баҳсҳо аз дараҷаи дарки андеша ва ҳувияти миллӣ вобастагии калон доранд. Маҳз бо шарофати худшиносӣ мардуми як ҷомеа дар атрофи арзишҳои мушаххас муттаҳид гардида, манфиатҳои худро ҳимоя менамоянд[8, С. 3].

Бахусус дар давраи истиқлолият бо кушишу заҳматҳо ва ғамхориҳои рузафзӯни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомали Раҳмон таҳқиқу ташвиқи арзишҳои таърихию фарҳангии миллати тоҷик дар сатҳи баланд ҷараён гирифта, барои баланд бардоштани ҳисси ватандустию хештаншиносӣ, талқин ва таҳкими ҳувияти миллӣ миёни ҷавонон, ҳисси баланди ватандӯстиву меҳанпарастӣ ва дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврас корҳои бузурге ба анҷом расонида шудаанд.

Мафҳуми манфиатҳои миллӣ дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният”, ки аз 28 июни соли 2011 №721 қабул шудааст, чунин оварда шудааст: **манфиатҳои миллӣ - маҷмӯи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад**[1, С. 2].

Инчунин дар асоси талаботи моддаи 5 Қонуни мазкур манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл оварда шудааст:

Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат;
- рушду устувории иқтисодиёти кишвар;
- тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ;
- пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият;
- тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он;
- фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо;

- таъмини муҷаҳҳазгардонӣ ва омодагии ҳарбии Қуввахои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ;

- таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси ҳамшарикӣ[1, С. 3].

Ҳангоми таҳияи мақолаи мазкур мо зарур шуморидем, ки ҳар як нуқтаи дар боло зикршударо, ки меҳвари асоси манфиатҳоии миллиро ташкил медиҳад ба таври алоҳида таҳлил намоем.

- таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

Имрӯз Тоҷикистон дар шароити истиқлолитяти давлатӣ барои шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муқаддасоти давлатдорӣ аз диди тоза назар андохта, беҳтарин арзишҳо, ормонҳо ва ченакҳоеро муайян кардани аст, ки метавонанд манфиатҳои имрӯзу фардои миллату давлатро сарбаландона дифоъ намоянд. Инсон арзиши олӣ дар Тоҷикистон эълон шуда, шинохти тамоми арзишҳои дигарро дар доираи манфиат ва манзалати он имконопазир мегардонад. Ҳеҷ як манфиат, неъмат ва дороӣ аз инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ боло буда наметавонад.

- нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат;

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳояшон пайваста ба масъалаи нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат таъкид менамояд, ки «Дар чунин шароити ҳассоси авзои байналмилалӣ моро зарур аст, ки доимо ҳушёру зирак бошем, ақлу хирад ва донишу таҷрибаи худро ба хотири тақвияти минбаъдаи давлатамон, ҳифзи марзу буми он, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини сулҳу суботи комили сиёсӣ дар ҷомеа сафарбар намоем». Аз ин суханон бармеояд, ки имрӯз ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд донишу таҷриба ва фаъолияти худро баҳри рушду нумуи давлатдорӣ истифода намуда, дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ мавқеи худро дошта бошад.

- рушду устувории иқтисодиёти кишвар;

Дар ташаккули иқтисоди бозоргонӣ давлат нақши асосиро иҷро намуда, ҳимояи ҳамагуна муносибатҳои бозоргонӣ ва иштирокчиёни онҳоро ба зиммаи худ гирифтааст. Ҳамаи шаклҳои моликиятро баробарҳуқуқ муайян карда, барои инкишофи онҳо озодии васеъ додааст. Давлат зидди ҳаргуна маҳдудгарии фаъолият ва рақобати носолим мебошад, баробарии ҳимояи ҳамаи шаклҳои моликиятро эълон менамояд.

- тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ;

Тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ дар сиёсати иҷтимоии давлат мавқеи асоси дорад. Масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ ҳануз аз оғози ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар кишвар сарчашма мегирад. Дар ин расто қабул гардидани

стратегия ва барномаҳои давлатӣ, аз қабили Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон, далели гуфтаҳои боло буда, қабули ин санад дар ташаккули минбаъди тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ пойдевори устувор мегузорад.

- пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият;

Дар ҳақиқат пос доштани арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият яке аз ҳадафҳои иҷтимоии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб рафта дар зарфи солҳои соҳибистиқлолии кишвар ба инкишофи ин масъала диққати махсус зоҳир карда шуд. Бояд қайд дошт, ки таҷлили ҷашни 1100 - солагии давлати Сомониён, 2500 - солагии шаҳри Истаравшан, 2700 - солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, ҳазораи «Шоҳномаи»-и безаволи Фирдавсӣ, 1000 - солагии Носири Ҳисрав, 700- солагии шоир ва орифи шаҳир Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 675-солагии классики назми форсу тоҷик, ғазалсарои бузурги машриқзамин Камоли Хуҷандӣ, Рӯзи забони тоҷикӣ, Соли бузургдошти тамаддуни Ориёӣ, 800 - солагии Ҷалолиддини Румӣ, 1150 - солагии поягузори адабиёти форсу тоҷик Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 100 - солагии зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров, 1310 - солагии Имоми Аъзам (Абӯҳанифа) нишонаи дурахшони эҳтиром гузоштан ба таърихи тайкардаи миллат ва пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият ба шумор меравад.

- тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он;

Дар асоси меъёри Конститутсия истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ ва тамомияти арзии давлат ба ҳеҷ ваҳҷ тағйир намеёбанд ва аз ин лиҳоз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ин ниҳодҳои конститутсионӣ комилан манъ аст. Дар ҳақиқат ин неъмати бебаҳои таърихӣ ва нишонаи асосии Истиқлолияти давлатӣ барои ҳар як фарди ин сарзамин басо азизу муқаддас ба шумор рафта, ҳифзу беолоиш нигоҳ доштани он ҳамчун манфиати миллӣ яке аз вазифаҳои асосии шаҳрвандони ин меҳан ба ҳисоб меравад.

- фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо;

Дар ин маврид ҳар як рукни ҳокимият тартиби муқарраргардидаи ташкилшавӣ, доираи муайяни фаъолияти худро дошта, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ амал менамояд. Ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ба сифати мақомоти давлатии мустақил, новобаста аз якдигар фаъолият менамоянд. Дар баробари ин ҷомеа аз худсариҳои гуногуне, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро поймол менамояд, эмин мегардад.

- таъмини муҷаҳҳазгардонӣ ва омодагии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҷурии Тоҷикистон баҳри мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии кишвар, баланд бардоштани сатҳи омодагии ҳарбӣ, беҳтар гардонидани шароити моддии техникии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитҳои лозимаро фароҳам овардааст. Ин ниҳоди ҷомеа барои ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, сулҳу амният, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои давлат ва ҷамъият нақши калиди дорад.

- иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ;

Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Албатта иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, маърифати баланлди ҳуқуқии шаҳрвандонро талаб намуда, иҷрои ин ухдадорӣ имкон фароҳам меорад, ки шаҳрвандони кишвар дар фазои сиёсии кишвар саҳмгузор бошанд.

- таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси ҳамшарикӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ, сиёсати сулҳҷӯёна ва дарҳои бозро дар амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёри байналмилалӣ муайян мекунад. Маҳз дар заминаи сиёсати хориҷии худ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, худро дар арсаи ҷаҳони ҳамчун давлати мутамадин ва дорои истиқлолияти давлатӣ, муарифи намояд ва ба ин васила манфиатҳои миллии хешро дар ҷомеаи ҷаҳони пос дорад.

Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи гуфтаҳои боло, мо ба чунин хулоса омадем, ки ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ дар шароити муосир яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва асосии давлати миллӣ ба шумор меравад. Ин воқеияти бебаҳс аст. Чунки аз Афлотуну Арасту ва Форобиву Ғаззолӣ оғоз карда, то олимони ҷомеашиноси имрӯз бар он андешаанд, ки яке аз сабабҳои асосии пайдоиши давлатро зарурати ҳимоя намудани талаботу манфиатҳои одамон ташкил менамуд ва имрӯз низ давлати миллӣ ҳамчун ниҳоди ҳимоятгари манфиатҳо баромад мекунад[7. С - 3].

Аз ин хотир, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат дар маркази диққати Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Бояд иброз дошт, ки манфиатҳои миллӣ аз ҳама манофеи шахсӣ болотар меистанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ дар саҳнаи муносибатҳои байналмилалӣ дорои истиқлолу озодӣ ва манфиатҳои миллии хеш аст, ки қабл аз ҳама, ҳифз ва ҳимояи ин арзишоти бузург барои миллати тоҷик хеле муҳим ва сарнавиштсоз мебошанд. Воқеияти сиёсии олами муосир ва шаклгирии муносибатҳои нав дар саҳнаи сиёсати байналмилалӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҷаҳони кунунӣ ба як марҳилаи нави мубориза, рушд ва манфиатҷӯӣ ворид гардидааст. Чунин ҳолат боис гардидааст, ки рӯз ба рӯз амнияту оромӣ дар ҷаҳон халалдор гардад ва як қатор хатару таҳдидҳое ба вуҷуд омада, дар роҳи ҳифзи арзишҳо ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ монеа эҷод намоянд. Аз ҳамин лиҳоз, дар ҷаҳони пуртазод ҳар гуна тағйироте, ки ба вуҷуд меояд, таъсири он хоҳу нохоҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мерасад. Маҳз бо назардошти чунин воқеоти ҷаҳонӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар сиёсати байналмилалӣ аз номи тамоми халқи Тоҷикистон ҳуқуқи сухан гуфтанро доранд, пайваста дар суханрониҳои хеш аз минбари созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ перомуни хатарҳои таҳдидкунанда ба амнияти ҷаҳон ва суботу оромии сокинони сайёра ибрози назар менамоянд.

Ҳамасола Пешвои миллат, Президенти кишвар дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ, ки асосан дар бораи вазъ ва дурнамои сиёсати дохилию хориҷии давлат ироа карда мешавад, ба ин масъала низ дахл менамоянд. Мавриди зикр аст, ки ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ дар шароити муосир яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва асосии давлати миллӣ ба шумор меравад.

Албатта, ҳар як халқу миллат таъриху тамаддун ва манфиатҳои милили хешро дошта баҳри омӯзишу ташвиқи арзишҳои фарҳангии худ аз роҳу воситаҳои мухталиф истифода мебаранд. Тоҷикон, ки яке аз халқҳои қадимаи дорои фарҳангу тамаддуни волои хос мебошанд, барои омӯзиш, оммави гардонии арзишҳо ва ҳифзи тамаддуни хеш чораҳои заруриро меандешанд.

Эҳтиром ба манфиат ва арзишҳои миллӣ бояд пешаи ҷавонон бошад. Дар тарғибу беолоиш нигоҳ доштани манфиатҳои миллӣ саҳми ҷавонон хеле калон мебошад. Мутаассифона, имрӯзҳо бархе аз ҷавонони ноогоҳ ва гумроҳи мо низ ба якчанд амалҳои номатлуб, ба монанди ифротгароӣ ва хусумати мазҳабӣ даст зада, бо даъвати ашхоси иғвогару ҷиноятпеша барои иштирок дар муқовиматҳои мазҳабӣ ба хориҷ рафта, дигаронро низ мехоҳанд ба ин роҳи бад раҳнамоӣ намоянд[6, С. 3].

Чунин кирдорҳои ҷиноятпеша муқобили манфиатҳои миллии мо буда, ҳимоя ва ё пешгирии он имрӯзҳо характери умумимиллӣ пайдо кардааст. Қобили зикр аст, ки раванди ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуб буда, тамоми ҷаҳонро такон дода, на танҳо барои кишварҳои

алоҳида ё минтақаҳои муайян, балки дар сайёра хатари умумиинсониро ба бор овардааст. Ҷавонон бояд дар хотир дошта бошанд, ки пуштибонӣ аз чунин афрод хатои бузург ва хиёнат ба давлату миллат буда, баракс, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва экстремизм ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ, сохти конститутсионӣ ва Истиқлолияти Тоҷикистон вазифаи муқаддаси ҳар фарди бонангу номус мебошад.

Бо боварии комил гуфта метавонам, ки насли ҷавонони кишварамон минбаъд низ баҳри бедор намудани ҳисси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои он, пуштибони аз сиёсати хирадмандони ҳомии сулҳу субот, Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ва шинохти Пешвои миллат ҳамчун падидаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, рамзи пойдориву бардавомии давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ ва кафили рушди босуботи ҷомеаи Тоҷикистон фаъолияти хубу назаррас намоем.

Бешубҳа, дар чунин шароит зарур аст, ки асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро ғояи таҳкими истиқлолияти давлат, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амният, ҳифзи тамомияти арзӣ ва татбиқӣ манфиатҳои умумимиллӣ ташкил диҳанд. Барои насли ҷавони имрӯз арзишҳои умумимиллӣ ва умумидавлатии Тоҷикистон ва ҳифзи онҳо бояд аз ҳама гуна манфиатҳо бартарӣ дошта, бо роҳу усули муосиру ҷавобгӯ ба талаботҳо онҳо пойдевори тарбияи ватандӯстии ҷавононро фаро гирад.

Ҳамин тариқ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамадунҳо аз ҷумла авҷ гирифтани хатарҳои замони муосир ба монанди гуруҳҳои террористию ифротгароӣ, ҷавононро мебояд, ки бо неруи зеҳнии худ дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлат саҳми созгор гузоранд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳар як ҷавонро мебояд дар худ ҳисси миллӣ дошта бошанд, то ин ки дар пешрафт ва рушду нумуи ҷомеаи демократӣ саҳми арзанда гузоранд. Умед аз он дорем, ки ҷавонони кишвари мо пеш аз ҳама донишҳои сиёсии худро қавӣ гардонида, ба ин васила зиракии сиёсиро аз даст нахоҳанд дод.

АДАБИЁТ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният”, ки аз 28 июни соли 2011, №721
2. Салимов Носирҷон, Шарифзода Абдуфаттоҳ Тоҷики оламшумул.- Душанбе: «Ирфон», 2011. - 372 саҳ.
3. Шарифзода Абдуфаттоҳ, Ғафуров Абдулло. Наҷотбахши миллат. – Душанбе - 2012. - 320 саҳ.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018. Душанбе, 2018.

5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сатҳи баланд«Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноякории муташаккил», шаҳри Душанбе. 17-майи соли 2019.

6. Ҷавонон ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ", рӯзномаи Ҷавонони Тоҷикистон, 16 Апрел 2017,

7. Манфиати миллӣ. Аз ҳувияти тоҷикона кор бигирем. Муаллиф Алиназар Ашӯров, корманди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Реҷаи интернети https://avkd.tj/tg/khabarho/957-nazare-ba-mafhumiideologiya-va-manfiathoi-geopolitiki-bo-nazardoshti-manfiatkhoi-millii-tojikiston.html (санаи мурочиат 21.10.2020) .

8. «Идеяи миллӣ — такягоҳи устувори ҷомеа», Хуҷамурод Қудусов, номзади илмҳои сиёсӣ, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Реҷаи интернетӣ: http://sadoimardum.tj/maorif/ideyai-mill-takyago- iustuvori-omea/ (санаи мурочиат 20.10.2020).

АННОТАЦИЯ

В статье анализируются роль и положение граждан, особенно молодежи, в защите национальных интересов. Авторы придерживаются мнения, что Республика Таджикистан как национальное государство на арене международных отношений имеет свою независимость, свободу и национальные интересы, которые, прежде всего, очень важны и критически важны для таджикского народа.

В ходе всестороннего анализа авторы пришли к выводу, что защита национальных интересов в современных условиях является одной из важнейших и основополагающих задач национального государства. Также в условиях глобализации и столкновения цивилизаций, включая растущие угрозы современности, такие как террористические и экстремистские группировки, молодые люди должны вносить конструктивный вклад в политическую жизнь и защиту интересов государства.

Ключевые слова: национальные интересы, глобализация, патриотическое воспитание, развитие материальных и духовных ценностей, национальное государство, молодежь.

ANNOTATION

This article analyzes the role and position of citizens, especially young people, in the protection of national interests. The authors believe that the Republic of Tajikistan as a nation-state in the arena of international relations has its independence, freedom and national interests, which, above all, are very important and crucial for the Tajik nation to protect and preserve these great values.

During a comprehensive analysis, the authors came to the conclusion that the protection of national interests in modern conditions is one of the most important and fundamental tasks of the national state. Also, in the context of globalization and the clash of civilizations, including the growing threats of modern times, such as terrorist and extremist groups, young people need to make a constructive contribution to the political life and protection of the interests of the state.

Keywords: national interests, globalization, patriotic education, development of material and spiritual values, national state, youth.

РАВАНДИ ИШТИРОКИ ҲИЗБҲОИ СИЁСИ ДАР ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарифзода Л. Ш. -
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти Донишгоҳи славиянӣ Россия ва Тоҷикистон

Бояд қайд намуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳими рушди парламентаризм ва гуногунандешии сиёси ба ҳисоб рафта, дар ташаккули низоми сиёсии ҷомеа мақоми махсус доранд. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ яке аз субъектҳои фаъоли раванди интихобот ба ҳисоб рафта, воситаи муҳими рушди низоми интихобот ба ҳисоб мераванд.

Дар ин раванд, яке аз хусусиятҳои муҳими давлати демократии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда, дар устувории низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим гузоранд. Дар ин раванд интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти худро дар сатҳи демократӣ ба роҳ монда, дар асоси талаботҳои муайяншудаи қонунҳои интихобот, ҳадафу мақсадҳои худро ба ҷомеаи шаҳрвандӣ интихобкунандагон дуруст роҳандозӣ карда, дар амали кардани нуқтаҳои муҳими барномаҳои худ нақши муҳим гузоранд.

Раванди интихобот ба ҳизбҳои сиёси имконият медихад, ки чораҳои мушаххас ва муҳими худро вобаста ба масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа роҳандози карда, дар мустаҳкам кардани мавқеъи худ миёни ҷомеа тадбирҳои муҳимро роҳандози намоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими интихобот дар раванди давлату давлатдории муосири Тоҷикистон, аз он иборат мебошад, ки дар раванди он нақши муҳимро ҳизбҳои сиёсӣ иҷро мекунанд. Дар ин раванд ҳар як ҳизби сиёсӣ мувофиқи барономаи таҳиякардаи худ ҳамчун субъекти фаъоли интихобот кӯшиш менамояд, ки аз тамоми воситаю усулҳо самаранок истифода намуда, мақом ва нуфӯзӣ худро дар ҷомеа баланд арзёбӣ намоянд.

Хусусияти муҳими раванди интихобот дар он аст, ки дар он имконият ва қобилияти ҳизбҳои сиёсӣ муаррифӣ гардида, кӯшиш намоянд, ки худро ҳаматарафа омода карда, аз методҳо ва василаҳои гуногуни таблиғотӣ истифода бурда, дар маъракаҳои муҳими сиёсӣ фаъолона иштирок намоянд. Раванди интихобот, яке аз хусусиятҳои муҳими иштироки шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, дар таҳкими раванди демократикунонии ҷомеа нақши муҳим дорад.

Бояд зикр намуд, ки раванди интихобот дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон омили муҳими иштироки ҳизбҳои сиёсӣ муаррифии онҳо дар раванди ҷомеа ба ҳисоб рафта, мувофиқи барномаҳои таҳияикардаи худ,

фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда, дар ба даст овардани шумораи зиёди овози интихобкунандагон, таблиғу ташвиқи худ миёни ҷомеа, аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд яке аз вазифаҳои муҳими ҳизбҳои сиёсӣ ин пеш аз ҳама робитаи худро бо интихобкунандагон, ҷомеаи шаҳрвандӣ устувор намуда, дар мустаҳкам намудани мавқеъ ва нуфӯзи худ, ҷиҳати ошнои комилро пайдо кардан миёни интихобкунандагон аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина раванди интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти худро миёни ҷомеа дуруст роҳандозӣ намуда, дар амалисозии барномаҳои худ, ҷиҳати мустаҳкам намудани раванди демократикунонии ҷомеа, гуногунандешии сиёсӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, нақши муҳим гузошта дар ташаккули фарҳанги демократии интихобкунандагон мусоидат кунанд.

Бо назардошти маъракаҳои сиёсӣ бояд, доираи васеи аҳолиро, аз нақшаву барномаҳои худ ва мақсаду маромашон бештар огоҳ созанд. Тайёри ба интихобот маъракаи ҷиддиву масъулиятноки сиёсӣ мебошад, ки дар раванди он тамоми субъектҳои раванди сиёсӣ ҷомеа вазифадоранд, ки аз рӯзҳои аввал ба ин тайёрӣ характерӣ амали бахшида, корҳои таблиғотиву ташвиқотиро мустаҳкам карда ба ҳар як интихобкунанда паёми худро расонанд.

Бояд зикр кард, ки интихобот ҳамчун институти муҳими сиёсӣ, дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ ва низоми бисёрҳизбӣ мусоидат карда, дар ба амал баровардани ҳуқуқи интихоботии интихобкунандагон мусоидат карда, дар рушди демократикунонии низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим мегузорад. Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки интихобот шакли олии изҳори иродаи халқ аст. Халқ чун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар интихобот иродаи худро бевосита изҳор мекунад.

Бояд қайд намуд, ки раванди ҳама гуна маъракаҳои интихоботиро ҳизбҳои сиёсӣ ташкил намуда, бо имконият ва нерӯи худ ҳамчун масъули гузаронидани ин маъракаҳо эътироф гардидаанд. Дар раванди маъракаҳои интихоботи фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро чунин баҳогузори намудан мумкин аст**:**

- бояд гуфт, ки раванди интихобот, ин омили муҳими муаррифӣ ва сатҳу нуфӯзи ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, аз фаъолияти баланди онҳо вобастагии калон дорад;

- бояд қайд кард, ки дар ин замина дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки ба рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муҳим гузоштанд;

- дар ин давра интихобкунандагон низ ба як кӯшишу ғайрат вориди раванди интихоботӣ гардида, раванди ҷомеаро як рӯҳияи интихоботӣ ва омодагиҳо ба интихобот фаро гирифта буд;

- дар раванди сиёсии ҷомеа тағиротҳои мухими сиёсӣ ба миён омаданд, ки дар натиҷа заминаи асосиро ба рушди низоми интихобот ва ҳуқуқи интихоботии интихобкунандагон мусоидат кард;

- раванди интихоботи президентии соли 2013-ум нишон дод, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди ин маъракаи муҳими сиёсӣ фаъолияти худро пеш аз ҳама дуруст роҳандози намуда буданд, ки дар муаррифии созандаи худ миёни ҷомеа чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намуда буданд;

- бояд қайд намуд, ки раванди интихобот, яке аз хусусиятҳои муҳими иштироки ҳизбҳо ва дигар субъектҳои интихобот ба ҳисоб рафта, заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди парламентаризм, демократия нақши муҳим гузоранд;

- ҳизбҳои сиёсӣ дар маъракаи интихоботӣ бо хусусиятҳои ба худ хос иштирок мекунанд. Масалан, раванди маъракаҳои интихоботӣ бори дигар нишон дод, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ин раванд, дар сатҳи баланд муаррифӣ гардад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ин раванд иштироки худро таъмин намуда, дар устуворсозии худ, ҷиҳати робитаи худро барқарор кардан ба ҷомеаи шаҳрвандӣ чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намоянд;

- бояд қайд намуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти худро устувор намуда, бо нерӯ ва иқтидорӣ фаъолияти худ метавонанд, дар амали гардонидани нуқтаҳои барномавии худ фаъолияти назаррас дошта бошанд;

- дар асоси тағйиру иловаҳои ба амал омада дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои муҳим ба миён омаданд, ки боиси иштироки васеъи интихобкунандагон дар раванди интихобот гардид;

- аз интихобот то интихобот барои муаррифии барномаҳои пешазинтихоботӣ, ё бевосита мулоқот бо мардум, ташкили чорабиниҳо имкон ба миён омад, ки дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низомӣ бисёрхизбӣ заминаи мусоид фароҳам омад;

- ҳизбҳои сиёсӣ дар ин раванд, аз интихобот то интихобот бо мардум, барои муаррифии худ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ, корҳои муҳим ва назарраси худро роҳандозӣ намуданд, ки яке аз нишонаҳои муҳими ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад;

- дар ин раванд пеш аз ҳама ҳуқуқи интихоботии интихобкунандагон васеъ гардид, ки дар таҳкими гуногунандешии сиёсӣ ва рушди низоми интихобот нақши муҳим гузошт;

- бояд қайд намуд, ки дар раванди ин маъракаҳои интихоботӣ хусусан пешравиҳои зиёде мушоҳида гардид, аз ҷумла иштироки фаъоли шаҳрвандон, ҳангоми вохӯриҳо бо намзадҳо метавон намунаи баланди омодагӣ ба интихоботро арзёбӣ намуд;

- дар ин раванд бисёр дигаргуниҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки ба рушди низоми интихобот мусоидат карда, фаъолияти субъектҳои интихоботро дар ин маъракаҳои муҳими сиёсӣ бо маротиб густариш дод;

- дар натиҷа низоми интихобот дар асоси принсипҳои демократӣ ташаккул ёфт, ки заминаи муҳимро дар рушди демократикунонии ҷомеаи муосири Тоҷикистон густариш дод;

- бояд қайд намуд, ки дар шароити давлатдории муосири Тоҷикистон раванди интихобот хусусияти демократи гирифта, иштироки ҳизбҳои сиёсиро ҳамчун масъули чорабиниҳои муҳими сиёсӣ фаъолияташон дар ҷомеа рушду нумуъ ёфт.

Ёдовар мешавем, ки интихоботи президентӣ ин нишонаи баланди фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон мебошад. Барои боз ҳам васеътар ворид гардидани унсурҳои демократия дар ҷомеа шароити мусоид фароҳам омад. Дар ин самт нақш ва мавқеи интихобот чун унсури таъминкунандаи иштироки бевоситаи мардум дар идораи давлат ва бо ҳамин усул муайян намудани сарнавишти имрӯзу ояндаи хеш хеле муҳим мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баргузории интихобот фазои мусоиди сиёсӣ-ҳуқуқи фароҳам омадааст, ки он барои шаффофу демократӣ ва дар чаҳорчӯбаи асноди ҳуқуқи байналмилаллӣ гузаронидани интихобот мусоидат менамояд.

Аз он ҷумла фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, васоити ахбори оммаи мустақил ва мавҷудияти гуногунандешии сиёсӣ аз ин гувоҳи медиҳад. Дар ин раванд агар ба таърихи ҷавони Тоҷикистон назар афканем пешравӣ дар ин масъала бараъло ҳувайдост. Демократикунонии ҷомеа дар соҳаи сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад, ки бешубҳа яке аз муваффақиятҳои муҳим дар ташаккули ҷомеаи демократӣ мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ин раванд мардумро ба интихобот тайёр ва омода кард, то тавонанд дар асоси ҳуқуқҳои интихоботии худ номзади арзандаи худро интихоб намуда, дар беҳсозии масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа тадбирҳои муфидро роҳандозӣ намоянд. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ бо фаъолияти пурмаҳсули худ имрӯз ба яке аз институтҳои муҳим сиёсӣ ва субъекти фаъоли интихобот эътироф гардидаанд. Ва дар раванди маъракаҳои интихобот бо мардум, аз рӯи барномаҳои таҳиякардаи худ сазовори боварии интихобкунандагон бошанд.

Ба назари коршиносон ва таҳлилгарон ҳар ҳизб бо фаҳмиш ва имкониятҳои хеш дар интихобот корҳои тарғиботӣ мебаранд ва шеваи худро истифода мебаранд. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ дар бораи ҳуқуқҳои интихоботии интихобкунандагон, чӣ гуна будани ҷомеаи демократӣ ва ғайра бо мардум суҳбатҳо гузаронида, ба онҳо ҳамкорӣ намуда, онҳоро ба интихобот тайёр намоянд, ки яке аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад.

Раванди интихобот ин пеш аз ҳама инъикоскунандаи мавқеъ ва нуфӯзи ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти сиёсии онҳоро дар раванди сиёсии ҷомеа муайян намуда, дар таҳкими раванди

демократикунонии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нақши муҳим мегузоранд. Бояд ёдовар шуд, ки вобаста ба ин масъалаи муҳими барраси гардида дар ин раванд, ҳизбҳои сиёсӣ чунин масъалаҳои муҳими худро роҳандозӣ намоянд, аз ҷумла:

- ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди маъракаҳои интихобот ҳамчун масъул ва субъекти фаъоли интихобот дар мадди аввал робитаи худро миёни шаҳру ноҳияҳои кишвар васеъ карда, дар муаррифии худ миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намоянд;

- раванди интихобот ин нишонаи сатҳи баланди иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати дар сатҳи баланд бурдани корҳои таблиғотиву ташвиқотии худ миёни ҷомеа, аз масъалаи муҳими фаъолияташон миёни ҷомеа ба ҳисоб меравад;

- яке аз хусусиятҳои муҳими иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот, дар шароити имрӯза аз он иборат аст, ки онҳо ин минбарро самаранок истифода бурда, барои муаррифӣ ва нуфӯзи худ, миёни ҷомеа аз ҳадафҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад;

- самаранок истифода бурдани интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки робитаи худро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва электорат мустаҳкам намуда, дар муаррифии созандаи худ, миёни интихобкунандагон аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад;

- ҳизбҳои сиёсӣ бояд, дар ин раванд бо назардошти воқеияти Тоҷикистон, шарту шароити зиндагии мардум ва имконоти худ маводҳои таблиғу ташвиқотии худро то ҳаде матраҳ ва нашр намоянд, ки дарстраси интихобкунандагон бошад ва ба манфиати интихобкунандагон равона карда шавад;

Фазои иттилоотии мусоид имконият медиҳад, ки ҳизбҳои сиёсӣ, дар раванди маъракаҳои интихоботи кӯшиши бештаре ба харҷ диҳанд ва дар муаррифии созандаи худ миёни ҷомеа кӯшиш намоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ ба он хотир таъсис дода мешаванд, ки тавассути барномаи омода намудаи худ, дар раванди интихобот дар сатҳи демократӣ фаъолияти худро дар раванди сиёсии ҷомеа дуруст роҳандозӣ намоянд.

Яке аз масъалаҳои хеле муҳим дар раванди сиёсии ҷомеа, ин пеш аз ҳама сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ интихобкунандагон ба ҳисоб рафта, ин омил имконият медиҳад, ки шаҳрвандон дар интихоби номзади худ бетараф набошанд, ва иштироки фаъоли онҳо дар ин гуна маъракаҳои муҳими сиёсӣ аз омилҳои муҳими таҳкими ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад.

Барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар заминаи арзишҳои миллӣ ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ, маориф, илм, мубориза бар зидди падидаҳои номатлуби фасод фаро гирифта, дар устувор намудани мавқеъ ва нуфузи худ миёни интихобкунандагон аз вазифаҳои муҳимашон ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими раванди интихобот, дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон аз иштироки фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ вобастагӣ дошта, дар натиҷа ҳар ҳизби сиёсӣ имконият дорад, ки аз мавқеъ ва нуфӯзи кадрии худ, ба ин маъракаи муҳими сиёсӣ омодагӣ гирифта, номзадҳои арзандаи худро пешбарӣ намоянд. Интихобот дар шароити имрӯзаи раванди давлатдории муосири Тоҷикистон омили муҳим иштироки субъектҳои интихобот ба ҳисоб рафта, воситаи муҳими муаррифии сатҳ ва имконияташон маҳсуб ёфта, дар мустаҳкам намудани низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим доранд.

Дар шароити имрӯзаи кишвар яке аз масъалаҳои муҳими таҳкимдиҳандаи раванди давлатдории муосири Тоҷикистон ин пеш аз ҳама иштироки фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ дар маъракахои муҳими сиёсӣ ба ҳисоб рафта, доир гаштани ин маъракаи муҳими сиёсӣ аз онҳо вобастагии ҷиддӣ дорад. Дар раванди интихобот ҳангоми пешбари намудани номзадҳо бояд шахсоне бошанд, ки хеле фаъоланду масъалагузор ва тадбирҳои муҳими худро дар раванди ҷомеа роҳандозӣ карда тавонанд. Электорат низ дар раванди маъракаҳои сиёсӣ фаъол бошад ва дар ин раванд намояндагони худро дуруст одилона интихоб намуда, дар ташаккули ҷомеаи демократӣ нақши муҳим гузоранд.

Маврид ба зикр аст, ки дар ин раванд, ҳизбҳои сиёси намояндагони арзандаашонро вориди интихобот намоянд, масъулиятшинос бошанд, дар роҳандозӣ карданӣ барномаҳои худ талош варзанд. Дар ин раванд ҳамаи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон фаъолтар бошанд, дар амали кардани нуқтаҳои муҳими барномаҳои худ чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намоянд. Фаъолияти онҳо на танҳо дар шаҳри Душанбе, балки дар тамоми минтақаҳо беҳтар гардад, ба манфиати ҷомеа буда, дар натиҷа як рақобати солим ба вуҷуд меояд. Ин ҳизбҳои сиёсиро водор мекунад, ки боз ҳам беҳтар фаъолияти худро миёни ҷомеа рҳандозӣ карда, аз роҳу усулҳои наву замонавӣ истифода намуда, мавқеъ ва нуфӯзи худро боз ҳам дар раванди ҷомеа мустаҳкам намоянд.

Бояд зикр намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими дигари раванди интихобот дар шароити имрӯзаи давлату давлатдории Тоҷикистон ин пеш аз ҳама аз фаъолияти субъектҳои раванди сиёсӣ вобатагӣ дорад. Дар ин раванд яке аз субъектҳои муҳим ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, бо нерӯъ ва иқтидори тавонои худ метавонанд, иштироки фаъоли худро таъмин намуда дар рушди низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим гузоранд. Бо маърифати баланди сиёсии худ тавонанд дар маъракаҳои интихоботи иштирок карда, дар амали кардани барномаҳояшон дар раванди ҷомеа тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намоянд.

Ҳизбҳо дар шароити имрӯзаи кишвар фаъолияти назарас дошта бошанд, дар ташаккули фарҳангӣ, демократии интихобкунандагон тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намуда, дар баланд бардоштани мавқеъ худ кӯшиш намоянд. Дар ин раванд интихобкунандагон дар маъракаҳои

интихоботӣ фаъол бошанд. Фаъол будани онҳо ба нафъи ҷомеа буда, дар рушди фарҳангӣ демократии интихобкунандагон мусоидат менамояд.

Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот, ин пеш аз ҳама аз сатҳи омодагиҳо ва таҷрибаашон вобастагӣ дошта, кӯшиш намоянд, ки дар устуворсозии мавқеъи худ миёни электорат робитаи худро устувор намоянд. Вобаста ба ин масъалаи мухими барраси гардида бояд ҳар як ҳизби сиёсӣ дар хусуси омодагӣ ба интихобот пеш аз ҳама бояд дар доираи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи президент» ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ фаъолияти худро дуруст дар раванди ҷомеа ба роҳ монанд.

Дастоварди сиёсии мо, дар гузаронидани интихоботи озод, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, бисёрҳизбӣ, гуногунандешии сиёсӣ аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки мӯҳлати начандон тӯлонӣ, ба онҳо ноил гаштаем, ки ин пеш аз ҳама, аз хирадмандии мардуми Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад. Рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, аз ҷумла гуногунандешии сиёсиву озодии эътиқод ва изҳори ақида, сухан матбуот ва такмили дигар унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз вазифаҳои муҳиму доимии ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд.

Албатта ҳамаи ҳизбҳо имрӯз кӯшиш менамоянд, ки дар интихобот иштироки фаъол дошта бошанд ва ҳар интихобот барои ҳизбҳо як навъ имтиҳон аст. Дар ин раванд баҳоро ба ҳар як ҳизби сиёсӣ мардум медиҳад, ки чи гуна барнома таҳия кардаанд, то имрӯз чӣ корҳоеро ба нафъи интихобкунандагони худ ба анҷом расонидааст, ва то чӣ андоза ғояҳои ҳизбашро дар амал татбиқ намудааст, имтиҳонест, ки ҳар як ҳизб ба он рӯ ба рӯ мешавад. Ва ҳар як ҳизб кӯшиш менамояд, дар раванди интихобот баҳои сазоворро соҳиб гардад.

Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ кӯшиш намоянд, ки мавқеъ ва нуфӯзи худро миёни ҷомеа васеъ ба роҳ монда, фаъолияти пурсаммари худро густариш дода, дар татбиқи нуқтаҳои муҳими барномаҳои худ кӯшиш намоянд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳафт ҳизби сиёсӣ расман фаъолият доранд, аз ҷумла: Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал–демократии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон.

Ин ҳизбҳо ҳам дар интихоботи президентӣ Тоҷикистон, интихоботи парлумонӣ ва маҷлисҳои маҳалии вакилони халқ иштироки фаъол дошта бошанд. Бисёрҳизбӣ имрӯз воқеияти Тоҷикистон аст ва ин плюрализми сиёсие, ки имрӯз вуҷуд дорад, Конститутсияи Тоҷикистон имконият фароҳам сохта буд ва имрӯз бо ҳамин роҳ рафта истодаем. Дар ин раванд ҳамаи ҳизбҳои сиёсии кишвар фаъолтар бошанд, фаъолияти онҳо на танҳо дар шаҳри Душанбе, балки дар тамоми минтақаҳо беҳтар гардад, барои

пешравии ҷомеа аҳамият дорад, зеро дар натиҷа як рақобати солим ба вуҷуд ояд. Ин масъулият ҳизбҳои сиёсиро водор месозад, ки боз ҳам беҳтар амал кунанд, аз роҳу усулҳои наву замонавӣ истифода намоянд, дар сатҳи давлатҳои пешрафта қарор гирем.

Мо мехоҳем, ки ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҷаъмиятӣ дар интихобот бо тарзи фаъол ширкат кунанд. Худи ҳизбҳои сиёсӣ низ дар Тоҷикистон бояд фаъол бошанд. Ҳамчунин аҳзоби сиёсӣ дар омӯзондани шаҳрвандон ба қоидаҳои итихоботӣ бояд фаъолтар бошанд. Ин вазифаи ҳар як ҳизби сиёсӣ аст, ки ба ҳама таҳаввулот дар ҷомеа фикри худро изҳор карда, барои пайдо кардани ҷойгоҳи муносиб дар ҷомеа саҳми муносиб гузоранд.

Тадқиқотҳо ва таҷрибаҳо нишон доданд, ки ҳар як ҳизби сиёсӣ бо дидгоҳ ва барномаҳои вижаи худ вориди интихобот мешаванд. Дар маъракаи интихоботи ҳизбҳо бо нерӯ ва идеяҳои тоза ба маъракаи сиёсӣ ворид шаванд, зимни баромадҳояшон ба беҳтар намудани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ва иҷтимоии кишварро яке аз ҷузъиёти муҳими барномаҳои худ муаррифӣ карда, паёми асосии худро ба интихобкунандагон дар сатҳи зарурӣ расонанд.

Интихобот аз рӯи меъёрҳои байналмилалӣ, бо талаботи қонунҳои амалкунанда гузаронида шуда, мардум аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ истифода бурда, фаъолона иштирок намоянд. Ба ҷонибдории кадом ҳизбе, ки райъ медиҳанд, озодона овоз диҳанд ва дар вақти интихобот ғолибияти комилро ба даст оварда, манфиати онҳоро дар раванди ҷомеа аз лиҳози қонунӣ ҳимоя намоянд.

БАХШИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ЭНЕРГЕТИКА

ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МАЛЫХ ГЭС В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Исозода Д. Т. - к.х.н. Иститут энергетики Таджикистана,
Рахматулоев А. З. - к.т.н. Иститут энергетики Таджикистана

Таджикистан является горной страной, не имеющей выхода к морю. Население республики составляет 9 млн, человек и за последние 10 лет увеличилось почти на 25%.

В Таджикистане единственным доступным промышленному освоению энергоресурсом является гидроэнергия. Его запасы практически неограниченны, 527 млрд. кВт.ч. в год, из которых сегодня осваивается только порядка 16,5 млрд. кВт.ч. При этом в республике имеется огромное количество рек, от крупных до самых мелких, поэтому теоретически возможно обеспечить устойчивое, бездефицитное энергоснабжение, как строительством одной или нескольких крупных станций с передачей их энергии во все регионы страны. Однако развитие энергосистем и строительство крупных ГЭС привели к снижению стоимости электроэнергии и неконкурентноспособности малых ГЭС из-за больших эксплуатационных расходов. Но разразившийся в 1973 г мировой энергетический кризис способствовал тому, что интерес к использованию имеющихся энергоресурсов и строительству малых ГЭС во многих странах значительно повысился. Уже более 20 лет почти каждую зиму, страна сталкивается с энергетическим кризисом несмотря на эти трудности энергетика в Таджикистане занимает особое место, являясь главной составляющей и стержнем промышленного и сельскохозяйственного производства, неотъемлемой частью систем жизнеобеспечения граждан, а также образования, транспорта и телекоммуникаций.

Энергетика Таджикистана – это платформа цивилизованного образа жизни его граждан.

Благодаря уникальным природно-климатическим условиям в Таджикистане имеются большие потенциальные возможности для использования возобновляемых источников энергии: солнца, ветра, биогаза, гидроэнергии.

В республике большая часть населения проживает в сельской местности и адекватное обеспечение экологически чистой энергией является основой устойчивого развития сельских и горных регионов и обеспечивает рациональное использование природных ресурсов.

Комплексное использование нетрадиционных возобновляемых источников энергии позволило бы в перспективе успешно решать многие проблемы энергообеспечения и охраны окружающей среды, в том числе, проблемы уменьшения выбросов парниковых газов в атмосферу.

Важным фактором энергообеспечения является наличие энергоресурсов и эффективная технология их использования, что подразумевает несколько аспектов: эффективная технология добычи энергоресурсов; эффективные устройства для преобразования первичных источников энергии в полезный вид энергии (тепло и электричество); эффективное потребление энергии (снижение уровня потребления энергии при сохранении комфорта, снижение энергоемкости производства); комплексное использование возобновляемых источников энергии (энергия солнца, ветра, малых рек, биогаза и др.).

1) Имеющие ресурсы в Таджикистане горючие полезные ископаемые:

а) Уголь

б) Нефть и газ

2) Возобновляемые источники энергии

а) Солнце

б) Ветер

в) Биогазы

г) Гидроресурсы

Уголь. Прогнозные запасы угля в Таджикистане оцениваются в 4 - 5 млрд. тонн, а промышленные и перспективные запасы по угольным месторождениям, согласно новейшим данным, составляют до 1 млрд. тонн. Ежегодный объем добычи угля в последнее время составляет 15-20 тыс. тонн. Частично население использует местные угольные месторождения. Однако отсутствие инфраструктуры и труднодоступность является препятствием для их освоения.

Нефть и газ. Запасы этих видов энергоресурсов в Таджикистане не велики. Потребности республики в них удовлетворяются практически полностью за счет импорта. Предполагаемые глубины залегания продуктивных нефтяных пластов составляют 6 км и более. Ежегодно в Таджикистане добывается и перерабатывается не более 30-40 тыс. тонн нефтегазового конденсата.

Возобновляемые источники энергии

Солнце. Таджикистан, благодаря своим природно-климатическим условиям, является одним из наиболее подходящих регионов для широкого применения солнечной энергетики. Продолжительность солнечного сияния составляет от 280 до 330 дней в году, а плотность солнечного излучения доходит до 1 кВт/м^2 и более.

В Таджикистане существуют порядка 2000 шт МГЭС с малой мощностью только для удовлетворения бытовых потребностей населения.

Ветер. В Таджикистане ветроэнергетический потенциал составляет по разным оценкам 30 - 100 млрд. кВт. ч. в год и может быть соизмерим с технически возможным к использованию гидроэнергопотенциалом республики.

Использование энергии ветра является перспективным в отдельных регионах республики, маломощные ветростанции применяются в отдельных регионах, и их количество исчисляется десятками где скорость ветра достаточно велика (более 5-6 м/с на высоте 10 м от уровня поверхности - моря Худжанд, Кайраккум, Файзабад, перевалы Хобуробад, Шахристан, Анзоб, другие участки) и ветроэнергетические установки (ВЭУ) могут применяться для выработки электроэнергии, подъема воды, размола зерна и др. Обычно турбины ВЭУ имеют мощность 250-750 кВт. Стоимость выработки электроэнергии на ВЭУ прямо зависит от среднегодовой скорости ветра и местных условий и колеблется в пределах 0,03 US$ (10 м/с) - 0,12 US$ (5 м/с) за 1 кВт.час.

Биогаз. Отходы сельского и лесного хозяйства могут быть дополнительным источником энергии за счет получения из них биогаза, а используемое при этом сырье является высококачественным удобрением для сельскохозяйственного производства.

Гидроресурсы. Потенциальные гидроресурсы Таджикистана оцениваются около 500 млрд. кВт. ч. в год. В настоящее время используется лишь 10% этого потенциала. Более 90% всей электроэнергии (около 17-20 млрд. кВт. Ч. Ежегодно) вырабатывается на гидроэлектростанциях. Удельная насыщенность гидроэнергоресурсами составляет 3682,7 кВт. Ч. На 1 км^2 территории. Указанные гидроэнергоресурсы сосредоточенны, в основном, на крупных реках Вахш, Пяндж, Обихингоу и других, протекающих в глубоких скальных каньонах и позволяющих сооружать эффективные гидроузлы.

В настоящее время в Таджикистане разработана методика определения эффективности и программы освоения энергетического потенциала малых водостоков.

Малые-ГЭС в основном предназначены для покрытия местных нужд и изолированно от энергосистем. При строительстве целесообразно применять стандартизированные и укрупненные сооружения (блоки).

Малые ГЭС могут быть рентабельными при упрощении схемы их управления (например, за счет балластной нагрузки) и работы без обслуживающего персонала. Эффективность малых ГЭС может быть повышена за счет многоцелевого использования ее сооружений, а также при выдаче мощности в местную сеть (без длинных ВЛ). При работе малых-ГЭС на изолированную нагрузку возникает необходимость

регулирования частоты и напряжения. Если водохранилище имеет достаточную емкость, можно обеспечивать суточное и недельное регулирование, в противном случае рекомендуется регулирование с помощью балластной нагрузки.

В комплект поставки входят: энергоблок, водозаборное устройство и устройство автоматического регулирования. Малые ГЭС получили развитие во многих странах мира в XX и XXI веке. Они характеризовались большой часовой наработкой, значительными конструктивными запасами и высокой надежностью, но требовали постоянного присутствия обслуживающего персонала.

Малые ГЭС занимают определенное место в энергобалансе регионов страны. Малые ГЭС позволяют улучшить водоснабжение населенных пунктов, они являются важным элементом системы создания безопасной и благоприятной экологии, а также дают положительный социальный эффект. Однако темпы развития малой гидроэнергетики на сегодня сдерживаются целым рядом возобновляемой энергии в РТ функционируют 269 микро, мини и малые гидроэлектростанции общей мощностью 132 МВт. В принципе вся энергосистема ГБАО, каскад Варзобских ГЭС относятся к числу малых ГЭС, которые представлены на таблице 1.

Малые ГЭС, Таджикистана
Список МГЭС

Название	Количество, всего/ мощность кВ т.ч.	Действующие МГЭС		Не действующие МГЭС количество /мощность, кВт.ч
		Количество/ Мощность, кВт.ч	Производство электроэнергии, кВт.ч	
Всего по Республике Таджикистан	**155 (12184)**	**105 (4686)**	**2328340**	**50 (7498)**
ГБАО	35 (3432)	15 (725)	497785	20 (2707)
Хатлонская область	8 (2185)	-		8 (2185)
Согдийская область	38 (1882)	37 (1002)	460336	1 (880)
РРП	74 (4685)	53 (2959)	1370219	21 (1726)
в том числе:				
Нуробад	9 (239)	7 (179)	23269	2 (60)
Вахдат	24 (1650)	17 (1080)	468720	7 (570)
Тавилдара	4 (136)	4 (136)	59024	-
Варзоб	8 (1061)	8 (1061)	599974	-
Джиргиталь	7 (285)	1 (230)	99820	6 (55)
Гиссар	3 (189)	3 (189)	82026	-
Шахринав	1 (500)	-		1 (500)
Турсунзода	1 (500)	-		1 (500)
Таджикобад	6 (80)	5 (50)	21700	1 (30)
Рашт	11 (45)	8 (34)	15686	3 (11)

Преимущества малых ГЭС перед крупными известны - это несоизмеримо меньшие финансовые и материальные затраты при их

строительстве, меньший экологический риск, близость к потребителю, что в условиях Таджикистана является очень значимым. Целью этого проекта является надежное обеспечение электроэнергией некоторых малых и больших отдаленных населенных пунктов страны, а также выработки электроэнергии на малых ГЭС для освоения гидроэнергетических потенциалов малых рек. В 2009 году была принята обновленная программа строительства малых ГЭС. Согласно данной программе предусмотрено строительство 189 Малых ГЭС общей мощностью 103,6 МВт. Для достижения этой цели в настоящее время на стадии реализации находится строительство этих малых ГЭС в разных регионах республики, в том числе:

Таблица 2.

	Наименование МГЭС	Источник финансирования	Место расположения	Мощность, кВт
	«Марзич»	Исламский Банк Развития	Айни	4300
	«Шаш-Болои»	Исламский Банк Развития	Нурабад	183
	«Сангикар»	Исламский Банк Развития	Рашт	1000
	«Фатхобод»	Исламский Банк Развития	Таджикабад	282
	«Питавкул»	Исламский Банк Развития	Джиргиталь	1104
	Точ»	Правительство Республики Таджикистан	Шахринав	304
	«Ширкент»	Правительство Республики Таджикистан	Турсун-Заде	572
	«Хорма»	Правительство Республики Таджикистан	Бальджуван	180

После сдачи в эксплуатацию общая мощность выработки вышеупомянутых Малых ГЭС составляет 7 925 кВт, а годовая выработка электроэнергии составит 47, 6 млн. кВт.ч. Подсчитано, что освоение в республике только 10 % гидроэнергетического потенциала малых рек в среднегорном и высокогорном поясе позволит электрифицировать до 70% малых населённых пунктов и сельхоз объектов.

Предварительные расчеты Физико-технического института Академии наук республики Таджикистан подтверждают эффективность возведения малых ГЭС. Наиболее перспективными зонами в республике является ГБАО «Памир» для сооружения малых ГЭС в среднегорном и высокогорном поясах являются Калай-Хумбский, Ванчский и Рушанский

районы. Здесь возможно строительство 20 МГЭС общей мощностью более 18 тыс. кВт.

В настоящее время в РТ функционируют 269 микро, мини и малые гидроэлектростанции общей мощностью 132 МВт. В принципе вся энергосистема ГБАО, каскад Варзобских ГЭС относятся к числу малых ГЭС. В Республике к электрическим сетям ОАХК «Барки Точик» подключена частная МГЭС «Панджруд» мощностью 500 кВт, принадлежащая ООО «Лонг-Айленд». Большинство МГЭС, функционирующих в стране принадлежат частному сектору и джамоатам местного самоуправления, строительство которых финансировали ПРООН, АБР и другие организации.

Вывод: Цель использования малых ГЭС и других энергетических сооружений в том, что республика должна выйти из энергетического кризиса для этого нужно подключить малые ГЭС-и в параллельную работу к энергетическим системам страны. Малая энергетика является ключевым фактором, который может раскрыть потенциал развития высокогорных (93% территории страны) сельских регионов Таджикистана, и имеет большой потенциал для сокращения уровня бедности и достижения ЦРТ.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Рахматулоев, А.З. О целесообразности более полного использования стока малых и средних рек Кыргызстан и Таджикистан [Текст] / А.З. Рахматулоев, К.Р. Рахимов // Сборник материалов Междунар. науч.-практ. конф., посвящ. 75-летию Иссык-Кул. гос. ун-та им. К. Тыныстанова. – Каракол, 2015. – С. 14–19.
2. Рахматулоев, А.З. Использование потенциала гидроресурсов Таджикистана [Текст] / А.З. Рахматулоев, К.Р. Рахимов, Х.Х. Нахаров // Вестн. Рязан. гос. агротехн. ун-та им. А. Костычева. – 2015.– № 3 (27). – С. 80–84.
3. Рахматулоев, А.З. Пути и способы использования энергия малых и средних рек [Текст] / А.З. Рахматулоев, К.Р. Рахимов, Х.Х. Назаров // Сборник докл. Респ. науч.-практ. конф. «Развитие стабильности энергетики в годы независимости» / Ин-т энергетики. – Таджикистан, 2016. – С. 113–116.
4. Абдуллаева Ф. С., Баканин Г. В. Гидроэнергетические ресурсы Таджикской ССР. -Л : Метеоиздат, 1965. - 658 с.
5. Архивные данные Главтаджикгидромета о наблюдениях за поверхностными водными ресурсами Таджикистана за 1936-2001 гг.

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА МАСЪАЛАҲОИ ГЛОБАЛИИ ОБ

Азизов Ф.Ҷ. -
сардори маркази таълимӣ–тренингии мероси таъриху фарҳанги ориёӣ ва кор бо нашрияҳои даврӣ, саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ, идораи минтақавӣ ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Данғара

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускор ва пешсафи фаъоли ҳалли масоили глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардидааст. Имрӯз кишвари мо барои дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ амалӣ намудани пешниҳоди Тоҷикистон дар бораи эълон намудани Даҳсолаи нави байналмилалии «Об барои рушди устувор» ҷидду ҷаҳд менамояд.

“Тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ, Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи гузашта ташаббускори ҷаҳонии ҳалли масоили глобалӣ дар соҳаи об эътироф гардид. Мо татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкори дар слҳаи обро василаи воқеии ҳалли мушкилот дар ин самт медонем ва дар даҳсолаи оянда низ иҷрои ин нақши пешбарро идома хоҳем дод” (Аз Паёми Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017).

Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 марти соли 2017 дар рӯзи байналмилалии об, ва ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилали амал “Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028”, ки дар шаҳри Нюйорки ИМА баргузор гардид суханрони намуда дар арсаи байналмилалӣ такони ҷиддии иҷтимоию сиёсӣ ба миён овард. Пешвои миллат аз минбари баланди СММ суханронӣ намуда, бори дигар мардуми сайёрарро ёдрас намуданд, ки “Захираҳои об на танҳо неъмати бебаҳо, балки меҳвари асосии рушди устувор мебошанд ва ин амр фаъолияти дастаҷамъона ва муносибати ҷиддиро ба истифода ва ҳифзи ин захираҳо ба хотири наслҳои оянда тақозо дорад. Маълум аст , ки дар оғози асри XXI кураи замин бо аҳолии зиёда 6 млрд нафар ва бо тарзи ҳаёти гуногун ба буҳрони ҷидди захираҳои ҷидди рӯ ба рӯ гардидаст”. Бо пешгӯи СММ ва дигар созмонҳои Байналмилалӣ ин ҳолат дар оянда низ муракабтар мегардад. Дар суханрони қайд гардид, ки “Имрӯз дар ҷаҳон 276 ҳавзаи дарёҳҳои байналмилалӣ бо фарогирнии 148 кишвар, ки беш аз 40% аҳолии ҷаҳон дар онҳо маскун мебошад, вуҷуд дорад”. Ҳамзамон, зиёдшавии доими шумораи аҳолӣ, истифодаи аз ҳад захираҳои обӣ истифодаи беназорати об дар шаҳрҳо, ифлосшави саноати, тағйироти ҷаҳони иқлим ва инчунин хусусиятиҳои табии захираҳои обӣ, ки ҳамагӣ 2,5% ҳаҷми умумии обӣ ҷаҳониро ташкил медиҳанд, омилҳои асосии афзудани буҳрони захираҳои обӣ дар ҷаҳон мебошанд.

Аз ин рӯ, Пешвои миллат дар суханрониашон изҳор намуданд,ки дар назди мо як қатор вазифаҳои иловагӣ ва дастҷамъонае гузошта шудааст,ки имконоти ҳамкории ояндаро дар соҳаи захираи об муайян мекунанд ва мо бояд ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Якум, Тағйирёбии иқлим, ки ба миқдор ва сифати захираҳои об таъсиргузор аст ва кӯшишҳои моро барои ноил гардидан ба рушди устувор заиф мегардонад.

Дуюм, Ин афзоиши аҳоли ва талабот ба захираҳои об мебошад, ки вазифаҳои нав м ва мураккабро пеш меорад.

Сеюм, ин ҷанбаи гендерии масоили об аст, ки бояд дар назар гирифта шавад. Занон бояд ба раванди рушд бо тақвияти нақши онҳо дар идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои об фаъолона ҷалб карда шаванд.

Чорум, воситаҳои татбиқ, ки тавассути онҳо мо бояд нақшаҳо ва амалҳои худро таҳким бахшем. Аз ҷумла, захираҳои инсонию молиявӣ, сармоягузорӣ ва технологияҳои пешқадам.

Панҷум, ин унсури фароммарзии ҳамкорӣ дар соҳаи об мебошад, ки дар таъмини сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкориҳо нақши меҳварӣ мебозад.

Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаҳон ҳамчун роҳбари ташаббускор эътироф шудааст. Ӯ шахсиятест, ки дар айни дарки мушкилоти кишвари худ ва ёфтани роҳи ҳалли дуруст барои онҳо, ба ояндаи башарият низ таваҷҷуҳи махсус дорад. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло овардани сухане аз як мақоми СММ дар бораи Пешвои миллати мо ва ташаббусҳои ӯ кофӣ бошад. 20-уми сентябриё соли дар Ню-йорк дар Маҷлиси умумии сатҳи олии Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бахшида ба масъалаҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Муовини Дабири Кулли СММ Ша Тсу Кан изҳор дошт: « Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чемпиони ҷаҳон дар ҳалли масоили глобалии вобаста ба об мебошад» Воқеан Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро да сатҳи ҷаҳон бо ташаббусҳои оламгир ва созандааш мешиносанд ва тавассути ӯ номи Тоҷикистон ва миллати тоҷик низ шуҳратёр гардидааст.

Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз рӯи захираҳои об дар ҷои аввал меистад. Дар ҷумҳурӣ 947 дарё ҷорист. қариб шаш фоизи масоҳати

кишварамонро пиряхҳо ишғол кардаанд. Ҳамчунин 1300 кӯл дорем. Об яке аз сарватҳои бебаҳои табиат будаи асосии ҳайёт ба шумор меравад. Дар бадани ҳайвонот ва одам аз 60 то 90%, дар растаниҳо аз 60 то 95% дар сабсавот бодиринг помидор, карам, шалғам ва сабзи зиёда аз 90% об мавҷуд аст. Об 71%-и кураи заминро ташкил медиҳад.

Дар хақиқат, об аз ҷумлаи бузургтарин неъмати моддӣ ва омили бақои тамоми мавҷудоти зинда мебошад.Агар дар маҷмӯъ мо аҳамияти ва вазифаҳои асосии обро барои инсоният арзёбӣ намоем, зиёда аз 36 намуди аҳамияти об маълум аст. Аз он ҷумла: воситаи нӯшокӣ, шустӯшуӣ, тозагӣ, табобатӣ, барои растаниҳо, барои ҳайвонот, барои истгоҳҳои баркӣ, барои моҳигирӣ, барои сухторхомӯшкунӣ, барои киштиронӣ, барои сохтумон, барои нақлиёт, ва ғайраю ғайраҳо.Онҳое, ки куҳу пуштаҳоро шикофта ба дашту биёбонҳо об меоварданд, чун Фарҳоди кӯҳкан абадзинда мемонанд. Ташнаро об додан волотарин хизматест, ки инсон баҳри инсон ба ҷо меоварад. Ин амали воҷибро сарвари давлатамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷаҳониён натанҳо талқин намуд, балки дар ҳаёт амалӣ сохт. Бо вуҷуди аҳамияти бузургу беохир доштани об муносибати инсон нисбат ба ин ганҷи бебаҳо мувофиқи мақсад нест. Дар давоми садсолаҳои охир вобаста ба зиёд шудани аҳолӣ эҳтиёҷ ба об ҳам ду баробар афзуд. Агар муқарароти танзими об дигар карда нашавад, то соли 2025 аз се ду ҳиссаи аҳолии замин аз оби ошомиданӣ танқиси мекашанд. Ҳоло бошад шашяки аҳолии замин аз оби ошомиданӣ камбуди дорад. Сеяки мардум аз оби эҳтиёҷи рӯзгор маҳрум аст. Дар ҷаҳон дар 8 сония кӯдаке аз беобӣ бемор мешавад ё мефавтад. Дар қатъномаи СММ зикр шудааст, ки об қувваи ҳаракатдиҳанда барои равнақи устувор ва рафти нодорию гуруснагӣ дар олам аст. Бо ин мақсад вазифаи даҳсола-равнақи минбаъдаи ҳамкориҳои байналхалқӣ барои ҳалли проблемаҳои муҳими вобаста ба об, муваффақ гаштан ба комёбӣ дар тақсими захираҳои об мебошад, ки он аз мазмуни эъломияи ҳазорсола бармеояд. Ба гуфти муовини котиби генералии СММ: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ин ташаббусаш дарро барои ҳалли масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи захираҳои об васеъ кушод, ки он минбаъд чун қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди устувор дар рафъи камбизоатӣ хизмат мекунад». 20 декабри соли 2000 Ассамблеяи Генералии СММ Ташаббуси Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи оби тоза, ки 149 давлат ҷонибдори кард, маъқул дониста, соли 2003-ро «Соли байналмилалии оби тоза» эълон намуд.

18 марти соли 2003 дар шаҳри Киотои Ҷопон форуми сеюми ҷаҳонии об барпо шуд. Президенти Тоҷикистон пешниҳод кард, ки шуруъ аз соли 2005 даҳсолаи амалиёти ҳифз ва ҳимояи захираҳои оби

тоза эълон гардад. 29 апрели соли 2003 дар чорчӯбаи кори Комиссияи СММ оид ба рушди устувор ҳайати Тоҷикистон дар қарорҳои СММ зери унвони «Об моли тамоми мардум» чорабинии махсус гузаронд. 30 апрели соли 2003 дар шаҳри Душанбе форуми байналмиллалии оби тоза барпо гардид, ки дар он аз 53 давлат, 91 созмони байналмилалӣ ва 11 муассисаи махсуси СММ ва ғайра намояндаҳо иштирок карданд. Дар ин форум Президенти Тоҷикистон сухан ронда, изҳор дошт, ки проблемаҳои обро дар як сол ҳал кардан имконнопазир аст. Бинобар ин Даҳсолаи оби тоза аз соли 2005 эълон гардид. 16 октябри соли 2003 намояндагии доимии Тоҷикистон дар СММ конфронси байналмилалии «Об барои ҳаёт: назари тоза ба бӯҳрони ҷаҳонии об»-ро гузаронид.

23 сентябри соли 2003 вақте, ки 141 давлати узви СММ бевосита ё ғайримустаъқим пешниҳоди Тоҷикистон дар бораи даҳсолаи амалиётӣ об барои ҳаётро ҷонибдори кард, дигар барои муҳокимаи алоҳида зарурат намонд ва Ассамблеяи Генералии СММ дар ин бора қатънома кабул кард. 16-22 марти соли 2009 дар шаҳри Истамбули Ҷумҳурии Туркия форуми 5-уми ҷаҳонии об баргузор гашт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин форум ба ҳайси роҳбари яке аз давлатҳои ташаббускори ҷаҳон дар ҳаллу фасли мушкилоти глобалии об иштирок ва суханронӣ намуд.

Сардори давлати Тоҷикистон зимни суханронии худ дар ин форум масоили гармшавии иқлим, коҳиш ёфтани ҳаҷми пиряхҳои азим, истифодаи бенизому бебозгашти захираҳои обиро, ки дар обёрии заминҳои корам баназар мерасад, аз мушкилоти асосии вобаста ба об дар минтақаи Осиёи марказӣ арзёбӣ намуд. Ба гуфти Эмомалӣ Раҳмон то 40% оби минтақа ҳангоми обёрии бебозгашт масраф мешавад. Ба андешаи сарвари давлати Тоҷикистон сохтмони обанборҳо ва нерӯгоҳҳои обӣ ҳам барои истеҳсоли нерӯи барқ ва ҳам барои захирасозию истифодаи мунтаззами об ба манфиатҳои кулли кишварҳои минтақа аст.

Дар ин форум ки таҳти шиори «Муттахидшавӣ ба хотири об» сурат гирифт мавзӯи «Гармшавии иклими саёра ва таъсири он ба захирахои оби чахон» ва масъалахои глобалию минтакавии марбут ба об ҳаллу фасл гардид. Президенти Ҷумхурии Точикистон пешниход намуд, ки дастгирии кишвархои эхтиёчманд фондхои дахлдори фавкулода дар Созмони Милали Мутахид таъсис дода шавад. Инчунин ташабусхои Точикистон дар бораи ихтисос додани қисми дуюми дахсолаи баиналмилалии амалиёти «Об барои хаёт» ҷихати зиёд намудани кумак ба кишварҳои қафомонда ва ру ба инкишоф дар халли проблемахои об ва инчунин Конференсияи байналмилали оид ба истифодаи оби кули Сарези Точикистон барои таъмини кишвархои Осёи Маркази бо оби тозаи нушидани дасгири ёбанд.

Президенти Ҷумхурии Точикистон «Соли баиналмилалии дипломатияи об» эълон намудани соли 2012-ро барои хамкори ва эчоди муносибатхои нав миёни кишвархои канори дарёхо дар танзими масъалахои марбут ба об мусоид маънидод кард. Ташаббусу пешниходхои

Сардори давлати Точикистон дар Форуми 5-уми чахонии об низ мавриди истикболи неку ва дастгирии иштирокдорон карор гирифтанд.

Кули Сарез соли 1911 дар баландии 3914м дар натиҷаи кандашудани пораи куҳҳи мускул ва басташавии маҷрои дарёи Мурғоб дар макони зилзила пайдо шудааст дарозиаш 70км, бараш 1,5 км паҳноияш 5км , масоҳаташ 11км^2 Дар сурати кандашудани сарбанди табии об зиёда аз 5 млн одам мумкин аст зери об

монад. Ҳар сол ба ин кул 1506 млн м^3 об ворид шуда 1504 млн м^3 об хориҷ мешавад.

Точикистон истифодаи оби мусаффои нӯшидании кули Сарезро чун яке аз тадбирхои халлу фасли масъалахои таъмини об ва бехдошт пешниход намуд. Хачми захираҳои оби ин кӯл зиёда аз 17 миллиард метри мукааб буда онро метавон барои конеъ гардондани эхтиёҷоти миллионхо сокини минтака истифода бурд. Кӯл метавонад Осёи Марказиро бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намояд. Президенти Точикистон таззакур дошт ки Сарез ба мисли гавхарест ки онро хифз кардан лозим аст. Соли 1997 якумин Конфронси баиналмилали оиди масоили кули Сарез баргузор шуд, ки дар он тасмим гирифтанд ки ба чомеаъи чохони ва созмонхои баиналмилалӣ дар хусуси амнияти кӯл муроҷиат намояд. 23 маи соли 2007 дар шахри Душанбе Конфронси дуюми баиналмилали роҷеъ ба масоили кули Сарез доир гардид. Соли 2011 дар шаҳри Душанбе (дараи Варзоб) конфренсияи байналмиллалӣ бахшида ба 100 солагии кули Сарез шуда гузашт. Хулосаи конфронс он буд, ки кӯли Сарез хавфи чахони надорад.

Проблемаи дигар ин хушкидани бахри Арал мебошад, ки таъсири ногувори он то ба Точикистон хам расидааст. Аз нисф зиёди бахр хушкида биёбони калони кумзореро дар сохилхояш боки мондааст. Ин албатта ба мухити экологи таъсири бад мерасонад. Туфону шамолхои сахт чангу куми шурро ба хаво хезонда, минтакаи бузургеро фаро мегирад. Олимон ба хулосае омаданд, ки обшавии пиряххоро сабабаш ҳамин аст. Фоҷиа дар баҳри Арал тайи 55 соли охир ба вуҷуд омадааст. То оғози фоҷиа баландии он аз сатҳи баҳр 53м, дарозиаш 428 км, бараш 235км, ғафсиаш 690 км^2 ҳаҷми об 1000км^3 ҳар сол 45ҳазор тонна моҳи сайд мешуд.

Ҳоло сатҳи баҳри Арал 25 м паст шудааст аз 1981 киштирони ва аз соли 1984 моҳидори қатъ шуд. Аз 178 намуди ҳайвоноти баҳр 38 намуд боқи мондааст. Воридоти об ба ҳавзаи баҳри Арал ва ҳиссаи давлатҳои зерин аз дар таъминоти об чунинанд:

55,4%, оби солонаи баҳри Арал аз Тоҷикистон мерезад,

25,3% - аз Қирғизистон, 7,9%-аз Узбекистон, 7,8% аз Афғонистон, 3,9% аз Қазоқистон.

Истифодабарии об чунин аст:

- Узбекистон 58,6%,
- Туркманистон 23,9%,
- Тоҷикистон 12%,
- Қирғизистон 5%,

Вобаста ба ин Президенти Тоҷикистон диққати ташкилотхои молияву экологии ҷаҳонро ба он чалб менамояд, ки сари ин мушкилот ҷиддан тадбир кунанд. Ва шахсан аз макомоти СММ хохиш намуда буд, ки ин созмон ва маблаггузории он тахти васояти СММ қарор гирад.

Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон зимни суханрони дар маросими муаррифии гузориши ЮНЕСКО дар масъалаи об (16.03.09 ш. Истамбул) қайд карда буд, ки бори дигар дар чунин як хамоиши обруманд мехохам изхор намоям ки накшаву лоиха ва пружахои мо хеч гох бар зарари ягон кишвари ҳамсоя нахохад буд. Ба маълумоти шумо мерасонам, ки кариб 60%и оби минтакаи Осиеи Маркази аз сарзамини Точикистон сарчашма мегирад вале танхо 5%и онро мо истифода мебарем…99% ахолии Точикистон мусулмонанд ва тибки хидоятхои дини мубини Ислом об додан ба ташнагон аз бехтарин корхои савоб аст.

Байни кишвархо барои таъмини газу нефт ба масофаи хазорхо километр лулахо кашида мешавад. Чаро мо кишвархои хамсояи худро бо хамин усул бо оби тозаи ошомидани таъмин накунем?

Президенти Точикистон пешниход кард, ки зарурати тачдиди назар ба стратегия ва тадбирхои истифодаи муштараки захираҳои оби Осиёи Маркази ба миён омадааст. Мо бар онем, ки зиед намудани иктидори обанборҳо яке аз чораҳои муассири танзимкунандаи обхои агрегатсионӣ

ва афзоиши хачми истехсоли неруи барқ бахри таъмини рушди устувор мебошад.

Хамин тариқ, ҷахон Точикистон ва сарвари он мухтарам Эмомалӣ Рахмонро бо иқдомхои наҷибонааш шинохт. Аслан гирем бо шунидани ташаббусхо ва пешниходхои часуронаи Президенти мо оламиён гумон мекарданд, ки мо аз об танкиси мекашем. Лекин вакте намояндагони беш аз 50 кишвари чахон ба Точикистон ба форуми душанбегии об омада, захирахои фаровони оби моро диданд ба хирадиазалӣ ва фарханги баланди мардуми мо, ҷавонмардии Эмомалӣ Раҳмон қоил шуданд.

Масалан намояндаи кишвари Нигерия А.Оломада таасуроти хешро чунин баён медорад:

«Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон, Шумо дар ҳақиқат дӯсту бародари ба дил наздики мардуми асрҳо лабташнаи мо будаед, ки ин масаларо ба муҳокимаи СММ пешниҳод кардед. Фикр доштам, ки тоҷикон ҳам мисли мо аз об танқисӣ мекашанд. Аммо ба тоҷикистон омадаму обҳои фаровон, чашмаю кӯлҳо, киштзорону боғу роҳравҳоро дида, бемуҳобот худро дар биҳишти ҳақиқӣ эҳсос кардам, фаҳмидам, ки Шумо натанҳо ғами ҳалқи худ, балки бори ғами тамоми мардуми оламро бар дӯш доштаед. Аз ин рӯ месозад, ки мо африқоиён, рӯ ба ҷониби Шумо, алоҳазрат, оварда намоз хонем ва аз Худованд баҳту саодати халқу давлати Тоҷикистонро таманно кунем».

Барои иштирок дар кори он беш аз 900 нафар меҳмонони воломақом ва мутахассисону коршиносони маъруф зиёда аз 70 кишвари ҷаҳон ва созмонҳои сершумори минтақавию байналмилалӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ҳамчунин пешниҳод карда шуд, ки дар шаҳри Душанбе маркази байналмилалӣ оид ба ҳамкорӣ ва дипломатияи соҳаи об таъсис дода шавад. Дар робита ба масоили ҳалталаби обӣ дар минтақаи осиёи марказӣ сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: «Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳамкории мутақобилан судманд ва муносибатҳои неки ҳамсоягӣ буд, ҳаст ва хоҳад монд. Президенти мо дар конфронси 12-17 апрели соли 2015 дар Ҷумҳурии Корея дар Форуми ҷаҳонии об бо ташаббуси нав пешнидҳод кард, ки Даҳсолаи байналмилалии нави «Об барои рушди устувор» эълон карда шавад. 09-11-августи соли 2016 дар шаҳри Душанбе бо иштироки намояндагони беш аз 90 кишвар ва созмони байналмилаливу минтақавӣ Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор «Таъмини дастрасии умум ба об ва беҳдошт» баргузор гардид. Ҳадафи асосии симпозиум табодули афкор оид ба сабақҳои гирифташуда ва таҷрибаи мусбат дар соҳаи беҳбудии дастрасӣ ба об, санитария ва беҳдошт, ҷори намудани ҳамгироии идораи захираҳои об, такмили манфиатнокии истифодаи об коҳиш додани ифлосшавии захираҳои об ва ҳимояи экосистемаи обӣ буд.

Ҳамин тавр, аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чор ташаббуси бузург дар соҳаи глобалии об аз тарафи СММ ва ҷаҳониён пазируфта шуданд.

1. Соли байналмилалии «Оби тоза» соли 2003
2. Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» - солҳои 2005-2015
3. Соли байналмилалии «Ҳамкориҳо дар соҳаи об» -2013
4. Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028

Моҳи июни соли 2018 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” баргузор гардид,ки дар ин ҳамоиши сатҳи баланд коршиносон аз ташкилотҳои байналмилалӣ андешаҳо ва пешниҳоду ақидаҳои хешро ҷиҳати пешгирии сайёра аз хатарҳои норасоии оби нӯшокӣ баён намуданд. Коршиносон инчунин ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои глобалии обу энергетика ва тағирёбии глобалии иқлим нек арзёбӣ намуданд.

Ҳамин тавр ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои глобалии об баҳри раҳои додани аҳолии сайёра аз хатари экологӣ, фоҷиаи экологӣ, буҳрони экологӣ ва раҳои бахшидан аз буҳрони озуқаворӣ такони бузурге бахшида метавонад.

АДАБИЁТ:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Оллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.22.12.2016.
2. Сафиев Ҳ.С., Аминҷонов А.О., Каримов М.Б., Об- муъҷизаи табиат :-Душанбе: Эр- граф, 2003.
3. Аҳамияти маърифатӣ-экологии об дар пойдории сайёра –Олимов А.Р., Исозода Д.Т., Алимов Н.О., Салимов С.Ф., Ҳасанов Ш.Қ., Азизов А.Ҷ., Азизов К.Ҷ. Душанбе : “ Балоғат ” 2020.
4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими муаррифии гузориши ЮНЕСКО дар масъалаи об . 16.03.2009с. ш. Истамбул .
5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми ҷаҳонии Об. 12-17 апрели соли 2015.Ҷумҳурии Корея.
6. Чистая вода –долгая жизнь. Речь Президента Республики Таджикистан Э.Ш Раҳмонова на третьем всемирном форуме.//Народная газета, № 23-24 (19318), от 26.03.2003 г.
7. Аброров Ҳ –Тоҷикистон кишвари кӯлҳои беназир. Душанбе : - 2003
8. Нуқтаҳои асосии стратегияи оби баҳри Арал:-1996

АННОТАЦИЯ

В статье рассматриваются цели и задачи, благородные и конструктивные инициативы и благородные инициативы Президента Республики Таджикистан, Лидера Нации Эмомали Рахмона по глобальным водным проблемам и пути их решения.

Глобальные инициативы Президента Республики Таджикистан по глобальным водным вопросам могут дать мощный импульс спасению населения планеты от экологической опасности, экологической трагедии, экологического кризиса и избавления от продовольственного кризиса.

Ключевые слова: Президент вода для жизни, вода для устойчивого развития, водные ресурсы, Сарезское озеро, стратегия, глобальные проблемы ООН,

ANNOTATION

This article discusses the goals and objectives, noble and constructive initiatives and noble initiatives of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon on global water problems and ways to solve them.

The global initiatives of the President of the Republic of Tajikistan on global water issues can give a great impetus to rescuing the planet's population from environmental danger, environmental tragedy, ecological crisis and relief from the food crisis.

Keywords: President water for life, water for sustainable development, water resources, Lake Sarez, strategy, United Nations global issues, humanity.

РОҲҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Баротзода Ш.М., Сайфиддинзода С.С. -
Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ коркарди тарзҳои методологие, ки ҳолат ва рушди соҳаҳои иқтисодии вилояти Хатлонро инъикос менамояд, хеле муҳим арзёбӣ мешаванд. Чи тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, яке аз тарзҳои нисбатан самарабахши арзёбии ҷолибияти соҳаҳои иқтисодиёт барои таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва маблағгузории онҳо таҳлили миқдории паҳлуҳои гуногуни фаъолияти молиявӣ-иқтисодии онҳо ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад системаи коэффитсиентҳое истифода мегарданд, ки қимати воқеии онҳо бо қиматҳои ба сифати меъёр тавсияшуда муқоиса мешаванд. Аз байни коэффитсиентҳое, ки вазъи молиявӣ-иқтисодии соҳаҳои иқтисодиёти минтақаро тавсиф медиҳанд, инҳоро ба сифати асосӣ чудо кардан мумкин аст:

- устувории молиявӣ (коэффитсиенти мустақил, ки дараҷаи бо маблағи худӣ таъмин будан ва аз манбаъҳои ҷалбшаванда вобастагии кам доштанро нишон медиҳад);
- коэффитсиенти даромад аз фурӯш нисбат ба қарзҳои дебитории мӯҳлаташон гузашта ва пешпардохтҳо;
- коэффитсиенти даромад аз фурӯш нисбат ба қарзҳои кредитории мӯҳлаташон гузашта;
- фаъолнокии корӣ (коэффитсиенти баргардиши захираҳо; коэффитсиенти баргардиши сармоя;
- самаранокӣ (коэффитсиенти фоиданокии тамоми сармоя, фоиданокии фурӯш, фоиданокии сармояи худӣ;
- динамикаи рушди соҳаҳо (коэффитсиенти суръати рушд);
- бозоргирӣ (коэффитсиенти умуми рӯйпӯшкунӣ)[2,с.114].

Барои ба даст овардани тавсифи маҷмӯии вазъи иқтисодӣ-молиявии соҳа нишондиҳандаи якҷояро ҳисоб кардан зарур аст, ки он қимати ҳар як коэффитсиенти зикршуда ва аҳамиятнокии онро ба ҳисоб мегирад. Дар асоси афзалиятҳои минтақа таҳия гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ (соҳавӣ ва ҳудудӣ) аз стратегияи умумии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ бармеояд. Дар барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи 2016-2020 рушди афзалиятноки самтҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

- рушди соҳаҳои коркарди саноат;
- рушди комплекси сӯзишворӣ-энергетикии минтақа;
- рушди сохибкорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда;
- рушди соҳаҳои кишоварзӣ;

- рушди инфрасохтории нақлиёт;
- рушди соҳаи хизмати маишӣ.

Дар робита бо ин таҳлили маҷмӯӣ ва самтҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлонро, ки асоси таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузориро ташкил медиҳад, ба сифати мисол пешкаш менамоем.

Ҷадвали 1

Таҳлили маҷмӯии иқтидори рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон[1,с.16]

Ҷиҳатҳои мусбат	Ҷиҳатҳои манфӣ
Мавҷудияти роҳҳои автомобилгард ва хатҳои ҳавоии бозори байналхалқӣ ва дохилӣ	Маҳдудияти коммуникатсияи нақлиётӣ бо Ӯзбекистон
Роҳҳои автомобилгард ба самти Афғонистон	Мушкилоти вобастагии воридотӣ
Вазъи мусоиди ҷуғрофӣ ва мавҷудияти рӯзҳои дарози офтобӣ дар давоми сол	Сатҳи пасти омодагии кадрҳои маҳаллӣ дар татбиқи реформаҳои иқтисодӣ
Шароитҳои мусоиди иқлимӣ-табиӣ барои парвариши растаниҳо ва боғдорӣ	Маҳдудияти захираҳои молиявӣ барои таҳқиқ ва коркарди захираҳои табиӣ
Мавҷудияти заминҳои корам ва дигар захираҳои замин барои бунёди боғҳо ва рушди токпарварӣ	Корҳои берунӣ ё истифодаи корхонаҳои саноатӣ ва шумораи маҳдуди корхонаҳои хурд
Мавҷудияти минтақаҳои иқтисодии маҷмӯӣ (Панҷ, Данғара)	Маҳдудияти шумораи марказҳои кабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ
Мавҷуд будани қувваи кории касбӣ	Нокифоя будани сармоя дар соҳаҳои саноат
Миқдори изофаи захираҳои меҳнатӣ	Истифодаи нопурраи маркетинги самаранок дар аксар корхонаҳо
Рушди алоқаҳои мобилӣ	Сатҳи баланди фасод
Мавҷудияти ашёи хоми минералӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока	Дараҷаи баланди фоизҳои бонкӣ
Дараҷаи баланди захираҳои обӣ	Сатҳи пасти рушди системаи обтаъминкунӣ
Мавҷудияти захираҳо барои рушди сайёҳӣ	Норасоии мутахассисони барои ташкили инфрасохтори сайёҳӣ

Сарчашма: Барномаи рушди ичтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2016-2020.

Паҳлуҳои мусбат ва манфии иқтидори иқтисодии вилояти Хатлон объекти омӯзиш ва коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб мераванд. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ на танҳо ба истифодаи паҳлуҳои мусбати иқтисодиёти минтақа равона гардидаанд, балки ба ҳалли проблемаҳои системаи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа низ равона шудаанд[4,с. 136]. Масалан, сатҳи пасти хоҷагии об мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, субъектҳо сектори давлатии иқтисодиёти минтақаро водор месозад, ки лоиҳаҳои сармоягузориро ҳамчун самти афзалиятноки ҳалли мушкилоти кишоварзӣ ва аҳолии минтақа таҳия ва татбиқ намоянд.

Солҳои наздик дар вилояти Хатлон татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи МОИ Панҷ ва Данғара ба нақша гирифта шудааст. МОИ Панҷ дар ҳудуди вилояти Хатлон, дар ноҳияи Ҷайҳун, дар дашти Карадум ҷой гирифтааст. Масоҳати умумии он 401,6 га ташкил медиҳад. Масофаи он то роҳи оҳан (ист. Ҷ.Румӣ) – аз 60 км. камтар ва то ш. Душанбе (маркази ҷумҳурӣ) – 180 км., то Дидбонгоҳи санҷишӣ-гузаргоҳӣ (сарҳади Ҷумҳурии Афғонистон) – 600 метрро ташкил менамояд. Шумораи аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли аҳолӣ 500 ҳазор нафар мебошад. Вилояти Хатлон минтақаи аграрӣ ба шумор меравад. Дар ҳудуди 50 – 60 км. то МОИ «Панҷ» дар соли 2015 ба ҳисоби миёна 17 ҳазор тонна пахта истеҳсол гардид. Ба коркарди пахта 4 заводи пахтатозакунии дар ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ, Панҷ, Ҷиликул ва Қумсангир воқеъбуда машғуланд. Иқтидори солонаи як корхонаи коркарди пахта дар Ҷумҳурии Точикистон 5 ҳазор тонна нахро ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2015 дар вилояти Хатлон 14,6 ҳазор тонна нахи пахта истеҳсол шудааст. Аз ҳаҷми умумии истеҳсолшуда дар саноати коркард барои истехсоли матоъҳои пахтагин, маҳсулоти ҷӯроббофӣ 30% нахи пахта истифода мешавад. 70,0% боқимонда бе коркарди ниҳоӣ берун аз ҳудуди мамлакат содирот мегардад. Дар робита бо афзоиши ҳаҷми истеҳсоли пахта ва дар оянда барои коркарди пахта дар минтақа зарурати таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ барои бунёди 3 заводи коркарди саноатии истеҳсоли матои пахтагин ба миён меояд. Дар оянда истеҳсоли беш аз 379, 3ҳазор тонна сабзавот ва 56,1 ҳазор тона мевагиҳо дар назар дошта шудааст. Бинобар ин, корхонаҳои саноатии коркарди сабзавот ва мевагиҳо ба нақша гирифта шудааст. Илова бар ин, захираҳои зиёди ашёи хом ва меҳнатӣ барои ташкил ва рушди корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ, истеҳсоли шиша, чарм, пашм ва ғайра мусоидат менамоянд.

Дар масофаи 5 км. аз МОИ «Панҷ» ҷустуҷӯҳои геологӣ гузаронида шуда, дар масоҳати 50 ҳазор м.кв. (чуқуриаш номаълум) қуме ёфта шуд, ки дар таркибаш 66% квартс, яъне ашёи хом барои истеҳсолоти саноати шиша зарурӣ дорад. Ҳамчунин дар ҳудуди ин ноҳияҳо 24-25 ҳазор дона пӯст (24,5 ҳазор м.кв) тайёр карда мешавад, вале мутаассифона дар ҳудуди ҷумҳурӣ корхонаҳои коркарди пӯст мавҷуд нестанд. Аз ин рӯ, пӯсти ҳайвонот ҳамчун ашёи хом берун аз ҷумҳурӣ ба фурӯш бароварда

мешавад. Ташкили истеҳсолоти коркарди пӯст имкон медиҳад, заводҳои коркарди чарм ва маҳсулоти чармӣ ташкил дода шавад. Ташкили МОИ ба воридшавии сармоя мусоидат намуданд, ки қисми бештари онҳо дар давоми 3 соли аввал барои сохтмони объектҳои нав равона мегардад. Ташкили МОИ дар маҷмӯъ ба иқтисодиёти вилоят таъсири калони мусбат мерасонад. Ба туфайли ин нуфузи минтақа боло рафта, барои ҷалби сармоя дар минтақаҳои ба МОИ вориднабуда имконият муҳайё месозад. Ин ба туфайли самараи мултипликатсионии ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба МОИ таъмин мегардад.

Дар шароити рушди ноустувори иқтисодиёт, ки талаботи пардохти маблағ дар дараҷаи минималӣ қарор мегирад, муайян намудани сохтори сармоягузории соҳа масъалаи муҳим мегардад[3,с.154]. Дар робита бо ин маблағгузорӣ кардани он соҳаи истеҳсолот, ки дар он ҷо талабот нисбатан босубот аст, самарбахш мебошад. Он, пеш аз ҳама, ба талаботи аввалиндараҷаи аҳолӣ вобаста буда метавонад. Рушди соҳаҳои афзалиятнокро ба туфайли таъиноти табиии хоҷагӣ – фароҳам овардани шароитҳои мусоиди ҳаётии аҳолӣ таъмин кардан мумкин аст. Масалан, ба соҳаи кишоварзӣ равона кардани воситаҳои калони буҷавӣ, ки бар асари беназоратӣ қисмати зиёди он ба мақсади ниҳоӣ рафта намерасад, самараи дилхоҳ намедиҳад, баръакс бояд истеҳсолкунандагони мушаххас ва коркардкунандагони маҳсулоти хӯрока новобаста аз намуд ва шакли мавҷудияташон (хусусӣ ва ё давлатӣ, инфиродӣ ва ё коллективӣ) дастгирӣ карда шаванд. Пешниҳодкунандагони маводи хӯрока ба воситаи системаи дархосту супоришҳо худашон муайян мекунанд, ки кадом сегментҳои кишоварзӣ муҳим ва ояндадор мебошанду онҳоро бояд рушд дод[5,с.80]. Сохтори талаботи шахсӣ самти амалро муайян менамояд: дастгирӣ кардани ин соҳаи истеҳсолот, ки талабот ба маҳсулоти он зиёд буда, гардиши сармоя тӯлонӣ нест. Ин звеноҳои хоҷагии халқ аз ҷиҳати иқтисодӣ камхароҷот буда, аз рӯи самаранокӣ натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд, яъне онҳо барои пешрафти қуввахои истеҳсолкунанда ҳамчун асоси табиӣ хизмат менамоянд.

Соҳаҳое, ки сармоягузории фаъолро тақозо менамоянд (нақлиёт, савдо ва хӯроки умумӣ), ба зудӣ устувор мегарданд, вале бо вуҷуди ин ба танзими ғайримустақим ниёз доранд. Дар ин маврид вазифаи аввалиндараҷа аз ноил шудан ба рушди устувори соҳаҳои зуд ва муназзам рушдёбандаи саноат тавассути ба барномаҳои ҷумҳуриявӣ ворид намудани лоиҳаҳои онҳо ва ҷалби сармоягузорони беруна иборат мебошад. Соҳаҳои қафомондаи саноат, ки барои ҳаёти минатақа хеле муҳим ва дорои иқтидори содиротӣ мебошанд, бояд аз буҷаи давлат дар навбати аввал дастгирӣ ёбанд.

Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки муайян кардани лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории минтақавӣ бояд ба арзёбии меъёри ҷолибияти сармоягузории ноҳияҳои вилоят асос ёбад. Дар баробари ин,

барои ҳар як ноҳияи вилоят бояд маҷмӯи афзалиятҳои сармоягузории ба он хос пешбинӣ гардад, ки талаботи зеринро қонеъ гардонида тавонад: ба рушди омилҳои «қафомонӣ» равона шудани иқтидори сармоягузорӣ ва паст намудани дараҷаи хавф, дастгирии соҳаҳои махсусгардонидашудаи ноҳия, диверсификатсияи хоҷагиҳои он бо мақсади кам кардани вобастагии иҷтимоӣ-иқтисодии аз ҳолати соҳаи бартариятдошта.

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди ичтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон дар даврои солҳои 2016-2020. С.16.
2. Бақоев Ш.С. Такмилдиҳии механизмҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)/ дисс.илмӣ Хуҷанд, 2019. С.114.
3. Боярская А.Я., Викторова Л.Л, Гольдберга А.М и др., Общая теория статистика: под. ред. А.М. Гольдберга, В.С. Козлова. – М.: Финансы и статистики, 1985. – С. 154.
4. Саидмуродов Ш.М. Механизмы обоснования и выбора приоритетов инвестиционных проектов Хатлонской области / Вестник Таджикского национального университета серия социально-экономических и общественных наук 2/4 часть 1. Душанбе 2017 г. стр. 136.
5. Krasnov, V.S. Osnovnye metody nejtralizacii predprinimatel’skih riskov /V.S. Krasnov, N.V. Chumakova // Mezhdunarodnyj nauchno-issledovatel’skij zhurnal. – 2014. – № 1-3 (20). – S. 80.

АННОТАЦИЯ

Авторы в своей статье исследуют приоритетные направления реализации инвестиционных проектов в Хатлонской области. Было отмечено, что для получения исчерпывающего описания экономической и финансовой ситуации в отрасли необходимо рассчитать совместный показатель, учитывающий значение каждого из этих коэффициентов и их значимость. Разработка инвестиционных проектов (отраслевых и территориальных) с учетом приоритетов региона следует из общей стратегии социально-экономического развития. В среднесрочной программе социально-экономического развития Хатлонской области на 2016-2020 годы целесообразно назвать следующие приоритетные направления: развитие перерабатывающих производств, развитие топливно-энергетического комплекса региона, развитие предпринимательства и импортозамещающей продукции, развитие сельского хозяйства, сельского хозяйства, развитие бытового обслуживания.

Ключевые слова: экономика, ресурсы, инвестиционные проекты, инвестиции, региональная экономика, проблемы сельского хозяйства, услуги, транспорт, финансы, социальная сфера.

ANNOTATION

The authors in their article, explore the priority ways to implement investment projects in Khatlon. It was noted that in order to obtain a comprehensive description of the economic and financial situation in the sector, it is necessary to calculate a joint indicator, which takes into account the value of each of these coefficients and their significance. Development of investment projects (sectoral and territorial) based on the priorities of the region follows from the overall strategy of socio-economic development. In the medium-term program of socio-economic development of Khatlon region for 2016-2020, it is expedient to name the following priority areas: development of industrial processing industries, development of fuel and energy complex of the region, development of entrepreneurship and import-substituting products, development of agriculture, agriculture, development of consumer services.

Keywords: economy, resources, investment projects, investment, regional economy, agricultural problems, services, transport, finance, social

ТОҶИКИСТОН – ПЕШОҲАНГИ ТАШАББУСҲОИ МАРБУТ БА ОБ

Набизода Э. Қ. –
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

“Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускор ва пешсафи фаъоли ҳалли масоили глобалии вобастаи ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардидаанд ”
Эмомалӣ РАҲМОН

Тайи ду даҳсолаи охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои муаззами миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба мушкилоти норасоии марбут ба оби ошомидани дар арсаи ҷаҳони пешниҳодҳои судманд ва ташаббусҳои беназир нишон дода истодааст.

Дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи сарватҳои табиӣ моддаи алоҳида бахшида шудааст. Мутобиқи моддаи 13-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар бойигариҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошад ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад» [1, с. 4].

Дар таърихи 22 марти соли 2018, ки “Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об” эълон гардидааст, раванди татбиқи ташаббуси нави глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» расман оғоз гардид. Вобаста ба масъалаи мазкур дар санаи 22 марти соли равон дар шаҳри Ню- Йорки ИМА иҷлосияи 72-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ба муносибати расман оғоз гардидани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»- ҳамоиши баланди байналмилали бо иштироки сарони давлатҳои аъзои СММ баргузор гардид.

Боиси ифтихор ва сарфарозии тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон аст, ки 21 декабри соли 2016 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳоди чоруми башардӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро пазируфта, бо ҷонибдорӣ ва дастгирии зийда аз 193 давлати ҷаҳон дар бораи эълон доштани Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» қатънома қабул намуд. Ёдовар мешавем, ки ташаббуси эълон намудани Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 12 апрели соли 2015 зимни суханронӣ дар Форуми умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об дар Ҷумҳурии Корея садо дода буд.

Дар чорабинии сатҳи баланди байналмилалӣ, иҷлосияи 72- юми МУ СММ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ташаббускори Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» аз минбари баланди ин созмон суханрони намуда, дар ҳузури сарони давлатҳои аъзои СММ ва дигар намояндагон, Даҳсолаи нави байналмилалиро расман оғоз бахшиданд. Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ташаббускори байналмилаии ин иқдоми башардӯстона, сухарони намуда, иброз дошт, ки "Ҳадафи асосии Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» иҷрои вазифаҳо дар соҳаи захираҳои об ва эҷоди майдони васеъ барои густариши тағрибаи андӯхта ва ҳамкориҳо дар ин соҳа мебошад. Гузашта аз ин, даҳсолаи нав ба гузариш ба марҳилаи асосии татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор мусоидат хоҳад кард" [5. С -3] .

Қайд кардан ба маврид аст, ки тайи ду даҳсолаи охир ташаббусҳои беназир ва роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар соҳаи об аз ҷониби Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳодҳои саривақтӣ ва судманд амали гардида истодааст.

Дар воқеъ, мушкилоти норасоии оби тозаи ошомиданӣ дар солҳои охир яке аз проблемаи глобалии сокинони бархе аз давлатҳои сайёра гардида, қисмати барзиёди аҳолии давлатҳоӣ ҷаҳон ба ин неъмати бузурги табии - оби тозаи ошомиданӣ дастраси надоранд.

Вобаста ба ин, мехоҳам хонандаро бо баъзе таҳлилу арзёбиҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ доир ба масъалаи норасоии оби тозаи ошомидани дар сайёраи замин шинос намоям. Ҳар сол танҳо бо сабаби норасоии оби тозаи ошомиданӣ як миллиону 400 ҳазор кӯдак азият кашида, ҳар дақиқа як кӯдаки навзод аз бемориҳои сироятии вобаста ба норасоии оби тоза ва муҳити пок ба ҳалокат мерасад. Ҳамасола аз шумораи умумии аҳолии сайёра бо сабаби норасоии об 3 миллиону 400 ҳазор нафар вафот карда, 31 фоизи муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷаҳон ба оби тоза дастрасӣ надоранд.

Тибқи таҳлили коршинос Мари Масиа, қариб якуним миллард нафар дар мамлакатҳои Осиёву Африқо ва Амрикои Лотинӣ ба оби тозаи ошомиданӣ дастраси надоранд [3. С -3].

Тибқи маълумоти баҳогузории пажӯҳишгоҳҳои мухталиф ва коршиносон бошад то ҳол зиёда аз 844 миллион нафар одамон, дар рӯи замин ба оби тозаи нӯшокии безарар дастрасӣ надоранд, 1,8 млрд, нафар одамон аз обҳое менушанд, ки сарчашмаҳои онҳо олудаи ифлоси ҳастанд, 2,4 млрд. нафар одамон ба шароити беҳтари санитария дастраси надоранд [4. С -3].

Тибқи нишондодҳои оморӣ миқдори об дар кураи замин дар давоми як сол 40 ҳазор км^3 оби тоза хориҷ мегардад, ки инсоният 3,5 ҳазор км^3 онро дар як сол истифода мебаранд. Зиёда аз 28 ҳазор км^3 он ба баҳрҳо рехта, як қисми он дар биёбонҳо нест мегардад. Қисми зиёди об бо сабаби

ифлос гардиданаш истифода бурда намешавад. Таҳқиқотҳои муҳақиқон нишон медиҳад, ки дар қарни 20 афзоиши аҳолӣ 3 маротиба ва талабот ба об 7 маротиба боло шудааст. Дар шароити муосир талабот ба оби тоза нисбат ба афзоиши аҳолӣ 2 маротиба зиёд гардидааст. Аз маълумотҳои пешбинишуда, маълум мегардад, ки сол аз сол вазъияти таъминоти аҳолӣ ба оби тозаи нушокӣ боз ҳам мушкилтар шудааст.

Маҳз ҳамин вазъ, мушкилоти ҷойдоштаи оби ошомиданӣ ва дастраси надоштанӣ бархе аз сокинони давлатҳои сайёраи замин ба об, арбоби барҷастаи ҷаҳонӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмонро водор сохт, ки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ташаббусҳои неки башардӯстона мурочиат намояд.

Имрӯзҳо тамоми мардуми Тоҷикистони азизамон аз он ифтихормандand, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд, саҳми бештар гузошта истодааст, ва ин иқдомро низ дар оянда идома медиҳад. Маврид ба ёдоварист, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ассамблеяи генералӣ дар давоми солҳои 2000-2016 ҳафт қарори дахлдорро вобаста ба масъалаҳои об қабул кард. Бо дарки саривақтии мушкилоти мавҷуда, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Созмони Милали Муттаҳид шурӯъ аз оғози асри нав оид ба эълон намудани Соли 2003 “Соли байналмилалии оби тоза” таклиф пешниҳод намуд, ки он аз ҷониби ҷаҳониён дастгирии комил ёфт. Кӯшиш ва ташаббусҳои пайвастаи ҷаҳони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси он гардид, ки Маҷмуаи Созмони Милали Муттаҳид солҳои 2005- 2015-умро Даҳсолаи байналмилалии амлёти “Об барои ҳаёт” ва ҳамзамон вобаста ба ҳалли мушкилоти дар соҳаи об ҷойдошта соли 2013-ро соли “Байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об” қатънома қабул намуд. Дар партави ин ҳадафҳои наҷибу ташаббусҳои башардӯстона аз ҷонби ин созмони бонуфӯз солҳои 2018-2028Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон гардида, қарори махсус қабул карда шуд.

Хушбахтона Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саргаҳи обҳои минтақаи Осиёи миёна қарор дошта, аз чунин бойгарии табиӣ, ки дар кишвари мо мавҷуд аст, ғани мебошад. Тавре, ки дар боло қайд кардем, истифодабарии об ҳамчун моликияти давлат дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини гардидааст.

Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи олии заковатмандӣ ва башардӯстии ӯ буда, аз ин ҷиҳат аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва кишварҳои ҷаҳон ҳамовозию дастгири меёбанд.

Боиси ифтихори кулли мо мардуми Тоҷикистон аст, ки Пешвои муаззами мо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари роҳбарони 10 кишвари аъзои СММ узви Гурӯҳи сатҳи баланд оид ба масъалаи об

эътироф гардидааст. Иқдомҳои наҷибу ташаббусҳои созандаи ин марди хирад, сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳтирому эътибори байналмилалии уро, ки аз дурандешӣ ва башардӯстии олии ӯ сарчашма мегирад, нуфузи Тоҷикистон ва минтақаро низ дар арсаи ҷаҳон боло мебарад. Зеро ҳалли проблемаи глобалии об дар доираи як кишвар ҳал намегардад. Ҳар як инсон, сарфи назар аз миллат, нажод, эътиқод ва синну сол ба об эҳтиёҷ дорад.

Мо насли ҷавони кишвар аз он ифтихормандем, ки ташаббусҳои башардӯстона ва иқдомотҳои беназири байналмилалии роҳбари давлатамон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минтақа ва сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби кишварҳои ҷомеаи ҷаҳон пайваста дастгириву ҳамовози пайдо мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳони сиёсати сулҳҷуёна ва дарҳои кушодро пеша намуда, сулҳу озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд. Маҳз ҳамин сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки ташаббусҳои он ҳамеша дар сатҳи ҷаҳонӣ дастгири меёбад. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дар саргаҳи обҳои тозаи ошомидании минтақаи Осиёи Марказӣ қарор дошта, истифодаи захираҳои обиро дар рушди устувори иқтисодӣ барои минтақа ва ҷаҳон ба мақсад мувофиқ медонад.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, «Ирфон», 2016 с;
2. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2000, № 11, мод.510; соли 2006, №3, мод. 164; соли 2008, № 3, мод.200; соли 2009, №12, мод.824; соли 2011, № 6, мод, 455; соли 2012, №4,мод.271)
3. Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Ҷумҳурият», Эмомалӣ Раҳмон, Президенти ҶТ, «Об барои рушди устувор», 29 марти соли 2018, №62-63 (23 405- 4060);
4. Нашрияи расмии ҶТ, «Ҷумҳурият», аз 16 апрели соли 2018, №75-63 (23 418);
5. Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар иҷлосияи 72-уми МУ СММ ба муносибати расман оғоз гардидани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», 22.03.2018, Ню- Йорки ИМА;

АННОТАЦИЯ

В статье автор анализирует основные проблемы дефицита питьевой воды в регионе и на мировой арене. При анализе статьи автор акцентирует внимание на полезных предложениях и уникальных

инициативах Правительства Республики Таджикистан под руководством Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона. был проанализирован.

Также были изучены некоторые анализы и оценки авторитетных международных организаций по проблеме нехватки чистой питьевой воды на планете и анализ экспертов по этому вопросу.

Ключевые слова: нехватка питьевой воды, инициативы Правительства Республики Таджикистан, чистая вода, вода для жизни, водное сотрудничество, вода для устойчивого развития.

ANNOTATION

In this article, the author analyzes the main problems of drinking water shortages in the region and on the world stage. In analyzing the article, the author tries to highlight the useful proposals and unique initiatives of the Government of the Republic of Tajikistan under the leadership of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. has been analyzed.

Also, some analyzes and assessments of authoritative international organizations on the issue of lack of clean drinking water on the planet and the analysis of experts on this issue have been studied.

Keywords: Lack of drinking water, initiatives of the Government of the Republic of Tajikistan, clean water, water for life, water cooperation, water for sustainable development

КОМПОНЕНТҲОИ АСОСИИ ТАҲИЯИ НАҚШАИ ТЕХНИКИЮ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ ОБРАСОН НОВОБАСТА АЗ ШАКЛИ МОЛИКИЯТ

Зувайдов М.М., Сафаров Ш.Ш., Абдуллоев С.С. -
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Асосгузори сулҳу ваҳдат миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2016 бо ифтихор ва хушнудӣ иброз намуданд, ки Созмони Миллали Муттаҳид чаҳорумин пешниҳоди мамлакати моро оид ба Даҳсолаи Байналмилалӣ “Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028”, ки аз ҷониби 177 мамлакати дунё дастгирӣ ёфтааст, қабул намуданд. Масъалаи “об барои рушди устувор” басо васеъ ва доманадор аст [1].

Воқеъан об ҳаёт аст ва бояд гуфт, ки талабот ба об ҳамеша тамоили болораванда дорад, зеро аҳолии ҷаҳон рӯ ба афзоиш дорад, он нисбат ба рушди иқтисод ва иҷтимоиёт талаботҳои нав ба нав ва бештарро пеш мегузорад. Ҳамзамон оби сарчашмаҳои табиӣ ҳамчунин талаботи истеъмолкунандагонро нисбат ба он гуногун мекунад.

Баҳодиҳӣ ба сифати оби сарчашма имконият медиҳад, ки масъалаи имконпазир будани истифодаи он аз тарафи истеъмолкунанда ва ҳамчунин зарурияти тоза кардани он дар иншооти тозакунанда ҳал карда шавад. Мувофиқи талаботҳои стандартӣ дар 1л оби нӯшокӣ, ки ба шабакаи обдиҳии хоҷагии нӯшокӣ дода мешавад, миқдори бактерияи чубчаи рӯда аз сето набояд зиёд бошад. Бисёр корхонаҳои истеҳсолӣ метавонанд обҳоеро истифода баранд, ки дар таркибашон миқдори моддаҳои ҳалношуда нисбат ба обҳои нӯшокӣ зиёдтар аст. Вале барои баъзе корхонаҳо истифодаи обҳои ношаффоф номумкин аст, чунки он сабаби зуд ифлосшавии таҷҳизотҳою асбобҳо ва аз кор баромадани онҳо мегардад. [2].

Дар айни замон таъминоти мутамаркази оби нӯшокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 67,3% буда, аз ҷумла таъминоти шаҳрӣ 95,3% таъмин карда шудааст.

Тақрибан нисфи аҳолии деҳот (42,1%) ба обтаъминкунии мутамарказ ва бехавф дастрасӣ доранд, боқимондаи аҳолӣ обро аз манбаъҳои муҳофизатнашудаи об истифода мебаранд.

Иншоотҳои асосии соҳаи таъминоти оби нушокӣ дар минтақаи Бохтар солҳои 1960...1980 сохта шудаанд. Дар айни замон бахши оби нушокӣ мавҷуд аст, вале аз сабаби набудани нигоҳубини дуруст дар ин муддати тулонӣ дар ҳолати ногувор қарор доранд. [7].

Тибқи манбаҳои гуногун, тақрибан 50 фоизи иншооти обтаъминкунии кишвар дар ҳолати садамавӣ қарор дорад. Тавре, ки шумо

аз ҷадвали 1 мебинед, дар минтақа 125 лулаи об мавҷуд аст, ки 69-тои он бо сабабҳои техникӣ кор намекунанд.

Ҷадвали 1

Вазъи техникии шабакаи обтаъминкунӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар

Шаҳр, ноҳия	**Миқдори қубури об**			
	умумӣ	**коммуналӣ**	**идоравӣ**	**кор намекунад**
Қубодиён	5	1	4	-
Норак	4	2	2	-
Панҷ	16	1	15	10
Ҷоми	14	1	13	11
Кушониён	14	1	13	9
Ш. Бохтар	5	2	3	1
Ҷайҳун	5	1	4	3
Левокант	4	1	3	1
Вахш	10	1	9	6
Ёвон	7	2	5	3
Ҷ. Балхи	12	2	10	8
Шаҳритуз	12	1	11	6
Дустӣ	9	3	6	6
Хусрав	4	1	3	3
Хуросон	4	1	3	2
Ҳамагӣ	**125**	**21**	**104**	**69**

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз мушкилоти асосии имрӯзаи корхона, ташкилот ва муассисаҳои обрасони ба фаъолияти хизматрасонӣ машғулбуда, ин аз тарафи онҳо дурӯст таҳия ва риоя накардани нақшаи техникию иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона мебошад.

Аз ин рӯ барои дурӯст таҳия намудан ва самаранок истифода бурдани нақшаи техникию иқтисодӣ ва иҷтимоии дилхоҳ корхонаю ташкилот новобаста аз шакли моликияташон бояд, ки аввал компонентҳои асосии ин нақшаро муайян таҳлил ва муқоиса намудан лозим аст [2].

Вобаста аз таҳияи дурусти чунин нақша (бизнес-план) дилхоҳ корхона се компоненти асосии онро бояд истифода барад. Пеш аз таҳияи нақшаи мазкур баҳодиҳии се компоненти асосиро гузаронидан лозим мебояд, аз он ҷумла:

- баҳодиҳии техникӣ
- баҳодиҳии идоракуни ва кадрӣ
- баҳодиҳии молиявӣ

I. **Баҳодиҳии техникӣ**

Барои таҳияи нақшаи техникию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (бизнес - план) баҳодиҳии техникӣ компоненти асосӣ буда, дар вақти дида баромадани компоненти мазкур бояд, ки ҳолати умумии воқеъии ҳамаи таҷҳизотҳои техникӣ аз қабили дастгоҳҳо, техникаҳои хизматрасон, асбобу анҷом, олотҳои меҳнатӣ ва дигар ашёҳое, ки дар фаъолияти корхона истифода бурда шудааст, баҳодиҳи карда мешавад [3]. Ҳангоми баҳодиҳӣ коршоямӣ, иқтидори корӣ, муҳлати истифодабарӣ, захираи қувваи корӣ ва дигар тарафҳои техникии он пурра бояд муайян карда шавад [2].

Аз ҷумла барои муайян намудани ҳолати воқеъии дар қисмати баҳодиҳии техникии корхонаи обрасон бояд чунин корҳоро анҷом дод.

- ҳолати кории насосҳои обкаши корхонаро дар ҳамаи обанборҳо мавриди санҷиш қарор дода, кори фойданокии онро муайян намудан лозим аст.

- насосҳои мавҷударо бо насосҳои нави ҳозиразамон муқоиса намуда, кори фойданокии онҳо ва даромаду хароҷоти онро муайян бояд сохт.

- қисматҳои хатҳои обгузарро баҳодиҳӣ намуда, барои таъмири ҷорӣ, капиталӣ ва бо пуррагӣ иваз намудани онҳо пешниҳодҳои шӯрои техникии корхонаро амали намудан лозим аст.

- таҷҳизотҳои ченкуниро аз назорати техникӣ гузаронида ҳолати коршоямии онҳоро муайян намудан зарур аст.

- каммасрафии онҳоро аз ҷиҳати таъмиру барқарорсозӣ, хароҷотҳои барқӣ, дигар хароҷотҳо санҷида, барои бо таҷҳизотҳои нави замонави иваз кардан чорабиниҳӣ намудан лозим аст.

II. **Баҳодиҳии идоракунӣ ва кадрӣ**

Дар вақти баҳодиҳии компоненти идоракуни ва кадри низ бояд асосан таваҷҷуҳ ба сохти идоракуни ва ҷобаҷогузории кадрҳо аҳамияти зарурӣ дода шавад, чун ки аз сохти идоракунӣ ва интихоби дурусти кадрҳо нақшаи иқтисодию иҷтимоии корхона вобастагии калон дорад.

Аз ҷумла барои баҳодиҳии идоракуни ва кадрӣ пеш аз ҳама бояд ҳолати корхона санҷида шуда, сохтори идоракунӣ ва шумораи одамонро муайян кардан лозим аст.

Инчунин вобаста аз таркиби сохтор ва меъёрҳои мавҷуда бастҳои кориро муайян намудан ва қувваи корӣ, захираи кадриро ба эътибор гирифтан лозим мешавад. Дар ҳолати ворид гардидани технологияи нав аз рӯи басту банди таҷҳизот ва талаботҳои меъёрии корхона, сохтор ва шумораи коргарон, аз ҷумла маъмурият ҳисоб карда мешавад.

Албатта дар ҳолати баҳодиҳии сохтор ва кадрҳо ихтисос, синну сол, малакаи корӣ, манбаи кадрҳо, ҷараёни ивазшавии кадрҳо ва дигар ҳолатҳо ба инобат гирифта мешаванд [3].

III. **Баҳодиҳии молиявӣ**

Компоненти баҳодиҳии молиявии корхона дар таҳияи нақшаи техникию иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона мавқеъи асосиро ишғол менамояд. Чун ки ҳангоми таҳияи чунин нақша дилхоҳ корхона,

харочотҳоро дар мадди аввал мегузаронад. Яъне, тавозуни молиявии корхонаро бо пуррагӣ омӯхта баъд хулосагирӣ бояд кард .

Мақсад аз баҳодиҳии се компоненти асосии зикршуда аз он иборат аст, ки ин се компонент бо як дигар вобастагии зич доранд.

Агар дар вақти таҳияи нақшаи техникию иқтисодӣ ва иҷтимоии дилхоҳ корхона ин се компонент дуруст ба роҳ монда шавад, корхона дар давоми фоъолияти худ тибқи нақшаи пешбинишуда метавонад ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад [4].

Агар дар фаъолияти дилхоҳ корхона ҳолати техникии таҷҳизоту техникаҳо, ҷобаҷогузории кадрҳо, сохтори идоракунии нодуруст ё манфиатҳои харочот намудани маблағҳоро ба инобат нагирем, оқибати фаъолияти корхона, ин муфлисшавӣ гардидани он аз бақияпулиҳои қарзӣ мебошад [3].

Бинобар ин ҳангоми таҳияи нақшаи зикршуда, корхона баҳодиҳии техникӣ, идоракуни кадрӣ ва молиявиро калиди пешравии худ меҳисобад.

Дар ҳолати баҳодиҳии молиявӣ бошад, ҳам манбаҳои даромад ва ҳам манбаҳои харочотиро санҷида, тавозуни байни даромад ва харочотро ҳисоб намуда, дараҷаи фойданокӣ ва зарари корхонаро муайян намудан лозим аст.

Инчунин дар ҳолати боҳодиҳии ин компонент сохтори нархгузорӣ ва корҳои тартиб додани буҷети корхона, фаъолияти тиҷоратии корхона, натиҷаҳои молиявии корхона барои 3 соли охир ва оянда, ҳисоботҳои молиявӣ, бо тартиби муккараргардида, харочотҳо ва аз худкунии манбаҳои нави даромадро пайдо намуда, ҳамаи ин натиҷаҳоро тибқи нақшаи чарабиниҳо барои таҳияи нақшаи техникию иқтисодӣ ва молиявии корхона пешниҳод намудан зарур аст.

Вобаста ба ин ҳар як се моҳа мониторинги фаъолияти нақшавии корхонаро гузаронида бо натиҷаи солҳои пешин муқоиса менамоянд.

Боиси қайд аст, ки дар ҷумҳурии мо барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ мувофиқи нақшаҳои давлатӣ дар муассисаҳои гуногуни таълимии касбӣ, инчунин ба таври хусусӣ бевосита дар истеҳсолот коргарони соҳибихтисосро тайёр менамоянд. Доир ба масъалаи иҷроиши нақшаи мазкури дилхоҳ корхона назорати махсус ба роҳ монда шудааст.

Дар нуқтаҳои аҳолинишини минтақаи Бохтар масъалаи таъмини аҳолӣ бо оби хушсифати нӯшокӣ то ҳанӯз нигаронкунанда буда, дар сатҳи паст ва бо мушкилоти худ боқӣ мондааст, алалхусус дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ. Ҳалли ин мушкилотҳо мустақиман ба чунин чорабиниҳо, аз қабили барқароркунӣ ва ободонии иншооти обӣ, сохтан ва азнавсозии қубурҳои обгузар, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири интиқол ва тоза кардани об, истифодаи дастгоҳҳои маҳаллӣ барои тоза ва нобуд кардани компонентҳои нолозими об ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо аҳолӣ алоқамандии бевосита дорад. [7].

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолии кишвар ба оби тозаи нӯшокӣ, на танҳо сохтани системаҳои иловагии обтаъминкунӣ, балки ислоҳоти куллӣ дар робита бо стратегия ва амалияи идоракунии захираҳои об бо ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамот ва шӯъбаҳои манфиатдор дар соҳаи обтаъминкунӣ ва канализатсия зарур аст.

АДАБИЁТ

1. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Газетаи "Минбари халқ" , 22 декабри соли 2016.

2. Консепсияи истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон –Душанбе, 2002.

3. Проект развития местного управления в Центральной Азии. «Бизнес- план», 2004г.

4. Старобийский О.Е. Как упорядочить работу коммерческих организации М. ЗАО "Бизнес-школа", 2007 г.

5. Дубровский В.Ж., Чайкин Б.И. Экономика и управление предприятием. Екатеринбург, издателство УГЭУ, 2007 г.

6. Дабуров К.Н, Азимов Г. Д, Рафиев Х.К. Санитарно-гигиеническое состояние питьевого обеспечения населения в Республике Таджикистан и меры по её улучшению. Вестник педагогического университета. 2014;2:119-21.

АННОТАЦИЯ

В статье анализируется деятельность водоснабжающих предприятий, организации и дается конкретные предложения по вопросу бизнес-плана, технико-экономического и социального развития для текущего и будущего планирования, а также исследуется основные компоненты этого бизнес-плана.

Ключевые слова: бизнес-план, техническая оценка, основные компоненты, кадровый потенциал, водоснабжения, водоснабжающие организации, вода.

ANNOTATION

The article analyzes the activities of water supply enterprises, organizations and gives specific proposals on the issue of a business plan, technical, economic and social development for current and future planning, and also examines the main components of this business plan.

Key words: business plan, technical assessment, main components, human resources, water supply, water supply organizations, water.

ТАКМИЛИ ИНФРАСОХТОРИ ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Джайлоев З.М. –
омӯзгори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

«... роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд фаъолияти худро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ вусъат бахшанд...». (Паёми Президенти ҶТ ба МО ҶТ, 26.12.2018)

Сатҳи зиндагии ҳар як давлат аз имкониятҳои истеҳсоли молҳо ва хизматҳо вобаста аст. Ба ин принсипи назарияи иқтисод рушди соҳибкорӣ дар мамлакат созгор аст. Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш ва аҳамияти соҳибкории истеҳсолӣ бисёр ҳам калон арзёбӣ мегардад. Дар айни замон афзоиши натиҷаҳои истеҳсолии фаъолияти соҳибкорон омили асосии муайянкунандаи афзоиши боигарии миллӣ ва зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ, таъмини рушди иқтисодии мамлакат ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Соҳибкорӣ ин пеш аз ҳама чунин фаъолияти заруриест, ки ба беҳтар қонеъ намудани талаботҳои ҷамъиятӣ бо роҳи истифодаи хусусиятҳои навоварӣ ва ҷустуҷӯию эҷодияш ба пешниҳод намудани молҳою хизматрасониҳо ва иҷроиши корҳои босифат нигаронида шудааст. Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар навбати аввал аз сатҳи инфрасохтори дастгирии субъектҳои он вобастагии калон дорад. Инфрасохтори соҳибкории хурд ин маҷмӯи ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратие мебошанд, ки ба дастгирии гуногунҷанбаи соҳибкорон нигаронида шудаанд. Ташкилотҳои мазкур ба сифати таъминкунандагони намудҳои гуногуни талаботҳои соҳибкорон бо мақсади иҷроиши дархостҳо оид ба молрасонӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ, ҳангоми амалӣ намудани барномаҳои рушди субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар сатҳҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонанд.

Ақидаи муаллифон [2,5,7]-ро дастгирӣ намуда, мо чунин мешуморем, ки инфрасохтори дастгирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ аз унсурҳои таркибии зерин иборат аст:

- марказҳо ва агентиҳо оид ба рушди соҳибкорӣ;
- фондҳои давлатии тараққиёт ва дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ;
- фондҳои мусоидат ба қарзгирӣ (кафолатӣ, замонатӣ);
- фондҳои саҳҳомии сармоягузорӣ, ки барои соҳибкорӣ сармоя ҷалб менамоянд;
- технопаркҳо, паркҳои илмӣ, марказҳои инноватсионӣ-технологӣ;
- бизнес-инкубаторҳо;

- палатаҳо ва марказҳои ҳунарҳои мардумӣ;
- марказҳои дастгирии пудратчиёни хурд;
- марказҳои маркетингӣ ва таълимию тиҷоратӣ;
- агентӣ оид ба дастгирии содироти молҳо;
- ширкатҳои лизингӣ;
- марказҳои машваратӣ ва дигар ташкилот.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи асосӣ ба ташкилоте, ки инфрасохтори дастгирии субъектҳои соҳибкории хурдро ташкил медиҳанд, дар барномаҳои давлатӣ, вилоятӣ, минтақавӣ ва ноҳиявии рушди соҳибкории хурд муқаррар карда мешаванд.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаҳои ватанӣ ва байналмилалӣ мо принсипҳои зерини ташаккулёбии инфрасохтори вилоятии дастгирии соҳибкории хурдро дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ мешуморем:

- мувофиқати рушди объектҳои инфрасохторӣ бо сатҳи рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва талаботҳои он дар ин ё он ноҳияҳо ва вилоят дар маҷмӯъ;
- рушди доираи хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи объектҳои инфрасохторӣ дар асоси таъминоти моддӣ ва махсусан таъминоти молиявии мувофиқ;
- хислати маҷмӯгии хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи объекти инфрасохтор (аз рӯйи принсипи «дар зери як бом» ё «равзанаи ягона»), ҷойгиркунии хизматрасониҳои гуногун (машваратӣ, таълимӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ) дар сатҳҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар доираи як объекти инфрасохторӣ;
- рушди афзалиятноки объектҳои инфрасохтории шаҳрӣ аз рӯйи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ (фонд), ки самаранокӣ ва чандирияти худро, аз он ҷумла дар масъалаи наздиккунии хизматрасониҳо ба ҷойи фаъолият исбот намудааст;
- васеъкунии фаъолияти фондҳои мавҷуда ба минтақаҳои ҳамсоя, ки дар айни замон чунин объектҳои инфрасохториро ё надоранд, ё ташкил намудани онҳо дар ин маҳалҳо ғайримақсаднок аст.

Бо дарназардошти принсипҳои номбаршуда, мо самтҳои зерини ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурдро дар вилояти Хатлон пешниҳод менамоем:

1. Тайёр намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки чорабиниҳои танзими давлатиро дар ташаккулёбии низоми таъминоти инфрасохтории соҳибкорӣ ба назар мегиранд;

2. Рушди низомҳои мавҷудаи фондҳои вилоятии (шаҳрии) дастгирии соҳибкории хурд;

3. Коркарди низомнома оид ба ташкили инфрасохтори дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурд ва муқарраркунии коэффисентҳои пасткунанда барои онҳо ҳангоми ҳисоби иҷорапулиҳо;

4. Ташаккулёбии афзалиятноки инфрасохтори минтақавии дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурд (технопаркҳо, марказҳои технологии махсусгардонидашуда, марказҳои интиқоли технологияҳо, фондҳои венчурӣ) ва инфрасохторҳое, ки ба рушди соҳибкорони корро оғозкунанда мусоидат менамоянд (бизнес- инкубаторҳои соҳавӣ ва минтақавӣ, марказҳои иттилоотӣ-машваратӣ ва ғайраҳо).

Аз сатҳи фаъолияти инфрасохтори дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурд дараҷаи беҳдошти муҳити соҳибкорӣ вобастагии калон дошта, он барои фаъолияти пурсамари субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ заминаи боэътимодро муҳайё месозад. Бояд низоми танзими давлатии соҳибкории истеҳсолӣ, махсусан дар самти ташкили инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ ба беҳтар кардани шароити кории соҳибкорон ва ба онҳо расонидани кӯмакҳо дар самтҳои гуногуни фаъолияти истеҳсолию хоҷагидориашон равона шуда бошад. Натиҷаи фаъолияти соҳибкорон аз дараҷаи ташкили инфрасохтори дастгирии онҳо вобастагии калон дорад.

Аз рӯйи маълумотҳои ба дастомада оид ба ташкилотҳои мавҷудаи инфрасохтории дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурд (фондҳои дастгирии соҳибкории хурд, паркҳои технологӣ, марказҳои иттилоотию машваратӣ, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои технологии минтақавӣ, марказҳои шартномаҳои хурд ва кооператсияи истеҳсолӣ) дар вилояти Хатлон гуфтан мумкин аст, ки шумораи ин ташкилотҳо кифоя набуда, сатҳу сифати хизматрасониҳои онҳо беҳбудиро талаб менамояд.

Таҳлили интихобии амалкунии ташкилотҳои дастгирикунандаи таррақиёти соҳибкории хурд дар вилоят нишон дод, ки инфрасохтори мавҷудаи вилояти Хатлон дорои камбудиҳои назарраси зерин мебошанд:

- набудани нақша ва системанокӣ дар ташкили унсурҳои инфрасохтори дастгирии соҳибкории хурд дар минтақаҳо;
- бе асосноккунӣ ташкил намудани унсурҳои инфрасохтори дастгирии соҳибкории хурд дар минтақаҳо;
- ҳамоҳангсозии сусти корҳо оид ба тараққиёт ва дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурд дар байни ташкилотҳои амалкунандаи инфрасохторӣ ва мақомотҳои ҳукумати иҷроия ва худидоракунии маҳаллӣ;
- нокифоя будани маълумотнокии соҳибкорон, ки дар соҳаи истеҳсолӣ кор мекунанд, оид ба ташкилотҳои инфрасохтории мавҷуда ва номгӯи хизматрасониҳои пешниҳодкунандаи онҳо;
- рушди нокифояи пояҳои моддӣ-техникии ташкилотҳои инфрасохторӣ, норасоии кадрҳои тахассуснок, машваратчиён, мутахассисон ва ғайраҳо.

Бо мақсади бартарафсозии норасоиҳои муайяншуда ва бо мақсади ташкили низоми пурраи ташкилотҳои инфрасохторӣ дар қаламрави вилояти Хатлон, татбиқи принсипи тақсимоти ташкилотҳои инфрасохториро аз рӯйи омилҳои зерин пешниҳод менамоем:

а) сатҳ ва хусусияти рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрҳо ва дигар минтақаҳои вилоят;

б) шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли вилоят ва шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи он;

в) мавҷудияти барномаҳои мақсадноки тараққиёт ва дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурд;

г) мавҷудият ё ин ки набудани ташкилотҳои инфрасохтории дастгирии соҳибкории хурд.

Мақомотҳои ҳукумати иҷроия ва худидоракунии маҳаллӣ дар масъалаи ташкили инфрасохтори дастгирии соҳибкории истеҳсолии хурд метавонанд яке аз вариантҳои зеринро интихоб намоянд:

Дар мувофиқат бо принсипи тақсимоти ташкилотҳои инфрасохтории пешниҳодшуда, ҳукуматҳои маҳалҳои алоҳидаи вилоят самтҳои асосии корҳоро оид ба ташкили инфрасохторҳо муайян менамоянд, ки онҳо дар барномаи тараққиёт ва дастгирии соҳибкории хурд ҳамчун фасли алоҳида нишон дода мешаванд;

Дар асоси анкетакунонӣ ва пурсиши соҳибкорон хизматрасониҳои муҳимтарин оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолии хурд дар ҳар як минтақаи алоҳида муайян карда мешавад;

Консепсия (низомнома) оид ба ташкил ва амалкунии ташкилотҳои инфрасохторӣ коркард мешавад, ки он баъди муҳокимаи Шӯро оид ба соҳибкории хурд ё дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз тарафи раиси Ҳукумати вилоят тасдиқ карда мешавад.

Бо мақсади рушди муваффақонаи соҳибкории истеҳсолии хурд ташкили шаклҳои пешрафтатари инфрасохторҳо зарур аст. Дар байни онҳо мувофиқ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зеринро ҷудо намудан мумкин аст:

- бизнес-инкубаторҳо (соҳавӣ, вилоятӣ), ҳамчун шакли самараноки дастгирӣ ва рушди соҳибкорони корро оғозбахшанда;
- технопаркҳо ва паркҳои индустриалию саноатӣ, ҳамчун сохторҳои мусоидаткунада ба якҷояшавии захираҳои илмӣ, моддӣ ва молиявии корхонаҳои истеҳсолии хурд;
- марказҳои иттилоотию машваратӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолии хурд;
- марказҳои технологии вилоятӣ, ҳамчун сохтори татбиқи технологияҳои ҳозиразамони истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ;
- марказҳои шартномаҳои хурд ва кооператсияи истеҳсолӣ, ҳамчун сохтори ба ҳамкориҳои пурсамари байни соҳибкории истеҳсолии хурду калон мусоидаткунанда;
- шаклҳои ҳозиразамони ташкилотҳои инфрасохторӣ ва ҷалби захираҳо барои рушди соҳибкории истеҳсолии хурд (фондҳои венчурӣ, лизинг, франчайзинг).

Дар айни замон дар баробари ташкил ва рушди низоми пурраи ташкилотҳои инфрасохторӣ, дар такмилдиҳии танзими рушди соҳибкории истеҳсолӣ ислоҳотҳои фундаменталӣ ва институтсионалӣ низ аҳамияти муҳим доранд. Ин ислоҳотҳо ба қонунгузории амалкунанда, мавқеъ ва нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёт, инчунин самтҳои асосии дастгирии он аз тарафи мақомотҳои давлатии ҳукумати иҷроия дахл доранд.

Соҳибкории истеҳсолӣ ба таври назаррас дар иқтисодиёти Тоҷикистон мавқеъ пайдо кардааст ва ҳамчун омили пешрафти иқтисодиёт дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ мебошад ва он метавонад масъалаҳои зеринро ҳал кунад:

- васеъ намудани истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ бо истифодаи сарчашмаҳои маҳаллии ашёи хом дар асоси истифодаи маблағгузории начандон калон;
- бунёди шароити зарурӣ дар ҷо ба ҷокунии қувваҳои корӣ, ки аз корхонаҳои калон озод шудаанд;
- тезонидани раванди илмию техникӣ.

Ногуфта намонад, ки соҳибкорӣ дар ҳалли проблемаҳои самти иҷтимоӣ дошта низ мақоми калон бозида дар ташкилёбии соҳибкории насли нав ҳисса мегузорад, пеш аз ҳама дар деҳот, маҳаллаҳои аҳолинишин. Ин дараҷаи шуғлро баланд мебардорад, рақобатнокиро меафзояд, бо баланд бардоштани ҳолати зисту зиндагӣ сабаб мешавад ва пеш аз ҳама дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ баланд мегардад. Ба ақидаи мо барои ноил гаштан бо рушди иқтисодӣ аз ҳисоби соҳибкорӣ ҳамчун омили истеҳсолот ташкили як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ дар шароити нави хоҷагидорӣ зарур мебошад.

Якум - пешбурди рушди иқтисодиёт барои бунёди чунин муҳити ҷамъиятӣ, чун рушди иҷтимоиёт, фаъолнокии соҳибкории меҳнатӣ, ки барои рушди иқтисодиёт равона карда шудааст.

Дуюм – ташкилёбии қувваҳои мушаххаси иқтисодии болобарандаи истеҳсолот, рушди иттиҳодияҳои хоҷагидории соҳаҳо, комплексҳо, на танҳо иқтидори иқтисодӣ дорад, барои афзоиши иқтисодӣ балки захираҳои заруриро доро мебошад, барои аз навсозии иқтисодӣ.

Фаъолияти соҳибкорӣ метавонад дар шароити муайяни иқтисодӣ – иҷтимоию ҳуқуқӣ ташкил ёбад ва амалӣ гардад. Ба даст овардани воситаҳои зарурии истеҳсолот ва қувваи корӣ (омилҳои истеҳсолот) инфраструктураи муайянро талаб мекунад: бонкҳо, ширкатҳои инвеститсионӣ, фоизҳои махсус, системаи хизматрасонӣ, алоқа, нақлиёт, таъминоти иттилоот, ба кор таъминкунии аҳолӣ ва ғайра.

АДАБИЁТ:

1. Абалкин Л.И. Роль государства в становлении и регулировании рыночной экономики/ Л.И. Абалкин // Вопросы экономики. - 1997. - № 6. - с.7-13.
2. Абдуллоева Н. Предпринимательство: тенденции и перспективы развития в условиях углубления интеграционных процессов. - Душанбе: Мир полиграфии, 2005. - 127с.
3. Абдусамадов Г.С., Юсупов А.К. Развитие предпринимательства за рубежом. - Хуҷанд: 1999. - 123с.
4. Ансофф И. Стратегическое управление: Тарҷума аз англ. М.: Экономика, 1989. - 349с.
5. Архангельский В.Н. Совершенствование регулирования развития малого и среднего производственного предпринимательства// Дисс…номз.илм.иқт. – Екатеринбург,2011. -258с.
6. Асаул А.Н., Владимирский Е.А., Гордеев Д.А., Гужва Е.Г., Петров А.А., Фалтинский Р.А. Закономерности и тенденции развития современного предпринимательства /Дар таҳрири д.и.и., проф. А.Н. Асаула. - СПб.: АНО ИПЭВ, 2008. - 280 с.
7. Ашуров К.Р. Региональные аспекты формирования и развития предпринимательской деятельности в сфере транспортных услуг (на материалах Республики Таджикистан) // Автореферат дисс…номз.илм.иқт. Душанбе - «Империал -Групп» - 2011.-25с.
8. Баженов С.И., Маштаков С.С., Федорова Л.М. Особенности развития малого предпринимательства в Уральском федеральном округе на современном этапе. Препринт. - Екатеринбург: Институт экономики УрО РАН, 2006. - 84 с.

МАЗМУНИ МУХТАСАР

Дар мақолаи зерин аҳамият ва муҳимияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити имрӯзаи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши инфрасохтори дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди бемайлони соҳибкорӣ, номгӯи ташкилотҳои инфрасохтори дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва умуман ташкили муҳити созгори рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ маълумот дода шудааст.

Калидвожаҳо: Соҳибкории истеҳсолӣ, инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои технологии махсусгардонидашуда, марказҳои интиқоли технологияҳо, фондҳои венчурӣ, лизинг, франчайзинг.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ ПРИ ОПТИМИЗАЦИИ РАЗВИТИЯ И РАЗМЕЩЕНИЯ ФИРМ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В РТ

Каримов И.И. -
старший преподаватель кафедры экономики и предпринимательства
Института экономики и торговли ТГУК

Одним из ведущих основ в достижении ускоренной индустриализации - как гарант оптимизации развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса в регионе, можно преобладать в результате преодоления множества барьеров и не является данностью на продолжительный длительный период времени. В период экономического кризиса оптимизации развития и размещения — это выживание в основных сферах жизнедеятельности.

Термин сущности оптимизации развития и размещения - это направление социальных и экономических изменений, в котором эксплуатация природных ресурсов ориентация научно-технического развития, направление инвестиций, развитие личности институциональные изменения, согласованы друг с другом и укрепляют нынешний и будущий потенциал для удовлетворения человеческих потребностей и устремлений. Во многом речь идёт об обеспечении качества жизни людей.

Аспектами оптимизации развития и размещения фирм малых и средних бизнес предпринимательских структур предполагает, что с одной стороны, чтобы каждый регион, участвовавший в межрегиональном разделении труда, специализировался на производство тех продуктов, по которым регион имеет преимущество. С другой стороны, обеспечение своих потребностей осуществляется продукцией зарубежных фирм, ввоз которой является экономически выгодным.

В связи с этим, оптимизация развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса рассматривается как важный фактор повышения эффективности и макроэкономической стабилизации региональной экономики.

Однако, на современном этапе рыночной трансформации экономики, малый и средний бизнес недостаточно развит, что приводит к трудностям в преодолении сырьевой ориентации и в использовании дешевой рабочей силы для производства высококачественных и конкурентоспособных товаров на малых и средних фирмах страны. Последние как субъект хозяйствования, предъявляют высокий спрос на разнообразные услуги, потребление которых способствуют повышению эффективности всей рыночной экономики.

Основой оптимизации развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса, обеспечивает экономике необходимую гибкость, более того, деятельность фирм малого и среднего бизнеса, является основной средой изобретения и дальнейшего внедрения инноваций, создание новых рабочих мест способствующей стабилизации обстановки в обществе.

По некоторым экономических взглядов таджикских ученых в современном обществе для более достижения оптимизации развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса влияет следующие структуры основного направления. Во-первых, динамика активизации промышленной сферы региональной экономики малого и среднего бизнеса сбалансировано влияет на конъюнктуры рынка региона, организуя рабочий труд, способствующие решение проблемы социально-экономического развития. Во-вторых, решает ряд задач, связанных с привлечением инвестиций для обеспечения финансового развития некоторых фирм и отраслей производства.[5]

Республика Таджикистан после приобретения независимости в марте 1992-го года стала членом Организации Объединенных Наций (ООН).

Как член мирового сообщества Республика Таджикистан, активно включилась в международные процессы, обязуясь выполнять все обязательства по целям оптимизации развития, утверждённой на Саммите ООН.

Оптимизация развития в Республике Таджикистане рассматривается как внедрение целей, принятых на основе международных соглашений. Для дальнейшей оптимизации развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса в регионе страны, развитие экономики, социальной сферы, и экологии этих территорий, постановлением Правительства Республики Таджикистан от 01 октября 2007 года, № 500 принята «Концепция перехода Республики Таджикистан к устойчивому развитию». Постановление Правительства РТ от 3 декабря 2004 года, № 469 «О принятии концепция развития предпринимательства в Республике Таджикистан в период до 2015 года» и др.[6]

В связи с этой принятой Концепцией перехода РТ к устойчивому развитию на 2007 - 2030 годы, определяются важнейшие программы по достижению оптимизации развития. На этой основе созданы объединённые группировки для решения экономических, экологических

[5] А. А. Назаров, Ф. В. Ахмедов. Развитие и размещение предприятий малого бизнеса в экономике региона // «Вестник ТГУ ПБП. Серия общественных наук» 2015. – С. 45-78.

[6] Постановление Правительства РТ от 30 апреля 2012 года, №201 «Об утверждении программа государственной поддержки предпринимательства в РТ на 2012-2020 гг.».

и социальных проблем, в целях улучшения благосостоянии уровня жизни населении Республики Таджикистан.[7]

Мы считаем, что исходя из вышесказанного разработанная нами схема обеспечение устойчивого развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса, в котором она ориентирована на рациональное использование всех имеющегося ресурсов, она является на удовлетворение потребностей людей при сохранении окружающей среды. Тем самым эти потребности могут быть удовлетворены не только для настоящего, но и для будущего поколения.

Республика Таджикистан обладает реальными возможностями и владеет значительным потенциалом для оптимизации развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса. Факторы, которые создают предпосылки для оптимизации развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса, также для повышения экономического и социального роста населения следующие:

- наибольшие благоприятные условия для развития туризма и ведения фермерства;
- имеющееся значительное количество дешевой рабочей силы.
- развитость системы транспортной коммуникации;
- огромные благоприятные условия для производства продуктов питания;
- имеющиеся значительные ресурсы неизученных земель, пригодных для дальнейшего усовершенствования и развития сельскохозяйственного сектора;
- имеющиеся разновидное количество полезных ископаемых;
- имеющиеся значительные реальные сырьевые ресурсы для развития сельскохозяйственного производства;

Итоговая цель характеризуется в том, чтобы увеличить и развивать этот направление, путем оказания ему устойчивого характера, в конечном итоге сделать его экологически ориентированным, а также социально обусловленным.

Оптимизация развития малого и среднего бизнеса является одним из стратегически важных концептуальных основ экономического роста. Для достижения поставленных целей, одним из основных факторов оптимизации развития малого и среднего бизнеса являются, прежде всего, высокое качество и интенсивность предпринимательской активности, которая влияет на начальный этап уровня развития всех составляющих элементов институциональной и социальной подсистемы. Устойчивое развитие этих подсистем приведет к росту

[7] Национальная стратегия развития Таджикистан на период до 2030 года // Утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 октября 2016 года, № 392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. – С.56.

предпринимательской активности и к повышению качества и устойчивости взаимодействия всех субъектов рынка.

Малый и средний бизнес направлен на осуществление предпринимательской деятельности малых и средних фирм, индивидуальных предпринимателей и фермеров. Важнейший фактор, который несет в себе развитие и размещение малого и среднего бизнеса, - это создание новых рабочих мест. Это обусловлено тем, что фактор, не только обеспечивает средствами к существованию значительную часть населения, но и способствует стабилизации обстановки в обществе и устойчивому развитию. Кроме того, малый и средний бизнес обеспечивает необходимую мобильность в условиях меняющегося рынка, создает глубокую специализацию и разветвленную кооперацию производства, без чего немыслима его высокая эффективность.

В настоящее время принят комплекс мер, направленных на стимулирование оптимизации развития малого и среднего бизнеса. В регионе сформирована правовая база, регулирующая сферу малого и среднего бизнеса. Образованы и ведутся координационные органы в области оптимизации развития фирм малого и среднего бизнеса.

Таким образом, Республика Таджикистан в условиях рыночной экономики на импортозамещающий путь развития малого и среднего бизнеса в котором обеспечивается активный рост объемов производства, увеличение рабочих мест, занятости и доходов населения, является все более важным элементом в экономике государства.

Поэтому создание системы поддержки малого и среднего бизнеса, а также обеспечение инфраструктуры по адекватной задачи оптимизации развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса и повышения его эффективности является всё более одним из основных элементов импортозамещающего развития экономики в Республике Таджикистан.

В плане защиты и государственной поддержки оптимизации развития и размещения фирм малого и среднего бизнеса, является Программа государственной поддержки предпринимательства на 2012-2020 годы, которая направлена для организации благоприятных условий в размещении фирм малого и среднего бизнеса как одного из важных стратегических основ решения социально-экономических проблем страны.

ЛИТЕРАТУРЫ:

1. Закон РТ «О государственной защите и поддержке предпринимательства в РТ», редакция № 98 (25 июля 2005 года) и № 259 (12 мая 2007 года)

2. Окулов С.А., Павлова Е.А. ИНТЕГРАЦИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ СИСТЕМ В МАЛЫЙ БИЗНЕС // Современные проблемы науки и образования. – 2015. – № 2-2.;

3. Современные инструменты эффективного менеджмента в малом бизнесе. В.Ю. Головин, Я.Д. Гельруд, В.Г.Мохов. 2018г. - 197 с.

4. Litvinenko I.L., Lobova S.V., Gurieva L.K., Kamberdiyeva S.S., Mokrushin A.A. Retrospective analysis of the conceptual model of economic management in sub-regional structures // International Journal of Economics and Financial Issues. 2016. Т. 6. № S1. С. 145-151.

Аннотатсия: Дар мақола нақши бизнеси хурд ва миена дар таъмини таҳаввулоти босуръати саноатикунонӣ дида баромада шудааст. Татбиқи чорабиниҳо оид ба рушд ва ҷойгиркунии ширкатҳои хурди истеҳсолӣ ва бизнеси инноватсионӣ пешниҳод карда шудааст. Муайян карда шудааст самтҳои дурнамо оид дар рушд ва ҷойгирониии ширкатҳои тиҷоратии хурд ва миена.

Калидвожаҳо: Муносибгардонии рушд ва ҷойгиронӣ, бизнеси хурд ва миена, низомҳои дастгирии бизнеси хурду миёна ва ғайраҳо.

Abstract: The article considers the role of small and medium-sized businesses in ensuring accelerated industrialization. The implementation of measures for the development and placement of small manufacturing and innovative businesses is proposed. The perspective directions in development and placement of small and medium-sized businesses are defined.

Keywords: Optimization of development and placement, small and medium-sized businesses, support systems for small and medium-sized businesses etc.

ТАЪМИНИ ИНФРАСОХТОРӢ БЕХАТАРИИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қурбонов Н.С. –
саромӯзгорӣ кафедраи сохтмон ДДБ ба номи Носири Хусрав
Қурбонов А.Н. –
омӯзгорӣ кафедраи сохтмон ДДБ ба номи Носири Хусрав
Фақиров Ч.Ҳ. –
омӯзгорӣ кафедраи сохтмон ДДБ ба номи Носири Хусрав

Фаъолияти инфрасохтори энергетикӣ дар иқтисоди миллӣ ва таъмини он ба рушди Маҷмааи энергетикӣ ҳамчун самти асосии таъмини амнияти энергетикии кишвар диққати махсус бахшида дар рушди иқтисодиёт ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳим дорад. Бо мақсади ҷалби инвеститсияҳои зарурӣ дар Маҷмааи энергетикӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳияи ислоҳоти муҳимми сиёсӣ ва муҳим будани сармоягузорӣ бо мақсади амнияти бехатари он лозим мешуморад.

Айни замон, ҳиссаи қувваи барқ дар сохтори ММД тақрибан 5% -ро ташкил медиҳад. Рушди устувори саноати энергетикӣ ҳамчун омили асосии амнияти энергетикӣ, яке аз захираҳои асосӣ барои баланд бардоштани истеҳсоли ду маҳсулоти содиршудаи ҷумҳурӣ дида мешавад: алюминий ва пахта.

Саноати гидроэнергетикии ҷумҳурӣ соли 1960 дар неругоҳҳои бузурги гидроэнергетикӣ оғоз гардидааст. Афзалияти он асосан дар мамлакат Неругоҳи обии Норак мебошад, ки сохтмони он соли 1961 оғоз гардида, ва соли 1979 пурра ба кор шурӯъ намудааст. НБО-и “Норак” бузургтарин иншоот дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта аз дарёи Вахш баҳра мегирад. Лоиҳаи таҳияшудаи неругоҳи барқи обӣ 3000 мВт мебошад, ки 9 адад агрегатҳои гидротехникиро фаро мегирад, ки амнияти энергетикиро амалӣ гардонида бо назардошти таҷдиди он иқтидори тавоноиаш аз 2800мВт ба 3000 мВт расонида шуд. Агрегати аввалини гидротехникии НБО-и “Норак” дар соли 1972 озод карда шудааст. Истеҳсоли миёнаи солонаи ин неруи гидроэнергетикӣ дар як сол қариб 11,2 млрд. кВт/соат мебошад, ки қариб 75% тамоми неруи барқи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшударо ташкил медиҳад [4].

Истеҳсоли барқ - 17,5 млрд. кВт/с –ро ташкил мекунад (1991). Дар давоми ҷанги шаҳрвандӣ дар солҳои 90-ум, бисёре аз неругоҳҳои барқии Тоҷикистон аз кор баромаданд ва истеҳсоли қувваи барқи зиёда аз 70 фоиз коҳиш ёфт [3].

Бо мақсади рушди инфрасохтори энергетикӣ соли 2010 байни Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи тоҷик" ва Ширкати Олмон Alstom Grid шартнома барои мукаммалгардонии таҷҳизоти

тақсимкунанда 220 кВт ва 500 кВт кушода шуд. Дар рафти татбиқи барномаи лоиҳа 220 кВт ва ОРУ 500 кВт бо тақсимкунандагони мавҷуда иваз карда шуданд. Лоиҳа дар асоси гранти Бонки Осиёии Рушд амалӣ карда шуд, ки арзиши умумии ҳаҷми корҳои сохтмонию васлнамои 70 млн. долларро ташкил медод. Соли 2013 марҳилаи якуми барномаи анҷомёфта ба кор андохта шуд Ин як лоиҳаи ягона дар ИДМ мебошад, ки татбиқи он ба баландии класси технологии Олмон 220 кВт ва 500 кВт баробар аст [5].

Дар поёноби неругоҳи Норак неругоҳи барқи обии "БойғозӢ" бо иқтидори 600 мВт ҷойгир мебошад, ки ба рушди инфрасохтори энергетикӣ мусоидат менамояд. Истеҳсоли солонаи энергетикӣ дар ин неругоҳи барқи обӣ дар як сол тақрибан 2,5 млрд. кВт/соатро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, пас аз ин иншооти гидроэнергетикӣ як силсила неругоҳҳои барқӣ бо насли ками неруи барқ оғоз меёбад: НБО асосӢ бо иқтидори умумии 240 мВт; нуқтаи электрикии гуногун бо иқтидори умумии 29.95 мВт; НБО-ҳои марказӣ бо иқтидори умумии 15,1 мВт.

Таҷҳизот дар ин неругоҳҳои обӣ, ки ба истиснои неругоҳи асосӢ, онҳо дар солҳои 50-60-уми асри XX бунёд ёфтаанд ва ҳанӯз азнавсозӣ нашудаанд. Соли 2012, Бонки Осиёии Рушд (БОР) ва Бонки Аврупоии Бозсозӣ (EBRD) ба маблағи 200 миллион доллари ИМА барои таҷдиди неругоҳи барқи Қайроққум ва неругоҳи асосӢ ҷудо намудаанд. Баъди таҷдиди таҷҳизоти навтарин, иқтидори пуршиддати неругоҳи асосӢ 12 мВт зиёд шуд [9].

Сохтмони неругоҳи дуюми обии мазкур солҳои 80-уми асри XX оғоз ёфт ва муваффақ гардид. Соли 2004 Созишномаи якҷояи лоиҳаи сохтмони неругоҳи Сангтӯда-1 миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия ба имзо расид. Тибқи Созишнома оид ба тақсимоти маҳсулот дар муқоиса бо сармоягузории сохтмони неругоҳи Сангтӯда-1: 25% -и ҷониби Тоҷикистон ва 75% -и Русия мебошад [12]. Соли 2010 неругоҳи Сангтӯда-1 бо иқтидори умумии 670 мВт ба кор даромад. Пеш аз гузоштани система ба амалиёт, амалҳои зерин андешида шуданд: 1) санҷиши объектҳои автоматӣ; 2) ташаккули талаботи техникӣ; 3) тарҳи техникӣ; 4) назорати таҷҳизот; 5) таҳияи ҳуҷҷатҳои амалиётӢ; 6) системаи пазироӣ дар маҷмӯъ; 7) сертификати система.

Таҷҳизоти ин НБО бо нармафзор технологияи навтарин дар асри XXI ба шумор меравад. Ҷузъҳои таркибии система инҳоянд: Alpha A1800 ҳисобкунаки электрикӣ; як дастгоҳ барои ҷамъоварӣ ва интиқоли силсилаи маълумоти RTU-325L; ҷевони МЕТРОНИКА силсилаи MC-210 (кафедра); ҷевони METRONIKA аз силсилаи MS-225 (ҷевони барои

ҳамоҳангсозии вақти система); силсилаи МЕТРОНИКА силсилаи MS-250 (ҷевони сервер); Software Alpha Plus; Барномаи нармафзори Alpha.

Соли 2011 неругоҳи Сангтӯда-2 пурра бо иқтидори 220 мВт ба кор дароварда шудааст. Sangtuda HPP-2 бо усули САИ (сохтмон - амалиёт - интиқолсозӣ) аз ҷониби Ширкати сохтмонии Эрон сохта шудааст. Ин воситаи шарикии давлат ва бахши хусусист, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ васеъ истифода шуда, дар Тоҷикистон амал мекунад. Фондҳои инвеститсионии ширкати эронӣ ба 180 миллион доллар расиданд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ кард, дар ҳаҷми 220 миллион доллари амрикоӣ барои сохтмони неругоҳи барқи обӣ сармоягузорӣ карда шуд [2]. Сангтӯда-2 пас аз анҷоми корҳои сохтмонӣ барои 12,5 сол ба ширкати эронӣ тааллуқ дорад ва сипас ба Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад.

Дар шимоли Тоҷикистон дарёи Сир мавҷуд аст, ки дар замони Шӯравӣ неругоҳи барқи обии Қайроққум бо иқтидори 126 мВт дар ин дарё сохта шуд. Обанбори НБО-и "Қайроққум" барои обёрии минтақаҳои Осиёи Марказӣ пешбинӣ шудааст ва то ҳадди имкон дар давоми тобистон таъминоти обро ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Қазоқистон идора мекунад. Захираҳои неругоҳҳои барқи обии Варзоб дар қисмати марказии дарёи Душанбе, иқтидори умумиаш 25.43 мВт мебошад. Дар ВМКБ неругоҳҳои Хоруғ ва Помир бо иқтидори 36,7 мВт ҷойгир шудаанд. Дар давоми солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 282 неругоҳи хурди барқи обӣ бо иқтидори умумии 25,2 ҳазор киловатт барқарор карда шудаанд. Аксари неругоҳҳои хурди барқӣ дар маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он 116 неругоҳи хурди барқи обӣ воқеъанд ҷойгиранд [3].

Миқдори зиёди неруи барқ дар Тоҷикистон дар неругоҳҳои барқи обӣ мебошанд, ки хароҷоти он нисбат ба дигар манбаъҳои барқ камтар аст. Аз тарафи дигар 80% интиқоли энергия ба воридот, аз он ҷумла 59% ангишт ва 98% нафту газ мебошад, ки дар робита ба ин хароҷоти онҳо аз неруи барқ хеле зиёд аст. Расми 1. саҳмияҳоро дар истеҳсоли неруи барқ аз неругоҳҳои барқии обӣ ва неругоҳҳои гармидиҳӣ нишон медиҳад [1].



Расми 1. - Саҳмияҳои истихроҷи неруи барқ дар неругоҳҳои обӣ ва гармидиҳӣ дар соли 2018

Аз расми 1. маълум аст, ки ҳаҷми асосии неруи барқ дар неругоҳҳои барқии обӣ (95) ва танҳо 5% -и неругоҳҳои барқии гармӣ (НБГ) истеҳсол карда шудааст. Иқтидори умумии маҷмӯи неругоҳҳои барқӣ дар системаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истиснои неругоҳҳои хурди гидротехникии мустақим) 17,163 мВт мебошад, аз ин қобилияти 981 мВт аз ду НБГ насбшуда иборат аст. Истеҳсоли миёнаи дарозмуҳлати неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18,1 млрд. кВт/с мебошад [6].

Созишномаи миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой ба имзо расид, ки Ширкати чинии Тайван Электрики (TBEA) 600 млн. доллари, ИМА дар бунёди НБГ-2 Душанбе бо иқтидори 270 МВт сармоягузорӣ кард. Аз фондҳои умумии инвеститсионӣ 400 миллион доллар барои сохтмони худи НБГ ва 200 миллион доллар барои рушди захираҳои ангишти кони Зиддӣ ҷудо карда шудааст, ки 70 км дуртар аз шаҳри Душанбе ҷойгир аст. Воситаи асосии сӯзишворӣ дар ин система ангишт аст [7].

Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ бисёре аз биноҳое, ки то соли 1990 сохта шудаанд ба системаи умумии Маркази бақу гармидиҳии шаҳр пайвастанд. Аммо баъд аз суқути Иттиҳоди Шӯравӣ ба истиснои қитъаи марказии шаҳри Душанбе, мувофиқи маълумоти мазкур, танҳо 15-25% гармидиҳӣ аз соли 1990 ба шабакаи умумии гармидиҳии шаҳрҳо пайвастбуданд , дигар шаҳрҳои ҷумҳурӣ дар давоми мавсими гармидиҳӣ бо оби гарм ва гармӣ таъмин карда намешуданд. Дар бахши манзилҳои ин шаҳрҳо неруи барқ навъи асосии энергия ба ҳисоб мерафт, гармидиҳии хонаҳо бо гармкунаки барқӣ амалӣ гардида, пайвастагии қувваи барқро дар системаи неруи барқ доимо баланд мебардорад, ки ҳоло ҳам қонеъкунанда нест, ки талаботи зарурии истеъмолкунандагонро пурра иҷро кунад.

Системаи гармидиҳии марказии Душанбе бо якчанд сӯзишвориҳо, ки дар қисматҳои гуногуни шаҳр ҷойгир мебошанд, иборат аст. Шабакаи интиқоли гармии шаҳр аз 125 км қубурҳои марказии гармидиҳӣ ва 414 км қубурҳои шабакаи байнисарҳадӣ иборат аст. Соли 2008 бо Фармони № 154-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе 6 боркунак бо ангишт бо иқтидори умумии маҷмӯи 28,54 Гкал/с таҷҳизонида шудааст. Неругоҳи гармидиҳии Душанбе бо иқтидори 380 Гкал/с; иқтидори дегхонаи ғарбӣ аз 660 Гкал/с; дегхонаи шарқӣ бо иқтидори 70 Гкал/с. Дар ҳуҷраҳои хурди обтаъминкунӣ ва газӣ қобилияти насбшуда 21,5 Гкал / с мавҷуд аст [10].

Таҳқиқоте, ки Ассотсиатсияҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон гузаронидаанд, муайян карданд, ки самаранокии неругоҳҳои бузурги гармидиҳӣ дар давоми 60% қарор дорад. Бинобар мушкилоти иқтисодии ташкили иқтисоди бозаргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи гармидиҳӣ бад шуд ва самаранокии системаи гармидиҳӣ коҳиш ёфт. Ба ғайр аз системаи гармидиҳии Душанбе дигар системаҳои гармидиҳӣ фаъолияти худро қатъ намуданд. Ҳарорати энергияи гармӣ дар системаи гармидиҳӣ дар саросари тамоми шабака соли 1990 120-70^{0}С буд, ҳоло ҳарорати об дар ҷойҳо 80^{0}С мебошад [8]. Вобастагии гази табиӣ ва сӯзишвории моеъ ба он оварда расонд, ки неругоҳи барқию гармидиҳи (НБГ) дар соли 2012 истеҳсоли гармӣ ва неруи барқро 80% камтар аз иқтидори маҷмӯӣ истеҳсол кардааст. Дар ҷараёни интиқоли гармӣ ва тақсими гармӣ, дар давоми истеҳсоли энергияи гармии он 15-30% талаф меёбад, ки то 12% аз гармкунӣ тавассути сӯзишворӣ интиқол дода шавад, 15-20% дар ресмонҳои паҳнкунӣ ва дар биноҳои гармидиҳанда талаф меёбад. Талаботи шаҳри Душанбе барои энергияи гармӣ ба 1,210 Гкал / с, аз он ҷумла 820 Гкал / с аз талаботи манзилӣ; 390 талабот барои Гкал/с барои биноҳои маъмурӣ [11]. Аммо соли 2012 танҳо 27,9% -и биноҳое, ки ба системаи гармидиҳии марказӣ пайваст шудаанд, бо энергияи гармидиҳӣ таъмин карда шуданд. Мувофиқи манбаъҳои пешакии ш.Душанбе, 715 адад биноҳои бисёрошёнае, ки ба системаи гармидиҳии марказӣ пайвастанд, аз 450 иншооти манзилӣ иборат буда, зимистони солҳои 2012-2013 танҳо 200 адад бинои истиқоматӣ ва 64 бинои маъмурӣ гарм карда шуданд. Дар шаҳрҳои дигари ҷумҳурӣ бо сабаби кам будани гази табиӣ ва сӯзишвории системаҳои гармидиҳӣ дар давоми 20 соли истиқлолият фаъолият намекарданд.

Сохтори ташкилии Маҷмааи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 оварда шудааст. Азбаски сохтори маҷмӯи энергетикӣ, бозори Маҷмаии энергетикаи тоҷик аз ҷониби як истеҳсолкунанда ва фурӯшандаи энергия намояндагӣ мекунад, Ширкати саҳомии холдингии

"Барқи тоҷик" ин монополист дар бахши энергетика мебошад, ки бо фаъолияти неругоҳҳои барқӣ ва шабакаҳои ҷумҳуриявӣ, насли интиқол, тақсим ва фурӯши энергияи барқ ва гармидиҳӣ машғул аст. Барқи тоҷик дорои 24 иншооти энергетикӣ, ки 10 ширкати онҳо тақсимкунанда ва 13 адад неругоҳҳои гидроэнергетикӣ мебошанд.

Ҷадвали 1.-Сохтори ташкилии Маҷмааи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Номи унсури сохтор	Мундариҷа
Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҳамоҳангӣ бо донорҳо ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ оид ба масъалаҳои рушд, аз ҷумла бахши энергетика
Муассисаҳои сиёсӣ	Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати рушди иқтисод ва савдо
Мақомоти танзимкунанда	Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати энергетика ва захираҳои обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти зиддиинҳисорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стандартҳои давлатӣ
Корхонаҳои истеҳсоли неруи барқ	- ШСХ "Барқи Тоҷик" - АИ «Помир Энерҷӣ» - ҶСК "Сангтӯда-Панҷи Поён-1" - ҶСК "Сангтӯда-Панҷи Поён-2" - соҳибони хусусӣ ва ҷамъиятӣ аз неругоҳҳои хурд
Ширкатҳои тақсими барқ	- ШСХ "Барқи Тоҷик" - ШБ «Помир Энерҷӣ» - шабакаи тақсимоти истеъмолкунандагони яклухт
Корхонаҳои интиқоли барқ	- ШСХ "Барқи Тоҷик" - ШБ «Помир Энерҷӣ» - шабакаҳои тақсимотии департамент
Корхонаҳо барои истеҳсол ва таъмини гармӣ ва сӯзишворӣ	- ШСХ «Барқи Тоҷик» -«Хоҷагии Манзилию коммунали»
Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ	«Ассотсиатсияи энергетикаи Тоҷикистон», «Ассотсиатсияи энергияи барқароршаванда», Фонди ҷамъиятии "Тоҷикистон-Норвегия барои рушди гидроэнергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" Шӯрои ҳамоҳангсозии иттиҳодияҳои

Номи унсури сохтор	Мундарича
	соҳибкорон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳот ва ғайра.

Манбаъ: пешниҳоди муаллиф

Сиёсати давлат дар соҳаи амнияти энергетикӣ аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар, ҳукумат ва мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

Идоракунии амнияти энергетикӣ фаро мегирад:

- муқаррар намудани мақсадҳо барои идоракунии амнияти энергетикӣ ва мақсадҳои он;
- фаъолияти банақшагирӣ барои иҷрои вазифаҳо;
- механизмҳо (иқтисодӣ, институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ)
- воситаҳо (сармоя, андоз, нарх, литсензия, пул, танзим ва дигар)
- таъсирот (сармоя, андоз, нарх, литсензия, пул, танзим ва ҳоказо) таъсир мерасонад.

Тибқи маълумоти Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз баромадан аз Ӯзбекистон (пас аз он ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дар Осиёи Марказӣ ба Тоҷикистон ҳамроҳ шуд), миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон оид ба мубодилаи неруи барқ дар фасли тобистон ва тирамоҳу зимистон мувофиқа шуда буд. Тибқи ин созишнома, дар фасли тобистон Ӯзбекистон 900 млн. кВт/соат неруи барқи Тоҷикистонро ба даст меовард ва дар фасли зимистон неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 600 млн. кВт/соат интиқол дода мешуд.

Ҳамзамон, шарикони асосии маблағгузорӣ дар соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки Рушди Осиё, Фонди Оғохон, БРСММ ва Бонки Исломии Рушд мебошанд. Бонки Исломии Рушд ва Бонки Рушди Осиёи лоиҳаро дар асоси Созишномаи қарзи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои дар боло зикршуда амалӣ месозанд ва мутобиқи ин қарз ба ШСХ «Барқи Тоҷик» дода шудааст, ки маблағи умумии сармоягузориҳо аз ҷониби Бонки Исломии Рушд 11,6 миллион доллари ИМА ва иқтидори умумии неругоҳҳои хурди бунёдшуда 7,925 кВт мебошад [6]. Бояд таъкид кард, ки дар байни истеҳсолкунандагони неруи барқ дар НБО-ҳои ҶСП «Помир Энерҷӣ» 71% ё 43720 кВт-ро ташкил медиҳад. Ба саҳми ШСХ «Барқи Тоҷик» 15 фоиз ё 14,799 кВт рост меояд.

ШСХ «Барқи Тоҷик» дорои 25 НБО-ҳои тавозунӣ мебошад, ки истеҳсоли миёнаи он 592 кВт мебошад, дар навбати худ ҶДММ «Помир Энерҷӣ» дорои 13 НБО-ҳо бо истеҳсоли миёнаи 362 кВт мебошад ва ҳаҷми миёнаи кулли НБО-ҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,2 мВт, ки 50% аз истеҳсоли неруи барқ аз соли 1978 бештар аст.

Ба ғайр аз муошарати бевосита, фикру мулоҳизот ҳамчун ҳолати зарурӣ барои фаъолияти системаи идоракунии амнияти энергетикӣ хеле

муҳим аст, ки натиҷаҳои онро ба даст меорад ва ба мо имкон медиҳад, ки сатҳи зерсохтори назоратшуда аз параметрҳо ва вазифаҳои муқаррарнамудаи субъектҳои назоратӣ муайян карда шавад.

Системаи тақсимотии ҷумҳурӣ то соли 2018 ба ду қисм ҷудо карда шудааст: шимол (ш. Хуҷанд); ҷануб (Душанбе). Дар лоиҳаи сохтмони хатти интиқоли неруи барқи 500 кВт, пайвастагии системаи шимол бо ҷануб, дарозии хатти 263 км, ки аз ҷониби Ҷумҳурии мардумии Чин дар ҳаҷми 282 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ шудааст, дар соли 2009 ба кор андохта шуд.



Расми 2.- Ҳиссаи истеҳсолкунандагон ва маблағгузорон барои маҷмӯи умумии неругоҳҳои хурд

Дарозии умумии хатҳои интиқоли барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4,268 км, аз қабили 226 км 500 кВт 500 кВт, 1203 км 220 кВт ва қувваи баландшиддати барқ 2339 км 110 кВт. Соли 2011 Тоҷикистон ду хатти интиқоли барқ - 220 кВт «Геран (Тоҷикистон) - Пули Хумрӣ (Афғонистон) ба содироти неруи барзиёди қувваи барқ ба Афғонистон ба истифода дода шуданд.

Ду хати қувваи барқ 500 кВт Неругоҳи барқи обии Норакро бо пойгоҳи барқии Неругоҳи барқи обии Регар 500/220 кВ пайваст месозад, ки дар ин ҷо Системаи энергетикии Тоҷикистон бо Системаи энергетикии Осиёи Марказӣ пайваст мешавад, ки аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон иборатанд ва дар навбати худ дар реҷаи синхронизатсия фаъолият мекард. Аммо аз 1-уми январи соли 2009 бо сабаби мушкилоти техникӣ дар қитъаи Қарокӯл, Ӯзбекистон зарар дид.



Расми 3.- Сармоягузориҳои хориҷӣ дар бахши энергетика (млн. сомонӣ бо нархҳои муқоисашаванда)

Захираҳои транзитии Туркманистон ба Тоҷикистон қатъ карда шуданд. Ӯзбекистон аз Системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ хориҷ карда шуд. Масъалаи асосӣ ин аст, ки Тоҷикистон Ӯзбекистонро барои интиқоли қувваи барқ, ки ба Тоҷикистон аз Туркманистон ворид карда буд, пардохт карда натавонист. Аз ҳамон вақт инҷониб Системаи барқии Тоҷикистон мустақилона фаъолият мекунад. Илова бар ин, Тоҷикистон мушкилоти асосии нақлиётӣ дорад.

Моделсозии иқтисодӣ-риёзии захираҳои бозори хизматрасонии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банди оянда нишон дода мешавад.

АДАБИЁТ

1. Аз чониби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.
2. Бедствующий Таджикистан настроен на развитие гидроэнергетики, чтобы решить свои потребности. «International Business Times». 07.09.2012. http:// www.inozpress.kg/news/view/id/37155.
3. Гидроэнергетика Таджикистана – настоящее и будущее./ Презентация Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. Душанбе.: изд. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2009. - С.15.
4. Гидроэнергетика бассейна Аральского моря. Ташкент: Ташгидропроект, 1994. С.86.
5. Как развивается малая гидроэнергетика Таджикистана. 28.12.12. http://www.expertpost.ru/tags.
6. Кабутов К. Перспективы использования альтернативных источников

энергии в Таджикистане. Душанбе.: изд. ФТИ, 2011.С.7.
7. Ковтун В.В. Развитие энергетики Китая и газовой отрасли в период 2011-2050 гг. // Экономические науки. 2011. №77. С. 294.
8. Научные исследования и разработки — для надёжности и эффективности практической энергетики. // Энерго-info. 2012. №11. С.25.
9. ОБСЕ выразила заинтересованность в развитии малой гидроэнергетики в Таджикистане. 14.01.2013. http:// www.kant.kg.
10. Проект USAID по улучшению энергоэффективности в жилых зданиях города Душанбе. Душанбе.: изд. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2012. С.68.
11. Петров Г. Н. Всемирная торговая организация и устойчивое рациональное использование энергетических ресурсов Республики Таджикистан. // Информационный бюллетень «Дастгирӣ Центр». 2002. № 7. С. 9. http://www.fsci.freenet.tj.
12. Улучшение гидрометеорологического обеспечения в Республике Таджикистан/ Всемирный Банк. Душанбе, 2009. С.41.

АННОТАТСИЯ

Вопрос привлечения инвестиций в энергетический сектор Республики Таджикистан оказывает значительное влияние на экономическое развитие страны и, в целом, тесно связан с рынком капитала. Изучение и исследование этого вопроса основано на широком использовании статистических и экономических элементов.

Одним из основных факторов, которые могут положительно повлиять на инвестиционный климат, является действующая система Закона Республики Таджикистан «Об инвестициях», который регулирует правовые основы инвестиционной деятельности в стране. Имея это в виду, с целью привлечения дополнительных инвестиций в национальную экономику Таджикистана мы считаем целесообразным усовершенствовать данный Закон. Также приведение законодательства страны в соответствие с нормами международного права и инвестиционного сотрудничества.

ANNOTATION

The issue of attracting investments in the energy sector of the Republic of Tajikistan has a significant impact on the economic development of the country and, in general, is closely related to the capital market. The study and research of this issue is based on the extensive use of statistical and economic elements.

One of the main factors that can positively affect the investment climate is the current system of the Law of the Republic of Tajikistan "On Investments", which regulates the legal framework for investment activities in the country.

With this in mind, in order to attract additional investments in the national economy of Tajikistan, we consider it expedient to improve this Law. Also, bringing the country's legislation in line with international law and investment cooperation.

ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Мамадалиева Г.Т. -
старший преподаватель кафедры Высшей математики и инновационных технологий Института экономики и торговли Таджикского Государственного Университета Коммерции, г. Худжанд

Угроза глобального потепления, которая превратилась в общую глобальную проблему всей нашей планеты, это один из важных, требующих немедленного решения вопросов, который побуждает страны реализовывать программы сокращения потребления электроэнергии.

Энергосбережение и эффективное использование электроэнергии, является ключевым вопросом не только для развитых и промышленных стран, но и для стран, находящихся на стадии развития. По этой причине всемирные организации и могущественные страны не только размышляют над переходом к «зеленой» электроэнергии, но и стремятся сократить потребление электроэнергии.

Экономическое развитие государства невозможно представить без развития энергетической отрасли. Другими словами, электроэнергия является движущей силой (двигателем) экономического роста, особенно экономического роста в промышленной отрасли. Поэтому при планировании экономического роста власти должны учитывать этот фактор и предлагать новые подходы к снижению потребления электроэнергии. В развитых странах мира, таких как Китай, Япония, Германия, Америка, Франция и другие, наблюдается самый высокий уровень потребления электроэнергии. Эти страны стремятся реализовать различные программы по сокращению потребления электроэнергии и добились немалых успехов в этом направлении. В этих странах в основном работают над производством «зелёной» электроэнергии, которая является экологически безопасной (чистой) и эффективной в использовании. Например, Япония по сравнению с другими промышленно развитыми странами занимает ведущее место в экономическом и логическом использовании электроэнергии. Правительство Японии после аварии на атомной электростанции, которая произошла несколько лет назад, перешло на безопасное электричество и хочет сократить использование атомных электростанций за счет замены их солнечными и ветряными электростанциями. Конечно же, стоимость реализации этих программ для стран, находящихся на стадии развития очень высока, поэтому развивающимся странам необходимо использовать новые и экономичные подходы для сокращения потребления энергии.

Следует отметить, что экономическое развитие, деятельность предприятий и улучшение жизнедеятельности людей зависит от эффективного производства и потребления электроэнергии в стране, однако здесь появляется другой вопрос, связанный с ответственностью человека за сохранение и защиту окружающей среды. В то же время экономическое, промышленное и технологическое развитие, которое является основой политической мощи, национальной независимости и культурного развития, требует использования электроэнергии. Реализация программ, связанных с энергетической отраслью, наряду с реализацией других национальных стратегий, в частности, стратегий экономического развития и перехода к индустриализации, в первую очередь зависит от эффективного использования электроэнергии.

Сейчас в Таджикистане предпринимаются шаги для осуществления программы индустриализации страны, и для этого нужны меры по эффективному использованию электроэнергии. Таджикистан обладает большим потенциалом для производства экологически чистой электроэнергии. Другими словами, Таджикистан входит в число тех стран, где электричество добывается из водных ресурсов и считается экологически безопасным для окружающей среды. Президент страны Эмомали Рахмон в своих выступлениях всегда упоминает о защите окружающей среды и переходе на экологически безопасные источники электроэнергии. Реализованные в этом направлении государственные программы дали положительные результаты. Кроме того, Таджикистан входит в число стран, которые для снижения потребления электроэнергии реализовали программу по замене ламп советских времён энергосберегающими лампами. Эта программа способствовала эффективному использованию электроэнергии в стране.

На этой основе Таджикистан предпринял два устойчивых шага, которые, на мой взгляд, наиболее эффективно воздействуют на снижение потребления экологически чистой электроэнергии: во-первых, Таджикистан благодаря строительству гидроэлектростанций и производству экологически безопасной электроэнергии сможет удовлетворять свои потребности. Во-вторых, благодаря реализации национальной стратегии развития промышленности, Таджикистан сможет использовать гидроэнергетику (водную энергетику), что является большим шагом к защите окружающей среды и реализации международных конвенций по сокращению потребления энергии.

Следует отметить, что для реализации стратегии развития промышленности Таджикистану необходимо большое количество электроэнергии. В связи с этим, Таджикистан при строительстве новых промышленных предприятий должен использовать современные технологии, которые позволят сократить потребление электроэнергии. В этом направлении правительство Таджикистана также предприняло

необходимые шаги, к примеру, импорт современных технологий из Японии, Германии и Китая, так как Таджикистан в этом плане стремится занять лидирующее место.

Глобальное потепление, изменение климата и другие экологические проблемы с каждым днём всё больше приобретают международный характер. В таких условиях сокращение энергопотребления является жизненно важным вопросом не только для Таджикистана, но и для всего мирового сообщества. Поэтому политика энергосбережения должна быть одним из основных направлений в программах правительств различных стран. К примеру, для Афганистана электроэнергия, импортируемая из Таджикистана по сравнению с электроэнергией, импортируемой из Узбекистана и Туркменистана, является более доступной и дешёвой.

Афганистан обладает огромными водными ресурсами и большим потенциалом для производства электроэнергии, однако эта страна использует импортируемую электроэнергию, выплачивая для этого большие деньги. В частности, исследования показали, что Афганистан обладает необходимым потенциалом для производства (выработки) ветряной, солнечной, и водной энергии и может вырабатывать более 23 000 мегаватт электроэнергии, однако в настоящее время в Афганистане производится всего лишь 240 МВт электроэнергии, а остальная часть потребляемой электроэнергии является импортируемой.

Афганистан в настоящее время имеет 8 крупных гидроэлектростанций и несколько маленьких плотин, однако из-за устаревшей техники и низкой производственной мощности они не используются полностью. Большая часть электроэнергии в стране вырабатывается с использованием плотин Канджаки (в провинции Гильменд), Салма (в провинции Герат), Камал Хан (на западе Афганистана), Дарунта (в провинции Нангархар), Махипар, а также ГЭС Наглу, расположенной в центре Афганистана и других гидроэлектростанций. То есть, Афганистан обладает большим потенциалом для производства электроэнергии, но до сих пор большая часть страны обеспечивается электричеством за счёт северных соседей. Кроме того, основной проблемой в стране является не только энергетический сектор, но и политическая ситуация. То есть, это страна, которая уже в течение 40 лет охвачена войной, и за это время потеряла все свои технические средства и мощности. Из-за сложившейся политической и военной ситуации Афганистан не имеет возможности эффективно использовать свои водные ресурсы и управлять ими.

Для повышения культуры эффективного использования электроэнергии необходимо основываться на подходах, которые приносят положительные результаты обществу, и которые следует использовать для снижения потребления электроэнергии:

- Импорт недорогого производственного оборудования для предприятий;

- Применение новых методов орошения в сельском хозяйстве, с целью предотвращения чрезмерного использования электроэнергии.

- Принятие государственной программы снижения энергопотребления и использование рентабельных (экономичных) подходов.

В заключении следует отметить, что эффективное использование электричества должно учитываться на всех уровнях экономической и социальной деятельности и не должно ограничиваться только одной сферой.

ЛИТЕРАТУРА

1. Хомидов И.М. Модернизация экономики – главное условие выживание нации и государство / Перспективы и факторы обеспечения устойчивого развития экономики : материалы межд. научной конф. – Худжанд : Хуросон, 2012. – 524 с.

2. Абдурахимзода, Б.А. Ресурсный потенциал энергетической безопасности и возможности его использования / Б.А. Абдурахимзода, М. Бехрузи, М.О. Иброхимзода // Наука, новые технологии и инновации. - 2016. -№6. - С. 86-91.

3. Программа экономического развития РТ на период до 2030г.

4. Накатов, И.К. Методы использования организационно-экономических инструментов государственного управления инновационным развитием энергетического комплекса Республики Таджикистан / И.К. Накатов, В.К. Лозенко //Транспортное дело России. - 2013. -№ 6-2. - С. 249.

5. Абдуназарова, М.Н. Развитие малой энергетики в годы государственного суверенитета Таджикистана (1991-2015 гг.) / М.Н. Абдуназарова // Вестник Педагогического университета. - 2015. - №6-2 (67). - С. 266-270.

ANNOTATION

Energy saving and efficient use of electricity is a key issue not only for developed and industrial countries, but also for countries at the development stage. For this reason, global organizations and powerful countries are not only contemplating the transition to green electricity, but also striving to reduce electricity consumption.

Key words: energy saving, "green" electricity, reduction of electricity consumption.

АНОТАТСИЯ

Сарфаи энергия ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ масъалаи калидӣ на танҳо барои кишварҳои мутараққӣ ва саноатӣ, балки барои кишварҳои марҳилаи рушд низ мебошад. Ба ин далел, созмонҳои ҷаҳонӣ ва кишварҳои қудратманд на танҳо дар фикри гузариш ба нерӯи барқи сабз ҳастанд, балки талош доранд, ки масрафи нерӯи барқро коҳиш диҳанд.

Калидвожаҳо: сарфаи энергия, нерӯи барқи сабз, кишварҳои мутараққӣ ва саноатӣ.

РОҲҲОИ ТАКМИЛ ВА ВАЗЪИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

Каримова И. И. –
н.и.и., муаллимаи калони кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ Донишкадаи Иқтисод ва савдои ДДТТ

Рушду тараққиёти иқтисодиёти миллӣ ва таносубҳои асосии он аз ҳолату суръати тараққиёти кишоварзӣ вобаста аст. Вобаста ба ин гуфтаҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки дар раванди ислоҳот ба соҳаи кишоварзӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди кишвар эътибори аввалиндараҷа дода мешавад, зеро ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат аз сатҳи рушди ин соҳа вобастагии мустақим дорад. Дар ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ инкишофи инфрасохтори он ва таъмини зиндагии шоистаи аҳолии деҳот дар солҳои минбаъда ҳамчун ҳадафи муҳимтарин боқӣ мемонад.

Айни замон 46%-и аҳолии мамлакат дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсолоти соҳа соли 2017 ба 24,6 миллиард сомонӣ ва ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ беш аз 40 %-ро ташкил кардааст.

Бояд зикр кард, ки саҳми аҳолии деҳот дар Олмон 25,1 дарсад, Дания – 12,7, ИМА – 18,7, Австрия – 34, 1, Белгия 2,7 дарсадро ташкил медиҳад. Табиист, ки ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунад.

Дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ сол аз сол ҳаҷми маблағгузорӣ меафзояд. Афзоиши маблағгузорӣ боиси мустаҳкам шудани заминаи моддию техникии кишоварзӣ мегардад. Амалисозии маҷмӯи тадбирҳои пешгирифтаи ҳукумати мамлакат дар ин самт имконият медиҳад, ки талаботи аҳолӣ ба молҳои асосии озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсолоти дохилии кишвар ҳарчи бештар таъмин гардад ва ба ин васила амнияти озуқавории кишвар низ ҳалли худро ёбад.

Бинобар ин, Ҳукумати кишварро зарур аст, ки доир ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ, бахшҳои коркарди маҳсулоти он ва ҳавасманд гардонидани кишоварзон барои истифодаи самараноки захираҳои обу замин тадбирҳои иловагӣ андешад. Инчунин тавассути ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати азхудкунӣ ва обёрии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад.

Солҳои охир дар соҳаи кишоварзии мамлакат тағйиротҳои назаррас ба миён омаданд. Аз давраи бадастовардани соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ дар натиҷаи хусусигардонии корхонаву ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ (дар соҳаи кишоварзӣ–колхозу совхозҳо) ва таъсири нооромиҳои дохилӣ соҳаи кишоварзӣ ба мушкилотҳои зиёд рӯ ба рӯ гардид, ки дар натиҷа ба бӯҳрони соҳа оварда расонид. Барои баровардани соҳаи кишоварзӣ аз

бӯҳрон мутахассисони соҳа ва ҳукумати мамлакат чораҳои зиёд андешида, ба хулосае омаданд, ки ягона роҳи ҳалли масъалаҳое, ки сади роҳи соҳаи кишоварзӣ гардидаанд, ин ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Ҳоло дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ бештари ташкилотҳое, ки бо фаъолияти истеҳсолӣ машғуланд, хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд (ниг. ҷадвали 1.1).

Хоҷагиҳои коллективӣ ва байнихоҷагии кишоварзӣ дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ барҳам дода шуда, замин ба соҳиби аслии худ, яъне деҳқон баргардонида шуд. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло дар ҷадвали дар зер овардашуда ҳолати воқеъии ташкилоту корхонаҳои кишоварзии мамлакат дар тӯли якчанд соли охир нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1.1. Шумораи ташкилотҳои кишоварзӣ дар мамлакат то охири соли 2018 дар охири сол, воҳид

Номгӯи муассисаҳо	**2005**	**2007**	**2009**	**2011**	**2013**	**2015**	**2017**	**2018**
Хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ	58	32	6	1	1	1	1	1
Муассисаҳои байнихоҷагии кишоварзӣ	3	-	-	-	-	-	-	-
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	23101	26518	37966	51372	87594	123379	164631	172668
Ҳамагӣ	**23162**	**26550**	**37972**	**51373**	**87595**	**123380**	**164632**	**172669**

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2019, саҳ. 279.

Қайд кардан ба маврид аст, ки то соли 2010 дар ҷумҳурӣ хоҷагиҳои коллективӣ ва совхозҳо фаъолият мекарданд. Аз соли 2010 инҷониб дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ хоҷагиҳои коллективӣ ва совхозҳо ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ табдил дода шуданд. Аз ин сабаб, чӣ тавре, ки дар ҷадвал нишон дода шудааст, соли 2006 – 57 адад хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ (колхозҳо) ва 2 адад муассисаҳои байнихоҷагии кишоварзӣ амал мекард, ки ин нишондиҳандаҳо тадриҷан кам гардида, дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ табдил дода шуданд.

Соҳибкорӣ дар худ беҳтарин хусусиятҳо ва бартариҳои иқтисодиро дар муносибатҳои бозорӣ таҷассум намуда, яке аз омилҳои муҳимтарини афзоиши суръати рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад, ки инро таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад. Саҳми соҳибкории хурд дар раванди баамалбарории манфиатҳои иқтисодӣ ва ғанигардонии бозор бо молу хизматҳо хеле бузург аст.

Саҳми соҳибкорон ва ширкатҳои ватанӣ дар иҷрои ҳадафҳои созандаи Ҳукумати мамлакат дар самти бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ

тавассути ворид намудани таҷҳизоту технологияҳои ҳозиразамон ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин сохтмону азнавсозии иншоотҳои иҷтимоиву фарҳангӣ назаррас мебошад ва ин раванд ҳаматарафа дастгирӣ карда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки вилояти Суғд минтақаи калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳиссаи вилояти Суғд дар ММД-и ҷумҳурӣ дар соли 2018 - 27,3% ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда назар ба солҳои қаблӣ баландтар аст.

Субъектҳои соҳибкории хурд шахси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафар мебошад.[8]

Мувофиқи нишондиҳандаҳои расмӣ шумораи субъектони соҳибкории хурду миёна дар кишвар, дар маҷмӯъ дар соли 2012 193262 хоҷагидори ва дар соли 2018 шумораи он ба 301296 адад расонида шуд. Суръати рушди он қариб 65% - ро ташкил дод (ҷадвали 2.2).

Ҷадвали 2.2. Вазъияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2018

Шакли фаъолият	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2018 назар ба 2010
Шаҳодатнома	50340	28130	35610	31867	31352	32084	32096	63,8%
Патент	87383	75342	78339	73643	82874	88343	95951	1,1 мар.
Шахси ҳуқуқӣ	11488	18617	25728	31263	31925	31806	31205	2,7 мар.
Хоҷагидориҳои деҳқонӣ	44051	92989	96764	126825	138378	123379	142044	3,2 мар.
Ҳамагӣ соҳибкории хурду миёна	193262	215078	236441	263598	284529	275612	301296	1,6 мар.

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018- саҳ. 214

Чӣ тавре ки аз ҷадвал маълум гашт, дар соли 2018 шумораи соҳибкории хурду миёна дар қаламрави ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 301296 ададро ташкил намуд, ки ин назар ба соли 2012 1,6 маротиба ё худ 60% суръати рушди ҳақиқиро нишон медиҳад.

Дар соли 2018 шумораи корхонаҳои амалкунанда, ки мақоми шахси ҳуқуқиро доранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4455 ададро ташкил намуд, ки он назар ба соли 2012 (3890 адад) 14% зиёд гашта, аммо назар ба соли 2014 (5394 адад) 17,4% кам шудааст.

[8] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – 484 саҳ.с саҳ.169

Аз теъдоди корхонаҳои хурди амалкунандаи дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ дар охири сол Ҷумҳурии Тоҷикистон (4455) 204 адад дар вилояти Хатлон, 10 адад вилояти Суғд, 2373 адад дар шаҳри Душанбе, 790 адад дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ҳамагӣ 18 адади он дар ВМКБ ба қайд гирифта шудаанд.

Ҷадвали 2.3. Таносуби минтақаҳо дар шумораи умумии корхонаҳои хурди тибқи мақоми шахси ҳуқуқӣ амалкунанда дар ҷумҳурӣ (солҳои 2013-2018, адад)

Минтақа	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2018 назар ба соли 2013
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	3890	4810	5394	5176	4919	4455	114,5%
Аз ҷумла:							
Вилояти Хатлон	89	137	391	257	281	204	2,3 мар.
Вилояти Суғд	931	1517	1628	1366	1190	1070	115%
Шаҳри Душанбе	2479	2555	2740	2832	2575	2373	95,7%
ВМКБ	5	8	12	5	8	18	3,6 мар.
НТҶ	386	593	623	716	864	790	2,1 мар.

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018, саҳ. 225-228

Таносуби вилояти Суғд дар шумораи умумии шумораи корхонаҳои хурди тибқи мақоми шахси ҳуқуқӣ амалкунандаи ҷумҳурӣ 24%-ро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда аз вазъи сатҳи муътадили вилоят дарак медиҳад (ҷадвали 2.3). Вале новобаста аз сатҳи муътадил будани таносуби вилояти Суғд, онро мебояд, то ки рӯз аз рӯз рушд намуда, шумораи худро зиёд намояд.

Дар Стратегияи миллии рушди мамлакат дар давраи то соли 2030 гузариш ба индустраликунонии мамлакат пешбинӣ гардидааст. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз ҷумла оварда шудааст: “... ин қадам, ба афзоиши коркарди пурраи ашёи хом, рушди ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири мамлакат ва мустаҳкам намудани иқтидори содиротии кишвар мусоидат намуда, асоси воқеиро барои тавозуни савдои берунӣ ва ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад”.[9] Барои ин зиёд намудани тавоноии энергетикӣ ва саноатӣ ва кам кардани вобастагии иқтисодиёти давлат аз хоҷагии деҳқонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Соҳибкорӣ ин шакли махсуси фаъолнокии иқтисодӣ мебошад, ки дар муносибатҳои инноватсионии мустақил ба истеҳсолот ва интиқоли

[9] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2017// [Сарчашмаи электронӣ]: http://www.president.tj

мол ба бозор асос меёбад. Соҳибкорӣ ҳамчун зуҳуроти мушкили иҷтимоию иқтисодӣ бо роҳи нишонаҳои асосӣ, ки дар объективияти он вуҷуд доранд, муайян карда мешавад:

- фаъолият дар соҳаи хоҷагидорӣ бо мақсади гирифтани даромад;
- озодии иқтисодӣ, ки мавҷудияти маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадорҳои вобаста ба қабули мустақили қарорҳоро пешбинӣ менамояд;
- масъулияти шахсии моддӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба натиҷаҳои хоҷагидорӣ;
- хусусияти инноватсионии фаъолият.

Ҳамин тавр, асоси самаранокии соҳибкорӣ ин навоварӣ, ташаббускории шахсӣ мебошад. Соҳибкор тамоми қувваи худро ба фаъолияти соҳаи кишоварзӣ сафарбар намояд ва ҳамаи имкониятҳоро мақсаднок истифода бурда, барои амалҳои худ масъулияти пурраро бар дӯш мегирад.

АДАБИЁТ:

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019;
2. Коваленко Н.Я. Экономика сельского хозяйства. Учебник – М.: ЮРКНИГА, 2004. – 382с.
3. Нидоев Н.Ф. Модель безопасного сельского хозяйства Таджикистана. – Душанбе: «Ирфон», 2010. – 144 с.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018. Кумитаи давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2018.
5. Омори солонаи вилояти Суғд 2018. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд – Хуҷанд, 2018 – 356 с.

АННОТАЦИЯ

Развитие народного хозяйства и его основные соотношения зависят от состояния и темпов развития сельского хозяйства. Следует отметить, что наша республика является экономической республикой как аграрная республика.

Очевидно, что по инициативе Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона регулярно принимаются меры по развитию сельского хозяйства и перерабатывающей промышленности, преодолению глубокого кризиса и сокращению бедности населения.

В нашей стране развитию сельского хозяйства уделяется особое внимание, ведь одной из стратегических целей преодоления кризиса

современного мира является продовольственная безопасность, а в нашей стране она также является важнейшей.

Таким образом, основа эффективности бизнеса - новаторство, личная инициатива. Предприниматель должен направить все свои силы на деятельность аграрного сектора, целенаправленно использовать все возможности и нести полную ответственность за свои действия.

Ключевые слова: улучшение, предпринимательство, реформа, инновации, сельское хозяйство, дехканские хозяйства.

ANNOTATION

The development of the national economy and its basic correlations depend on the state and rate of development of agriculture. It should be noted that our republic is an economic republic like an agrarian republic.

It is obvious that on the initiative of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, measures are regularly taken to develop agriculture and processing industry, overcome the deep crisis and reduce poverty.

В нашей стране развитию сельского хозяйства уделяется особое внимание, ведь одной из стратегических целей преодоления кризиса современного мира является продовольственная безопасность, а в нашей стране она также является важнейшей.

Thus, the basis of business efficiency is innovation, personal initiative. An entrepreneur must direct all his efforts to the activities of the agricultural sector, purposefully use all opportunities and take full responsibility for his actions.

Ключевые слова: улучшение, предпринимательство, реформа, инновации, сельское хозяйство, дехканские хозяйства.

МЕХАНИЗМИ ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ ВА ТАШАККУЛИ ОН ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Аминов Р.Ҷ., Айниддинов М.М., Самариддини Қ. -
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Докторант аз рӯи ихтисос Phd –и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишҷӯи курси 3 – юми ихтисоси Хадамоти гумруки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Таҷрибаи давлатҳои инкишофёфта оид ба ташкили музди меҳнат исбот кард, ки тарзу усули ташкили музди меҳнат дар як мамлакат дар давлати дигар натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, бинобар он ҷоринамоии амалияи ташкили музди меҳнати давлатҳои дигар дар мамлакатҳои бегона роҳи асоснокнамоии ҳавасмандгардонии меҳнат мебошад.

Давлатҳои инкишофёфтаи дунё таҷрибаи бойи ташкили пардохти ҳақимеҳнатро доранд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин вобаста ба таҷрибаашон ҷудо кардан имконият дорад.

Америкои, Ҷопони ва Аврупои ғарбӣ ташкили пардохти ҳақи меҳнат дар Ҷопон хусусиятҳои зиёдеро дорад, аввало дар Ҷопон ҳаҷми музди корро ба синну сол ва собиқаи нақши ҳалкунандаро дар иқтисодиёт ихтисосноки ва самаранокии меҳнати заҳматкашон бозид. Дар натиҷаи чунин интегратсия омили асосии муайянкунандаи пардохти ҳаққи меҳнатро самаранокии меҳнат ва сабақаи коригардид.

Яке аз хусусиятҳои муҳими пардохти ҳақи меҳнат дар Ҷопон рушди бемайлони музди кори воқеи дар давоми даҳсолаи охир гардид. Болоравии музди кор нисбат ба болоравии нархҳо назаррас мебошад.

Вазифаи муҳими соҳибкорӣ ташкили муҳити пурқувати асоснокнамоии барои ҳама яъне, кормандон ва соҳибмулкони корхона мебошад. Бояд асоснокнамоию ҳавасмандгардониҳоеро дар корхонаҳо истифода кард, ки ба ҳамагон дар корхонаҳо кор кардан шавқ ва нафнокиро, яъне ба соҳибмулкон коргарони кироя ба бор орад.

Барои ҳалли муаммои овардашуда нуқтаи ягонаи ба дарди соҳибмулк ва меҳнати кироя ҷавобгӯйро дарёфтан зарур аст.

Ба фикри мо нуқтаи ба мувофиқаоварандаи соҳибмулку, заҳматкаш ва давлат фоида ва тақсими мувофиқи он байни субъектҳои иқтисодиёт мебошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки мақсади асосии соҳибкор гирифтани фоидаи хадалимкон ва даромади соҳибкорӣ аст.

Дар шароити иқтисодӣ бозорӣ шаклу усулҳои гуногуни баҳамоварии музди меҳнат ва натиҷаи он мавриди баробардори буда бо инкишофи ҷамъияти инсони дар такмилу тағир аст.

Ҳавасмандгардонии меҳнат дар соҳибкориҳо яке аз муаммоҳои муҳими иқтисодӣ бозорӣ буда бо раванди прогрессии илмӣ-техникӣ дар

такмил ва инкишоф мебошад. Дар шароити иқтисодӣ бозорӣ қонунгузорӣ оид ба меҳнат ҳуқуқи соҳибкоронро оид ба муносибатҳои тақсимоти васеъ намуд.

Соҳибкориҳои имрӯз амалкунанда метавонанд аз:

- аз системаи тарифии муқаррари гарчанде дар шароити имрӯза чунин тарзи тақсими самараноки дилхоҳ надорад ва ё нархи тарифи ва пешмуздро ба сифати намуна истифода намоянд ва ё моделҳои индивидуали таҳия кардаи ҳақи меҳнат ва ё аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ эҷодкорона баҳра бардоштан зарур аст.

Корхонаю соҳибкориҳо пешниҳодкунандаи ташабус оид ба ҳавасмандгардониҳо аст.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои ҷамъиятҳои саҳомию корхонаҳои хурд ва азим системаи музди кори дар амалияи соҳибкориҳо санҷидашуда, ки натиҷаи хуберо барои соҳибмулк ба бор оварда мавриди истифода мебошад. Асоси ҳақи меҳнатро дар соҳибкориҳо сатҳи иштироки ҳар як шахс дар меҳнат иникос менамояд.

Мувофиқи қонунгузории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат амалкунанда ҳамаи соҳибкориҳо ҳуқуқи аз ҳадди ақал пастар муайян кардани музди корро надоранд, вале дар муайяннамоии меъёри бо ин онҳо соҳибихтиёранд ва вобаста ба саҳми шахси метавонанд музди меҳнатро муайян кунанд.

Дар ҳама давлатҳои дунё вобаста ба имкониятҳои иқтидори иқтисодӣ ва муаммоҳои дар назди давлат истода ва стратегияи инкишофи он ҳаҷм ва меъёри музди меҳнат муқарар карда мешавад.

Ҳамаи давлатҳо аз он ҷумла Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти музди меҳнатро дар асоси «Дастур оид ба масъалаҳои музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, ноҳиявӣ, коэффитсентҳои барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ ба амал мебарорад».

Бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисодӣ бозорӣ бо сабаби ҳукумронии гуногуншаклии моликият дар дохили мамлакат шакл ва усулҳои гуногуни ҳавасмандгардонии меҳнат дар асоси риояи Дастури оид ба масъалаҳои музди меҳнати дар он амалкорон метавонанд истифода баранд.

Дар Тоҷикистони имрӯза сархонаҳои муштараки Тоҷикистону Русия, Англия, Хитой, Эрон, Туркия ва ғайраҳо фаъолият менамоянд, ки дар ҳар яке аз ин корхонаҳо усули ба худ хоси ҳавасмандгардонии меҳнати мавриди баҳрабардори аст.

Дар корхонаҳои омехтаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятнамоянда ҳар як давлат усули ба фаъолият даромадноки пардохти музди меҳнатро истифода менамоянд.

Корхонаҳои Руссия зиёдтар аз таҷрибаи комбинати таҷҳизотҳо оид ба савдо, ки дар шаҳри Вешкин ҷойгир аст истифода менамоянд.

Дар комбинати мазкурмузди кори коргарон қисми муайяни фонди музди меҳнати сохтори дар асоси ҳисоби тиҷоратӣ коркунандаро ташкил медиҳад. Музди меҳнат бо омилҳои зерин: 1) сатҳи ихтисосноки; 2) коэффитсенти иштирок дар меҳнат; 3) вақти коркард, вобаста карда шудааст.

Унсури асосии ташкили пардохти ҳаққи меҳнатро сатҳи ихтисоснокии кормандон ташкил медиҳад. Вай барои ҳамаи аъзоёни коллектив бо роҳи тақсими музди кори ҳадди аққали дар корхона ҷойдошта муайян карда мешавад. Асоси баҳои сатҳи ихтисоснокии кормандонро маълумотноки, ихтисосноки ташабусноки он масъулият ва рафтори эҷодкоронаи ташкил медиҳад.

Вобаста ба сатҳи ихтисоснокиашон дар комбинат ҳамаи коргаронро ба даҳ гурӯҳи ихтисосноки ҷудо кардаанд. ҷадвали (1).

Масъалаи ба ин ё он гурӯҳ интиқол додани кормандонро вобаста ба ихтисоснокии шахсиашон ба амал бароварда мешавад. Бо гузашти вақт сатҳи ихтисоснокии коргар метавонад тағйир ёбад.

Ҳар як тағйироти ихтисоси ошкоро муҳокима мешавад бинобар он муноқишаю баҳсҳо дар корхона мушоҳида нашудаанд.

Ба ғайр аз сатҳи ихтисосноки нисбати ҳамаи коргарони комбинат коэфитсенти иштирок дар меҳнат муайян карда мешавад. Давраи муайяннамоии коэффитсенти иштирок дар меҳнатва интихоби нишондиҳандаҳо, ки ба сатҳи коэффисент таъсир мерасонад бо низомномаи махсус муайян карда мешавад. Ҳамон бояд қайд карда шавад, ки коэффисенти иштирок дар меҳнат танҳо барои тасҳехӣ (корректировка) ҳаҷми музди кор буда на барои баҳои натиҷанокии сатҳи меҳнат. Коэффитсенти иштирок дар меҳнатба аз нав тақсими фонди музди кор на зиёда аз 7-10 % таъсир расонида метавонад.

Асоси ҳамаи ҳисобҳоро оид ба музди кор бо истифода аз коэффитсенти ихтисосноки ва коэффитсенти сатҳи иштирок дар меҳнат вақти кори ҳақиқи сарфкардаи коргармушахас мувофиқи табел ташкил медиҳад.

1 Ниг.; Варонов В., Яновская В., Брин В., Без тарифов // экономическая газета. 1989 №32. С.9.

Асоси музди кори кормандони сохторҳои буҷетии федератсияи Руссияро сатҳи ихтисоснокии қабулшуда ташкил медиҳад, ки ҳавасмандгардонандаи ҳимояи рисолаҳои номзадию доктор ива унвонҳои дотсентию профессор ива ғайра мебошад.

Дар корхонаҳои дигари Руссия системаи балдиҳи вобаста ба иштирок дар истеҳсоли маҳсулот мавриди баҳрабардри аст, ки яке аз шаклҳои мукамалгардонда шуда усули дар боло овардашуда мебошад.

Дар ҶТ асоснокнамоию ҳавасмандгардониҳо оид ба фаъолияти ва пардохти музди меҳнат мавриди омӯзиш ва тадқиқ нагирифтааст.

Таҷрибаи асоснокнамоии ҳавасмандгардонии меҳнат дар давлатҳои хориҷӣ

Давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ бозорӣ инкишофёфта таҷрибаи зиёди ташкили музди меҳнат ва дигар шаклҳои асоснокнамоии меҳнатро дар корхонаҳо ташкилотҳо ва муассисаҳо андухтаанд, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон метавонад мавриди баҳрабардори бошанд. Бояд қайд кард, ки иқтисодиёти дар Тоҷикистон фаъолиятдошта низ дорои таҷрибаи ташкили музди ко рва асоснокнамоии меҳнат мебошад.

Амалияи пардохти музди кор дар Ҷопон.

Диққати зиёдеро дар Ҷопон ба пардохти музди меҳнат дар охири сол ва ё ду маротиба дар як сол дар шакли бонусҳо вобаста ба натиҷаи кори ҳар як коргар ташкил медиҳад. Ба ғайр аз ин яке аз асоснокнамоиҳои пардохти ҳақи меҳнат дар Ҷопон ғамхории ширкат оид ба шароитҳои манзилию хизматрасониҳо ташкил медиҳад.

Сатҳи пасти ҳақи меҳнати мутахассисон олимон ва кормандони илмӣ дар Ҷумҳури нисбат ба гурӯҳи дтгари кормандон яке аз сабабҳои асосии ҳиҷрати онҳо ба аморати араб, Руссия ва давлатҳои Аврупо гардид. Духтурону омӯзгорон, номзад ва ё доктори илм нисбат ба кормандони корхонаҳои инженерию техникӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон зарур аст, ки аз таҷрибаи пурсамараи дигар давлатҳо ба мисли ИМА баҳра бардоранд.

Дар ИМА кормандон ва мутахассисони соҳаи инженерию техникӣ нисбат ба кормандони дигар соҳаҳо музди меҳнати баландтар муайян гардидааст.

Мувофиқи тадқиқотҳои нисбати **200** ихтисоси ба ҳамагон таалуқ дошта, ки дар ИМА гузаронида шудааст музди кори миёнаи якҳафтаинаи кормандони инженер техникӣ **603** доллярро ташкил дод, ки нисбат ба музди кори якҳафтаинаи кормандони дигар соҳаҳо (309 доллар) ду маротиба зиёдтар аст. [1]

Медведев Е, Тенденции в стимулировании труда инженерно – технических работников // социалистичекий труд.

Истифодаи таҷрибаи аз як тараф воситаи ташкили эҷодкорию навовари дар истеҳсолот ва хизматрасониҳои Тоҷикистон гардад аз тарафи дигар зарурати васеънамоии донишгоҳу донишкадаҳои инженер технологи ва рушду инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда дар Ҷумҳури мегардад. Дар ИМА музди кори якҳафтаинаи коргарони баландихтисос(механикҳою таъмиргарон, сохтмончиён, инструментомодасозон, машинситҳо операторон, энергетикҳо) 63 фоизи музди меҳнати инженер техникро ва музди кори кормандони ихтисоси миёнаи ва боихтисос бошад (ҷамъоварандагону ронандагон, барандагони маводҳо, шуяндагони дастгоҳҳо ва дигар хизматгорон) 50 фоизи музди якҳафтаинаи онҳоро ташкил медиҳад.

Солҳои охир дар ИМА ,Фаронса ва дигар давлатҳо додани музди кори шахси дар истеҳсолот вобаста ба баҳри хизмаҳо васеъ паҳн гаштааст.

Мазмуни баҳои индувидуалии хизматрасониҳо он аст, ки кормандони ихтисоси якхела дошта, ки як вазифаро ишғол менамоянд вобаста ба қобилияти табии он, собиқаи кориест мақсад ва марому завқашон натиҷаҳои гуногуни кориро ноил мегарданд, музди кор ҳамон ноилшавиҳоро ба натиҷаҳои гуногун иникос менамояд. Вазифаи мазкурро бо ёрии диференсиатсияи музди кор дар чорчубаи (разрядноки) ихтисосноки (ва ё вазифа) ҳал менамоянд.

Таҳлили истифодаи баҳои хизматҳо дар ИМА нишон дод, ки шумораи кормандони дар ин ҷода фаъолияткунанда бениҳоят васеъ гардид ва сабаби бавуҷудоии навовариҳо ва пайдо кардани мавқеъ дар бозорҳои ҷаҳонӣ гардид. Мазмунан ба ҳам наздикшавии меҳнати ҷисмони ба меҳнати фикри усулҳои пардохти ҳаққи меҳнатиро ба ҳам наздик месозад. Дар ИМА зиёда аз 80 фоизи ширкатҳо баҳои хизмати кормандони инженер- техникиро 50 фоизи кормандонро ба амал мебароранд.

Нишондиҳандаҳои фаъолияти истеҳсолии коллективи корхонаҳо аз кушодашавии иқтидори эҷодии ҳар як коргар вобастагии зиёд дорад. Барои ҳавасмандгардонии коргарони кирояи корхона нисбат ба нитиҷаҳои ниҳоии истеҳсолиашон соҳибмулконяк қисми фоидаашонро ба коргарон тақсим мекунанд.

Ҷоринамоии системаи иштирок дар фоида ба устуворнамоии ҳолати иқтисодии корхона ва ҳалли муаммоҳои иҷтимои иқтисодии дар сохторҳои ҷойдошта нигаронида шудааст.

Соҳибкор ҳаракат менамояд, ки дар коргари ширкат эҳсоси ҳамрайи ҳамкориро бавуҷуд оварда бегонабудани онро аз моликият дурр созад иқтисодонҳои ғарб бар он ақидаанд, ки истифодаи системаи иштироки коргарон дар фоида бамиёнорандаи тафакури соҳибкорӣ ва ҳавасманди оид ба инкишофи ширкат мебошад. Дар натиҷа таъсири мусбатан ба болоравии ҳосилнокии меҳнат, пастравии хароҷоти фирма, болоравии сифати маҳсулот ва камшавии аз корравии коргарон мешавад.

Тадқиқотчиёни ғарб хусусиятҳои асосии самаранокии системаи иштирок дар фоидаро ҷудо кардаанд:

1) Системаи иштирок дар фоида самаранок нест, агар коргарон ба идоранамоии қабули қарорҳо ва ҷӯстуҷӯи муаммоҳои дар корхона ҷойдошта ҷалб нагарданд;

2) Муайяннамоии ҳаҷми мукофотпулиҳо ба нишондиҳандаҳое, ки бояд такя намояд, ки коргарон ба он таъсири воқеи расонида тавонанд. Мувофиқи иттилоотҳои марказҳои тадқиқоти ширкатҳои амалишуда қисми зиёди ширкатҳои аз ситемаи иштирок дар фоида истифодабурда муҳити истеҳсолиро солим гардонида ҳавасмандии заҳматкашон оид ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат таъмин намуданд.

3) Кормандони ширкатҳо ҳатман дар таҳияю коркарди системаи иштирок дар фоида ва тақсими мафиатҳои аз болоравии ҳосилнокии меҳнат ширкат варзанд.

Ба коргарону мутахасисони ҷавон аз ҳисоби кадом сарчашмаҳо баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, омилҳои асоси ва барои чӣ мукофотониданд кормаедонро ба зури муайян менамоянд.

Таҷрибаи дар дигар давлатҳо натиҷаи назаррас дода хуб аст, аммо истифодаи он бо хусусиятҳои дар Тоҷикистон ҷойдошта онгоҳ натиҷаи дилхоҳ ба бор оварда метавонад.

Дар асоси истифодаи ақидаҳои аз ҳама пешқадаму нафъовар ва унсурҳои таҷрибаи ватанию хориҷӣ роҷеъ ба ташкили системаи ҳавасмандгардониҳои модди оид ба шарту шароитҳои инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидори ҷоринамоии консепсия ва усулҳои нави модели пардохти ҳақи меҳнат ва шаклҳои гуногуни он пешбини гардид. Дар он принсипи тақсими ҳиссагии воситаҳои пули коллективи меҳнати таъмин намуда байни коргарон вобаста ба ихтисосноки ва сифати меҳнат, ки дар комбинати таҷҳизотҳои оид ба соҳаи савдо дар ш. Вешкин ҷой дошта мавриди баҳрабардори аст.

Модели дар комбинати ш. Вешкини Руссия дар истифода буда дар асоси таҷрибаи Ҷопон, ки солҳои охир мавриди истифодаи ҳамагон аст таҳия гардидааст. Асоси моделро саҳми меҳнатии воқеии кормандон, ки соф индувидуали аст барои ҳар як корхона дар асоси сеткаи тарифи оид ба пардохти ҳақи меҳнат таҳия шудааст ба амал бароварда мешавад.

Дар охир бояд қайд кард, ки усули дар боло овардашуда таҷрибаи ташкили музди кори корхонаҳои ИМА-ро вобаста ба касбноки инженеру, кормандони эҷодкорро оид ба ташкили даромадҳои асоснокарда шуда нисбат ба дигар категорияи коргарон дар худ дорад.

Модели нави пардохти ҳақи меҳнат дар як қатор корхонаҳои расид ва давлатҳои муштараку манофеъ таҳия гардидааст.

Асоси модели бетарифи ташкили музди корро (ВСОТЭРК) [2] таносуби пардохти ҳақи меҳнати сифати гуногундошта (вобаста ба ихтисоснокии гурӯҳи кормандон разряди кормандон касбашон (профессия) вазифаҳо ва ғайра). Бо баҳисобгирии таносуб овардашуда воситаҳо тақсими мешаванд, ки барои пардохти ҳаққи меҳнати коргарон таин шудаанд.

Аз формулаи зерин ҳисоби ҳаҷми музди кор истифода менамоянд:

$$Зni = \frac{nKi}{\sum_{n=i}^{n} K,} * Фот$$

инҷо Зni – ҳаҷми музди кори коргарон;

n- мумораи умумии кормандони корхона;

$\sum_{i=1}^{n} Ki$ – суммаи аломати Кі оид ба ҳамаи кормандон;

Фот – ҳаҷми воситаҳои барои пардохти музди кор пешбинишуда.

Формулаи мазкур нишон медиҳад, кик адом ҳиссаи фонди ягонаи пардохти ҳақи меҳнатро коргари мушахас бояд мувофиқи сатҳи ихтисосноки сифати кораш гирад. Ҳамон бояд қайд шавад, ки таносуби пардохти ҳақи меҳнати коргарон мушахаси категорияи (Кі) на бояд

«дақиқ» бошад. Муқарарнамоии онҳо дар шакли «вилка» - и диапазони васеъ дошта мувофиқи мақсад аст, чунки имконияти фаъолона ҳавасмандгардонии меҳнати эҷодкору пурсамара ва муносибати пурмаҳсулиятро нисбати уҳдадориҳояш коргарон дар корхонаҳо ба амал мебарорад. Ҳаҷми мувофиқат дар доираи фосилаи додашуда яъне, ки интихоби «нуқтаи» мушахас аз диапазони вилкаи муқаррар кардашударо мувофиқи механизми таҳиягардида аниқ менамоянд, ки аз саҳми меҳнати коргар (иҷрои вазифа, миқдори меҳнат, сифати маҳсулот ва ғайра) ташабуси он сабақаи кории вай ва дигар шартҳо вобаста аст. Бояд иқрор шуд, ки «вилка»- итаносубият шароитро барои баҳисобгири пардохти музди меҳнати коргарон ихтисоснок, имкониятҳои иқтидории онҳо ва саҳми меҳнати воқеии онҳоро ба ҳисоб мегирад.

Формула алоқамандии мустақими сатҳи пардохти ҳақи меҳнати кормандонро на танҳо вобаста ба сатҳи амалинамоии иқтидорҳои қобилиятиашону саҳми меҳнатиашон балки натиҷаи кори коллективи меҳнатиро умуман ба ҳисоб мегирад.

Барои таъмини намудани мутаносибияти ростаи вобастагии музди кори кормандон аз фаъолияти ниҳоии корхона вобастагии фонди музди кор аз натиҷаи ҷамъбастии фаъолияти молиявии хоҷагидории коллектив зарур аст. Дар шароити мустақил будани корхона дар ҳалли масъалаҳои ташкили воситаҳои пули оид ба пардохти музди кор мувофиқи мақсад аст, ки меъёрҳои маҳаллии ташкили фондимузди меҳнат бо фоиз нисбати фоидаи коллектив муайян карда шавад.

Ҳамин тавр дастмузди коргар бевосита аз се шарт вобаста аст:

а) ихтисоснокии он; б) саҳми ҳақиқии меҳнатии он; в) натиҷаи фаъолияти корхона .

фонди музди кори корхона бо натиҷаи фаъолияти коллективи меҳнатии корхона алоқаманд аст (ҳаҷми даромади аз фуруш таъминшуда, фоида ва ғайра) ин асоси воқеиро дар мавриди ташкили тақсимот мувофиқи меҳнат натанҳо ихтисоснокии кормандон ва имкониятҳои иқтидории он балки саҳми воқеии меҳнат ва натиҷаноки коллективи меҳнати ба ҳисоб гирифта шавад.

Дар асоси ҳолатҳои қайдкардашудаю асоноккардашуда метавон сеткаи муносибатҳоро оид ба пардохти музди кори кормандон таҳия намуда онро дар ташкили музди меҳнат дар корхонаҳои гуногун бо баҳисобгирии хусусият ва шумораи коргарон истифода кард.

Дар асоси риояи принсипи таҳияи модели пардохти ҳақи меҳнат ва ворид намудани баъзе иловаҳо ва ё дигаргуниҳо оид ба баъзе унсурҳо метавон як қатор шаклҳо ва модификатсияҳои гуногуни онро ташкил кард, ки як қатор хусусияти истифодабари ва бартариҳоро дар раванди ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаю ташкилотҳо дорад.

Мувофиқати тақсими даромадҳо вобаста ба меҳнат ва моликият

Роҳи асоси баромад аз вазъияти буҳронии баамаломада ҷоннокнамоию инкишофи истеҳлот мебошад. Вазифа мазкурро танҳо бо роҳи ташкили муҳити (мотиватсия) асоснокнамои барои истеҳсолкунандагон метавон ҳал кард. Дар шароити иқтисодӣ бозорӣ яке аз омилҳои муҳими инкишофи истеҳсолот ва хизматрасониҳо мувофиқати тақсимот ба меҳнат ва моликият мебошад.

Ҳавасмандии кормандон ва соҳибмулконро барои меҳнати пурмаҳсулу натиҷаи ниҳоии кор метавон бо ёрии алоқаи зичи даромади онҳо бо соҳаи воқеии меҳнати шахси, ҳаҷми сармояи гузашташуда ва натиҷанокии истеҳсолот таъмин кард. Ҳалли муамморо бо коркарди моделҳои кулан нави ҳавасмандгардони ва истифодаи онҳо дар амалияи хоҷагидорӣ метавон ба амал бароварда, чунки даромади ҳар як шахсро на ҳамчун мукофоти пешаки муайянкрдашудаю устувор балки ҳамчун қисми даромади мушахаси динамики, фоидаи корхона, ки ба натиҷаи меҳнати индувидуалиюсармояи гузашташуда ва натиҷаи ниҳоии кори коллективи меҳнати умуман алоқаманд аст.

Вобастагии даромади кормандро (Ді) бо
формулаи зерин метавон иникос кард:

Ді=f (РТР, ДВК,КРП), инҷо Ді – вобастагии даромади коргар;

РТР – натиҷанокии меҳнати корманд (миқдор ва сифати меҳнат);

ДВК- ҳиссаи сармояе, ки корманд соҳибкор менеҷер ба истеҳсолот гузаштааст;

КРП – натиҷаи ниҳоии истеҳсолот (фоида, даромади корхона ҳаҷми истеҳсолот ва ғайра).

Чунки системаи ҳавасмандгардониҳо нисбати саҳми меҳнатии коргарон ва ҳаҷми сармояи ба истеҳсолот гузаштаи онҳо ҳасос буда дар асоси модели дар боло овардашуда метавон модели пардохти музди меҳнатро ВсоТэРКа таҳия кард.

Иловаҳои ғайримураккаби механизми ташкили онҳо бо унсурҳои нав таъминкунандаи ҳасосии ВсоТэРК на танҳо нисбати ихтсоснокии корманду сатҳи соҳибкасби ва саҳми воқеии меҳнат сарфшудаю ҳаҷми сармояи ба корхона гузаштааш мебошад.

Бо чунин намуди модификатсия на танҳо нисбати корхонаҳои аз давлат харидашуда, ки шакли моликияти коллективию ҳиссачиро доранд балки нисбати моликияти аз ҳисоби воситаҳои худи корманд таъсисшу низ мавриди истифода аст. Барои ин ба ғайр аз сеткаи муносибатҳои доир ба ҳақи меҳнати сифати гуногун дошта дар вақти тақсими воситаҳои бо кор таъмингашта, ҳуҷҷати меъёрии иловагии – сеткаи ҳаҷми воситаҳои моддӣ (сармоя), ки ҳар як коргар ба корхона нисбат ба ҳаҷми умумиашон ҳиссагӯзори кардааст, дошта бошем ва ба ҳисоб гирем.

Услуби коркарди онро дар мисоли мушахас дида мебароем. Фарз кардем, ки коллективи даҳ нафара аз ҳисоби воситаҳои худи корхонаи

хурдеро бо сармояи асоснокнамоиаш дар ҳаҷми 100 ҳазор сомони ташкил доданд. Ҳиссаи ҳар яке аз онҳо ҳар хела буда ҳаҷми зеринро дорад.

Акнун метавонем бо ном сеткаи интегралиеро, ки дар он механизми тақсими вобаста, ба миқдор ва сифати меҳнат саҳми меҳнати, натиҷа ва ҳаҷми моликият яъне вобаста ба маблағи саҳмгузоришударо тайёр намоем.

Сеткаи интегрални асоси ташкили ҳавасмандгардониро дар корхонаҳои шакли коллективии моликият дошта ташкил медиҳанд.

Тақсими даромадҳо байни кормандон дар чунин ҳолат дар асоси сетка ба роҳ монда мешавад. Ба сетка таносуби ҳақи меҳнати сифати гуногун ва сармояи ҳархела маблағгузоришуда ҷойгир аст.

Барои мисоли овардаамон дар чунин шакл дида баромада мешавад.

Аз нишондиҳандаҳои сетка истифода карда ҳаҷми даромади ҳар як коргарро Ді барои давраи муайян бо баҳисобгирии ихтисосноки, саҳми меҳнат натиҷаи таъмингардида ва ба ғайр аз ин ҳаҷми маблағҳои шахсии ба корхона сармоягузори шударо бо ёрии формула метавон ҳисоб кард.

$$\text{Ді}=\frac{Ki}{\sum_{i=1}^{n} Ki} * \text{Фот} + \frac{Bi}{\sum_{i=1}^{n} Bi} * \text{ФРС},$$

дар инҷо ФРС – фонди тақсимот вобаста ба моликият;

Bi – ҳаҷми сармояе, ки корманди i ба корхона маблағгузори кадааст;

$\sum_{i=1}^{n} Bi$ -суммаи умумии сармояе, ки кормандон ба корхонамаблағгузори кардаанд.

Дар асоси рақамҳои ҷадвали пештара тайёр карда шудааст масалан, агар коллектив вобаста ба ҷамъбасти кори моҳона ба роҳбар таносубро вобаста ба сатҳи вилка (5,0 – 6,0) дар ҳаҷми 5,0 $\sum Ki$ =260; Фот дар ҳаҷми 300 ҳазор сомон ива ФРС – 2,0 ҳазор сомони онгоҳ даромади роҳбар баробари

$$\text{Ді}=\frac{5.0}{260.0} * 300.0 \frac{10.0}{100} * 2.0 = 800 \text{ сомони.}$$

Ҳаҷми даромади дигарон низ бо ҳамин усул ҳисоб карда шуда муайян карда мешавад. Дар мисоли овардашуда фопди умумии тақсимот мувофиқи меҳнат ва моликият (ФРТЕ) ба суммаи (Фот ва ФРС) баробар аст.

Як қисми он дар ҳаҷми Фот мувофиқи меҳнат ва натиҷаи он тақсим карда мешавад қисми дигари он дар ҳаҷми ФРС – вобаста ба ҳаҷми сармояи ба қорхона маблағгузорӣ намуда тақсим мегардад.

Ҳаҷми тақсимот оид ба моликият ва таносубияти қисмҳои (Фот ва ФРС) онро нисбати ҳаҷми умуми (ФРТС) аъзоёни коллектив худашон ва роҳбарони он бо баҳисобгирии омилҳо ва шароитҳо (масалан ҳаҷми фоида гирифташуда, таносуби ҳаҷми Фот ва сармояи кормандон маблағгузори карда ва дигар) муайян мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар оянда усули хубтар аз нигоҳи илмӣ асоснокқардашудаи муайяннамоии ҳаҷми фондҳо тақсимоти оид ба

моликият зарур аст. Дар адабиёти илмӣ муаммои самараи моликият ҳанӯз пешниҳод нашудааст. Ба фикри мо роҳи ҳалли он чуни наст.

Сарчашмаи ташкили фонди тақсимот оид ба моликият даромади иловагии корхона, ки дар натиҷаи ғайридавлатӣ гардиданию пайдошавии соҳибмулкон ва таъсири бевоситаи он ба рушди самаранокии истеҳсолот яъне, ки тақсими даромадро вобаста ба моликият анҷом диҳанд ва пеш аз ҳама сарчашмаи воқеии онро даромади корхона аз моликият ҳисоб карда муайян намояд.

Дар навбати худ ҳолати ҷойдошта муаммои муайяннамоию ва истифодаи омилҳои махсусро, ки зери таъсири онҳо корхона тавонад даромади иловагиро аз моликият гирад. Ба фикри мо он омилҳо инҳо мебошанд:

- бо ташабуси соҳибмулкон ташкил ва ҷоринамоии технологияи сарфакунандаи захираҳо инкишофдиҳандаи технологияи истеҳсолот, режими сарфаи ашёи хом, сузишворӣ, барқ, оқилона истифодабарии фонд ва воситаҳои модди ва ғайра;

- фарз кардем, ки мувофиқи ҷамъбасти кори якмоҳа корхонаи давлатӣ баъди пардохти андозҳои зарури 100 ҳазор сомони даромад гирифт ва онро соҳибмулкон хариданд.

Бо шароитҳои дар боло муайянкардашуда (бе реканструксия ва нархҳои пештара ба маҳсулот, ҳамон ҳосилнокии меҳнат ва меъёрҳои пештараи андоз) аз ҳисоби сарфаи ашёи хом ва дигар захираҳо беҳтарнамоии хизматрасонии нақлиёт оид ба бурдани коргарон ба корхона бо ташабуси соҳибони корхона дар охири моҳ дар ҳаҷми 110 ҳазор сомони даромад гирифт.

Дар ин маврид фарқи даромад то ва баъди ғайридавлатигардони 10 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки онро ҳамчун даромад аз моликият ҳисобида ҳуқуқ дорем ба ФРС ҳамчун сарчашма ҳамроҳ намоем.

Онгоҳ мо метавонем варианти эҳтимолии тақсимро вобаста ба саҳми меҳнати ва ҳиссаи моликияти (ФРТС) бе тақсими он ба Фот ва ФРС анҷом диҳем.

Дар ин ҳолат ҳисоби даромади коргар ин тавр сурат гирад;

$$Дi = \frac{Ki}{\sum_{i=1}^{n} Ki} * Фот + \frac{Bi}{\sum_{i=1}^{n} Bi} * ФРТС,$$

Бояд иқрор шуд, ки ин варианти ташкили ҳавасмандгардонии меҳнат ва моликият дар он ҳолат мувофиқи мақсад аст, ки агар ҳиссаи маблағи ба корхона сармоягузоришудаи кормандон баробар бошад ва ё ҳаҷман аз якдигар кам фарқ кунад. Вагарна сармоягузорӣ тақсимот мувофиқи меҳнатро нодуруст карда нишон медиҳад.

Ҳамин тавр дар шароити гузариш ба хоҷагии бозорӣ инкишофи шаклҳои гуногуни моликият, иҷоравӣ, саҳоми, омехта ва дигар аҳамияти музди корро дар муносибатҳои тақсимот боло мебардорад.

Ба ғайр аз тақсимот мувофиқи меҳнат, ки шакли муқарари тақсимот мебошад мо бояд ҳамонро дарк намоем, ки тақсимот таъсиррасон аст ба тақсими даромад вобаста ба ҳаҷми моликият.

Дар ҳолати суст будани алоқамандии музди кор бо ихтисосноки саҳми меҳнатии кормандон вай наметавонад нақши нишони воқеиро оид ба тақсим байни онҳо нисбат ба ҳиссаҳояшон, фондҳои ғайридавлатӣ гардонидашуда ҷамъиятҳои саҳоми дивидендҳо ва дигар намуди даромадҳо, к ибо тақсимот оид ба моликият алоқамандand иҷро кунад.

Дар натиҷаи болобардорию пастнамоии беасос ҳаҷми мукофотпулиҳо оид ба моликият тағиротҳои зиёде дар таркиби даромадҳои кормандон мебинад.

Риояи таносубияти мувофиқ дар тақсими ҳаҷми даромадҳо вобаста ба меҳнат таъминкунандаи муносибати кормандон оид ба иҷрои уҳдадориҳояшону ҳавасмандиҳояшон ба кор мебошад.

АДАБИЁТ

1. Қонуни ҶТ «дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» аз 2.12.2002 сол. таҳти № 68
2. Қонуни ҶТ «дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 22.05.1998 сол. таҳти № 649
3. Исоматов Б.«Асосҳои назаряи иқтисодӣ» қисми дувум, Душанбе - 2006.
4. М.Маҳмудов,М.Раҳимов.«Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», Душанбе- 1995
5. Ғаниев. Т. Б «Асосҳои агробизнес» Душанбе, Диловар ДДМТ- - 1998
6. Юлдошев.Я.Н.«Гасудаственный бюджет»: Учебное пособие, Душанбе- 2010
7. Ф.М. Нодиров «Нақши шартнома дар таҷдиди ташкилотҳои кишоварзӣ» Душанбе – 2013
8. Еви Боди, Роберт К, Мертон. Финансы. Москва Санк- Петербург, Киев- 2013
9. Максимо В, Энг. Финансис, А. Лис. Лоуренс, Дж. Мауер «Мировые финансы» Москва « Дека»-2014
10. Совицная Г.В. «Анализ хозяйственной деятельности предприятия» Минск. ООО «Новое знание»- 2014
11. Гулмирзоев Д.Г. «Менеҷменти молиявӣ» Душанбе, Маориф ва фарҳанг,- 2012
12. Оймаҳмадов Г.Н. «Молия» Душанбе «Нодир» -2005
13. Раҳимов З.А., Ятимов Х.М., Ҷӯраев Ш.Ҷ., «Молия, муомилоти пул ва қарз» Душанбе «Сино» - 2013

14. Абдураҳмон Ҳакимов «Иқтисоди миллӣ: Асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ» Душанбе «Ирфон»-2012.

РУШДИ БЕМАЙЛОНИ ФАЪОЛИЯТИ СОИҲБКОРӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

Аминов Р.Ҷ., Содиқов З. -
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Яке аз усулҳои ташкили фаъолияти худӣ, ин хариди корхонаҳои амалкунанда ва бақайдгирии давлатии ин аҳдномаи соҳибкорӣ мебошад.

Дар маҷмӯ корхона ва ё як қисми он метавонад предмети хариду фурӯши гарав иҷора ва аҳдҳои дигаре, ки воситаи муайян кардани ҳуқуқ оид тағйир ва қатъ кардани алоқаҳои беруна бошад.

Таркиби корхона ҳамчун коплекси амволҳо воситаи ба амалбарории фоъолияти соҳибкориҳо буда, аз ҳама намудҳои мол дар мулке, ки барои ин фаъолият таъин гардидааст, аз ҷумла қитъаи замин, иморат, иншоот, таҷҳизот, ашёи хом маҳсулот, ҳуқуқи талаб намудани қарзҳо инчунин ҳуқуқ ба нишонаҳое, ки мустақимияти корхонаю маҳсулоти он кор ва хизматрасонӣ (номи шаркат, нишони он, нишони хизматрасонӣ ва дигар ҳуқуққои хоси онро, ки дар қонун ва ё шартнома пешбинӣ шудааст) муаррифӣ менамояд.

Ҳуқуқи ширкат ба номи нишонаи молӣ, нишони хизматрасонӣ ва дигар хусусиятҳои мушаххаскунандаи фурӯшандаи корхона, молҳои он, кор ва хизматрасонӣ, инчунин ҳуқуққоеро, ки литсензия оид ба истифодабарии воситаҳои фарққунанда ба фурӯшанда мегузаранд, агар дигар шакли муносибат дар шартномаи фурӯш, ки дар шакли хаттӣ дар як нусха таҳия шуданд, мавҷуд набошад.

Ҳангоми ташкили фаъолияти худ соҳибкорӣ оянда ба чунин саволҳо бояд ҷавоб ёфта тавонад:

Ширкати ӯ барои ки кор мекунад, харидории ояндаи он киҳо ҳастанд ва дар бозор оё ӯ ҷои худро меёбад. Барои ҳамин ҳам қабули қарор оид ба соҳибкорӣ бояд аз пайдоиши (ақида) ғоя оғоз ёбад, маҳсулот барои ки маҳсулот истеҳсол шуда, иҷрои хизматрасонии амалӣ мегардад. Чӣ истеҳсол мешавад? Маҳсулоти истеҳсолшаванда ва ё хизмартарсонии бояд аниқ муайян гардад. Оё барои истеҳсол шароит ва омилҳои зарурӣ вуҷуд дорад ё не. Дар баробари ин бояд ба эътибор гирифт, ки соҳибкорӣ фаъолияти худро танҳо дар асоси қонун бояд оғоз намояд. Истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бояд чӣ гуна ва дар асоси кадом техника ва технология, бо кадом сифату хароҷот ва сатҳи рақобатпазирӣ истеҳсол шавад. Бинобар он донистани мувофиқати тақозо ва арза оид ба маҳсулоти истеҳсолшаванда дар бозор бениҳоят муҳим мебошад. Агар талабот калону устувор бошад, ташкили фаъолият ва истеҳсоли мол мувофиқи мақсад аст. Соҳибкори оянда ҳангоми банақшагирии

фаъолияти худ, бояд чунин принсипҳои зарурии бозориро ба эътибор гирад:

Якум, талаботро муайян намуда, онро бояд қонеъ гардонид, зеро фаъолияти соҳибкорӣ барои қонеъгардонии талаботи мардум равона шудааст. Соҳибкор на барои худ, балки барои дигарон кор карда, талаботи онҳоро қонеъ мегардонад ва худ фоида (даромад) ба даст меорад

Дуюм истеҳсоли маҳсулотро бо хароҷоти нисбатан паст ба роҳ монад вагарна дар ҳолати номусоид соҳибкор моли худро дар бозор фурӯхта наметавонад, яъне фоидаи банақшагирифтаи худро ба даст оварда наметавонад.

Сеюм соҳибкор ҳангоми муайян кардани нархи маҳсулоти истеҳсолкардаи худ бояд рафтори рақибони худ ва талаботи харидории истеъмолкунандагонро ба эътибор гирад, нархи яклухти баланд имконияти сари вақт фурӯхтани маҳсулотро паст менамояд, аммо нархи пасти яклухт бошад имконияти гирифтани ҳаҷми фоидаи заруриро маҳдуд месозад.

Ҳар як соҳибкор ҳангоми ташкили кори худ чунин марҳалаҳои таъсиси фаъолияти соҳибкориро ба амал мебарорад:

-пайдоиши ақида ва асоснок нмудани он оиди машғул шудан ба шакл ва намуди муайяни фаъолияти соҳибкорӣ;

-гузаштани мақсади наздиктарон ва перспективӣ оид ба иҷроиши ақидаи худ.;

-ташаккули қарори мушаххас оид ба кори худ дар шакли муайяни ташкили ҳуқуқӣ.

-интихоби шарикони (муассисони) баландихтисос ва созмондиҳандагони боэътимоди кори нав;

-муайян намудани сарчашмаҳои молиявии, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ зарурӣ дар давраи аввали фаъолияти ширкат;

-коркарди ҳуҷҷатҳои лозимӣ оид ба таъсис (вобаста аз шакли ташкили ҳуқуқӣ);

-гузаронидани маҷмӯи чораҳои ташкилӣ оид ба ташкили кори хеш, гузаронидани ҷалассаи 1-уми муассисон ва қабули қарор дар бораи таъсиси ширкат, тасдиқи ҳуҷҷатҳои муассисӣ, интихоби мақомоти иҷроияи идоракунӣ, интихоби номи ширкат, интихоби кормандони баландихтисос, тайёр кардани мӯҳр, штамп, интихоби нишони молӣ ва ғайра;

-коркарди бизнеснақшаи асоснок;

-бақайдгирии давлатии ширкат бо тартиби муқарраргардида;

-аз рӯи мавзеи ҷойгиршавии ҷои истиқомати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гузоштан дар мақомоти андоз;

-ба қайдгирӣ дар мақомоти ҳудудии фонди нафақавӣ, фонди суғуртаи иҷтимоӣ, фонди ҳудудии суғуртаи ҳатмии тиббӣ;

-гирифтани рамзҳои фаъолияти иқтисодии мувофиқ дар мақомоти омори маҳал;

-бастани шартнома (қарордод) оид ба интиқоли ашё, мавод, таҷҳизот ва дигар унсурҳои истеҳсолот, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ зарур мебошанд

-тибқи қонунгузорӣ гирифтани иҷозатнома (литсензия) барои ба амал баровардани намудҳои алоҳидаи фаъолият.

-гузаронидани тадқиқоти амиқи маркетингӣ, оид ба бозор интихоби тарзҳои интиқоли мол ба бозор;

-муайян кардани роҳҳои фурӯши маҳсулот ба истеъмолгарон, муайян кардани усулҳои ташкили нарх ба маҳсулот ва ё хизматрасонӣ;

-бастани шартномаҳо оид ба интиқол хариду фурӯши мол (хизматрасонӣ) бо истеъмолгарон;

-гузаронидани амалиётҳои зарурӣ оид ба таблиғи мол (хизматрасонӣ);

-интишори фармон дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ дар ташкилот;

-ташкили баҳисобгирии даромад ва хароҷотҳо мувофиқи санадҳои меъёрии Вазорати молия ва ғайра.

Қайд кардан зарураст, ки ҳамаи даврaҳои фаъолият ҳалкунанда муҳиманд, вале ҳалкунанда ин асоснокнамоии ақидаи соҳибкорӣ мебошад, зеро танҳо дар ҳамин давра рағбати (асос, сабаб) иқтисодии соҳибкор барои амалисозии шакли муайяни фаъолият (мол, кор, хизматрасонӣ, иттилоот, вам ғайра) пайдо мешавад, вале аз ҳама муҳимаш ақида бояд ба натиҷаҳое табдил ёбад, ки бозор онро эътироф намояд.

Дар ин давра ташкили фаъолияти шахсӣ мувофиқи мақсад мебошад, агар имконияти тадбиқи афкоре, ки аз рӯи мақсадҳои стратегӣ ва тактикӣ ташакул ёфтаанд, ба назар гирифта шуда бо ҳисобҳои миқдорие, ки бо низоми нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона муайян шудаанд, аниқ карда шаванд, инчунин ҳамаи шароитҳо ва имкониятҳои соҳибкор баҳо дода шавад. Давраи муҳимми ташкили кори шахсӣ ҳал намудани масъалаи имкониятҳои молиявии соҳибкороҳисоб меёбад, ки ҳангоми ташаккулёбии сармояи оиномавӣ (уставной капитал) заруранд, яъне дар ин давра масъалаҳои аз куҷо гирифтани воситаҳои пулии барои ташкили корхонаи шахсӣ зарур ҳамзамон барои ба даст овардани молу мавод, барқ, сузишворӣ, кирояи қувваи корӣ ва дигар омилҳои истеҳсолот.

Сарчашмаҳои ин воситаҳо аз ҳисоби пасандозҳои шахсӣ, воситаҳои аз хешовандон, шиносҳо ба қарз гирифташудаи, қарзҳои аз бонк гирифтаи истеъмолгарони оянда, воситаҳое, ки аз интишор ва хариду фурӯши қоғазҳои қиматнок ба даст омада, инчунин кумаки мақомоти давлатие, ки ба ёрии соҳибкорӣ машғуланд. Дар ин давра имконияти ба даст овардан ё ба иҷора гирифтани молу мулки ғайриманқул, гирифтани иттилооти зарурӣ оид ба истифодаи технологияи нав ва мақсадҳо оид ба ташкили

ҳамаи шароитҳои зарурӣ барои фаъолияти корхона ва гирифтани фоида муайян мегардад.

Ин давра тибқи коркарди лоиҳаи ба бобҳои алоҳидаи бизнеснақша, ки дар давраи ба итмом расидани кори шахсӣ тасдиқ карда мешаванд, тадбиқи худро меёбад.Вале дар даврањои гузашта соҳибкор бояд қарори худро дар бораи интихоби шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ (ширкат) вобаста аз мақсадҳои гузошта, имкониятҳои молияви иқтисодӣ, таҷриба, маълумот ва дигар омилҳо қабул намояд.

Бояд қайд кард, ки ба интихоби шакли ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ як қатор омилҳо таъсир мерасонанд:

Устувории сиёсӣ (агар ин ҳолат мавҷуд набошад соҳибкор барои коркард ва тадбиқи лоиҳаҳои дарозмуддат манфиатдор намегардад): равандҳои макроиқтисодӣ ва азнавсозии сохтории иқтисодиёт: буҳронҳои иқтисодӣ ва таваррум, дастгирии давлатӣ ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ, вазъи бозор ва дигар омилҳое, ки ҳангоми ташкили фаъолияти шахсӣ ва интихоби намуди фаъолият ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои муфид олмилҳои зерини аҳамияти муҳим доранд: Мавқеи ҷойгиршавӣ: мавҷудияти инфрасохтор барои фаъолияти ширкат, муносибати хуби мақомоти маҳаллии худидоракунӣ нисбати соҳибкорон ва дигар омилҳо.

Ҳамчунин яке аз ҳолатҳое, ки ҳангоми ташкили фаъолияти шахсӣ ба назар гирифтан зарур аст, ин суръати гардиши воситаҳои сарфшуда мебошад. Чи тавре, ки маълум аст, суръати баланди гардиши воситаҳои пулӣ дар соҳибкории тиҷоратӣ, миёнравӣ ва суръати пасти он дар соҳибкории истеҳсолӣ дида мешавад.

Мавқеи калонро дар раванди ташкили фаъолияти шахсӣ коркарди ҳуҷҷатҳо оид ба таъсиси муассисаи ширкат (вобаста аз шакли ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва шумораи муассисон) ки дар асл механизми фаъолияти онро муайян менамояд ишғол мекунад.

Ҷои муҳимро дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ (механизми ташкили кори шахсӣ) ҷустуҷӯи ақидаи соҳибкорӣ ва ташкили мақсадҳои давраи ташкили фаъолияти шахсӣ аз рӯи методи ташкили фаъолият аз ҷои холӣ бояд оғоз ёбад ё ин ки ба таври дигар гӯем ташкили фаъолияти шахсӣ ин ташкили фаъолият дар ҷои холӣ мебошад.

Бояд зикр кард,ки то ба имзо расидани шартномаи фурӯши корхона бояд аз ҷониби тарафҳо, ҳуҷҷатҳои зерин тартиб ва баррасӣ гарданд: - санади инвентаризасия, баланси тавозуни муҳосиботӣ, хулосаи аудитории мустақил дар бораи таркиб ва арзиши корхона, инчунин номгӯи ҳамаи қарзҳо ва (уҳдадориҳо), ки ба корхона мансуб мебошанд ба ғайр аз ин кредиторҳо, хусусият, миқдор ва муҳлати иҷрои талаботи онҳо бояд нишон дода шаванд.

Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо бояд ба шартномаи фурӯши корхона замима карда шаванд. Тартиб ва арзиши корхонаи фурухташаванда дар

шартномаи фурӯши он дар асоси инвентаризатсияи пурраи корхона, ки тибқи қоидаҳои муқарраршуда гузаронида мешавад, муайян мегардад.

Шартномаи фурӯши корхона бояд аз қайди давлатӣ гузарад ва аз лаҳзаи бақайдгирӣ басташуда ҳисобида мешавад. Фӯруши корхона аз ҷониби соҳибмулк ба харидор тибқи санади гузариш амалӣ мегардад, ки дар он дар бораи таркиби корхона ва огоҳсозии қарздорон оид ба фурӯши корхона инчунин маълумот дар бораи камбудиҳои ошкоршудаи молу мулк ва номгӯи молу мулке, ки уҳдадориҳои фурӯшандаро доир ба супоридани он, бинобар несту нобуд гардидан ба иҷро нарасидааст,маълумот дода мешавад.

Аз рӯзе, ки санади гузариши корхона ба харидор аз ҷониби тарафҳо ба имзо мерасад (баста мешавад) корхона ба харидор супорида шуда ҳисобида мешавад.

Хуқуқи соҳибмулки ба корхона аз лаҳзаи аз қайди давлатӣ гузаштан ба харидор мегузарад. Агар тибқи шартномаи фурӯши корхона ҳолати дигар пешбинӣ намуда бошад, баъд аз ин ҳуқуқи моликият ба корхона ба харидор мегузарад, ки бевосита баъд аз он ба номи харидор он ба қайди давлатӣ гирифта мешавад. Аз лаҳзаи гузаштани ҳуқуқи моликият ба корхона ба харидор ва фурушанда мустақилона фаъолияти соҳибкории худро идома медиҳад. Баъди супоридани корхона фурӯшанда ва харидор ҷавобгарии муштарак ба қарзҳое, доранд, ки ба таркиби корхона дохил шудаанду ба зиммаи харидор бе розигии қарздорон гузаронида шудаанд,

Ҳаридор ҳуқуқи талабномаи паст кардани нархи фурӯши корхонаро аз фурӯшанда ҳангоме дорад, ки дар ҳайати корхона ва арзиши он қарзҳои дар созишномаи фурӯш ва ё санад нишон дода нашуда муайян гарда два агар фурӯшанда исбот карда натавонад, ки харидор дар бораи ин қарзҳо ҳангоми бастани шартномаю додани корхона маълумот дошт.

Яке аз шаклҳои ташкили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ин иҷораи корхона тибқи шартномаи иҷораи корхона тибқи шартномаи иҷораи корхона дар маҷмӯъ ҳамчун комплекси амволи, ки барои амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад, ҳисобида мешавад. Мувофиқи шартномаи иҷораи корхона иҷорадиҳанда (соҳибкмулк) уҳдадор аст ба иҷорагир ба ивази маблағ ба ихтиёрдорӣ ва истифодабарии мувақатӣ қитъаи замин, иморат, иншоот, таҷҳизот ва дигар воситҳои асосие, ки ба таркиби корхона дохил мешаванд, тибқи шароит ва ҳудуди бо шартнома муайян гардидаро оид ба захираи ашёи хом сӯзишворӣ, мавод ва дигар воситаҳои гардон, ҳуқуқи истифодабарии замин, об ва дигар захираҳои табии ва дигар ҳуқуқҳоро оид ба амволе, ки ба корхона алоқамандро ва ҳуқуқ ба нишонӣ, ки фардияти фаъолияти корхона ҳуқуқҳои ғайри имкон ҳам чунин ва ба ғайр аз ин ҳуқуқи талаб кардан ва гузаронидани қарзҳоеро ки ба корхона дохил дорад, низ диҳад.

Шартномаи иҷораи корхона дар як нусха дар шакли хаттӣ баста шуда, аз ҷониби тарафҳо ба имзо расида бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад ва аз лаҳзаи чунин бақайдгирӣ шартнома қонунӣ ҳисобида мешавад.

Супоридани корхона ба иҷорагир дар асоси аҳдномаи супоридан иҷро мегардад.

Тайёр кардани корхона барои супоридан ва таъсису пешниҳоди аҳдномаи супоридани корхона ба уҳдаи иҷорадиҳанда гузашта шуда аз ҳисоби ӯ гузаронида мешавад, дар ҳолате, ки дар шартнома дигар ҳолатҳо пешбинӣ намуда бошад. Шартномаи иҷораи корхона аз рӯи мӯҳлати дар шартнома баррасишуда баста мешавад. Агар мӯҳлати шартнома дар шартномаи иҷораи корхона муайян нашуда бошад, пас шартнома ба мӯҳлати номуайян басташуда ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати мазкур ҳар яке аз тарафҳо ҳуқуқ доранд ҳамавақт аз шартнома даст кашад ва тарафи дигарро дар мӯҳлати дар шартнома муайяншуда огоҳ намояд. Муҳлати огоҳкунии тарафҳо дар бораи қатъи шартномаи иҷораи ба мӯҳлати номуайян басташудаи корхона тибқи қонун ё судӣ дар шартнома муайян карда мешавад.

Агар дар шартномаи иҷораи корхона ҳолати дигар нашуда бошад, иҷорадиҳанда берозигии иҷорагир ҳуқуқ дорад, арзишҳои модиеро, ки ба таркиби молу мулки корхонаи ба иҷорагирифта дохил мешаванд фурушад, иваз намояд, ва истифодабарии мувақатӣ ва ё қарз диҳад, инчунин онҳоро ба иҷораи иловагӣ дода ҳуқуқу уҳдадориҳои худро аз рӯи шартнома оид ба чунин арзишҳо ба шахси дигар диҳад, ба шарте, ки ин ҳалот арзиши корхонаро кам накарда дигар муқарароти шартномаи иҷораи корхонаро вайрон насозад.

Агар тибқи шартномаи иҷора ҳолати дигар пешбинӣ намшда бошад, иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад, ки берозигии иҷорагир ба таркиби комплекси молу мулки иҷорагирифта таъғйирот ворид намуда, онро аз нав сохта васеъ намояд, бо таҷҳизоти нав, ки арзиши онро баланд месозад таъмин намояд.

Иҷорагири корхона уҳдадор аст, ки дар муҳлати амали шартномаи иҷораи корхона, корхонаро дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ дошта, таъмири ҷорӣ ва санитариро низ гузаронад. Иҷорагири корхона уҳдадор аст, ки сари вақт маблағро барои аз тарафи корхона истифода бурдани комплекси молу мулкиеро, ки тартиб, шарт ва муҳлати супоридани он тибқи шартномаи иҷораи корхона муайян шудааст, супорад.

Маблағи иҷора мумкин аст барои тамоми корхонаи ба иҷорагирифташуда ва ё қисмҳои алоҳидаи он дар шаклҳои зерин муқаррар карда шавад:

- дар шакли маблағи ҳисоби муайян, ки як маротиба ё якчанд маротиба супорида мешавад.

- ҳақи муайяншудае, ки дар натиҷаи истифодабарии маҷмӯи молу мулки ба иҷорагирифта, маҳсулот натиҷа ва фоидаи он ба даст омадааст.

- аз ҷониби иҷорагир пешниҳоди муайяни хизматрасонӣ ва дар дигар намудҳо;

- дар ҳолати қатъӣ шартномаи иҷораи корхона маҷмӯи молу мулки ба иҷорагирифташуда бояд ба иҷорадеҳ тибқи муқаррароти шартномаи иҷораи корхона ва кодекси гражданӣ бор гардонида шавад.

АДАБИЁТ:

1. Молганов Н.Н. Иновационный процесс: организация и маркетинг уч. пособ. СПБ 2013;
2. Аристер Н.И., Павловкин П.Д., Сахаров Ю. В. «Предпринимательство как стратегический ресурс экономического развития» СПБ 2010;
3. «Курс предпринимательства» учебник под редакции В. Я. Горфинкеля и В. А. Швандоря М. 2011;
4. Волгин Н.А., Марголин А.М., Половинкин П.Д. Экономические функции государственной службы в рыночных условиях. М, 2012 г;
5. Портер Р. «Культура предпринимательства» М.2012;
6. Шумпетер И. «Теория экономического развития» М. 2014;
7. Фостер Р. Обновление производства: атакующие выигрывают, М., 2011;
8. Қодиров А. Асосҳои соҳибкорӣ ва маркетинг. Хуҷанд 2013.

МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ДАР МИНТАҚА

Мирзоев Б., Бобоазиззода Ш. А., Ахмедов Д. Ҳ. –
омӯзгорони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур,
Шарипова Д. М.- омузгори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Асоси ҳуқуқии навсозии ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун “Дар бораи амнияти озуқаворӣ”, ки 29 декабри соли 2010 таҳти № 641 қабул шудааст ва Барномаи амнияти озуқаворияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 мебошанд. Барои ҳалли ин мушкилот бояд муносибати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро ташаккул дод.

Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ аз бисёр ҷиҳат аз сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва истифодаи самараноки хоҷагии қишлоқ ҳамчун истеҳсолкунандаи асосии озуқаворӣ вобаста аст. Азбаски воридоти озуқаворӣ дар давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳои муайяне дорад. Вобастагии воридотӣ тамоми фаъолияти иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро “маҳдуд мекунад”. Ивазкунии воридот, танҳо бо рушди соҳаи кишоварзӣ имконпазир аст.

Бояд тазаккур дод, ки аксарияти аҳолии минтақа бо фаъолияти иқтисодӣ дар хоҷагии қишлоқ машғуланд ва он бояд дар асоси муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ минтақа ташаккул дод. Хоҷагии қишлоқи минтақа ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири бузург расонида, зиёда аз 23% ММД-ро ташкил медиҳад. Бо назардошти ноустувории нархҳо ба ашёи хом ва молҳо дар бозор соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли самарабахши он аҳамияти бузург дорад. Хоҷагии қишлоқ - захираи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва имкони амнияти озуқаворӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки тақрибан 70% аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ кор ва зиндагӣ мекунанд. Худи соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсифоти зерин дорад:

1. Самаранокии пасти истеҳсоли тамоми соҳаҳои он;
2. Фарсудашавии воситаҳои асосии истеҳсолот ва технология кӯҳна;
3. Вобастагӣ аз шароити табиӣ-иқлимӣ ва об;
4. Маҳдудияти майдонҳои кишт.

Дар чунин шароит, ҳалли масъалаи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва таъмини амнияти озуқаворӣ хеле мушкил аст ва аз ин рӯ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи кишоварзиро ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт бо сармоягузории мақсаднок муайян намудааст.

Аслан, хоҷагии қишлоқ барои истеҳсоли миқдори кофии озуқаворӣ барои кафолати таъмини амнияти озуқаворӣ иқтидор дорад.

Маҳсулоти асосии кишт - гандум, пахта, мева ва сабзавот мебошанд. Дар чорводорӣ - истеҳсоли гӯшт, шир, тухм ва ғайра мебошад.

Бо вуҷуди ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидор ва захираи кофӣ дар хоҷагии қишлоқ, ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи он ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад.

Аммо, рушди соҳаи кишоварзӣ ва самаранокии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣ бо омили берунии «нигоҳдорӣ» - вобастагӣ ва норасоии сармоягузорӣ дучор меояд.

Аз ин рӯ, суръати рушди соҳаи кишоварзӣ нисбат ба суръати афзоиш дар иқтисодиёт дар маҷмӯъ хеле паст аст.

Ба ақидаи мо, барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва рушди соҳаи кишоварзии он таъмини амнияти озуқаворӣ, зарур аст:

1. Таҳияи барномаи давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва рушди соҳаи кишоварзӣ аз рӯи минтақа.

2. Истифода бурдан аз вазъияти мӯътадили сиёсӣ дар татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа (бо назардошти ноустувории бисёр минтақаҳои ҷаҳон).

3. Таъсиси сохтори мусоиди корӣ, алалхусус барои минтақаи деҳот, бо кам кардани андоз ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти озуқаворӣ.

4. Асоси рушди кишоварзӣ бояд бахши хусусии кишоварзӣ бошад.

Танҳо дар сурати иҷро кардани ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикршуда - муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва хоҷагии қишлоқ қобилияти таъмини амнияти озуқавориро доранд.

Тибқи маълумоти Созмони байналмилалии озуқаворӣ ва хоҷагии қишлоқ (ФАО), унсурҳои зерини амнияти озуқаворӣ мавҷуданд:

1. Мавҷудияти хӯрокворӣ (вобастагии воридот аз баъзе молҳо - беш аз 80% дар Ҷумҳурии Тоҷикистон).

2. Дастрасӣ ба озуқаворӣ (дастрасии озуқа ва ҳадди ақал маҳдуд аст).

3. Истифодаи озуқаворӣ – (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ки ғизоноки дар як рӯз 1250ккал). Тибқи таснифи ФАО, одамоне, ки дар як рӯз 1520 калория истеъмол мекунанд, ба категорияи гурусна дохил мешаванд ва дар як рӯз 2150 калория истеъмолкунанда – дар канори гуруснагӣ ва камғизоӣ қарор доранд. Ҳар як инсони солим бояд дар як рӯз 2500ккал дар як шабонарӯз истеъмол намояд.

Натиҷаҳои таҳлили ғизогирии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки норасоии витамин дар ғизо афзоиш меёбад, микро- ва макроэлементҳо нокифоя аст, истеъмоли карбогидрат дар намуди сабзавот, буттамева ва меваҳо коҳиш ёфтааст. Таъминот аз маҳсулоти ҳайвонот, бахусус, гӯшт ва тухм нокифоя аст. Дар айни замон, истеъмоли нон ва маҳсулоти нонӣ афзоиш ёфтааст. Барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ норасоии ғизои парҳезӣ мавҷуд аст [1.82].

4. Устуворӣ - инчунин маънои ғизои мунтазам ва пурраи озуқавориро дар назар дорад, ки бо он мушкилоти муайян дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ доранд.

Тибқи тадқиқоти Вазорати тандурустӣ "... паҳншавии норасоии сафеда-энергеткӣ (НСЭ) дар байни занони синнусоли тазаккур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11,2% -ро ташкил медиҳад. Тибқи тавсияҳои ТУТ (ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ), ин натиҷа ҳамчун вазъияти номусоид дар соҳаи тандурустӣ баррасӣ мешавад. Сатҳи баландтарин (18%) дар байни занон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пайдо шудааст. НСЭ дар байни занони тамоми гурӯҳҳои синнусолӣ васеъ паҳн шудааст. Нишондиҳандаи камтарини НСЭ (7%) дар байни занҳои 15-19 сола ва баландтарин (15%) дар байни занҳои 46-49 сола муайян шудааст. Зиёда аз 5% кӯдакон дар Душанбе ва НТҶ, вилоятҳои Суғд ва ВМКБ аз норасоии шадиди музмини нимгуруснагӣ азият мекашанд. Пасттарин сатҳи камғизоии музмин (9,2%) дар байни кӯдакони аз 6 моҳа то 1 сола, баландтарин (35%) аз 2 то 4 сола мушоҳида мешавад. Паҳншавии норасоии шадиди нимгуруснагӣ дар байни кӯдакони 5 сола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6,65%-ро ташкил медиҳад. Мувофиқи меъёрҳои ТУТ, натиҷаҳои гирифташуда оиди паҳншавии шакли шадиди нимгуруснагӣ ҳамчун мушкилии номусоид дар соҳаи тандурустӣ баррасӣ карда мешавад [2]. Гуфтаҳои дар боло зикршуда, хусусиятҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро қайд мекунад.

Ин нишондиҳандаҳо таҳти таъсири шароити гуногуни дохилӣ ва хориҷии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа тағйир меёбанд ва манбаи кофии амнияти озуқаворӣ 80-85% маҳсулоти хӯроквории худро ташкил медиҳад. ФАО инчунин таърифи амнияти озуқаворӣ худро пешниҳод мекунад "Амнияти озуқаворӣ дар сатҳҳои инфиродӣ, оилавӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба даст меоянд, агар ҳама одамон, дар ҳама давру замон, қобилияти дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодӣ ба таври кофӣ ба амният ва маҳсулоти озуқаворӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои онҳо ва афзалиятҳои ғизоӣ барои ҷорӣ кардани тарзи ҳаёти фаъол ва солим" [1.84].

Тибқи ин нишонаҳои озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон - кишвари таъминнашуда (камбағал) ба шумор меравад. Барои табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакати аз ҷиҳати озуқаворӣ таъмин ва ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа зарур аст:

- ғалла - на камтар аз 95%;
- равғани растанӣ - на камтар аз 80%;
- шакар - на камтар аз 80%;
- гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ - на камтар аз 85%;
- шир ва маҳсулоти ширӣ - на камтар аз 90%;
- маҳсулоти моҳӣ - на камтар аз 80% [1.82].

Тибқи фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо мақсади ба даст овардани иттилооти дақиқ ва воқеӣ аз соли 2005, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи таҳлилиро дар бораи амнияти озуқаворӣ: «Амнияти озуқаворӣ ва камбизоатӣ» интишор менамояд, ки самараи смуносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро нишон медиҳад.

Мо қаблан қайд карда будем, ки мувозинати озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон (яъне мувозинати маҳсулоти асосии ғизоӣ) нишон медиҳад, ки қисми зиёди таъминоти озуқавории кишвар аз ҳисоби воридот қонеъ карда мешавад [3.5].

Барои муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва рушди иқтидори содиротӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа, дигаргуниҳои ҷиддӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ талаб карда мешаванд. Ин ба талаботи як қатор Созишномаҳое, ки Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо дар доираи ГАТТ-94 имзо кардаанд, вобаста аст.

Ин тағйирёбии шартҳоро барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро дар се дараҷаи амнияти озуқаворӣ дар назар дорад:

1. Сатҳи кофии амнияти озуқаворӣ - мувозинати захираҳое, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои дохилӣ аз маҳсулоти худӣ дар ҳудуди 80-85% кифоя мебошанд;

2. Сатҳи миёнаи (нокифояи) амнияти озуқаворӣ. Қонеъгардонии эҳтиёҷоти дохилӣ аз маҳсулоти худӣ дар доираи аз 60 то 80%;

3. Сатҳи мушкили амнияти озуқаворӣ - қонеъ кардани ниёзҳои дохилӣ аз маҳсулоти худӣ дар доираи аз 40 то 60%; [1.35].

Гуфтаҳои дар боло зикргардида, ҳангоми навсозии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва ҷанбаҳои минтақавии таъмин ва ташаккули барномаи давлатии амнияти озуқаворӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

АДАБИЁТ

1. Данные журнала: Доступ к экономическим ресурсам, ориентированным на рост благосостояния населения Таджикистана. Душанбе.– 2015. – 132с.

2. Ташкили системаи мониторинг ва арзёбии нимгуруснагӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазир дар Тоҷикистон. Таҳияи механизми кӯмаки суроғавӣ ба шахсони мӯҳтоҷи озуқаворӣ. Маркази ҷумҳуриявии оиди мушкилоти ғизоӣ. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2011с.

3. Азия-Плюс, № 79 (1062), аз 08.10.2015. - С.5.

АННОТАЦИЯ

В статье рассматривается сотциально-экономические отношение в Согдийской области. Исследованы основные параметры обеспеченности продовольствием и уровень их потребление в регионе.

Ключевые слова: сотциально-экономические отношение, сельское хозяйства, параметры, уровень потребление.

ANNOTATION

The article discusses the socio-economic relations in the Sogd region. The basic parameters of food security and the level of their consumption in the region are investigated.

Key words: socio-economic relations, agriculture, parameters, level of consumption.

ФОРМИРОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ И РЕСУРСНЫХ ОСНОВ ПОДГОТОВКИ РАБОЧИХ КАДРОВ

Мирзоев Б., Бобоазиззода Ш. А. Одилджонова Н.И. –
преподователи Таджикский аграраный университет им. Ш.Шотемур

В своем выступлении Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон на церемонии открытия Государственного учреждения «Центр образования взрослых» при Министерстве труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан 15.03.2012 года отметил, что ускоренный ход прогресса науки и техники, ежедневно увеличивающейся спрос рынка труда на современных специалистов требует от всех нас еще более эффективного совершенствования материально технической базы начального-профессионального образования и центров обучения. Настало время, когда нам следует опираться на своих кадров не только в строительстве малых и средних объектов, но и в строительстве важнейших крупных объектов страны, в том числе дорог, туннелей, гидроэлектростанций.

Расширение деятельности колледжей , училищ и центров обучения может внести заметный вклад в профессиональную подготовку трудовых ресурсов, что весьма важно в современных условиях Правовое регулирование деятельности системы НПО осуществляется на основе конституции Республике Таджикистан, Законов РТ «Об образовании» (17 мая 2004 года,№34), «О начальном профессиональном образовании»(22 апреля 2003 год,№31), правительственных документов «Национальной концепции образования Республики Таджикистан» (3 мая 2002 года, № 200), «Государственного учебного стандарта начального профессионального образования Республики Таджикистан» и других нормативно - правовых документов в соответствие с Национальной концепцией образования Республики Таджикистан начальное профессиональное образование является первой ступенью профессионального образования в Республики Таджикистан. Основным отраслевым законом является Закон Республике Таджикистан «О начальном профессиональном образовании». В настоящее время, в соответствие с данным законом, главной целью системе профессионально – технического образования является обеспечение права граждан на общедоступность и бесплатность (первого) начального (профессионально-технического), возможно и среднего профессионального образования, удовлетворение потребность населения в профессиональных образовательных услугах соответствующего уровня с учетом состояния и тенденций развития потребности рынка труда. Постановление Правительства от 4 ноября 2002 года № 419 было принято Государственные образовательные стандарты начального

профессионального образования Республики Таджикистан. В 2003 году был принят Закон «О начальном профессиональном образовании», а также Правительством Республики Таджикистан 1 октября 2004 год принята «Государственная концепция реформирования системы начального профессионального образования и обучения в республике на 2005-2015 годы».

Затем в июне 2006 году был принят Национальный план действий по реформирования системы начального профессионального образования и обучения в Республике Таджикистан на 2005-2015 годы (постановление Правительство Республики Таджикистан от 3 июня 2006 года) Национальный план действий по реформированию системы начального профессионального образования в Республике Таджикистан на 2005-2015 годы разработан в соответствии с требованиями Государственной концепции реформирования системы начального профессионального образования и обучения в Республике Таджикистан. Данный национальный план является основной государственной политики и стратегии программного действия Республики Таджикистан в области развития системы начального профессионального образования и обучения. Необходимость принятия данного среднесрочного комплексного и целевого программного документа исходить из социального и экономического назначения НПО и ее общественно-государственной важности на нынешнем этапе развития общества. Опыт многих стран показывает, что хорошо функционирующая система профессионального образования и обучения является важным элементом экономического развития, социальной устойчивости и политической стабильности. Иными словами, в современных социально-экономических условиях, в условиях быстро меняющегося содержания производственных технологически становится более очевидным тезис: «потенциал профессиональных навыков граждан является бесценным богатством страны». Как установлено в Государственной концепции реформирования системы НПО, главной целью реформирования этой системы является создание и обеспечение устойчивости наиболее оптимального и рационального механизма подготовки квалифицированных рабочих кадров и профессионального обучения взрослых в соответствии со структурой и содержание потребности рынка труда.

Для достижения данной цели и с учетом текущего состояния ключевых элементов системы ПТО Таджикистана определяется следующие приоритетные направления на среднесрочные (2011-2015г.) периоды:

1. Разработка Национальной структуры обеспечения качество (NQAF) для обеспечения эффективного управления системой и качество функционирования НПО. Разработка качественно новых

многоступенчатых профессиональных учебных планов и программ, соответствующих запросам личности, потребностям рынка труда, перспективам развития экономики и социальной сферы страны. Изменение структуры содержания подготовки рабочих кадров и его качественное обновление с учетом перехода на опережающие образование, обеспечивающие развитие личностно-профессионального потенциала специалистов и их мобильности. Обеспечение экономической эффективности образовательного процесса, рационального его управления и количественного контроля над ним. Создание условий для гармонического развития личности и реализации ее творческой активности.

2. Создание Национального Агентства по обеспечению качества (NQAF) для обеспечения реализации политики НПО, развития организационно экономических отношений, а также международного и регионального сотрудничества, и определить критерии материально-технической и производственно-практической базы развития системы. Проведение масштабов, профильной структуры и территориального размещения подготовки рабочих кадров и специалистов начального и среднего звена в соответствие с образовательными запросами населения и потребностями рынка труда, динамикой и перспективами развития экономики и социальной сферы с учетом задач комплексного развития регионов, расширения доступа населения к начальному и среднему профессиональному образованию.

3. Создание Комитет по профессиональным стандартам и Подкомитета по разработке учебных программ для обеспечения качество содержания НПО и организации учебного процесса, профессионально квалифицированной структуры подготовки рабочих кадров через Национальную Квалификационную Структуру и соответствие НПО рынку труда. Формирование учебно-программного и учебно-методического обеспечения образовательного процесса, нового поколения учебников и учебных пособий, средств обучения. Развитие научных исследований по важнейшим проблемам в области начального профессионального образования.

4. Создание Подкомитета по ПТО провайдерам для предоставления аккредитации провайдеров и аккредитации обучения в соответствии с критериям качества NQAF. Осуществление полной инвентаризации и качественной оценки текущего состояние зданий и сооружений, учебной техники и оборудования системы начального профессионального образования. Качественное увеличение государственного финансирования на восстановление (капитальный ремонт) зданий сооружений, учебной технике и оборудования и на приобретения учебной техники и оборудования. Создание учебно-производственного центра по

ремонту и технического обслуживания, конструированию и производства учебной техники и оборудования.

5. Создание Подкомитета по обучению для обеспечения разработки учебных программ для преподавателей и тренеров начального НПО, постоянного профессионального развития кадров, аккредитации и кадрового обеспечения, а также для обеспечения качества учебно-методической и научного развития НПО. Формирование и развитие системы подготовки, профессиональной переподготовки и повышения квалификации кадров для начального профессионального образования, включающий в себя подготовку инженерно педагогических и управленческих кадров для системы НПО, организацию дополнительного педагогического образования для преподавателей специальных дисциплин, профессиональную подготовку преподавателей гуманитарного и социально-экономического профилей и подготовку преподавателей по новым специальностям и дисциплинам, освоение новых технологий обучения. Привлечение к преподаванию специальных дисциплин работников, имеющих опыт производственной деятельности, разработка и реализации целевой программы «Профессионально-педагогические кадры».

6. Создание Подкомитета по обучению для обеспечения разработки учебных программ для преподавателей и тренеров начального профессионального образования, постоянного профессионального развития кадров, аккредитации и кадрового обеспечения, а также для обеспечения качества учебно-методической и научной основы развития профессионально технического обучения. Теперь переходим к оценке подготовки рабочих кадров с учетом потребностей внутреннего и внешнего рынка труда.

ЛИТЕРАТУРА

1.Батыщев С.Я. Подготовка рабочих кадров/ Батыщев С.Я - М.: Экономика,1992,- 28с

2. Батыщев С.Я. Формирование квалифицированных рабочих кадров в СССР. 2-е изд/

3. Бережная И.Я. Оценка знаний как элемент стратегии среднего профессионального образования/ И.Я.Бережная –М: Специалист,1997.- 28 с.

4 .Ахапкин Н. Ю. Профессиональное обучение рабочих кадров на белорусских предприятиях/ Н.Ю.Ахаткин – Минск: 2010 -165с.

5. Айниддинов М.А. Совершенствование профессиональной подготовки квалифицированных рабочих кадров в условиях формирования рынка, автореф.дис. канд.экон. наук./ М.А.Айниддинов – Бишкек,1997 -18 с.

ANNOTATION

A functioning vocational education and training system is an important element in the development of social sustainability and political stability. In other words in modern socio-economic conditions in the context of rapidly changing content of production skills of citizens it is an invaluable wealth of the country.

АННОТАТСИЯ

Системаи амалкунандаи таълими касбӣ ва техникӣ унсури муҳими рушди иқтисодӣ, пойдории иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ мебошад. Ба ибораи дигар, дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити зудтағйирёбандаи мундариҷаи истеҳсолӣ рисола аст, ҷиҳати технологӣ равшантар мегардад: нерӯи малакаҳои касбии шаҳрвандон сарвати бебаҳои кишвар аст.

ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ТУХМИПАРВАР ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Бобозода Б.Б. -
Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Дурнамои тадқиқоти илмии муассиса оид ба рушди илмҳои селексия ва биотехнологияи муосир, муайян намудани проблемаҳои таъхирнопазир барои Тоҷикистон ва рушди ҷанбаҳои бунёдӣ ва амалии зироаткорӣ, ки ба вуҷуд овардани навъу намунаҳо ва генотипҳои устувору сермаҳсулро дар шароити тағйирёбии иқлим суръат мебахшанд ва татбиқи натиҷаҳо дар истеҳсолот барои ҳалли масъалаҳои амнияти озуқаворӣ; омӯзиши асосҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва молекулавии устуворнокӣ ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, муайян намудани аломатҳои мутобиқшавӣ ва ҳосилнокии растаниҳо ҳангоми тағйирёбии иқлим (норасоии намӣ, ҳарорати баланд, шӯршавии замин); ба вуҷуд овардани навъҳои устувор ва серҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар асоси интихоби маркёрҳои селексионӣ, биотехнологияи ҳуҷайравӣ ва муҳандисии генӣ барои татбиқ дар истеҳсолот равона карда шудааст.

Институт бо Маркази миллии ҷумҳуриявии захираҳои генетикӣ, Институти зироаткорӣ, Институти боғу токпарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур ва Муассисаи давлатии навъсанҷӣ ва ҳифзи навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ оид ба вуҷуд овардани навъҳои нави зироатҳои кишоварзии (картошка, пахта, батат ва ғайра) ба таъсири тағйирёбии иқлим мутобиқ ва татбиқи онҳо дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамкориҳои судманд дорад.

Дар самти гузаронидани корҳои селексионӣ ва биотехнологӣ оид ба ихтироъи навъҳои картошкаи солимгардонидашуда олимони Институт дар ҳамкорӣ бо олимони дигар муассисаҳои илмӣ ба якчанд дастовардҳо ноил гардиданд. Комиссияи давлатии навъсанҷии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи навъҳои дар назди Вазорати кишоварзии Тоҷикистон навъҳои серҳосили картошкаи «Дӯстӣ», «Файзобод», «Рашт»,«Тоҷикистон», «Академияи илмҳо-1» ва ғайра, ки маҳсули селексияи Институт мебошад, ҳамчун навъ эътироф намуд ва дар минтақаҳои гуногуни картошкапарвари ҷумҳурӣ ноҳиябандӣ карда шуданд. Ҳосилнокии ин навъҳо бештар аз 35-45 т/га-ро ташкил менамояд ва ҳар сол дар майдони бештар аз 10000 га кишт карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки навъҳои нави картошка дар натиҷаи

ҳамкориҳои судманди олимони тоҷик бо олимону мутахассисони Маркази байналмилалии илмии картошка (CIP, Перу) ба даст оварда шуданд. Натиҷаи санҷиши истеҳсолии онҳо нишон дод, ки ин навъҳо ҳам дар шароити ноҳияҳои кӯҳӣ ва ҳам дар шароити водиҳои ҷумҳурӣ барои рӯёнидани ҳосили дилхоҳ мувофиқ мебошад. Олимон ин навъҳоро дар асоси истифодаи усулҳои якҷояи селексияи маъмули анъанавию биотехнологияи муосир ҳангоми парвариш дар шароитҳои гуногуни иқлимии ҷумҳурӣ ба даст оварданд. Хусусан, навъи нави картошкаи «Тоҷикистон», ки лӯндаҳояш сурх буда, дар мағзи лӯндаҳо ҳалқаи сурх ва тамъи болаззат доранд, нисбат ба дигар навъҳо ба касалиҳо ва камобӣ тобовар буда, дар таркиби лӯндҳояш элементи оҳан (Fe) нисбатан бештар мебошад. Парвариши ин навъ дар кишти тобистона (дар моҳи август) низ ҳосили беш аз 25-28 т/га-ро таъмин менамояд.

Навъи нави картошкаи «Нилуфар», ки дар таркиби лӯндаҳояш йод дорад ва онро ҳамчун маводи ғизои метавонад барои пешгирӣ намудани касалии ҷоғар истеъмол намуд, ба даст оварда шуд. Ин навъ имсол ба Комиссияи давлатии навъсанҷии зироатҳои кишоварзӣ ва

ҳифзи навъҳои назди Вазорати кишоварзии Тоҷикистон барои санҷиш супорида шуд.

Яке аз самтҳои ояндадори тадҷиҷотҳо дар бахши биотехнологияи муосири растаниҳо ин ҷустуҷӯ ва пайдо намудани роҳҳо ва усулҳои дигаргун сохтани геноми растаниҳо бо истифодабарии усулҳои муҳандисии генӣ ва ҳуҷайравӣ оид ба беҳтар намудани аломатҳо ва хусусиятҳои растаниҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин самти тадқиқот истифодаи усули интрогрессивии гузаронидани генҳои авлодҳои ёбоии (худрӯй) зироати гандум- эгилопсҳо ба геноми гандуми мазрӯъ бо мақсади баланд бардоштани қобилияти устувории растании гандум ба таъсири касалию ҳашаротҳои зараррасон, ба тағйирёбии иқлим ва дигар омилҳои стрессӣ ва беҳтар намудани сифатҳои технологии орди гандум равона гардидааст.

Муайян карда шудааст, ки дар вақти афзоиши каллус ва инкишоф ёфтани структураҳои эмбриогении гандум ва эгилопс талаботи онҳо ба фитогормонҳо аз миқдори ауксин вобастагӣ дорад. Дар натиҷаи ташхисҳои генетикӣ муайян карда шуд, ки чор намуди эгилопс (бузгандум) дар шароитҳои гуногуни экологию ҷуғрофии Тоҷикистон рушду нумӯъ меёбанд. Бо истифодабарии маркёрҳои молекулавӣ, таҳлили нишонаҳои фенотипӣ, морфологию физиологӣ ва компонентҳои электрофоретикии сафедаҳои глиадини дон, генотипҳои нави гандум ба даст оварда шудаанд, ки онҳо метавонанд минбаъд дар корҳои селексионӣ васеъ истифода бурда шаванд.

Тадқиқот оид ба муайян намудани таъсири омилҳои стрессӣ, аз қабили ҳарорати баланд ва норасогии намнокии хок ҳангоми таъсири тағйирёбии глобалии иқлим ба растаниҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёдонагӣ ба олимон имкон дод, ки дар асоси таҳлилҳои биокимиёвӣ саҳми асосии генотипи ин ё он навъи зироатро пешгӯйи намоянд. Дар натиҷаи ин тадқиқотҳо навъҳои тобовари зироатҳои кишоварзӣ ба таъсири манфии тағйирёбии иқлим муайян карда мешавад, ки онҳо дар оянда барои мутобиқгардонии навъҳо ба шароити номусоиди муҳити атроф аз рӯи хусусиятҳои генетикиашон мусоидат менамояд. Дар асоси таҳлили натиҷаҳои нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии 120 намунаҳои гандуми харитабандӣ карда шуда, ки аз коллексияи ҷаҳонии Институти умумииттифоқии растанипарварии ба номи Н.И.Вавилов (ВИР, Россия) дастрас шуда буданд, дар минтақаҳои гуногуни иқлимии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Аз байни онҳо линияҳои ояндадори ITMI-3, ITMI-6, ITMI-77, ITMI-32, ITMI- 43, ITMI-44 ва ITMI-55-ро барои парвариш дар шароити иқлими гарми ноҳияҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ тавсия намудан мумкин аст.

Тадқиқотҳо оид ба шӯрӯ тобоварии намудҳои гандум дар минтақаҳои гуногуни иқлимии Тоҷикистон нишон дод, ки навъҳои тадқиқшудаи гандум имконияти биологии гуногуни мутобиқшавӣ ба

муҳити зист зоҳир менамояд. Дар асоси натиҷаҳои ба даст омада ба хоҷагиҳои деҳқонӣ барои парвариш дар шароити иқлими Шаҳритуз (Тоҷикистони Ҷанубӣ) Линияи ITMI-49, дар шароити водии Ҳисор (Тоҷикистони Марказӣ) ва Хуҷанд (Тоҷикистони Шимолӣ) линияҳои ITMI-49, ITMI-64 ва ITMI-83 тавсия дода мешавад. Олимони соҳаи селексия метавонанд ин навъҳоро ҳамчун донор ҳангоми ба вуҷуд овардани навъҳои нави гандуми ба шӯрӯ тобовар истифода баранд.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидаи олимони институт дар минтақаи Канаски шаҳри Ваҳдат (дар баландии 2560 м аз сатҳи баҳр) муайян карда шуд, ки дар минтақаи баландкӯҳи Канаск ва ҳангоми парвариш дар шароити водӣ (дар баландии 840 м аз сатҳи баҳр) ҳосили дилхоҳи лӯндаи картошка ба даст оварда мешавад. Бинобар ин чунин тавсия дода мешавад, ки минтақаи Канаск дар оянда ҳамчун минтақаи парвариши картошкаи маводи аввалия, супер-супер элита ва суперэлита барои таъмин намудани тамоми хоҷагиҳои картошкапарвари ҷумҳурӣ махсус гардонида шавад.

Дар минтақаи Канаск таъсири ҳашаротҳою касалиҳои гуногунии вирусию вироидии картошка нисбатан кам буда, дар ин мавзеъ ҳар сол парвариши беш аз 3000 тонна маводи аввалия, супер-суперэлита ва суперэлита имконият ҳаст, ки онҳоро ҳангоми навъвазкунии тухмии картошка (тухмивазкунӣ) дар дигар хоҷагиҳои картошкапарвари ноҳияҳои кӯҳии мамлакат васеъ истифода намуд. Ин миқдори картошкаи тухмиро дар давоми се сол дар доираи ҳамкориҳои судманд бо олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Тоҷикистон ба даст овардан мумкин аст. Дар муддати се соли минбаъда ин тухмии картошка дар ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ, ки шароити хуби хоку иқлимро барои парвариши картошка доранд (Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич, Лахш, Ишкошим ва ғ.), бояд зиёд намуд. Дар натиҷаи зиёд намудани 2500 тонна тухмии суперэлитаи картошка дар ноҳияҳои номбурдаи картошкапарвар дар муддати се сол имконияти аз онҳо ба даст овардани беш аз 150 ҳазор тонна тухмии репродуксияи II мавҷуд аст, ки ин барои пурра қонеъ гардонидани талабот ба тухмии картошка дар ҷумҳурӣ кофӣ аст.

Ҳамин тавр дар натиҷаи ҳамкориҳои илмии олимони Академияи миллии илмҳҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ассосиатсияҳои тухмипарварии ноҳияҳои кӯҳии кишвар имконият фароҳам меояд, ки дар оянда аз харидорӣ намудани тухмӣ аз хориҷи кишвар дар соҳаи картошкапарварӣ хотима дода шавад.

Дар натиҷаи омӯзиши хусусиятҳои морфофизиологию биохимиявии 15 растаниҳои найчашишагии линияҳои гуногуни картошкаи ширин (батат), ки аз коллексияи Маркази байналмилалии

илмии картошка (CIP, Перу) дастрас шудааст, ду навъи картошкаи ширини “Сомон ” ва “Шоҳин” дар шароити in vitro ва in vivo интихоб карда шуданд. Ин навъҳо ба шароити иқлими гарми Тоҷикистони Ҷанубӣ мувофиқ буда, дар ҳамкорӣ бо кормандони Маркази миллии ҷумҳуриявии захираҳои генетикии АИКТ ихтироъ карда шудааст. Навъҳои номбурда ба Муассисаи давлатии «Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳо»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикситон барои санҷиш супорида шуд.

Дар таркиби навъҳои нави картошкаи ширин миқдори бета-каротин зиёд мебошад ва он барои истифодабарӣ ба сифати манбаи иловагии витамини А, хусусан дар таркиби хӯрокҳои парҳезӣ ва кӯдакона тавсия карда мешавад. Ин навъҳои картошкаи ширинро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун зироати дуюм баъди парвариши картошка, гандум ва ғайра васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Самти дигар тадқиқотҳои олимон омӯзиши раванди фотосинтезу маҳсулнокии растаниҳо ва дар натиҷаи интихоби навъу намунаҳои ба таъсири омилҳои номусоиди муҳити атроф тобовари зироати пахта аз рӯи аломатҳои озмунии фотосинтетикӣ ба даст овардани навъҳои нави пахта ба шумор меравад. Дар ин самт дар доираи чаҳорчӯбаи Шартномаи ҳамкориҳои илмӣ байни Институти генетика ва биологияи экспериментали растании (ИГБЭР) Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба омӯзиши аломатҳо ва нишондиҳандаҳои физиологию фотосинтетикии линияҳои инбредии пахтаи миёнанахи коллексияи генетикии ИГБЭР АИ Ӯзбекистон корҳои илмӣ-тадқиқотӣ гузаронида шуд. Махсусан дастовардҳои олимони Институт дар ҳамкорӣ бо олимони дигар муассисаҳои илмию соҳавӣ дар соҳаи ба вуҷуд овардани навъҳои нави сермаҳсули пахтаи миёнанах назаррас мебошанд. Навъҳои тезпаз, серҳосил ва ба касалиҳо тобовари пахтаи миёнанах ба даст оврда шудаанд, ки онҳо ҳоло дар хоҷагиҳои пахтакори ноҳияҳои Кӯлоб, Данғара, Фархор, Хуросон, Мирсаид Алии Ҳамадонӣ ва инчунин дар як қатор ноҳияҳои вилояти Суғд дар майдони бештар аз 10 ҳазор гектар кишт карда мешаванд. Ин навъҳои серҳосили пахтаи миёнанахи «Гулистон», «Гулистон-2», «Шавкат-80», «20-солагии Истиқлолият» ва ғайраҳо мебошанд.

Олимони институт махсусан дар омӯзиши зироати ояндадори топинамбур натиҷаҳои арзишманди илмиро доир ба ҷамъоварӣ намудани коллексия ин растанӣ ба даст оварда, навъи аввалини ватании ин зироатро бо номи «Сарват» дар истеҳсолоти кишоварзӣ татбиқ намуданд.

Захираҳои генетикии Институт ғанӣ буда, олимон навъу намунаҳои нодири зерини зироатҳои кишоварзиро ҷамъ оварданд:

картошка- 120 номгӯй, пахта-100, ғалладонагиҳо-120, топинамбур-20, зироатҳои хӯроки чорво-15, лӯбиёгиҳо-30, боқло-5, батат-15 ва ғ.

Боиси хушнудист, ки олимони Институт, ки дар соҳаҳои илмҳои ботаника, физиология, генетика, селекция ва биотехнологияи муосир, инчунин оид ба ҳифзи гуногунии биологӣ дар Тоҷикистон тадқиқотҳои самараноки илмиро гузаронида, дар ҳамкорӣ бо олимони дигар муассисаҳои илмии кишвар ва мамлакатҳои хориҷа дар солҳои Истиқлолият кӯшиш намуданд, ки дар рушди фаъолияти кишоварзии кишвар ва минбаъд дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат саҳмгузор бошанд.

МАТЕМАТИЧЕСКИЕ МОДЕЛИРОВАНИЕ КИНЕМАТИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРИВОДНЫХ МЕХАНИЗМОВ ТЕХНИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ДЛЯ УБОРКИ ХЛОПЧАТНИКА И ЗЕРНОВЫХ КУЛЬТУР

Холмуратов Т.Р., Муродзода И.Р., Ш.Зайниддин-
г. Душанбе, ТТУ им. акад. М.С.Осими, факултет строительства и архитектуры

В данной статье рассмотрим кинематические и динамические исследования предлагаемых приводных механизмов технических средств для уборки хлопка-сырца, для чеканки растений и уборки стеблей хлопчатника и очистки зерноуборочных комбайнов.

Принимаем (рис.1) радиус кривошипа $O_1A_1=R_1$, длину водила $O_2B = \rho$, радиус солнечного колеса R, радиус $O_2A = \rho - l$, $O_2P = R$ – (это линия, соединяющая точку касания P с точкой O_2), длину направляющей AB = e, радиус сателлита PB = *r*, и угол между радиусом водила и линией O_2P обозначим через ψ, водила и ведущего звена через φ_1, а угол между ρ и R через φ. Угол поворота составного водила по ψ будет [1,2]:

$$\psi = \varphi \pm \alpha.$$

Из треугольника O_1O_2A при $O_1O_2 = a$; $O_1A = R_1$ имеем

$$R_1^2 = a^2 + (\rho - l)^2 + 2a(\rho - l)\cos\psi \quad , \tag{1}$$

где: $\pi - \psi = [O_1O_2A]$ - тупой угол.

Делая преобразования выражения (1), получим:

$$\rho = \sqrt{R_1^2 - a^2 \sin\psi} - a\cos\psi + l \, , \tag{2}$$

С другой стороны R определяется из треугольника O_2BP на основе теоремы косинусов:

$$r^2 = R^2 + \rho^2 - 2\rho \cdot R \cdot \cos\alpha \, , \tag{3}$$



Рис.1. Кинематическая схема планетарного фрикционного механизма с составным водилом:
1 – кривошип, 2 – кулиса, 3 – ползун, 4 – направляющий, 5 – сателлит, 6 – солнечное колесо.

Решая (3) относительно R, получим:

$$R = \sqrt{r^2 - \rho^2 \sin^2 \alpha} + 2\rho \cos\alpha \,,$$

(4)

Подставляя значение (2) в (4), имеем:

$$R = \sqrt{r^2 - \left[\sqrt{R_1^2 - a^2 \sin^2 \psi} - a\cos\psi + l\right]^2 \sin\alpha} +$$

$$+\left[\sqrt{R_1^2 - a^2 \sin^2 \psi} - a\cos\psi + l\right] \cdot \cos\alpha.$$

Значения угла рассогласования определяется выражением:

$$ctg\alpha = \frac{R_1 + \frac{\sqrt{(\rho)^2 + [d\rho / d\psi]^2}}{r} \cdot \rho}{d\rho / d\psi}.$$

Перейдем к определению переменного передаточного отношения исследуемого механизма, которое определяется по формуле:

$$U_{CH} = \frac{\omega_C}{\omega_H} \ . \qquad (5)$$

Передаточное отношение между сателлитами ведущим звеном:

$$U_{C1} = \frac{\omega_C}{\omega_1}, \qquad (6)$$

угловая скорость составного кулисного водила равно:

$$\omega_H = \frac{d\psi}{dt},$$

угловая скорость сателлита определяется по формуле:

$$\omega_C = \frac{\upsilon_B}{r}, \qquad (7)$$

угловая скорость ведущего звена определяется выражением:

$$\omega_1 = \frac{\upsilon_A}{R_1}, \qquad (8)$$

где υ_B, υ_A – линейные скорости центра сателлита и точки А ведущего звена, которое определяется по формуле:

$$\upsilon_B = \sqrt{\left(\frac{d\rho}{dt}\right)^2 + \left(\frac{d\psi}{dt}\rho\right)^2},$$

(9)

$$\upsilon_A = \sqrt{\left(\frac{d\rho}{dt}\right)^2 + \left[\frac{d\psi}{dt}\cdot(\rho - l)\right]^2} \ .$$

Выражение (5) и (6) с учетом (7) и (8) имеет вид:

$$U_{CH} = \frac{\sqrt{\left(\frac{d\rho}{dt}\right)^2 + \left[\frac{d\psi}{dt}\cdot\rho\right]^2}}{r\cdot\frac{d\psi}{dt}},$$

(10)

$$U_{C1} = \frac{R_1}{r}\sqrt{\frac{\left(\frac{d\rho}{dt}\right)^2 + \left(\frac{d\psi}{dt}\cdot\rho\right)^2}{\left(\frac{d\rho}{dt}\right)^2 + \left[\frac{d\psi}{dt}(\rho - l)\right]^2}},$$

где относительная скорость составного водила равна:

$$\dot{\rho} = \frac{d\rho}{dt} = \dot{\psi}\cdot a\sin\psi\left[1 - \frac{a\cos\psi}{\sqrt{R_1^{\,2} - a^2\sin^2\psi}}\right] \ .$$

(11)

Окончательное передаточное отношение планетарного фрикционного механизма с составным телескопическим кулисным водилом (9) и (10) при учете формулы (2) и (11) запишется в виде передаточного отношения сателлит-кулиса:

$$U_{CH} = \frac{1}{r}\sqrt{\left[a\sin\psi\cdot\left(1-\frac{a\cos\psi}{\sqrt{R_1^2-a^2\sin^2\psi}}\right)\right]^2 + \left[\sqrt{R_1^2-a^2\sin^2\psi}-a\cos\psi+l\right]^2},$$

передаточное отношение сателлит-ведущее звено:

$$U_{Ci} = \frac{R_1}{r}\sqrt{\frac{\left[a\sin\psi\left(1-\frac{a\cos\psi}{\sqrt{R_1^2-a^2\sin^2\psi}}\right)\right]^2 + \left[\sqrt{R_1^2-a^2\sin^2\psi}-a\cos\psi+l\right]^2}{\left[a\sin\psi\left(1-\frac{a\cos\psi}{\sqrt{R_1^2-a^2\sin^2\psi}}\right)\right]^2 + \left[\sqrt{R_1^2-a^2\sin^2\psi}-a\cos\psi\right]^2}},$$

где U_{CH}, U_{Ci} соответственно переменные передаточные отношения между сателлитом кулисного водила и сателлита ведущего звена.

На основании выражений (10) с учетом

$$\omega_H = \omega_1\left(1+\alpha^1\right) \qquad \text{и} \qquad \dot{\rho} = \frac{d\rho}{dt},$$

где $\alpha^1 = \frac{d\alpha}{d\psi}$,

получим обобщенную формулу для определения переменного передаточного отношения исследуемого механизма.

Передаточное отношение сателлит-кулисная пара:

$$U_{CH} = \frac{\sqrt{\left[\omega_1\left(1\pm\alpha^1\right)\rho\right]^2}}{r\omega_1\left(1\pm\alpha^1\right)},$$

(12)

Передаточное отношения сателлит-ведущее звено:

$$U_{Ci} = \frac{R_1}{r}\sqrt{\frac{\left[\omega_1\left(1\pm\alpha'\right)\rho\right]^2+\left[\rho\right]^2}{\left[\omega_1\left(1\pm\alpha'\right)\cdot\left(\rho-l\right)\right]^2+\left(\dot{\rho}\right)^2}},$$

(13)

где $\alpha' = \frac{\partial\alpha}{\partial\psi}$.

В случае постоянства длины водила и угла α из (12) и (13) получим формулу Виллиса. При учете постоянства угла «рассогласования» имеем следующую приближенную формулу для определения передаточного отношения:

$$U_{CH} = \frac{\sqrt{(\rho)^2+\left[d\rho/d\psi\right]^2}}{r},$$

$$U_{Ci} = \frac{R_1}{r}\sqrt{\frac{(\rho)^2 + [d\rho/d\psi]^2}{[\rho - l]^2 + [d\rho/d\psi]^2}}.$$

Вышеперечисленные основные кинематические зависимости исследуемого механизма позволяют решать вопросы кинематического, а в последующее динамического анализа и синтеза.

Рассмотрим вопрос о передаточной функции исследуемого класса механизма.

Проектируя геометрические параметры исследуемого механизма на координат OX и OY, получим (рис.2).

$$\sum_{i=1}^{i=n} X_i = 0 \qquad R_1 \cos\varphi_1 - (\rho - l)\cos\psi - a = 0,$$

(14)

$$\sum_{i=1}^{i=n} Y_i = 0 \qquad R_1 \sin\alpha_1 - (\rho - l)\sin\psi = 0.$$

Из уравнения (14) определим, что

$$\rho - l = \frac{R_1 \cos\psi - a}{\cos\psi} = \frac{R_1 \sin\psi_1}{\sin\psi},$$

(15)

или

$$F(\varphi_1, \psi) = R_1 \cos\varphi_1 - a\sin\psi - R_1 \sin\varphi_1 \cos\psi =$$
$$= R_1 \sin(\varphi_1 - \psi) - a\sin\psi.$$

(16)

Тогда полный дифференциал имеет вид

$$\frac{dF(\varphi_1, \psi)}{d\psi} = \frac{dF}{d\varphi_1} \cdot \frac{\partial\varphi_1}{\partial\varphi_1} + \frac{\partial F}{d\psi} \cdot \frac{\partial\psi}{d\varphi_1},$$

где

$$\Pi' = \frac{\partial\varphi_1}{\partial\varphi_1} \qquad \Pi' = \frac{\partial\psi}{\partial\varphi_1}$$

– передаточная функция кривошипа или

$$\Pi' = \frac{R_1 \cos(\varphi - \psi)}{R_1 \cos(\varphi_1 - \psi) - a\cos\psi}.$$

С учетом (16) передаточная функция равна

$$\Pi' = \frac{\partial\psi}{\partial\varphi_1} = \frac{\frac{\partial F}{\partial\varphi_1}}{\frac{\partial F}{\partial\varphi_1}}.$$

Тогда угловая скорость звена с учетом (15) и (16) равна

$$\omega_2 = \Pi'\omega_1 = \omega_1 \left[R_1 \cos(\varphi_1 - \psi)/(R_1 \cos(\varphi_1 - \psi) - a\cos\psi)\right]$$

.

Передаточная функция звена с учетом (16) имеет вид:

$$П'' = \frac{\frac{\partial^2 F}{\partial \varphi_1^2} + 2\frac{\partial^2 F}{\partial \varphi_1 \partial \psi} П' + \frac{\partial^2 F}{\partial \psi^2}(П')^2}{\frac{\partial F}{\partial \psi}},$$

(17)

где

$$\frac{\partial^2 F}{\partial \varphi_1^2} = -R_1 \sin(\varphi_1 - \psi), \qquad \frac{\partial^2 F}{\partial \varphi_1 \partial \psi} = R_1 \sin(\varphi_1 - \psi),$$

$$\frac{\partial^2 F}{\partial \psi^2} = R_1 \sin(\varphi_1 - \psi) + a \sin \varphi_1 .$$

(18)

Уравнение (17) с учетом (16) и (18) имеет вид

$$П'' = \frac{1}{R_1 \cos(\varphi_1 - \psi) - a\cos\psi} *$$
$$* \left[R_1 \sin(\varphi_1 - \psi) + 2R_1 \sin(\varphi_1 - \psi)\right] *$$
$$* \left[\frac{R_1 \cos(\varphi_1 - \psi)}{R_1 \cos(\varphi - \psi)} + a\cos\psi + R_1 \sin(\varphi_1 - \psi) + a\sin\psi\right] *$$
$$* \left[\frac{R_1 \cos(\varphi_1 - \psi)}{R_1 \cos(\varphi_1 - \psi) + a\cos\psi}\right]^2 .$$

Тогда угловое ускорение звена составного водила имеет вид

$$\varepsilon_2 = П''\omega_1^2 = \frac{\frac{\partial^2 F}{\partial \varphi_1^2} + 2\frac{\partial^2 F}{\partial \varphi_1 \partial \psi} П' + \frac{\partial^2 F}{\partial \psi^2}(П')^2}{\frac{dF}{d\psi}} \cdot \omega_1^2 .$$



Рис.2. Расчетная схема для определения передаточных функций:
1 – кривошип, 2 – кулиса, 3 – ползун, 4 – направляющий,
5 – пружина.

Переменное угловое ускорение составного водила (кулисной пары) необходимо при скалывании зубьев шпинделя хлопкоуборочных машин в коробочке хлопка. Анализ показывает, что с увеличением значений p, и q увеличивается значение безразмерной длины водила. График закономерности изменения переменной длины водила построен согласно уравнению:

$$S = \sqrt{1 - p^2 \sin^2 \psi} - p \cos \psi + q$$

и показано на рис 3. При этом безразмерные параметры p и q варьировались в пределах

$p = 0{,}1 \div 0.9, \quad q = 1;2$

```
p=(1:9)/10;
q=1;
psi=0:pi/100:2*pi;
[PSI,P]=meshgrid(psi,p);
S=sqrt(1-(p.*sin(PSI)).^2)-p.*cos(PSI)+q;
plot(psi,S); grid on
```

Анализ указывает на то, что с увеличением p и q наблюдается увеличение значения безразмерной длины водила.



Рис. 3. q=1. График изменения длины водила (виде безразмерного аналога) в зависимости от угла поворота водила.

В процессе кинематических и динамических исследовании предлагаемых приводных механизмов технических средств для уборки хлопка-сырца, чеканки растений и уборки стеблей хлопчатника и очистки зерноуборочных комбайнов было составлено системы кинематических нелинейных уравнений и получено основные кинематические параметры приводных механизмов.

ЛИТЕРАТУРА

1. Тилоев С.,Холмуротов Т.Р. и др. Малый патент РТ № 201 от 25.12.08. Бюл.№ 52 « Планитарный механизм»
2. Тилоев С.,Холмуротов Т.Р. и др. Малый патент РТ № 201 от 25.12.08. Бюл.№ 53 «Эпициплический механизм (двухступенчатый)»
3. Усманхаджаев, Х.Х. Планетарный фрикционный механизм с составным водилом [Текст] / Х.Х. Усманхаджаев, К.А. Каримов, С. Тилоев // Тезисы докладов III Всесоюзной конференции по инерционно-импульсным механизмам, приводам и устройствам [Текст]. –Челябинск, 1982. -С.123.

ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ БА ПАЙДОИШ ВА ПАҲНШАВИИ ЗАРАРРАСОНҲОИ СИТРУСӢ ВА МУБОРИЗА БАРЗИДДИ ОНҲО

Рукнидинов Ҷ. Қ.-
ходими калони илмии Стансияи таҷрибавии зироатҳои субтропикии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, Рукнидинов Қ.- дотсенти кафедраи биологияи умумии ДДБ ба номи Носири Хусрав, ҒафурзодаС.М.- омӯзгори кафедраи химияи органикии ДДБ ба номи Носири Хусрав

Дар мақола натиҷаҳои мухтасари мушоҳидаҳои бисёрсолаи дар Стансияи таҷрибавии зироатҳои субтропикии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ва баъзаи таҷрибавии «Табака»-и Институти боғутокпарварӣ ва сабзавоткории АИК ҶТ ва дар қитъаи таҷрибавии Институти ботаника, физиология ва генетикаи АИМ ҶТ. ва инчунин дар хоҷагиҳои ситруспарварии истеҳсолии водиҳои Вахшу Ҳисор оид ба намудҳои муайян кардаи шудаи зарарасонҳои ситрусӣ оварда шуда аст. Ташхиси адабиётҳои ба зараррасонҳои ситрусӣ бахшидаро гузаронида шудааст. Вобастагии тағйиёбии иқлим ба паҳншавии ва афзоиши зараррасонҳои ситрусӣ маълумот дода шуда аст. Қайд карда мешавад, ки тағйирёбии иқлим, дар водии Вахш бо баробари гармшавӣ, бе барф ё кам барф гузаштани зимистон, ҳам барои афзоиш ва инкишофи зараррасонҳои кӯҳнаи мавҷуд будаи хавфнок- сафедболак, сипарболак, ширинча, тортанакканаи сурх, киминаи ордмонад, гӯсоласарак, гамбусаки Саврӣ, трипси гармхонагӣ ва ғайраҳо, ҳам ба пайдоиш ва паҳншавии зараррасонҳои нави хатарнок куяи минагузорандаи ситрусӣ, каннаи сурхи сутрусӣ, каннаи нуқрагин шароити мусод офарид. Дар мақола инчунин намудҳои ҳамаи зараррасонҳое, дар давоми солҳои тӯлонии тадқиқот дар хоҷагиҳои ситруспарварӣ мушоҳида шуданд, муайян карда, таснифоти систематикии зараррасонҳо, хусусиятҳои биолого-экологӣ, роҳҳои афзоиш ва паҳншавии зараррасонҳои ситусӣ. Тарзи зист ва намуди зараррасонии зараррасонҳо ба растаниҳои ситрусӣ. Методҳои гуногуни мубориза бар зидди зараррасонҳо яъне методҳои -халкӣ, агротехникӣ, биологӣ, механикӣ ва дар ҳолати ногузори истифодаи барии методи муборизаи химиявиро тавия дода шудааст.

Калидвожаҳо: зараррасонҳо, ситрусӣ, зимистон, бебарф, нав, куя, канна, сурх, нуқрагин, кӯхна, сафедболак, сипарболак, ширинча, тортанаккана.

Ҳанӯз дар солҳои 50 уми асри XIX С.А. Загайний дар минтақаи субтропикии кишвари Краснодар 45 намуди зараррасонҳои ситрусиро ба қайд гирифта, ба сифати хатарноктарини онҳо-каннаи сурхи ситрусӣ, каннаи нуқрагин, сипарболаки ҷигарранг, кирминаи ордмонади ситрусиро дохил карда аст [4]. Дар ниҳолистони ситрусӣ зараррасонҳои

хояндаи решаи тагпайвандакҳо ва ҳашаротҳои маканда зарари калон мерасонад. Ба хояндахо: гӯсоласарак (ҷирбақа), кирминаҳои гамбусаки Саврӣ, совка, мӯрчаҳо мансубанд. Ба ҳашаротҳои маканда: сипарболак, кирмакчаҳо, ширинчахо, трипсҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд [2]. Дар шароити гулдон ба растаниҳои лиму бештар канаи сурх, сипарболак ва ширинчаҳо ҳуҷум мекунанд [1]. Дар шароити хона дар растаниҳои ситрусӣ аз ҳама бештар намудҳои гуногуни сипарболак, кирмакҳо ва тортанакканачаи сурх вомехӯранд [5]. Дар шароити Абхазия ба заррарасонҳои асосии ситрусӣ сафедболак, коксидҳо ва канаҳо мансуб мебошанд, ки онҳо ба растаниҳо зарари калон расонда, ҳатто онҳоро ба марг дучор менамоянд [6]. Дар шароити Осиёи Миёна бо дараҷаи баланд ба растаниҳои ситрусӣ зараррасонҳои дар алафхои бегонаи дар назди лимухонаҳои ҳандақи вохӯранда- кирминаҳо, софкаҳо, гамбусакҳои болиғ, малаххо, тукумшулукҳо зарар мерасонанд. Инчунин дар растаниҳои ситрусӣ кирмакҳои гуногун, сипарболак, канаҳои сурх ва нуқрагин, трипсҳо ва ширинча ба қайд гирифта шуданд [9]. Дар водии Ҳисор ва ҷанубии Тоҷикистон ба зараррасонҳои нисбатан васеъ паҳн гашта, сипарболаки қалбакӣ, сафедболаки ситрусӣ, ширинча ва гамбусаки Саврӣ мансуб мебошанд [10]. Сафедболак солҳои 70 уми асри XX дар водии Вахш мушоҳида шудааст. Кирминааш шираи баргро мемакад. Модинааш дар қисми поёни барг 60-170 дона тухм мегузорад. Бадъи як ҳафта аз тухмҳо кирминаҳо мебарояд. Зиреҳаки қалбакӣ: Кирмини ва ҳашароти модина шираи баргро мемакад. Модинааш андар як 100 дона тухм мегузорад. Ширинча аз осеби он баргҳои навруста чиркин шуда нӯги навдаҳо мехушкад [3]. Дар хоҷагихои ситруспарварии водии Вахш намудҳои сершумори зараррасонҳои ситрусӣ, аз он ҷума зараррасонҳои кӯҳна - сафедболаки ситрусӣ, сипарболаки қалбакӣ, ширинча ва гамбусаки Саврӣ мавҷуданд. Инчунин зараррасонҳои нав- куяи минагузорандаи ситрусӣ, пӯстхураки мандарин, тортанакканаи сурх, тортанакканаи муқаррарӣ, трипси гармхонагӣ, совка, малах, нармбадан, тукумшулук, мӯрча, муш, калламуш, ки ба тамоми навъи намудхои ситрусӣ сирояткунандаанд вомехӯранд [8]. Бори аввал дар хоҷагихои ситруспарварии водии Вахш пайдо шудани зараррасони хафнок- куяи минагузорада соли 2007 мушоҳида ва навиштаҷот кардашуданд [7]. Зараррасонҳои хатарноки аз хама навтарини водии Вахш канаи сурхи ситрусӣ ва канаи нуқрагинро соли 2018 Қ. Меликов, Қ.Рукнидинов, М. ва дигарон дар шуъдаи 6 -уми ноҳияи Ҷайҳун муайян намуданд.

Таснифти зараррасонҳо нишон дод, ки бештари зараррасонҳои хавфнок аз типи буғумпойҳо ба **синфи ҳашаротҳо ва тортанакшаклон** таалуқдоранд**.** Аз синфи хашаротхо намоянданони отрядҳои: баробарболон, ростболон, пулакчаболон ё ки шапаракҳо; сахтболон ва ё ин ки гамбусакҳо, пардаболон мансуб мебошанд. Аз отряди баробарболон- ширинча, сипарболаки қалбакӣ; аз ростболон – малах; чирчирак,

гусоласарак; аз бахмалболон трипси гармхонагӣ (типлисагӣ); аз пулакчаболон ё ки шапаракҳо-сафедболак, куяи минагузорандаи ситрусӣ; аз сахтболон ва ё ин ки гамбусакҳо- гамбусаки саврӣ, пӯстхӯраки мандарин; аз пардаболон- мурча мансубанд. Аз **синфи тортанакшаклон**, намояндагони отряди тортанаккана-тортанакканнаи сурх, тортанак-каннаи муқаррарӣ; отряди канна (Acari)- каннаи сурхи ситрусӣ, каннаи нуқрагин. Аз **типи нармбаданҳо**, синфи шикампойҳо, авлоди туқумшулуқ (тухумшулуқи ангур). Аз типи хордадорон, синфи ширхӯрон, отряди хояндаҳо (мӯш, каламӯш) ва ғайраҳо мансубанд. Дар замони муосир заррасонҳои хатарноктарин нав пайдошуданд ба нашъ намои растанӣ ва ҳосилнокии онҳо таъсири калони манфӣ мерасонанд, ба онҳо: куяи минагузорандаи ситрусӣ, ки аз соли 2007 дар хоҷагиҳои лимупарварии водии Вахш мушоҳида шуданд Рукнидинов Қ, Рукнидинов С.Қ., Разоқова Ф (2014); Каннаи сурхи ситрусӣ ва каннаи нуқрагин соли 2018 Рукнидинов Қ. Меликов Қ., Атабеков М. дар шъудаи 6 -уми ноҳияи Ҷайҳун муайян намуданд.

Куяи минагузорандаи ситрусӣ – Phyllocnistis citrella St. Шапараки рӯшноӣ ва гармидӯсти пайдоишаш аз Осиёи Марказӣ (Хитой) тасодуфан аз Осиё ба Африка, Австралия ва Америка паҳн гардидааст. Соли 1999 дар Абхазия ва соли 2007 дар хоҷагиҳои ситруспарварии водии Вахш ва Ҳисор пайдошавии он мушоҳида шуданд. Шапарак дар як сол то 6 маротиба тухм мегузорад. Тухмро асосан дар муғҷаи барг ва ё раги марказии барг мегузорад. Кирминаи аз тухм баромадаи он ба дохили барг ворид шуда, ҳуҷайраҳои паренхимии баргро мехӯранд ва дар роҳи хӯрдааш минаҳои берангро ҳосил менамояд. Ранги кирминаашон ба ранги барг монанд буда, мушоҳида намудани он беҳад мушкил аст. Баргҳои сироятёфта ғуҷум, ҷинҷ ва печутоб мехӯранд. Дар давраи зочагиаш аз ҳаракат мемонад, зочаи онро дар вақти кушодани пиллаашон бо чашм дидан мумкин аст. Кирминаи онҳо аз давраи аввали оғозёбии сабзиши навдаҳои давраи дуюми навдаҳо, яъне аз аввали моҳи июн то охири тирамоҳ зарар мерасонанд. Сабзиш ва нашъунамои баргу навдаҳоро боз медоранд. Ҷои зарардидаи барги растанӣ қоқ мешавад ва мерезад. Инкишофи як насли он 30-40 рӯз давом мекунад. Чораи мубориза: Сари вақт барг ва навдаҳои сироятёфтаро канда ва ё бурида, онҳоро дар ҷои махсус сӯзондан лозим аст. Гузаронидани коркарди химиявӣ бо 0,015% заҳрхимикати Би 58 нав гузаронидан лозим аст. Ҳавои лимухонаро бисёртар хунук нигоҳ доштан лозим. Тухм ва кирминаашон дар ҳавои хунук нобуд мешаванд.

Каннаи сурхи сутрусӣ (Metatetranychus citri Meg.). Бадани канаи болиғ барҷаста буда, аз калаву қафаси сина, шикам ва чор ҷуфт пой иборат аст. Андозаи баданашон 0,3-0,4 мм, ранги фарди модинаашон сурхи сиёҳтоб, андозаи наринаашон нибатан майда буда, ранги сурхи равшан дорад. Типи аппарти даҳониашон маканда мебошад. Канна дар ҳамаи давраҳои инкишофашон аз зимистон бе осеб мебарояд. Дар тарафхои

поён ва болои барг дар назди рагҳои асоси 60 донаги токa тухм мегузорад. Базан дар тамоми қисми поёни барг, гоҳе тухми онҳоро дар навдахо ва меваҳо дидан мумкинаст. Шакли тухмашон кулула рангаш сурх, баъд зард шуда, пеш аз кафиданашон боз сурхчатоб мешавад. Дар давраи тобистон инкишофи тухмашон 6-8 рӯз давом мекунад. Ранги кирминахои нав таваллуд шуда зарди сурхчатоб, се чуфт пой дорад. Баъди пӯст партофтан кирминааш ба нимфаи чор чуфт пойдор табдил меёбад. Нифа ба каннаи болиғ табдил меёбад. Дар фасли тобистон дар давоми 14-18 рӯз аз тухми баромада то ба каннаи пурраи болиғ мерасад. Модинааш дар тобистон 25-35 рӯз, дар зимистон 50-100 рӯз умур мебинад. Канна дар як сол то 10 маротиба насл мегузорад. Барои сураъти инкишофи канна ҳарорати муҳит таъсири калон мерасонад. Дар ҳарорати 5-14 градус барои аз тухми то бо каннаи болиғ расидан 90-134 рӯз давом мекунад. Дар ҳамаи даврахои инкишофаш гайр аз тухми дигар аз моҳи июн зарари ҷиддӣ мерасонанд. Онҳо бо галаи калон дар барг ва мева пайдо шуда шарбати онҳоро мемаканд. Аввал ранги баргҳои сироят ёфта сафедранг баъд зард шуда мерезанд, дар меваи сироятёфта пӯсти мева ранги занг зада барин шуда, сифати мева безеб ва бозор ногузар мегардад. **Мубориза**: барои нобуд намудани каннаи сурхи ситрусӣ, мунтазам бо омехтаи бо тарзи обҷӯш тайёркарда шудаи охаку сулфур (ИСО) коркард гузаронидан ё бо хокаи сулфур (олтин гугирт) чанг кардан лозим. Коркардро як чанд маротиба такрор намудан лозим, чунки бо тухми он захр таъсир намерасонад. Бо маҳлули 1% -и ИСО дар давоми вегетатсияи растаниҳо се маротиба: коркарди якум то оғози муғҷабанди дар моҳи феврал; дуюм дар нимаи аввали моҳи июн ; сеюм моххои август, сентябр гузаронида мешавад. Дар вақти бисёр будани канна дар ҳар як муҳлати коркард 2 маротибагӣ дар июн дар фосилаи 5-7 рӯз, август сентябр дар фосилаи 10-12 рӯз гузаронида мешавад. Дар тобистни гарм бо сулфур чанг кардан мункин аст. Ғайр аз дорухои сулфурдор коркардро бо махлули 0,2-0,3 % анабазин сулфат бо иловаи 1% собуни либосшуӣ, яъне ба 10 литр об 20-30 г анабазин- сулфат ва 100 г собун. Инчунин гузаронидани коркард бо эмулсияи 1% минирало-равғанӣ, ки барои сипарак истифда бурда мешавад борои нобудкардани канна низ самараи хуб медиҳад.

Каннаи нуқрагин (Phyllocoptes oleivorus Ashm.). Ранги каннаи нукрагин зарди равшан буда, шакли баданаш дарозаки семаротиба дарозтар назар ба васеъгии бадани худ мебошад. Баданаш аз сару қафаси сина, шиками ақибаш борик шуда иборат мебошад. Дар ақиби шикамаш ду риштаи ба дум монад дорад. Андозаи канна бисёр майда ба ҳисоби миёна 0,12 мм (вай дар зери лупа ба монанди тире намоён мешавад). Ду ҷуфт пой дорад, ғайр аз пойҳо барои ҳаракати кардани онҳо 2 дон палачаи дар сегменти охирини шикамаш ҷойгиршуда ёрӣ мерасонад. Аппарати даҳонии канна сихзада маканда мебошад. Фардҳои болиғи канна дар зери пулакчаҳои муғҷаи барг зимистонро аз сар мегузаронад. Микдори зиёди

каннаҳо дар зимистон вобаста ба шароити метеорологӣ нобуд мешаванд. Бо баробари оғози давраи вегетатсияи растаниҳои лиму канна аз зери пулакча баромада ба навдаҳои нав сабзанда ва думчаки барг мегузарад. Бо баробари ҳосилшавии аввалин муғҷа канна ба тухмгузори шурӯъ менамояд. Каннаи нукрагин бо роҳи партенокарпӣ бе бордошавӣ афзоиш меёбанд. Модинааш ба намуди занҷир то 25 дона дар руйи барг, мева ва навдахои нав тухм мегузорад. Ранги тухмашон шаффоф, сафед, кулула, вобаста ба ҳарорат тухмашон дар давоми 4-5 рӯз инкишоф меёбад. Кирминахои пайдошуда ду маротиба пӯст партофта болиғ мешаванд. Кирминаи онхо аз фарди болиғ бо андоза ва ранги нисбатан пасташон фарқ мекунанд. Давомнокии инкишофи як наслашон 7-10 рӯз, фарди болигашон 20 рӯз умур мебинад. Дар давоми сол каннаи нуқрагин то 14 маротиба насл мегузорад. Онҳо бофтахои растаниро нешзада, сурох намуда шарбати хучайраро мемаканд, барг, мева ва навдаҳои навро захмин менамоянд. Хусусан, ҷойи сурохшудаи пардаи мева ранги зангзадаги барин шуда, ҷигарранг, ғафс , сахт, аз сабзиш боздошта мешавад. Меваҳои осебдида нисбатан аз меъёр майда, хушк ва нигоҳдошташавиаш суст мешаванд. Барг ҳамворӣ ва ҷилоҳӣ худро гум карда дағал, нуқта-нуқта (пунктировка) ҳосил менамояд. Дар вақти бисёр сироятёбии барг аз тарафи поён ва болояш ранги бринҷи хосил менамояд. Дар вақти дар барг аз баҳор сироят кардан, барг ба андозаи муътадил инкишоф намёбад. Дар вақти сироят намудани навдаи сабз пӯсти он ҷигарранг мешавад. Каннаи нуқрагин объекти карантинӣ мебошад. Чорабиниҳои карантинӣ:

1. Ҳатман маводҳои навнихолҳоро пеш аз ба фуруш баровардан безарар гардондан лозим.

2. Дар давоми вегетатсия мунтазам гузаронидани назорати ниҳолҳои нав шинондашуда.

3. Бе ичозати инспексияи карантинӣ меваҳоро ба фурӯш баровардан иҷозат дода намешавад.

Мубориза: омили беҳтарини мубориза барзидди каннаи нуқрагин истифодаи доруҳои дар таркибашон сулфурдор (олтингугиртдор) мебошанд. Дар давраи вегетатсия се маротиба бо ИСО дар давраҳои зерин коркард гузаронидан лозим аст: 1. Дар охири апрел, аввали май хангоми аз зимистон гузарони пайдошавии канна; 2. Дар нимаи аввали мохи июн хангоми ба мева гузариши канна: 3. Дар охири август ва аввали сентябр дар давраи гузаштани канна ба навдаи навсабзанда. Дар мавриди зарурӣ дар давра коркардро ду бора дар моҳи апрел – сентябр дар фосилаи 10-12 рӯз, дар моҳи июн дар фосилаи 5-7 рӯз бо дозаи, ки барои каннаи сурхи ситрусӣ нишондода коркард гузаронида мешавад. Дар рӯзҳои гарм ба ҷаи ИСО бо хокаи сулфур чанг кардан ивазкардан мункин аст. Асосан сулфури рангаш зардро бо меъёри 50-400 г, хокаи слфурро бо меъёри 25-200 г ба як дарахт вобаста аз синну соли дарахт тақсим карда мешавад. Ба муқобили

каннаи нуқрагин инчуни фумигатсия бо кислотаи синил дар даврахои баҳору тирамоҳ гузаронида мешавад.

Тортанакканнаи сурх-Panonychus citri тортанакчаи андозааш 0,3- 0,4 мм бе ниҳоят майда ва ба чашм ноаён, дар баргҳо, навдаҳо, меваҳо, хусусан, дар қисми поёни барг вомехӯранд ва шираи онҳоро макида зарар мерасонанд. Аз рӯи зараррасонӣ баъди сипарболаки қалбакӣ дар ҷои дуюм меистад. Ҳазорҳо дона тухм мегузоранд, тухми онҳо метавонад дар ашёҳои (предметҳои) атрофи растанӣ нигоҳ дошта шуда, дар вақти ба рӯйи барг афтодани тухмашон кирминаашон аз тухм мебароянд. Дар вақти мушоҳида намудани он ҳатман чора дидан лозим аст. Баъди тоза кардан дар давоми ду сол назорати профлактикии растаниҳоро гузаронидан лозим аст. Чораи мубориза: Растаниҳоро бо маҳлули 2% собун ва бо эмулсияи равғанӣ коркард гузаронидан лозим аст, баъди як ҳафта такроран коркард гузаронида мешавад. Дар вақти коркард ба қисми поёни барг аҳмият додан лозим аст. Агар коркарди маҳлули собунӣ ёрӣ нарасонда бошад, растаниро бо инсектисидҳо, акарисидҳо коркард гузаронидан лозим меояд. Коркардро 3 маротиба дар фосилаи 10-15 рӯз такрор кардан лозим аст.

Сафедболаки ситрусӣ (Dialeurodes citri) - ба отряди Homoptefa, зеротряди Aleyrodinea мансубаст. Намуди сафедболак шаклҳои гуногунро дарбар мегирад. Бештар шаклҳои сафедболакҳои ситрусӣ, гармхонагӣ, қулфинайӣ васеъ паҳн шудаанд. Сафедболаки ситрусӣ дар Япония, Хитой, Хиндустон, Америка, Кавказ паҳн гаштааст, дар водии Вахш дар охири соли 70 уми асри XX пайдо шудааст. Андозаи фарди болиғи он майда, куямонанди сафеди зардчатоб, болҳояш сафед, ҳар чори болҳояш бо ранги сафеди чангмонанд пӯшида шудааст, гӯё ба он орд пошида шуда бошанд. Ранги кирминааш кабудчатоб ва дар поёнии барг мушоҳида мешавад. Сафедболак дар давоми сол якчанд маротиба тухм мегузорад. Кирминаи насли якумашон устувор буда, минбаъдинаашон ноустуворанд. Фарди модинааш то 200 дона тухм мегузорад ва дар як сол якчанд маротиба тухм мегузорад, тухмро асосан дар қисми поёнии барг мегузорад. Кирмина ва шапараки болиғ асосан шарбати растаниро макида, нашунамои растаниро суст менамоянд. Хусусан, дар давраи гул ва сабзиши навбатии навдаҳо растаниҳоро сироят мекунанд ва моеъи беранги часпак ҷудо менамоянд, дар болои моеъи ҷудокардаи онҳо замбуруғи пупанак инкишоф меёбанд. Дар натиҷа фаъолияти фотосинтези барг суст ва сифати мева паст мешавад. Баргҳои сахт осебёфта зард шуда мерезанд. Аз ин зараррасон наҷот додани растаниҳо бениҳоят мушкил аст. Фарди болиғи он бениҳоят устуворанд. Барои кам кардани шумораи онҳо ба атрофи растаниҳо лентахои часпак (лепучкаҳо)-ро кашидан, растаниро бисёртар бо оби тоза шустан, ҳарорати лимухонаро паст кардан, бисёртар онро шамол додан лозим аст, ки он афзоиши сафедболакҳоро суст менамояд. Барои мубориза бурдан бар

зидди сафедболак инчунин тарзи муборизаи халқии зеринро истифода бурдан лозим аст: 1) 40 г махоркаро ба ҳисоби 1 л оби гарм рехта 2 шабона рӯз нигоҳ дошта такшин намуда ба он 10 г собуни хоҷагиро ҳамроҳ намуда, бо ин омехта растаниро коркард гузаронида, баъди 6-8 соат растаниҳоро бо оби тоза шустан лозим аст. Ин омехтаро инчунин барои нобуд кардани дигар зараррасонҳо ширинча ва тортанакканаҳо истифода бурдан тавсиядода мешавад; 2). Тайёр намудани маҳлули ишқорӣ бо хокистари ҳезум: бо таносуби 20 г хокистар бо 50 г собуни хоҷагӣ ҳамроҳ намуда, ба он 10 л оби гарм рехта, нағз омехта намуда коркард гузаронидан ба мақсад мувофиқаст.

Ширинча-ҳашарот ба оилаи Aphididae отряди баробарболони халтумдор мансуб буда, зиёда аз 200 намуди гуногунро дарбар мегирад, рангашон сабз, сиёҳ, кабуд ва сурх, болдори парвозкунанда ва беболанд. Андоза-ашон майда, нозук, ба шакли галагӣ, хусусан, дар навдаҳои наву ҷавон вомехӯранд ва шарбати бофтаҳои ҷавонро мемаканд, шакли баргро тағйир медиҳад, яъне дигаргун (деформатсия) менамояд ва нӯги навдаро кач баъзан навдаҳои навро бурида мерезонанд. Бештари ширинчаҳо дар охири баданашон моддаи ширин ба намуди қатрачаҳои асалмонанд ҷудо карда, баргро часпак менамоянд ва ба он мурчаҳо барои истеъмол намудани ин модда ҷамъ меоянд, вале онҳо ширинчаҳоро нобуд намекунанд. Ширинча на фақат нашъунамои растаниҳоро суст менамояд, инчунин касалиҳои вирусиро ба вуҷуд меоварад. Ширинча дар давоми сол аз 14 то 20 насл мегузорад. Аз ширинчаҳо, ширинчаи карам (Brevicoryne brassicae) васеъ паҳншуда мебошад. Дарозии баданашон 2 мм, кабудчатоб, бо муми зарди сафедчатоб пӯшонда шудааст. Фардҳои наринаашон болдор мебошанд. **Мубориза**: барои нобуд намудани ширинча муборизаи механикӣ, яъне ба даст маҷаҳ кардан, агар бо даст нобуд карда нашавад бо заҳрхимикатҳо ғайр аз акарисид коркард гузарондан лозим аст. Бештар растании бо ширинча сироятёфта бо маҳлули (30 г собун дар 1 л об) собуни либосшӯӣ аз ду тарафи баргҳо шустан лозим аст, то ки оби собун ба бофтаҳои барг ҷабида шуда, инчунин бар зидди ширинча бо усули халқӣ, бо истифода бурдани маҳлули аз барги помидор тайёр кардашуда бо таври зерин коркард гузаронидан лозим аст. Бо маҳлул 40 г тамоку ё махорка 1л об рехта дар давоми 1 шабонарӯз нигоҳ дошта, сипас онҳоро ҷӯшонида пеш аз гузаронидани коркард ба онҳо боз 1 л оби дигар ҳамроҳ намуда коркард мегузаронанд. Миқдори зиёди ширинча асосан дар қисми таги барг ҷамъ мешавад. Маҳлули бо ин усул аз тамоку ва собун тайёркардашуда барои тоза намудани растаниҳо аз дигар зараррасонҳо – сафедболак низ истифода бурдан мумкин аст.

Гусоласарак (Медведка Gryitotalpa gryllotalpa L.). Отряди ростболон, дарозии баданашон 35-50 мм. Зерболашон кӯтоҳ. Пойҳои пешашон қапанда. Асосан дар ҷойҳои пасти намнок, инчунин дар қитъаҳои обёришаванда умр ба сар мебаранд. Модинаашон дар чуқурии

10-20 см лонача гузошта аз 100 то 500 дона тухм мегузорад. Давраи ҷаниниашон 10-15 рӯз давом мекунад. Давраи кирминаашон 6 синну солро дарбар мегирад. Гусоласараки генератсияи дусола, тухмиҳои кишт карда шуда ва қаламчаҳои дар парвардахона шинондашуда ва ниҳолҳои дар ниҳолистон ва ҷойи доимӣ шинондашудаи лимуро сироят менамоянд. Пояҳои ниҳолчаҳоро мехоянд. **Чора ва мубориза** бар зидди гусоласарак: Атрофи парвардахона (парник)-ро чуқур шудгор кардан, бештар нарм кардани қитъа, дар натиҷаи шудгор ва нармкунӣ роҳҳои гусоласарак вайрон кардашуда, шароити аз зимистон баромадани онҳо душвор мешаванд. Дар муҳити пӯшидашаванда бо маҳлули 80% и хлорофоси техникӣ ва ё суспензӣ (0,8-1,5кг/га) коркард гузаронидан лозим аст. **Тортанакканнаи муқаррарӣ:** бандпойи майдаи маканда, андозаашон 0,3- 0,5 мм, дар вақти бениҳоят хушк ва гарм будани ҳаво дар байни буғумҳои баргу поя ва қисми поёнии барг пайдо мешаванд. Дар натиҷаи сироят ёфтани растанӣ бо ин зараррасон баргҳо, муғҷаҳо ва меваҳои растанӣ пажмурда шуда мерезанд. Фарди модинаашон дар тобистон 10 маротиба то 150 донагӣ тухм мегузорад. Дар вақти номусоид будани ҳаво фарди модина дар ҷои паноҳӣ: ба таги хок, дар таги баргҳои рехта, ҷои кафидаи деворҳо ва страпилҳо пинҳон шуда, давраи оромии хобро мегузаронад. Ҳангоми мусоид шудани ҳаво тортанакканнаҳо боз ба ҳуҷум гузашта, аввал шарбати баргу навдаҳои навро мемаканд, баъд ба қисмҳои дигари барг мегузаранд. Аввал дар қисми поёни баргҳои кӯҳна нуқтачаҳои ҷилодиҳанда, ки нуқтаҳои ба монанди сихзадашуда, ки дар натиҷаи макидани тортанакканна пайдо мешаванд, баъд дар рӯи барги сироятёфта нуқтачаҳо ва доғчаҳои зарди сафедчаранг пайдо мешавад. Ранги барг зард шуда печутоб мехӯрад ва қоқ шуда мерезад. Чорабиниҳои мубориза: гузаронидани коркарди профлактикаи растанӣ бо эмулсияи 2% равғанӣ, дар давоми ду ҳафта як маротиба растаниро бо маҳлули собуноба шӯста, дар мавриди ёрӣ нарасонидани он, растаниро бо инсектисидҳо ва акарисидҳо коркард гузаронидан лозим аст. Усули самарабахштарини мубориза бо хамираи 35% сулфамид 10 г/л аз 3 то 5 маротиба коркард гузаронида мешаванд. Дар вақти гузаронидани коркард бо заҳрхимикатҳо ба қоидаҳои зерин риоя намудан лозим аст:

1) Аввал заҳрхимикатҳо дар 2-3 растании алоҳида санҷида мешаванд, агар дар байни 1-2 шабонарӯз дар барги растанӣ сӯхтани ҷойҳои алоҳидаи он мушоҳида нашавад, баъд коркард гузаронида мешавад;

2) Коркарди растанӣ дар давраи шукуфтани гул ва даврaҳои аввали ғурабандӣ 1,5 моҳ пеш аз оғоз ёфтани пухтани мева гузаронидани коркард манъ аст.

Дар вақти бисёр сироят ёфтани растанӣ бо маҳлули 0,15% (1-2 мл/л об) актеллика коркард гузаронида мешавад. Дар вақти шароити номусоид модинаи он ба зери хок, зери баргҳои афтода пинҳон мешавад ва равандҳои ҳаёти он боз дошта мешавад. Гӯё давраи хобро аз сар

мегузаронад. Дар вақти мусоид шудани шароит каначаҳо боз ҳуҷумро оғоз медиҳанд ва ба растанӣ зарари калон мерасонанд. Аломатҳои сирояти он: аввал дар қисми поёнии барг аз таъсири макидани шарбати барг аз тарафи онҳо нуқтачаҳои сафедчатоб пайдо шуда, баъд қисми рӯйи барги сироятёфтаро доғҳои зардчатоб иҳота менамояд. Баргҳои ҷавон печу тоб хӯрда, инкишофи растаниҳо суст мешаванд. Баргҳо рехта, навдаҳо луч мешавад ва ҳосилнокии растанӣ кам мешавад. Усулҳои мубориза: растаниро хусусан, аз қисми поёнии барг бо оби тоза ва ё бо собуноба бисёртар шуста ва мунтазам шамолдиҳии лимухона инкишофи тортанакро суст ва қатъ мегардонад. Растаниро бо лампочкаи ултрабунафш таъсир расонидан нафақат тортанакро кам мекунад, инчунин муқовимати устувори растаниро бар зидди бисёр касалиҳо пурзур менамояд. Агар тортанакканнаҳо васеъ паҳн шуда бошанд, воситаҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст: 1) Маҳлули аз пиёзи шулхагӣ, қуқу, палаки картошка ва помидор тайёр кардаро истифода мебаранд. 2) Маҳлули алафи ҳазорбаргак (тысячелистник) 10 қошуқи ошхонагӣ, алафи қоққардашударо бо як литр оби ҷӯш рехта дар давоми як шабонарӯз нигоҳ дошта бо растанӣ коркард гузаронидан лозим. 3) Маҳлули сирпиёз 100 г паллачаҳои сирпиёзро аз асбоби майдакунак гузаронида, ба он 1 литр об ҳамроҳ намуда, маҳлулро дар давоми 4 шабонарӯз нигоҳ медоранд. Барои коркард омехтаи маҳлул (50 г концентрати тайёркардашуда ба 1 л об ҳамроҳ карда шударо) истифода бурда мешаванд. Баъди 2 соати гузаронидани коркард растаниро бо оби тоза шустан лозим аст.

Трипси Теплисагӣ – Thysanoptera . Намуди зоҳирии трипс дар рӯйи барги растанӣ гӯё аломати тире (тарҳ)-и сиёҳ гузошташуда монанд буда, дар вақти ба он ягон чизро наздик кардан тез ғайб мезанад. Андозаи дарозии фарди болиғи он 1,5-2 мм буда, ду ҷуфт пардаболи мӯяки дарози сиёҳранг ва ё ҷигарранг дорад. Ин зараррасон аз Америкаи ҷанубӣ ба Европа, Россия ва Осиёи Миёна паҳнгашта аст. Вале иқлими зимистони хунуки Россия ба инкишофи он монеагӣ менамояд, аммо дар шароити гармхона зимистонро бо муваффақият мегузаронад. Бинобар он ӯро дар Россия трипси гармхонагӣ (Теплисагӣ) меноманд. Трипс ҳашароти маканда буда, шарбати растанӣ, гардон ва гарди онро мемакад. Хусусан, растаниҳои мехчагул, садбарг, помидор, қулфинай, олу, ситрусӣ ва дигарҳоро бисёр дӯст медорад. Трипс дар бофтаи растанӣ тухм мегузорад. Кирминаи он баъди 8-10 рӯзи тухмгузорӣ аз тухм мебарояд, ранги он бештар ба муҳити зисташон вобаста мебошад. Дар ҳавои намнок ранги фарди наринаашон нисбатан сиёҳ мешавад. Трипс қобилияти парвозкунӣ ва сирояткунандаи вирусҳоро дорад. Дар ҳавои хушку гарм нағз афзоиш меёбад. Аломати сирояткунии он дар рӯи гул доғҳоро пайдо намуда, шакли гулро тағйир (диформатсия) медиҳад. Дар барг нуқтачаҳои сершумори равшан пайдо мешаванд, сипас барг беранг шуда мерезад ва

сабзиши растанӣ боз дошта мешавад. Мубориза бар зидди трипс бо оби тоза бисётар шустан, бо инсектисидҳо 2- 3 маротиба дар фосилаи 15 рӯз коркард гузаронида мешавад. Муборизаи биологии триписро бо ёрии тортанаки дарранда нобуд кардан мебошад.

Малахи мавсимӣ (Перелетная саранча Locusta migraloria L.). Рангаш бури, сабз ё ин ки зарди сабзранг буда, дарозии баданашон аз 25 то 55 мм. Андозаи фарди модинааш назар ба наринааш калонтар аст. Афзоиши пуравҷи онҳо фақат баъди тобистони гарму хушк дида мешаванд. Малахи Мароканӣ (Dociostarus maroc-canus Thubg.) Дарозии баданашон 20- 38 мм. Дар пеши сараш чуқуракҳои сиёҳи васеъ дорад. Дар тахтапӯшти пешаш расми чиликмонанди равшани бе шохаи паҳлӯӣ аст. Зерболаш то ба шикамаш мерасад, болҳояш шаффоф. Модина дар нимаи дуюми тобистон тухмро дар хок мемонад. Онҳо луоби махсус бароварда, тухмро бо заррачаҳои хок часпонда, кӯзача ҳосил менамоянд. Аз тухмҳо баҳор дар моҳи март кирмина мебарояд. Баҳор кирминаи шакли кирм доштаашон тез пӯст партофта ба кирминаи синни 1 табдил меёбанд. Чунин тарзи пӯстпартоиро пӯстпартоии фосилавӣ меноманд, ки намуди зоҳириашон ба фардҳои болиғ монанд буда, фарқияташон аз фардҳои болиғ дар он мебошад, андозаашон майда ва бе боланд. Дар давоми 50-60 рӯз баъди пӯстпартоии панҷум кирминаашон ба фарди болиғ табдил меёбанд. Онҳо асосан баргҳои ҷавони ситрусиро хӯрда ба растани зарар мерасонанд. Мубориза бар зидди малах: 1) Растаниро бо маҳлули иборат аз кабудии Парижӣ 25г бо миқдори дучандаи (50 г) оҳаки ношукфта ба 10 литр об тайёр кардашуда коркард мегузаронанд.

2) Пошидани хӯрокаи заҳрдор (ба 16 кг аррамайда, пору, кунҷора 300-400 г натрии маргимӯши туруш ва 5- 15литр об ҳамроҳ карда шуда) дар вақти пайдошудани кирминаҳои ҷавон коркард мегузаронанд. Ба майдони як гектар 10-12 кг хӯрокаи захрнокро мепошанд.

Пӯстхӯраки мандарин (Hypothenemus aspericollis Woll.) Гамбусакчаи майдаи рангаш сиёҳу бури рӯйи болоболакаш бо пулакчаҳои сафеди рост пӯшидашуда, ранги мӯйлаб ва пойҳояш зарданд. Фарди модинаашон болдор, наринааш бе бол мебошад. Андозаи модинааш 0,7 – 1,0 мм, наринааш нисбатан то 2 маротиба майдатар аст. Модинаашон моҳи апрел парвоз мекунанд ва ба пӯсти дарахтон тухм мегузоранд. Баъди якчанд рӯз аз тухм кирминаи майдаи сафеди бе пой мебарояд, ки он бофтаҳои пӯсти растаниро хӯрда, дар пӯст ба самтҳои гуногун роҳҳо ҳосил мекунад. Роҳҳои дар натиҷаи пӯст хӯрдан ҳосил кардаашон то минтақаи ҳалқаи солона-камбия расида алоқаи реша ва қисми болоии растаниро аз ҳам ҷудо месозанд. Ҷойҳои зараррасидаи пӯст мекафад ва хушк шуда мерезад ё дар ҷояш нигоҳ дошта мешавад. Пӯсти пояи ниҳолҳои ҷавон ва навдаҳоро мехӯрад. Роҳҳои аввалаашон мавҷмонанд ба самтҳои рост ва бар равон шуда, андозаи васегии роҳашон 0,4- 0,5 мм, дарозиашон 1-3 см аст. Роҳҳои кирминаашон самти муайян надоранд, бештари вақтҳо роҳҳои

модариро бурида гузашта расми тортанакмонандро ҳосил менамоянд. Шох ва навдаҳои растанӣ аз таъсири пӯстхӯрак осеб ёфта суст шуда, ба ҳалокат мерасад. Пӯстхӯраки мандарин бо роҳҳои парвоз кардан, инчунин бо ниҳолчаҳои сироятёфта, маводҳои аловӣ, ҳезум, чӯб, шох ва ғайраҳо паҳн мешаванд. Дар давоми як сол пӯстхӯраки мандарин ду бор: дар охири август- аввали сентябр тухм мегузорад. Аз тухм гамбусакчаҳои насли нав пайдо мешаванд. Мубориза бар зидди он:1) Тоза кардани пӯстлохи кӯҳнаи бо пӯстхӯрак сироятёфта ва дар аввали моҳи апрел пеш аз тухмгузории онҳо поя ва шохаҳои скелети растаниҳоро бо оҳак сафед кардан лозим аст. 2) Шохҳои зарардидаро бурида нобуд намудан. 3) Ҳамаи қисмҳои аз таъсири хунукӣ ва дигар зараррасонҳо осебдида ва хушкшудаи растаниҳо бурида нобуд карда мешаванд. 4) Баҳори барвақт ва дар моҳи август то пайдошавии гамбусакчаҳо қайчӣ намудани шоху навдаҳои сироятёфта ва минбад нобуд намудани онҳо ва асосан бо оҳак сафед кардани поя ва асоси шохаҳои скелетиро дар бар мегиранд.

Гамбусаки Саврӣ (**Хрущ восточный-Melolontha hippocastani F.)** Ба қатори Сахтболон Зерқатори гамбусакҳои ҳамахӯр, оилаи лавҳамӯйлабҳо мансуб мебошад. Дарозии бадани гамбусак 20-30 мм, зерболаш сурхи бури, қафаси сина ва шикамашон сиёҳ, қисми қафои баданашон борикаст. Дарозии кирминаашон то 60 мм, сафедранги ҳарфи С- монанд. Гамбусаки Саврии моҳи май дар ҳама ҷойҳо васеъ паҳн мегарданд. Гамбусак ва кирминаашон зимистонро дар зери замин дар чуқурии то 150 см мегузаронанд. Инкишофи як наслашон 4-5 сол давом мекунад. Гамбусакҳояшон дар моҳи май- июн парвоз мекунанд. Модинаашон дар хок тухм мегузоранд. Асосан, кирминаҳои калон дар давоми сол решаҳои растаниҳои ҷавонро хӯрда, зарари ҷиддӣ мерасонанд. Мубориза бар зидди онҳо: Ба замин 5 гр гексахлоранро пошида заминро чаппа менамоянд. Дар вақти шинондани ниҳол ба хоке, ки аз даруни чуқуракҳо бароварда шуда, 5 гр гексахлоранро якҷоя бо миқдори 4-5 кг поруи пӯсида, 50 гр суперфосфат омехта намуда, дар вақти шинондани растаниҳо истифода менамоянд.

Тӯқумшуллуки токхӯр Helix pomatia ба синфи шикампойҳо, зерсинфи нармбаданҳои шушдор мансубаст. Баданашон то 6-8 см буда, дар тарафи пушташ гушмоҳии спиралӣ дорад. Андозаи он то 5 см буда, сари тукумшуллук хуб намудор аст, ду ҷуфт мӯйлаб дорад, ки як ҷуфти он вазифаи ламсро, ҷуфти дигари он дар нӯги чашм ҷойгир шудааст ва вазифаи босираро иҷро мекунад. Баданашон бо луоб пӯшонда шудааст, ки он ба нармбадан имконият медиҳад, ки ҳатто ба самти вертикалӣ ҳаракат намояд. Туқумшуллукҳо ҳайвони дуҷинса, ҳар як фарди онҳо аломати хунсоӣ дорад, вале барои афзоиш намудан ҳатман ҷуфт шуданашон шарт аст. Ҳамаи фардҳои ба синни балоғат расида дар зери ашёҳои гуногун ва ё дар чуқурии 5-8 см зери хок тухм мегузорад. Дар мавсим 2 маротиба насл мегузорад. Дар ҳамаи давраҳои инкишофашон намнокии баланд

мусоидат менамояд. Афзоиши пуравҷи онҳо дар солҳои серборон дида мешавад. Туқумшуллукҳо асосан шабона ва ё рӯзона дар ҳавои абрнок хӯрок мехӯранд. Дар вақти хурокхӯрӣ онҳо забони тарошакдори шохаи пардагии дандони сершумори ба самти ақиб нигаронда шудаашонро бароварда, бо тарошакашон пусти растаниро тарошида сӯрох карда мехӯранд. Ғайр аз он дар ҷои захмишудаи растанӣ луоби ҷудо намудаи онҳо ба намуди пардаҳои қоқшуда намоён мемонанд. Аз рӯйи тарзи зарари расондаашон нармбаданҳоро ба намуди зараррасонҳои хойянда дохил кардан мумкин аст, зеро ки аппарати даҳонии онҳо барои тарошидан мутобиқ шудааст. Туқумшуллук, асосан, ба ситрусиҳо зарар мерасонанд. Пӯсти меваҳоро хӯрда онро вайрон мекунанд. **Мубориза.** Барои нобуд намудани нармбаданҳо бештар усули агротехникии муборизаро (аз алафҳои бегона тоза нигоҳ доштани лимухона, дар вақти шинондани растанӣ риоя намудан ба схемаи оптималии шинондани растанӣ, бештар гузаронидани побел ва нармкунии хок истифода мебаранд. Аз заҳрдоруҳои химиявӣ метилалдегиди 50% и гранули кунонда шударо ба ҳисоби 4-8 кг/га, барои растаниҳои мевадиҳанда 30-40 кг/га истифода мебаранд.

АДАБИЁТ

1. Александров А. Д. Культура лимона в СССР. Огиз-сельхоз изд. М., 1947. -293 с.

2. Вильчинский Н. М. Цитрусовые культуры и чайный куст в субтропи-ческих районах Краснодарского края. Краевое книгоиздательство, Краснодар-1949. 247с

3. Гулов С. Қаҳҳоров R., Солехов. Х. Ситруспарварӣ. Сарномаи USAID оиди рушди самаранокии кишоварзӣ. Душанбе. 2010.- С. 35.

4. Загайный С.А. Важнейшие вредители субтропических и южных растений и меры борьбы сними. Госиздат. Краснодар,1951.- 179 с.

5. Капцинель М., Зарецкий А. -Комнотная культура лимонов. Огиз-селхоз изд. М., 1937.- 78с.

6. Рамашвили Г.Г., Чихаидзе И. М., Сургуладзе В. Новые раноспелые сорта мандарина. Гл. управление СВЧ и СК МСХ СССР, изд. «Колос» М., 1976. 7 с .

7. Рукнидинов R., Рукнидинов С. R., Разоқова Ф. – Новый вредитель цит-русовых в Вахшской долине «Цитрусовая минирующая моль». Матери-алы Республиканского конференции «Вклад биологии и химии в обес-печение продовольственной безопасности и развитие инновационных технологии в Таджикистане»,изд. «Нури маърифат» Худжанд, 2012.-С. 86-88.

8. Рукнидинов R. Биологическая характеристика вредителей цитрусовых культур в Вахшской долине. Материалы научно-практической

конференции. Пути повышения урожайности садов, виноградников и овощных культур. С 364-379

9. Чхатуа Е. С., Худоибердиев М.Р. -Культура цитрусовых в Узбекистане Гос издат уз СССР. Ташкент 1952. 72 с.

10. Цулая В. И., Эшонқулов У. Э- культура цитрусовых в Таджикистане изд. «Ирфон» Душанбе 1983. 105с.

АННОТАЦИЯ

В статье приводятся краткие результаты многолетних наблюдений по выявлению видов вредителей цитрусовых растений, встречающихся в опытных участках Джалолиддина Балхской опытной станции субтропических культур и экспериментальной базы «Табачки» Института садоводства виноградарства и овощеводства ТАСХН, в опытных участки Института ботаники, физиологии и генетики растений НАН РТ и производственных условиях Вахшской и Гиссарской долины. Анализируются литературные данные по наличию ранее встречающихся вредителей цитрусовых культур. Определены различные виды вредителей и составлены их систематические классификации. Указываются влияния изменения климата на появления и распространения новых видов вредителей. Прохождения теплой бесснежной и малоснежной зимние периоды Вахшской долины способствовало успешного перезимовки и развития старых и появления и распространению новых опасных вредителей цитрусовых культур. К старым опасным вредителям относятся цитрусовая белокрылка, ложная щитовка, тля. К новым опасным вредителям, которые появились 2007-2020 г относятся цитрусовый минирующая моль, цитрусовые красные клещики и серебристые клещики. Приводятся их образ жизни, тип ротового аппарата, способ питания и вредности. Для уничтожения вредителей рекомендуется своевременное проведения агротехнического, физико-механического, народного, биологического, экологического средства и при крайним необходимости использовании химического метода борьбы.

Ключевые слова: цитрусовые, зима, без снега, новый, вредителей, моль, клещики, красное, серебристее, старые, белокрылки, щитовки, тля, паутинное клещики.

БАХШИ ҲУҚУҚ, АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

НАҚШИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ СУЛҲУ АМНИЯТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Ҳошимов Ф. Ҷ. -
омӯзгори кафедраи ҷомеашиносӣ, Донишкадаи Иқтисод ва Савдои Донишгоҳи Давлатии Тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои пуртазоди ҷаҳони муосир, масъалаҳои таъмини амнияти давлат дар мадди аввал меистанд ва яке аз омилҳои асосии рушди устувор дар ҷомеа ба ҳисоб мераванд.

Имрӯзҳо давлатҳои тамоми ҷаҳон бо як қатор хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ қарор доранд. Ҳамчунин, паҳншавии бемории сироятии COVID-19 вазъияти ҷаҳонро боз ҳам мураккабтар кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии худ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ афтод. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ, кишвари моро беқонуниву бенизомӣ фаро гирифта, сохторҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардиданд, даҳҳо ҳазор нафар шаҳрвандони бегуноҳ, аз ҷумла занону кӯдакон ба ҳалокат расида, қариб як миллион нафар гуреза шуданд. Ҳамчунин, даҳҳо ҳазор кӯдак ятим монда, ҳазорҳо хонаи истиқоматӣ сӯзонида шуд ва садҳо корхонаву коргоҳҳо комилан нобуд гардиданд. Зарари умумии ҷанги шаҳрвандӣ маблағи беш аз 10 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод [1,с.1]

Дар чунин шароити душвори пурҳасос барои миллати тоҷик ва Тоҷикистон, ки қадамҳои аввалинашро дар ҷодаи соҳибистиқлолӣ мегузошт ва бо таҳдиди нестшавии давлат ва миллат рӯ ба рӯ омад, ниёз ба шахсияти наҷотбахш ба миён омад ва ин шахс Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Агар азму ирода ва кӯшишҳои сиёсии Сарвари кишвари мо, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намебуд, аз даст додани истиқлолияти давлатӣ як амри воқеӣ буд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданашон, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву

иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст[2, с.2];

Ниҳоят, баъд аз панҷ соли муқовимати мусаллаҳона корвони сулҳи тоҷикон 27-уми июни соли 1997 ба манзили мурод расид ва бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ марҳилаи комилан нав ва созандае дар ҳаёти мардуми Тоҷикистон оғоз ёфт, ки ин дастоварди нодиртарини миллат дар даврони истиқлолият маҳсуб мешавад. Ҳоло таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ба мактаби омӯзиш табдил ёфтааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба минтақаи Осиёи Марказӣ, алалхусус Тоҷикистон, бояд қайд кард, ки то ҳол амалҳои гурӯҳҳои ифротиву тундгаро барои кишварҳои ин минтақа таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунанд. Онҳо асосан аз Ҷумҳурии Афғонистон ба минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдид менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон сарҳади тӯлонӣ (зиёда аз 1400 километр) дорад ва дар мавқеи ҷуғрофии худ, марзи аввали муқовимат бо таҳдиду хатарҳои муосир қарор дорад. Баъди амалиётҳои зиддитеррористӣ дар Сурия ва Ироқ аъзои гурӯҳҳои алоҳидаи экстремистиву террористӣ ба давлати Афғонистон омада, қаламрави онро ба майдони терроризми байналмилалӣ табдил додаанд. Гурӯҳҳои террористиву тундгаро дар минтақаҳои шимоли бо Тоҷикистон ҳаммарз ҷойгир шуда, ҳадафи барҳам задани сулҳу субот ва ноором сохтани амнияти миллии Тоҷикистонро доранд. Зеро ҳамаи онҳо дар амалиётҳои террористӣ дар Суриява Ироқ иштирок карда, таҷрибаи ҷангӣ пайдо кардаанд ва нақшаи ноором кардани фазои минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осиёи Марказиро доранд.

Гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаҳои иҷтимоии интернет, дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои нодурусти динӣ ва тундгароиро паҳн карда, онҳоро ба қатлу куштор ва ноором сохтанӣ суботу оромӣ ва амниятӣ давлат ташвиқ менамоянд. Мисоли ин гуфтаҳо, шаби 6-ноябри соли 2019 ҳуҷуми гурӯҳи мусаллаҳи 20 нафараи аъзоёни созмони террористии ба ном давлати исломӣ ба дидбонгоҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ ва даст ба қатли сарҳадбонон задани онҳо буд, ки ҳамаи онҳо аз тарафи шабакаҳои иҷтимоии интернет гаравида шуда буданд.

Ҳамчунин, ба амнияти миллии Тоҷикистон дар хориҷа фаъол гаштани ҳизби наҳзати ислом хатару таҳдид эҷод мекунад. Ин ҳизб бо қарори Суди Конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2015 ҳизби террористӣ ва экстремистӣ эълон гаштааст[3, с.92];

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сипар дар мубориза бо таҳдиду хатарҳои замони муосир қарор дорад ва имрӯзҳо кишвари мо, на танҳо амнияти худ, балки амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва кишварҳои собиқ шӯравиро аз таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир таъмин карда истодааст.

Чунон чи Владимир Жириновский дар нишасти матубуотии ҳизбаш (ҲЛДР), ки дар аввали моҳи феврали соли ҷорӣ дар думаи давлатӣ доир гашт, “Тоҷикистонро қалъаи Брест дар қалби минтақаи Осиё номид”. Ӯ аз қаҳрамониву ҷасурии сарҳадбонони тоҷик ёдрас шуда, иброз дошт, ки “онҳо ҷон ба каф гирифта, ҳамлаҳои ҷангиёнро бозмедоранд”, вагарна силоҳшӯрон тамоми Осиёи Марказиро хоку хароб карда, ба Россия меоянд. Жироновский тафсия дод, ки Федератсия Россия бояд дар таҳкими амнияти марзи Тоҷикистону Афғонистон ҳарчӣ бештар ёрӣ расонад [4, с.1].

Масъалаҳои муқовимат бо таҳдиду хатарҳои замони муосир доимо дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои миллати мо қарор доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои таъмини амнияти давлат ва муқовимат зидди таҳдидҳои замони муосир чунин санадҳои меъёриву ҳуқуқи амал мекунанд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “*Дар бораи мубориза бар зидди терроризм*” аз 16 - ноябри соли 1999.

Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «*Дар бораи муқовимат ба экстремизм»* аз 2 январи соли 2020, ки дар навбати худ Қонуни пешинаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстризм”- ро аз 8 декабри соли 2003, иваз кард.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7- ноябри соли 2003 қабул гардид ва дар асоси он Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004 тасдиқ шуд ва тибқи он амнияти иттилоотии мо ҳифзу назорат мешавад

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” аз 28 июни соли 2011

“*Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020*”.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025 аз 3-юми марти соли 2018 .

Дар солҳои охир, ба баъзе моддаҳои кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки барои ҷиноятҳои террористиву экстремистӣ ҷавобгариро боз ҳам вазнинтар менамоянд.

Бо дастгирии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Рахмон аз 9-ноябри соли 2018 дар ш.Душанбе маркази муқовимат бо терроризм, экстремизм ва сепаратизм назди ВКД ҶТ ташкил шуда буд. Ҳамчунин, дар сохтори Прокуратураи Генералии ҶТ, раёсати махсуси мубориза бар зидди терроризм ва эктремизм кор ва

фаъолият мекунад, ки ҳамаи ин сохторҳои қудратӣ барои сулҳу субот ва таъмини амнияти давлат хизмат менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади танзими анъанаҳои динӣ ва ҷашну маросимҳо аз 3-юми маи соли 2010 Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият мебарад.

Имрӯз, терроризм таъсири манфии худро ба соҳаи сайёҳӣ низ расонида истодааст. Вобаста ба эълон гаштани солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва бо мақсади ҷалби сайёҳон ба минтақаи сулҳу субот ва оромӣ, бо супориши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Рахмон милитсия сайёҳӣ аз 1-уми августи соли 2018 ташкил шуд, ки барои таъмини амният ва бехатарии сайёҳон хизмату фаъолият мебарад.

Дар давоми чанд соли охир 23 нафар хатибон ва ноибони хатибон, ки аъзои ниҳодҳои террористиву ифротгароӣ буданд, дастгир карда шудаанд. Зиёда аз 3400 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон, ки бо таҳсили ғайриқонунии динӣ дар хориҷи кишвар машғул буданд, ба Ватан баргардонида шудаанд [5,с.1]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман 19 ташкилотҳо бо қарори Суди Олии ҶТ ташкилотҳои террористиву экстремистӣ эълон шудаанд [6, с.1].

Бо дастгирии Пешвои миллат, аз хориҷи кишвар зиёда аз 300 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон, ки бо мақсади шомил шудан ба гурӯҳҳои ҷангҷӯёни террористиву ифротгаро, бахусус “Давлати исломӣ”, ба минтақаҳои “даргир”-и Ховари миёна рафта буданд, ба Ватан баргардонида шуданд. Аз ҷумла, дар охири моҳи апрели соли 2019 бо саъю талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон 84 нафар кӯдакону ноболиғон, ки ҳамроҳ бо волидайни худ ба Ироқ рафта, дар онҷо бе парастору саробон монда буданд, ба Душанбе баргардонида шуданд [7, с.1].

Имрӯзҳо барои маблағгузории терроризм гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир истифода мешаванд. Маблағҳои аз муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар бадастовардашуда яке аз сарчашмаҳои асосии таъмини молиявии терроризм мебошанд. Тоҷикистон давоми солҳои тӯлонӣ доир ба мубориза бо ин зуҳуроти хатарбор равона намуда, дар ин самт таҷрибаи кофӣ низ касб кардааст. Дар ин росто, соли 1999 Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори соҳа таъсис дода шуд. Ба ғайр аз ин, соли 2013 Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир барои давраи то соли 2020 таҳия ва қабул гашт. Тайи 20 соли сипаришуда мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон зиёда аз 125 тонна маводи нашъаоварро аз муомилоти ғайриқонунӣ баровардаанд [7, с.2].

Пӯшида нест, ки кишварҳои дунё дар вазъияти хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир дар танҳоӣ наметавонанд дар муқовимат бо хавфу таҳдидҳои ҷаҳон комёб гарданд ва сулҳу суботро таъмин намоянд. Аз ин

лиҳоз, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи чаҳонӣ чун Созмони Миллали Муттаҳид ҳамкорӣ менамояд ва Стратегияи глобалии Созмони Милали Муттаҳидро оид ба мубориза алайҳи терроризм ва конвенсияҳои зиддитеррористии онро пурра дастгирӣ менамояд.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ созмонҳои минтақавии байналхалқӣ барои таъмини амният ва сулҳу ором будани давлат нақши муҳимро мебозанд. Дар ин радиф, Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои фаъоли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва бо баробари ин, кишвари мо дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ низ аъзо аст. Ҳамчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Созмони ҳамкории Шанхай мебошад, ки ин созмон дар таъмини амният ва сулҳу субот дар минтақа фаъолият мебарад.

Тайи солҳои охир, Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро доир ба ҳалли масоили таҳдиду хатарҳои амниятӣ бештар ҷалб карда истодааст. Вобаста ба ин, дар ш. Душанбе як қатор конфронсҳои байналмилалии сатҳи баланд доир ба мавзӯи таъмини амният ва сулҳу субот доир гаштанд. Аз ҷумла, конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез" (4 маи соли 2018), конфронси сатҳи баланд дар мавзӯи "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятқории муташаккил" (16-17 майи соли 2019), ҳафтумин нишасти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Муколамаи Осиёи Марказӣ ва Япония (17-18 майи соли 2019), ва Саммити Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (15 июни соли 2019)

Солҳои 2018-2019, Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсатии худро дар созмонҳои байналмиллалӣ ба ӯҳда дошт. Аз ҷумла, Иттиҳоди давлатҳои Мустақил, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Форуми ҳамкории амниятии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо. Соли 2020 раёсати Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Раванди Истамбул оид ба Афғонистон ва Хазинаи байналмилалии наҷоти баҳри Арал оғоз мешавад.

Вобаста бо дарназардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи мубориза алайҳи терроризм, ифротгароӣ, маводи мухаддир ва бо мақсади муаррифии таҷрибаи сулҳи тоҷикон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 75-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид таъкид карданд: "Ҷумҳурии Тоҷикистон нияти дорад номзадии худро ба узвияти ғайридоимии Шӯрои Амнияти Созмони Миллали мутаҳҳид барои солҳои 2028-2029 пешбарӣ намояд" [8, с.2].

Ба ғайр аз ин, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай дар бораи аҳамияти таъсис

додани Маркази доимоамалкунандаи зидди маводи мухаддир дар доираи ин Созмон таъкид ва пешниҳод кардаанд [9, с.1].

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ давлати моро ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳаллу фасли мушкилоти мубрами глобалӣ мешиносад ва ҳоло чаҳор ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҳалли мушкилоти об дар арсаи байналмилалӣ дастгирии худро ёфтанд, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», «Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт, 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028».

Ҳамаи ин ташаббусҳо ва тадбирҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомали Раҳмон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ баррасӣ ва дастгирӣ ёфтаанд, ки аз обрӯ ва нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳад.

Имрӯзҳо, Тоҷикистон бо аксарияти давлатҳои ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда, зиёда аз 150 кишвари ҷаҳон истиқлолияти давлатии моро ба расмият шинохтаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои мухталифи ҷаҳон беш аз 2000 санади ҳуқуқиро ба имзо расонида, мавриди иҷро қарор додааст. Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, ба узвияти беш аз 80 созмони минтақавию байналмилалӣ ва ниҳоди молиявии ҷаҳонӣ пазируфта шуда, ҳамроҳ бо дигар кишварҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти сиёсиву амниятӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳон нақш мегузорад[10, с.2].

Бояд таъкид кард, ки маҳз ба шарофати истиқлолият ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хизматҳои бузурги ӯ, марзу буми Тоҷикистон аз вартаи нестшавӣ эмин дошта шуданд. Бо ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат доир ба ҳалли масоили амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, Тоҷикистонро имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари ташаббускор ва созанда мешиносанд ва боиси қаноатмандист, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маркази баргузории чорабиниҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст.

Ҳамин тариқ, имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дучори хатару таҳдидҳои амниятии глобалӣ қарор дорад, ки ҳамаи моро, хусусан чавононро ба дарёфти муқовимат ба онҳо водор месозад. Мо бояд ҳушёру фаъол ва барои ҳимояи сулҳу оромӣ, субботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии давлати худ ҳамеша омода бошем. Зеро, манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти давлат аз дигар манфиатҳо волотару бузургтар меистанд. Чунон чи, файласуфи Юнони Қадим Демокрит таъкид карда буд: (460-370) “Корҳои давлатиро назар ба дигар корҳо аз ҳама афзалу муҳим бояд донист. Ҳар кас бояд кӯшиш намояд, ки пеш аз ҳама давлат рушд ёбад, обод гардад, манфиати умум ва давлатро нисбат ба манфиат, шараф, обрӯю эътибори худ боло гузорад. Ин амал

дастгирии бузург барои давлат аст, зеро давлате, ки бо роҳи дуруст меравад, такягоҳи бузург аст. Ҳама чиз маҳз ба ҳамин вобаста дорад, яъне вақте ки давлат обод мегардад, ҳама обод мешаванд, вақте ки давлат нобуд мегардад, ҳама нобуд мешавад" [8, с.200].

Ҳамчунин, мо бояд оқибатҳои фоҷеабори зуҳуроти даҳшатовари терроризму ифротгароии солҳои 90 –уми асри XX-ро дар Тоҷикистон аз хотир набарорем ва нагузорем, ки андешаву равияҳои ифротгароии бегона ба кишвари сулҳу ободи мо аз хориҷ мудохила карда ба амнияту сулҳу суботи мо халал расонад.

АДАБИЁТ:

1. Паёми шодбошии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 29-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // "Садои мардум" №109-110 (4215-4216) 9 сентябри соли 2020, саҳ.1
2. "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати Миллӣ – Пешвои Милат аз 25-декабри соли 2015 №1259"
3. Муминов А.И. Религиозный экстремизм: сущность и явления, формы проявления и пути их решения в постоянно меняющемся современном обществе. Ответственный редактор Саид Нуриддин Саид, доктор философских наук, профессор. Душанбе, Изд. ТНУ, 2018.-244с
4. *Владимир Жириновский: "Тоҷикистон қалъаи Брести мо дар умқи Осиёст"*. "Ҷумҳурият" №38 (23893) 20 феврали соли 2020, саҳ.1
5. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазан 12 майи соли 2018, шаҳри Душанбе. // "Садои мардум" №59-60 (3853-3854)15 майи соли 2018
6. Список организаций, признанных Верховным Судом РТ как террористические и экстремистские (дата обращение 15.03.2017г.). –С.1-2. URL: http://nbt.tj/upload/iblock/ede/sp_ter_org.pdf
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сатҳи баланд "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил". // "Ҷумҳурият" №94 (23697) 17 майи соли 2019, саҳ.1

8. Суханронии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 75-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид. // “Садои мардум” №118-119 (4224-4225) 26 сентябри соли 2020, саҳ.2
9. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай дар шакли видеокронфронс. // “Садои мардум” №118-119 (4224-4225) 13 ноябри соли 2020, саҳ.1
10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба нахустин таҷлили “Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ ва ифтитоҳи бинои Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ, шаҳри Душанбе, 29 сентябри сентябри соли 2016. // “Ҷумҳурият” №194 (23016) 29 сентябри соли 2016, саҳ.1-2
11. Мухаев Р.Т.Политология: учеб. М.: Проспект, 2010. -640с.

АННОТАЦИЯ

В данной статье рассматриваются современные угрозы и вызовы, среди которых возрастание терроризма, экстремизма, транснациональная организованная преступность, незаконный оборот наркотиков и киберпреступность, которые исходят из территории соседнего Афганистана, а также Роль Таджикистана в обеспечении безопасности в Центральной Азии. Рассмотрены жертвы и потери гражданской войны в Таджикистане причинной, которой был терроризм и насильственный экстремизм. Приведены нормативно правовые акты по противодействию с терроризмом, экстремизмом и незаконным оборотом наркотиков в Республики Таджикистан. Было подчеркнуто сотрудничество Таджикистана с влиятельными международными организациями как ООН, СНГ, ОДКБ, ШОС. Были приведены, международные конференции высокого уровня на тему обеспечения безопасности, мира и стабильности, а также председательство Республики Таджикистана в международных и региональных организациях на 2020-2021 годы. Кроме того, достижения и глобальные инициативы Таджикистана по вопросам связаннҷх с водой, а также перспективы развития внешней политики Таджикистана в период независимости были приведены. В завершении статьи, были указаны предложения и инициативы Республике Таджикистан по противодействию новых угроз и вызовов в Центральной Азии.

Ключевые слова: Безопасность, угроза, мир, Таджикистан, Афганистан, Центральная Азия, терроризм и экстремизм, незаконный оборот наркотиков, гражданская война.

ANNOTATION

This article examines modern threats and challenges, including the rise of terrorism, extremism, transnational organized crime, illegal drug trafficking and cybercrime, which emanate from the territory of neighboring Afghanistan, as well as the role of Tajikistan in ensuring security in Central Asia. The victims and losses of the causal civil war in Tajikistan, which was terrorism and violent extremism, are considered. The normative legal acts on countering terrorism, extremism and illegal drug trafficking in the Republic of Tajikistan are presented. The cooperation of Tajikistan with influential international organizations such as the UN, CIS, CSTO, SCO was emphasized. High-level international conferences on the topic of ensuring security, peace and stability, as well as the chairmanship of the Republic of Tajikistan in international and regional organizations for 2020-2021 were presented. In addition, the achievements and global initiatives of Tajikistan on water-related issues, as well as the prospects for the development of Tajikistan's foreign policy during the period of independence were presented. At the end of the article, proposals and initiatives of the Republic of Tajikistan to counter new threats and challenges in Central Asia were indicated.

Keywords: Security, threat, peace, Tajikistan, Afghanistan, Central Asia, terrorism and extremism, illegal drug trafficking, civil war.

НАҚШИ ҲАДИС ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚӢ-ОИЛАВӢ ДАР ИСЛОМ

Аминжонов А.Х. –
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, саромӯзгори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДДБ ба номи Носири Хусрав

Дар байни муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳадис онҳоро мавриди танзим қарор медиҳад, муносибатҳои оилавӣ – никоҳӣ мавқеи назарасро ишғол мекунанд. Ҳадис нисбат ба дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои оилавиро мукаммалтар мавриди танзим қарор дода, дар аксари мавридҳо асосгузори институтҳои ҷудогонаи ин соҳаи ҳуқуқ баромад мекунад. Аз ҷумла дар муайян намудан ва танзими институтҳои оилавии “никоҳ” “талоқ” Нақши ҳадис ҳамчун манбаи ҳуқуқӣ ивазнашаванда аст. Яке аз хусусиятҳои хоси ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, ки онро аз дигар соҳаҳои ҳуқуқи исломӣ фарқ мекунанд, ба ғайри он ки вай дорои предмет ва услуби махсус аст боз дар он зоҳир мегардад, ки ин соҳаи ҳуқуқ дар таҳти таъсир ва нуфӯзи ҳуқуқи одатӣ қарор дорад. Ин нуқта хеле ба маврид қайд шудааст, ки ҳуқуқи одатӣ пеш аз ҳама нуфӯзи калонро ба соҳаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва мадании ислом нигоҳ доштааст. Чунин хусусиятро дар худ таҷассум намудани соҳаи ҳуқуқи оилавӣ дар ҳадис чунин муқарар шудааст: “Никоҳ мувофиқи урф ва одатҳо баста мешавад” [3. С - 41].

Ҳамин тавр дар ҳадиси мазкур муқарар мешавад, ки никоҳ дар ислом мутобиқи одатҳои қаблӣ, ки пешиниён мебастанд, идома меёбад. Фақеҳони суннӣ дар ақидаанд, ки маншаи пайдоиши никоҳ ҳамчун аҳди ҳуқуқӣ аз суннати Пайғамбар (с) сарчашма мегирад. Далели ҳукми онҳо дар ҳадис асоснок карда мешавад. “Никоҳ аз одати ман аст, ҳар ки дар одати ман нест аз уммати ман нест” [4. С -193-200]. Дар ҳадиси мазкур асосгузори ислом муқаррар мекунад, ки ҳар як мусалмон бояд ҳатман ба ақди никоҳ дарояд ва оиларо ташкил кунад, дар акси ҳол ӯ аз уммати Пайғамбари ислом шуда наметавонад.

Дар ҳадиси дигар омадааст: “Эй ҷавон издивоҷ кун ва аз зино бипарҳез, ки зино решаи имонро бар меканад”.

Манфиатҳои бастани никоҳ:

- Қабл аз ҳама аз фасоди ахлоқӣ нигоҳ дошта, ҷомеаро аз амали номатлуб (зино) нигоҳ медорад;
- Бо сабаби никоҳ насли башар аз завол ва қатъ шудан наҷот меёбад;
- Бо сабаби никоҳ шахсони ҷудогона ва дар маҷмуъ тамоми ҷомеа аз ҳаром (зино) ва махсусан, аз бемориҳои сироятӣ (аз қабили ВИЧ/СПИД) дар амон мемонанд;
- Никоҳ наслҳоро аз омехтагии насабӣ нигоҳ медорад;

- Ба сабаби никоҳ оила бунёд ёфта, танзими оила сабаби танзим ва оромию амнияти зинаҳои ҷомеа қарор мегирад;
- Никоҳ байни табақаҳо ва гуруҳҳо, миллатҳои мухталиф риштаи қаробат ва хешовандиро пайваста, муносибатҳои ҷомеаҳои мухталифи инсониро тақвият медиҳад;
- Никоҳ барои тарбияи солими насли наврас ва танзими умури хонаводагӣ ба дӯши никоҳшавандагон масъулият мегузорад ва ин масъулияти зану шавҳар дар тарбияи фарзандони ҷисман ва руҳан солим, барои ислоҳи ҷомеаи солим ва дорои ахлоқи некӯ зиёд таъсиргузор аст;
- Дар роҳи сарф ва харҷи иқтисодии хонавода низом бавуҷуд меорад.

Дар ҳадисҳо муносибати зан ва мард дар оиладорӣ ҳамаҷониба мавриди танзим қарор гирифта, дар онҳо зикр шудааст, ки оила чун ҷузъи хурдтарини ҷомеа, пеш аз ҳама дар ҳамдигарфаҳмию ҳурмату эҳтироми тарафайн устувор бошад.

Оила ҳамчун ҷузъи маънавии олами зинда наметавонад аз фарозу нишебҳо, шикасту рехтҳо, пирӯзию нокомиҳо мустасно бошад. Дар оила шодӣ ҳаст, ғам ҳаст, сабзиш ҳаст, хазон ҳаст, гармою сармо ҳаст. Танҳо бурдборӣ, ба якдигар такя карда ба муваффақиятҳо саргарм нашуда, аз нокомиҳо ноумед нагарданд, ба харҷу сарфи беҳуда дар оила роҳ надодан боиси он шуда метавонад, ки зану шавҳар ва фарзандони онҳо дар шароити оилаи солим хушбахтона зиндагӣ кунанд.

Устуворию мураттабии ҷомеа аз устуворию мураттабии оила вобаста аст. Ба даст гирифтани чунин оила, нигаҳдошти чунин тартибот воқеан бе ҳаққи баробару адолатноки тарафайн, ки дар уҳдадориҳои зану шавҳар асос ёфтааст, номумкин аст. Чунин зербиноро Пайғамбари ислом (с) хуб дарк намуда дар ҳадисе, ки дар маҷмуаи Тирмизӣ дар боби никоҳ аз номи Умар бинни Аббос оварда шудааст, таъкид кардааст: “Шумо бар занонатон ҳаққе доред ва занони шумо бар шумо ҳаққе доранд”.

Дар ҳадиси дигар, ки дар маҷмӯаи Абудовуди Сиҷистонӣ аз номи Муовия бинни Ҳайдат ривоят шудааст, омадааст: “Ё Расулуллоҳ (с), занони мо бар мо чи ҳаққе доранд. Фармуд: Ин ки чун таъом хурдӣ, таъомашон диҳӣ ва чун либос пӯшӣ, либос бипӯшонӣ ва ба сурати зан сила мазан ва ба ӯ нагӯ Худо туро зишт созад ва ҷуз дар хона аз ӯ дурӣ макун, яъне ҳар гоҳ хости барои таъдибаш аз ӯ дури кунӣ, тарки ҳамбистариашро ҷуз дар хона макун”. Дар ҳадиси мазкур аниқ ва равшан доираи рафтору уҳдадориҳои мард дар муқобили зан нишон дода шуда ҳудудҳои ҳуқуқи мард аниқ шудааст [1. С - 192].

Ҳимояи ҳаққи зан аксаран дар ҳадисҳо тарозуеро мемонад, ки тавассути он адлу адолат, мӯъминию накӯномии мардонро муайян мекунанд. Дар Ҳадис омада. Беҳтарини шумо онҳоеанд, ки ба занонашон равияи накӯтар доранд.

Вобаста ба ин бо ибтикори Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 соли оила эълон гардид ва садҳо ҷавонон аз оилаҳои камбизоат бо ташаббуси шахсони саховатманд оиладор карда шуданд, ки ин ба мустаҳкамшавии оилаҳо мусоидат мекунад [6. С-5]

Дар баробари ин ҳадисҳо ҳуқуқҳои зиёди шавҳаронро бар занон муқаррар кардаанд:

1. Бо амри мард ба бистари ӯ даромадани зан. Яъне зан мутобиқи ҳадис уҳдадор аст, ки ба амри мард тобеъ бошад [5. ҳадиси 281].

Воқеан, зан дар сурати надоштани узр ба таваҷҷуҳ ва ниёзҳои шавҳар, тобеъ аст.

2. Зан бе иҷозаи мард рӯзаи нофила (зиёдатӣ) гирифта наметавонад, бе иҷозаи шавҳар ба хона каси бегонаро бояд роҳ надиҳад[5. ҳадиси 256].

3. Зан уҳдадор аст, ки хонаро ба накӯи нигоҳубин намояд, фарзандонро тарбия кунад.

4. Зан уҳдадор аст, ки ба суханони шавҳар итоат намояд.

5. Зан ба шавҳараш содиқ бошад ва хиёнат накунад.

Хулоса ҳаминро бояд тазаккур дод, ки қонунҳои ислом ба ҳар гунна бадахлоқии миёни зану шавҳар, ки монеъи хушбахтии онҳо мешаванд зид мебошад.

Дар охир ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки зану мард, чун ҳамсарон, масъули ҳифзи оилаанд. Дар ҳадисе мехонем: “Ҳамаи мо чӯпонем ва ҳар яке аз мо барои подаи худ ҷавобгар аст. Мард – чӯпони аҳли хонаводаи худ ва ӯ барои онҳо ҷавобгар мебошад. Зан – чӯпони хонаи шавҳари худ ва барои он ҷавобгар аст. Ҳар яке аз шумо – чӯпон ва ҳар як нафари шумо барои подаи худ ҷавобгар ҳисоб меёбад” [5. 60].

Шариат аз зану шавҳар талаб мекунад, ки муносибати байни онҳо хуб бошаду онҳо ҳаёти оилавии худро дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми ҳуқуқҳои ҳамдигар, иҷрои вазифаҳои оилавӣ ба роҳ монанд. Ҳатто дар ҳолати мавҷуд набудани муҳаббат байни ҳамсарон онҳо набояд ба ҳамдигар кинаву адоват дошта бошанд, балки бояд нисбати ҳамдигар пуртоқатиро ихтиёр кунанд.

АДАБИЁТ

1. Холиқов, А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ / А.Ғ. Холиқов. –Душанбе: «Эр-граф», 2010. -473 с.
2. Имом Абузакариё Яҳё бинни Шарафи Нававии Димишқӣ. Риёз -ас-солиҳин / Имом Абузакариё Яҳё бинни Шарафи Нававии Димишқӣ. -Порис, Лоҳур, 1993. -Ҷ.1. (Форсӣ-арабӣ)
3. Убайдулло ибн Масъуд Тоҷи **Шариа**. **Мухтасар ал-виқоя** ф-ил масоил **ал**-ҳидоя / Убайдулло ибн Масъуд Тоҷи **Шариа**. -**Ташкент**, **1990**. -160 с. (арабӣ).
4. Самарқандӣ Ҷалолиддин Муҳаммад ибн Абубакр. Шарҳи мухтасари виқоя / Самарқандӣ Ҷалолиддин Муҳаммад ибн Абубакр. -Лакнав, 1895. -С. 193–200.
5. Ал-Бухари Муҳаммад ибн Исмаил. Обычаи и приличия в Исламе. Хадисы Пророка о правилах поведения / Ал-Бухари Муҳаммад ибн Исмаил. –СПБ.: «Диля», 2009. – С. 60.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015.

БАЛҶУВОН-МИНТАҚАИ ТУРИЗМИ Б АЙНАЛМИЛАЛӢ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Раҷабализода С.Р. -
Омӯзгори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шудани сохти хоҷагидорӣ, зарурати аз нав ва бо шакли дигар эҳё намудани соҳаи сайёҳи пеш омад. Боиси таасуф аст, ки дар давоми солҳои ҷанги шаҳрвандӣ 1992-1997 дар кишварамон тамоми зерсохторҳои хоҷагии халқ, аз он ҷумла зербунёди соҳаи туризм харобу валангор шуда, то ба сатҳи нестӣ расид. Танҳо баъд аз ба итмом расидини ҷанги шаҳрвандӣ бо ташаббусу заҳматҳои Ҳукумати Ҷумҳури ва фарзанди фарзонаи миллат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадриҷан зербунёди ин соҳа боз рӯ ба тараққӣ ниҳод. Бо ба эътидол омадани вазъият дар дохили кишвар шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ба якборагӣ зиёд шуда ин иқдом то ҳол давом дорад. Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ афзалияти соҳаи сайёҳиро ба инобат гирифта дар ин самт пайваста талош меварзанд ва маҳз бо мақсади ташаккул додани соҳаи мазкур дар мамлакат сохтори алоҳида бо номи Кумитаи рушди сайёҳӣ ташкил карда шуд, ки барои ташаккули соҳаи сайёҳӣ заминаи мусоид гузошта истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мероси бойи таърихию фарҳангӣ, табиати зебою нотакрорӣ, кӯҳҳои осмонбӯс ва обу растаниҳои шифобахш буда, метавонад ҳазорҳо сайёҳони хориҷиро ҷалб намояд ва бо ин роҳ дар пешрафти иқисодиёти кишвар заминаи мусоид фароҳам оварад. Дар ин асос Ҳукумати Тоҷикистон «Консепсияи рушди туризм барои солҳои 2009-2019»-ро қабул намудааст, ки дар он самтҳои афзалиятноки рушди ин соҳа муайян гардидааст. Мувофиқи консепсияи мазкур, то соли 2020 ташрифи бештар аз 1 миллион нафар сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки барои расидан ба ин нишондиҳандаи баланд сохторҳои дахлдори давлатӣ чораҳои зарурӣ бояд андешанд. [2. С- 4]

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Миёна беҳтарин ва бештарин имкониятро барои рушди сайёҳӣ соҳиб гардида, мувофиқи рейтинги ҷаҳонии мамлакатҳо оид ба хулосаҳои сомонаву шабакаҳои ҷаҳонӣ, махсусан «BBC» (Британияи Кабир соли 2012) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, сомонаи интернетии “Globe Spots”, дар сархати даҳгонаи кишварҳои ҷолиб барои туристони саргузаштӣ (дар соли 2014), нашри русии маҷаллаи маъруфи

“National Geographic”, (рӯзи 28 феврали соли 2016) дар соли 2016 шоҳроҳи Помири Тоҷикистонро дар байни 10 роҳи зеботарини дунё, маҷаллаи ТОП – 100 дар соли 2015, 3 минтақаи Тоҷикистон ва дар соли 2016 куҳҳои Помири Тоҷикистон, соли 2015 пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба даҳгонаи мавзеҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона ва соли 2016 аз рӯи таҳлилҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии Созмони Миллати Муттаҳид дуюмин кишваре, ки туризмаш дар ҳоли рушд қарор дорад, ворид гардидааст. [6. С - 2]

Дар ҳамин замина соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли рушд қарор дошта, зина ба зина барои беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи мазкур чораҳои судманд андешида шудааст. Дар мақолаи мазкур ҳолати рушди соҳаи сайёҳӣ, мушкилот ва дурнамо дар ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Балҷувон, яке аз ноҳияҳои таърихии вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, дорои таъриху фарҳангӣ қадимаи волои худ мебошад. Дар сарчашмаҳои таърихи Балҷувонро ҳамчун макони мирнишин ёдрас мешаванд, ин диёри зебову афсонавӣ, бо куҳҳои сар ба фалак, чашмаҳои муссафо, гиёҳҳои шифобахш ва манзараҳои ҳуснангез назаррабо аст. Дар солҳои 60-уми асри XIX Балҷувон ба аморати Бухоро ҳамроҳ гардида ба қисмати Бухорои Шарқӣ дохил карда мешавад. Ва аз ҳамон вақт бекигарии Балҷувон таъсис дода шуд. Дар ҳайати бекигарии Балҷувон қаламравӣ ноҳияҳои ҳозираи вилояти Хатлон–Данғара, Темурмалик, қисми зиёди Восеъ, Ховалинг, инчунин Сари Хосор, Тутқавул дохил мешуданд.

Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат ин диёри зебову афсонавӣ, садҳо сайёҳони дохилию хориҷиро бо мавзеҳои таърихию табии хеш, ба худ ҷалб намудааст. Балҷувон аз захираҳои табии аз ҷумла газу нефт ғани буда барои рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия низ корхонаҳои коркарди газу нефт фаъолият ва ба рушди минбаъдаи ин мавзеъ замина мегузорад. Дар кӯҳҳои доманадори ин гӯшаи зебо ба ҳаргуна дарандагони ваҳши низ вохурдан мумкин аст. Миёни мардуми ноҳия ҳунарҳои чакандӯзию гӯлдузӣ, чубтарошию заргарӣ барин ҳунарҳои миллӣ рӯ ба инкишоф аст. Аҳолии минтқа ба зироаткорӣ, занбури асал парварӣ ва чорводорӣ шуғл доранд, ки ҳамасола маҳсули дастони занбурпарваронӣ ин ноҳия тавассутӣ барпо шудани озмӯну чорабиниҳо ба сокинони вилоят ва ҷумҳурӣ пешкаш мегардад. Ноҳияи Балҷувон табияти басо зебою нотакрор ва мавзеъҳои хушбоду ҳаво, растаниҳову чашмаҳои шифобахш дорад, ки метавонанд барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия истифода шаванд. Ба хусус инкишофи соҳаи сайёҳии экологӣ, пиёдагардии кӯҳӣ, саёдӣ, фарҳангӣ ва дигар намудҳо барои ноҳия хос мебошанд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ замина ва имкониятҳои муфидро баҳри паст кардани сатҳи бекорӣ дар ноҳия мусоидат карда истодааст. Инчунин рушди соҳаи мазкур барои ғанӣ гардонидани буҷаи маҳаллӣ мусоидат

мекунад. “Дар ноҳия манбаҳои зиёди неъмати бе баҳои табиӣ мавҷуд аст, ки онро 190 чашма, рудҳои Дашти Ангора, Дароз Питов, Шикилдара, Шингидара, Гандара, Шибдара, Шӯрак, Сафедак, Булғурӣ, Шӯроб, Хорма, Руиоб, дарёҳои Сурхоб, Тира, Оби-Мазор, Талхак, Шаршараи Пушти Боғ, Шаршараи Камолӣ, Шаршараи Сафедов, Чашмаи шифобахши Оби гугирди Султон Увайсӣ Қаранӣ, Чашмаи Қалъанқ, Чашмаи Булғурӣ,Чашмаи Оби Гӯр, Чашмаи Обишулук, Чашмаи Касҳо, Чашмаи Ҳибил, Дарахти азимчуссаи Шинг (деҳаи Шингидара), Ҷувоз Чинор (деҳаи Даштархо) ва ғайраҳо ташкил менамоянд” [1, с. 3].

Барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон шӯъбаи сайёҳӣ, Маркази сайёҳӣ, алпинизм ва шикори хориҷӣ "Сари Хосор", Муассисаи давлатии "Маркази рушди сайру сайёҳати Балхиён" ва намояндагии туристии ноҳияи Балҷувон дар шаҳри Душанбе таъсис дода шудааст.

Воқеъанҳам ноҳияи Балҷувон мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва дорои захираҳои табиию рекреатсионие мебошад, ки барои рушди туризми дохилӣ ва қабули саёҳони хориҷи мусоидат менамоянд. Омилҳои зикр шударо ба инобат гирифта, соҳаи сайёҳии ноҳия самти афзалиятнок маҳсуб меёбад. Ҷиҳати рушди ин соҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсус аз 3 июли соли 2002 таҳти № 276 «Дар бораи Барномаи маҷмӯии рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилалӣ дар давраи солҳои 2002-2012» қабул гардидааст. Барномаи мазкур “стратегия, самтҳои асосӣ, афзалятҳо, вазифаҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатро роҷеъ ба сайёҳӣ дар сатҳи минтақавӣ дар давраи дарозмӯҳлат муайян менамояд” [2, с. 8].

Имрӯзҳо дар миёни тамоми мамлакатҳои ҷаҳон соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои даромаднок маҳсуб ёфта, давлатҳои мутараққӣ аз ин ҳисоб маблағҳои зиёде ба даст меоранд ва барои рушди иқтисодиёти мамлакаташон пурсамар истифода мебаранд.

Тибқи Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 аз 2 апрели соли 2009, № 202 муқаррар гардидааст, самтҳои зерини туризм аз қабили «туризми табобати санаторию курортӣ ва истироҳатӣ, кӯҳнавардӣ, туризми варзиши кӯҳӣ ва экологӣ, туризми таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ, туризми касбӣ, рафтинг (қаиқронӣ дар дарёҳои кӯҳӣ), варзиши лижатозии кӯҳӣ ва шикори туристии хориҷӣ» [3, с. 18] дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самтҳои афзалиятнок арзёбӣ мегарданд.

Ноҳияи Балҷувон дар қатори дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нисбати рушди соҳаи сайёҳӣ имкониятҳои хело калон дорад ва ин имкониятҳо дар давоми солҳои охир шумораи зиёди сайёҳони хориҷиро аз мамоликҳои гуногуни ҷаҳон ҷалб карда истодааст. Масалан агар солҳои охирро ҷиҳати натиҷабардорӣ қарор диҳем, шумораи сайёҳони хориҷӣ нисбати солҳои пешин дучанд маротиба афзудааст ва ин нишондод

раванди афзоиш дорад. Ноҳия дорои мавзеъҳои сайёҳӣ буда, рушди соҳаи сайёҳиро тақозо менамояд. Мавзеъҳои сайёҳии ноҳия ин қалъаи Мир мутаалиқ ба (асрҳои XVI-XIX), қалъаи Чорбоғ (аси миёна), қалъаи Тупхона (асрҳои I-и пеш аз мелод то 6-и мелодӣ), қалъаи Дектур (асрҳои XVIII-XIX), қалъаи Турк (асрҳои XII-XIII), қалъаи Чаноро, қалъаи Ҷавгони, қалъаи Додӣ, бошишгоҳои давраи аси сангин дар деҳаҳои Файзобод, Шаҳидӣ Бобохон, Ҷимбулоқ ва мақбараю оромгоҳи орифон мебошанд.

Шаршараи Сари Хосори ноҳияи Балҷувон яке аз мавзеҳои табии сайёҳи ба шумор рафта таваҷҷуҳи сайёҳони дохили ва берунаро ба худ ҷалб намудааст. Ин ёдгории нодири табии дар мавзеи Пушти Боғӣ деҳаи Муллокони ҷамоати Сари Хосори ноҳияи Балҷувон ҷойгир шудааст. Балҷувон яке аз ноҳияҳои таърихии вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, дорои таъриху фарҳангӣ қадимаи волои худ мебошад. « Балҷувон ноҳияи навтаъсис буда, бо қарори шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми феврали соли 1996, дар заминаи хурд кардани ноҳияҳои Темурмалик ва Ховалинг таъсис ёфтааст» [4, с. 24]. Балҷувон аз ҷиҳати ҷуғрофи дар қисмати ҷанубу шарқии Тоҷикистон ҷойгир буда, дорои захираҳои зиёди табии мебошад ва барои рушд додани соҳаи сайёҳи мавзеи хело дилнишин ва ҷолиби диққат аст. Куҳу пуштаҳо, чашмаҳои шифобахш, руду дарёҳо ва дигар ҷойҳои зебои табии ба ҳусни ин ноҳия зебогии нав зам мекунад. Ин минтақаи зебои кӯҳӣ бо табиати дилфиреб, инсонҳои меҳмон навоз, қаҳрамонони халқӣ, мардони ғаюр, паҳлавонони номӣ, адибон ва ҳунармандони асилаш маълуму машҳур мебошад. Воқеанҳам табиати дилрабои Балҷувон шоиронаву дилангезаст, дар сари ҳар қадами он оби равони мусаффо ва хониши булбулон ба гуш мерасад. Маҳз бо ҳамин хотир ташаккули соҳаи сайёҳӣ дар ин ноҳия хело

Бояд ёдовар гардид, ки барои беҳтар намудани соҳаи сайёҳи аз ҷониби Ҳукмати мамлакат як қатор имтиёзҳо ва ҳавасмандкуниҳо пешбини карда шудааст, ки барои ташаккул додани соҳаи мазкур замина мегузоранд.

Имтиёзҳо ва ҳавасмандкуниҳо дар соҳаи сайёҳӣ

- Озод кардани воридоти таҷҳизот ва масолеҳи сохтмон барои иншооти сайёҳӣ аз пардохтҳои андозу гумрук.
- Ширкатҳои сайёҳӣ дар панҷ соли аввали фаъолияташон аз пардохти андоз аз фоида озод карда шудаанд.
- Низоми соддакардашудаи раводид барои шаҳрвандони 80 кишвари ҷаҳон ва ҷорӣ гардидани, шабакаи ягонаи электронӣ.
- Ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шавад.

Дар баробари ин ҳама шароитҳои муҳаё гардида на ҳама имкониятҳо барои бозҳам ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба ноҳия истифода шуда истодаанд. Аз ин лиҳоз барои бозҳам ташаккул додани

соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия пешниҳод менамоем, ки сохторҳои марбутаро мебояд бозҳам корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд, барои ҷалби сайёҳони хориҷи инфрасохтори иттилоотии сайёҳӣ мустаҳкам карда шавад, барои ба таври васеъ тарғиб намудани мавзеъҳои сайёҳӣ видео-роликҳо бо сифати баланд омода ва дар миёни ҷомеа паҳн карда шавад. Бовари дорем, ки пешниҳодҳои намуда барои ташаккули ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия заминаи мусоид мегузорад.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа воқеан ҳам сарзамини биҳиштосо, осоишта ва афсонавӣ буда, эълон гардидани солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бозгӯи пешрафти муносибат дар ин самт, аз ҷумла бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, муаррифии таъриху фарҳанг ва анъанаҳои хоси миллиамон мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани ҳудуди ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон, минтақаи туризми байналмилалӣ» аз 3 ноябри соли 2001, №498;
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» аз 2 апрели соли 2009, №202;
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018, www. President.tj (санаи мурочиат, 29.11.2020)
4. Рӯзномаи «Навиди Балҷувон» «Мавзеҳои туристии Балҷувон омили рушди сатҳи зиндагӣ» 12 марти соли 2014 №23
5. Ятимова Сафармо “Нутқи роҳбалад” Қӯрғонтеппа 2017, с. 24
6. http://president.tj/taxonomy/term/5/263 (санаи мурочиат, 01.12.2020)

АННОТАЦИЯ

В данной статье автор попытался изучить и проанализировать проблемы и перспективы туризма в Балджуванском районе. По мнению автора, Балджувонский район, наряду с другими городами и районами страны, имеет большой потенциал для развития туризма, и эти возможности в последние годы привлекли большое количество отечественных и иностранных туристов. Автор обосновывает данный момент тем, что формирование туризма в данной местности создает благоприятную среду в экономической и социальной жизни населения и создает больше возможностей для трудоустройства.

В статье анализируется состояние инфраструктуры, проблемы, возможности и перспективы развития туризма в районе, а автор дает

основу для формирования и развития туристической инфраструктуры в районе.

Ключевые слова: развитие туризма, туристическая инфраструктура, возможности и проблемы, преимущества в туризме, культурные объекты

ANNOTATION

In this article, the author has tried to study and analyze the problems and prospects of tourism in Baljuvon district. According to the author, Baljuvon district, along with other cities and districts of the country, has great potential for the development of tourism, and these opportunities in recent years have attracted a large number of domestic and foreign tourists. The author substantiates this point by the fact that the formation of tourism in the area creates a favorable environment in the economic and social life of the population and creates more opportunities for employment.

This article analyzes the state of infrastructure, problems, opportunities and prospects of tourism in the district, and the author provides a basis for the formation and development of tourism infrastructure in the area.

Keywords: tourism development, tourism infrastructure, opportunities and challenges, benefits in the field of tourism, cultural sites

ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ – ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ АСОСИИ АМАЛИГАРДИИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ КИШВАР

Ғаюров Ҳ.Ш., Саидзода Ш.Ш. –
омӯзгорони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Амнияти миллӣ ва амнияти ҷамъиятӣ бо системаи сиёсии ҷомеа ва режими идоракунӣ дар иртиботи қавӣ қарор доранд. Таъмини амнияти давлатӣ ва амнияти миллӣ ва махсусан ҷанбаи бехатарии онҳо тавассути қонеъ гардонидани манфиатҳои миллӣ ба амал баровада мешавад. Дар замони муосир масъалаи амнияти миллӣ дар баробари масъалаҳои дигари ҷомеа, давлатсозӣ ва ҳимояи манфиатҳои он аҳамияти махсусро дар худ касб намудааст. Аз ин лиҳоз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар Анҷумани IV Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар иртибот ба талаботҳои замони муосир ва таъмини амнияти миллӣ таъкид намуданд: «Ҳифзи моҳияти дунявии давлат дар шароити таҳдиди хатари пояҳои радикализм – ин амалан маънои ҳимоя ва такмили пояҳои демократии ҷомеаи моро дорад. Инро яке аз дастовардҳои муҳими истиқлолияти Тоҷикистон номидан мумкин аст»[6, с.343].

Бо соҳибистиқлолияти давлатӣ ва ташаккулёбии низоми нави ҷаҳонӣ масъалаи таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва устувории давлати миллӣ яке масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан қайд гардидааст, ки: хифзи ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст [1, с.34]. Баробари торафт ноамн гардидани минтақаҳои гуногуни олам ва паҳн гардидани зуҳуротҳои номатлуб аз қабили терроризм, экстрмизм ва ғайра таваҷҷӯҳи давлат дар бобати таъмини амният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон торафт афзуда истодааст.

Масъалаи афзудани таъмини амният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти худро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» возеҳ ва ба таври зайл маънидод гаштааст: таъмини амният – татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният ба воситаи низоми тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд [2, с.10]. Таъмини амният ин татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи амният ба ҳисоб рафта, ба сифати воситаи муҳими низоми тадбирҳои мушаххасу муайяни ба ҳамон самт равонашуда мебошад, ки он ҷавобгӯ ба таҳдиду хавфу хатарҳои ба манфиати ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат ба шумор меравад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар баробари мавҷуд будани омилҳои таҳдидафзо инчунин дар раванди амнияти миллӣ як қатор принсипҳое вуҷуд доранд, ки онҳоро принсипҳои таъмини амнияти миллӣ меноманд. Принсипҳои таъмини амният дар моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» инъкос ёфта, инҳо мебошанд:

– эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– қонуният;

– масъулияти мутақобилаи инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат оид ба таъмини амният;

– иттилоотонии фаврии байниҳамдигарӣ ва мувофиқаи амалҳои қувваҳои таъмини амният;

– ягонагӣ, баҳамалоқамандӣ ва мувозинати ҳамаи намудҳои амният;

– бартарияти чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ;

– назорат аз рӯи татбиқи ҳамаи маҷмӯи амалҳо оид ба ҳифзи амният;

– робита бо низомҳои амнияти байналмилалӣ [2, с.12].

Зикр кардан бамаврид аст, ки принсипҳои таъмини амнияти миллӣ имконияти васеъро барои ҳар як шаҳрванд медиҳад, ки то ҳуқуқу озодиҳои инсон риоя ва таъмин гаоданд. Дар сурати обрӯ ва эътибор пайдо кардани қонуният ва волоияти қонун ҳуқуқҳои инсон риоя хоҳанд шуд ва амнияташон таъмин хоҳад гашт. Субъектҳои сиёсат дар назди ҷомеа масъулияти ҷиддӣ доранд ва ин масъулияти ҷиддии мутақобилаи инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат дар таъмини амният ба ҳисоб меравад. Инсон ҳамчун мавҷудоти биоиҷтимоӣ дар назди ҷомеа ва давлат масъулияти ҷиддӣ дошта дар таъмини он ӯҳдадор мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои олии худ, яъне бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқукбунёд, дунявӣ ва ягона инчунин расидан ба чор ҳадафҳои стратегии мамлакат вазифаҳои мушаххаси зиёдро дар пеши худ гузоштаст, ки барои расидан ба онҳо ҳифзи суботи сиёсӣ ва таҳкими амнияти миллӣ заминаи асосӣ ба шумор меравад.

Амният падидаи фарогирандаи соҳаҳои гуногуни ҷамъият ба ҳисоб меравад ва он на танҳо хоси як соҳи ҳаётӣ, балки инъикоскунандаи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ низ мебошад. Масалан амнияти миллӣ, ҳарбӣ, энергетикӣ, озуқаворӣ ва ғайраҳо. Масъалаи амнияти озуқаворӣ ва таъмини он дар миқёси мамлакат ба яке аз масъалаҳои стратегӣ ба ҳисоб меравад ва он ба ин ҷамба табдил ёфтааст.

Таъмини амнияти озуқаворӣ гарчанд хосияти стратегӣ дорад, аммо он марҳилаи тӯлониро дар бар гирифта, дар ҷомеа баҳри татбиқи амали он заҳматҳои зиёд кашидан ва проблемаҳои зиёдро ҳаллу фасл кардан лозим мешавад. Таъмини амнияти озуқаворӣ – ҳолати муҳофизатии иқтисодиёти давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ

бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад [2, с.8]. Яъне, ин масъала бештар аз ҳолати муҳофизатии иқтисодиёти давлат вобаста мебошад.

Таъмини амнияти озуқавории кишвар яке аз масъалаҳои стратегии инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб меёбад. Дар ин самт танзими тиртиби истифодаи замин ва андозабандӣ аҳамияти муҳим пайдо менамоянд. Давлат раванди истеҳсолоти маҳсулоти озуқавориро тавре ташкил менамояд, ки фаровонӣ, сифат, нигоҳдорӣ ва то ба истеъмолкунанда расидани он дар ҳолати чавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ бошад. Ин маънои онро дорад, ки маҳсулоти истеҳсолшаванда аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ ва бехатарии он таъмин карда шуда, барои боз ҳам баланд бардоштани тарзи ҳаёти солим ва зиндагии шоистаи мардум кафолат дода мешавад. Дар чунин ҳолат амнияти озуқаворӣ таъмин хоҳад гашт. Дар ҳолати ворид намудани маҳсулоти пастсифат ва кӯҳна ва ба фурӯш баровардани он на танҳо ба саломатӣ, балки хавфи ба генофонди миллат зарба задан имконпазир мегардад. Дар ин самт Тоҷикистонро аз кишвари воридкунанда ба кишвари содиркунанда табдил додан ва сиёсати саноатикунонии рушдкунандаро пеша намудан масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Таъмини амнияти энергетикӣ. Самти дигари таъмини амнияти давлатию миллӣ ин ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати муваффақи энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми бист соли охир идома дорад. Дар мамлакат яке аз неругоҳҳои обии барки калонтарин НБО Сангтӯда дар ҳамкорӣ бо Федератсияи Россия, Сангтӯда – 2 бо ҳамкории Ҷумҳурии Исломии Эрон ва даҳҳо истгоҳҳои барқи обии миёнаву хурд сохта ба истифода дода шуданд. Дар самти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба нишондод наздик мебошанд. Аммо имрӯзҳо барои расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ ба истифода додани ҳамаи чарххои НБО Роғун босуръат идома дорад, ки ояндаи саноат ва ҳаёту мамоти мамлакат аз он вобастагӣ дорад. Бунёди пурраи неругоҳ умед ва орзуи даврони соҳибистиқлолии миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон мебошад.

Солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дарёфт ва истифодаи оқилона манбаъҳои энергия мушкилотҳои зиёдро паси сар менамояд. Сабаб он аст, ки мамлакат дорои захираҳои зарурии газ нефт ва манбаъҳои дигари иқтидори зарурии энергетикӣ нест ва ё чунин манбаҳо ё мавриди истифода қарор нагирифтаанд ва ё истифодаи он аз қудрати истеҳсоли кишвар бештаранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба номутаносибию қафомондагии иқтисодӣ, ҳолати бӯҳронии инкишоф ва ҷанги шаҳрвандӣ натавонист масъалаи таъмини амнияти энергетикиро дар сатҳи дилхоҳ ва зврурӣ ба роҳ монад. Ҳоло Тоҷикистон имконият дорад, ки амнияти энергетикиро

асосан таввасути сохтмонҳои НБО таъмин созад. Зеро НБО нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ безарартаранд. Махсусан, дар таъмини амнияти энергетики Тоҷикистон бо охир расонидани сохтмони НБО- и Роғун аҳамияти муҳим дорад.

Дар ҳолат пурра ба истифода додани НБО Роғун, дар як сол ба миқдори 14 млрд. киловат соат нерӯи барқ истеҳсол мегардад. Тоҷикистонро зарур аст, ки аз манбаъҳои дигар низ истифода намуда, амнияти энергетикиро таъмин созад ва тамом талаботи ҷомеаро бо нерӯи барқ таъмин намуд.

Дар шароити имрӯза Тоҷикистон метавонад асосан талаботи худро тавассути сохтмонҳои нерӯгоҳҳо таъмин намояд. Чунки НОБ арзон ва аз мавқеи экологӣ безарар ба ҳисоб мераванд. Махсусан, дар таъмини амнияти энергетикӣ дар Тоҷикистон ба итмом расонидани сохтмони НОБ-и Роғун аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар воқеъ, сохтмони НБО-и Роғун фишанги ҳаракатдиҳандаи ташаккули ҳуввияти миллӣ ва идеяи муттаҳидкунандаи миллату халқиятҳои Тоҷикистони азизамон аст, ки асоси онро ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ташкил медиҳанд [3, с.166]. Воқеъан, имрӯзҳо НБО-и Роғун ба майдони кор ва нангу номусӣ миллат ва ифтихору ҳуввияти миллӣ табдил ёфтаистодааст, ки мисоли онро дар иродаи сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва истодагарии он шахсият дар роҳи бунёди ин сохтмони аср мебинем. Дар баробари ин неругоҳ ба сифати таъминкунандаи амнияти энергетикии давлати миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад. НБО-и Роғун ба манфиати миллат хизмат мекунад. Пас манфиатҳои миллат ин манфиатҳои давлат ва амнияти миллӣ ин амнияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ. Омили дигаре, ки амнияти миллиро таъмин менамояд ин раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад. Тоҷикистон кишвари кӯҳсор асту роҳ ба баҳр надорад ва роҳи оҳан низ онро миёнбур намекунад. Баъд аз сарнагун шудани давлати Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муайян намудани низоми сиёсии худ ба душвориҳо рӯ ба рӯ гашт, ки яке аз онҳо маҳдуд гаштани он дар алоқаҳои нақлиётӣ ва тавассути нақлиёт буд. Бесабаб нест, ки онро «раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ» меноманд ва ин сирф яке аз мақсадҳои минбаъдаи ҷомеасозӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб мерафт.

Бунёди роҳҳои Душанбе – Кӯлоб – Бадахшон – Қулма, Тоҷикистонро ба сарҳади Ҷумҳурии Халқии Чин бароварда, ки имрӯзҳо тавассути ин роҳи Бузурги абрешим муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳамлу нақли борҳои аҳамияти умумидошта ба ҳар ду кишвар интиқол дода мешаванд. Роҳи баромад тариқи ағбаи Анзоб роҳро ба вилояти Суғд осонтар гардонид ва тавассути Чаноқ ба мамлакатҳои ҳамсояи Шимол-Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон баровад. Роҳи Душанбе –Панҷи Поён ба Афғонистон ва тавассути он ба Покистон ва уқёнуси Ҳинд баромадани Тоҷикистонро

таъмин намуд. Боз аз нав тақвият ёфтани ҳамкории дӯстона бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ин Тоҷикистонро пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшид. Дар ин самт амнияти коммуникатсионии Тоҷикистон таъмин гашт.

Рушди босуръати саноатикунонии кишвар. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми охирини хеш (26.12.2019 с.) саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафи чоруми мамлакат эълон намуданд[4]. Воқеан саноат дар рушди ҳар гуна ҷомеа аҳамияти муҳимро касб менамояд. Раванди коркади маҳсулот, тамоми коркарди конҳо, истихроҷ, истеҳсоли неруӣ барқ ва ғайра фаро мегирад. Инкишофи тамоми навъҳо ва шаклу соҳаҳои саноат барои пешрафти мамлакат ба таври баробар заруранд. Бояд рушди мутаносиби ҳамаи соҳаҳои саноат ба инобат гирифта шавад. Аҳамияти муҳимро ҷойгирониро соҳаҳои саноат ташкил менамояд. Корхонаҳои саноатӣ на танҳо ба ашёи хом наздик сохта шаванд, балки мавзеи ҷойгиршавии воҳиди саноатӣ ва хусусиятҳои ҳудудию ҷойгиршавии аҳолӣ низ ба эътибор гирифта шаванд[5].

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки барои он таъмини амнияти миллӣ зарур аст, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ додан ба минтақаҳои озодӣ иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Минтақаҳои озодӣ иқтисодиро бештар давлатҳои манфиатдор барои сар даровардан ба манбаҳои бойи ин ё он давлат андештдаанд. Воридшавии капитали хориҷӣ ба чунин минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои шикастани капитали дохилӣ ва беқурбгардонии он оварда расонида, таъсири давлатҳои берунаро ба иқтисоди мамлакат пурзӯр менамояд. Қабл аз он ки бозори озод ва умумӣ таъсис дода шавад, манфиатҳои умумимиллӣ бояд ба инобат гирияфта шаванд. Молистеҳсолкунандагони ватанӣ бояд ҳимоя карда шаванд ва раванди сармоягузорӣ хуб ба роҳ мондан лозим аст.

Тезонидани тараққиёт ба сифати воситаи асосӣ дар оянда барои таъмин намудани амнияти миллӣ метавонад заминаи боэътимод гардад. Рушди соҳаи иқтисод ва дар амал татбиқ намудани консепсияи стратегии амнияти озуқавориро иҷро намояд. Таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ба сифати ҳадафи стратегии мамлакат мансуб меёбад. Аммо нақши мамлакат дар ин самт ба нишондиҳандаи назаррас нарасидааст. Зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон психологияи истеъмолгароӣ нисбат ба истеҳсолкунанда дар сатҳи болотар қарор дорад.

Яке аз омилҳое, ки амнияти миллиро таъмин менамояд, ин баланд бардоштани қобилияти мудофиавии кишвар мебошад. Ба ин масъала ҳар як давлат ва сиёсати давлатӣ ба таври ба худ хос муносибат менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлол гаштан то оғози ҷанги шаҳрвандӣ артиши миллии худро надошт. Яке аз рукнҳои давлатдорӣ ин мавҷуд будани артиши миллӣ ба ҳисоб меравад. Артиши пуриқтидор кафили боэътимоди ҳимоя ва таъмини амнияти миллӣ мебошад.

Қобилияти мудофиавии мамлакат аз ҳимояи сарҳадоти мамлакат, ба низом даровардани тартиботи дохилии мамлакатмуҳофизати дастовардҳо ва арзишҳои таърихии миллату давлат ва таҳкими нуфузи байналхалқии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Албатта, нигоҳ доштани қобилияти мудофиавии мамлакат хароҷотҳои зиёд ва маблағҳо фаровонро талаб менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофиаш душоршавии эҳтимолӣ ба таҳдидҳои давлатҳои дигар ва ба хусус аз сарҳади ҳаммарзи Афғонистон ба ҳуҷумҳои «Толибон», «Давлати исломӣ», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ва «Ансоруллоҳ» ва дигар ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ ва террористию ифротгароӣ гардад. Ин хатарҳо бевосита ба амнияти миллию давлатии Тоҷикистон таҳдид менамоянд.

Боз ҳам саволе пайдо мешавад, ки боз кадом омилҳо аз дохил метавонанд ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ бошанд? Аз ин ҷо омилҳои зерин метавонанд ҳамчун таҳдидҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд: афзоиши ҷиноятқорӣ, ҷиноятқории муташаккилона, ҷиноятҳои трансмиллӣ, савдои одамон, коррупсия, гардиши ғайриқонунии силоҳ ва воситаҳои нашъадор, ки ба пастшавии сатҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арзишҳои умумибашарӣ мусоидат менамоянд. Коррупсия ба сифати амали номатлуб дар ҷомеа эътироф гашта метавонад тамоми сохтори давлатиро фаро гирад ва ин сохторро барои аз байн бурдан такон диҳад. Коррупсия хатари ҷиддии давлат ва миллат ба ҳисоб рафта, пояҳои сиёсати давлатро суст ва манзалату мавқеи давлатро дар ҷомеа поён мебарад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар таҳкими амнияти давлатӣ қудратманд гардидани созмонҳои минтақавӣ аҳамияти муҳим пайдо менамояд. Бахусус, ҳамкориҳо дар доири муносибатҳои байниҳамдигарии СААД, Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва ИДМ судманд аст. Ҳамаи онҳоро вазифаҳои умумӣ, аз қабили мубориза ба муқобили терроризм, таҳдиди васеъшавии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, истодагарӣ намудан ва ҷавоб ба давлатҳои аъзои Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ ва ғайра муттаҳид мегардонанд.

Хулоса, ҳифзи суботи сиёсӣ ва таҳкими амнияти миллӣ барои амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар заминаи асосӣ фароҳам намуда, ба беҳтар гардидани шароити иҷтимоии шаҳрвандон ва ба боло рафтани иқтидори сиёсиву иқтисодӣ ва мудофиавии давлат мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 саҳ.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” аз 15.03.2016 с.

3. Маҳмадов Абдураҳмон. Муқаддимаи идеяи миллӣ. – Душанбе, ЭР-граф. 2013. – 180 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроғаи эл.: http://president.tj/node/19088 (Санаи мурочиат 04.12.2020).
5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат ба муносибати 80-солагии Прокуратураи Тоҷикистон (ш. Душанбе, 24-Дек. 2004 с).
6. Эмомалӣ Раҳмонов. Суханронӣ дар Анҷумани IV Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди дуюм. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 саҳ.

АННОТАЦИЯ

Изложен анализ проблемы защиты национальной безопасности и раскрыта её роль в реализации государственных стратегических целей. Со ссылкой на нормативно-правовые нормы проанализированы сущность, типы, особенности, необходимость и защиты национальной безопасности при развитии национального государственности и в улучшении социального положения населения. Укрепление национальной безопасности наряду с другими факторами считается одной из важных предпосылок в реализации стратегических целей страны.

Ключевые слова: укрепление национальное безопасность, государственные стратегические цели, Республика Таджикистан, сохранение политическое стабильность, мировое политическая обстановка, улучшение социальное положение населения.

ANNOTATION

The article is devoted to the problem of national security protection and its role in the implementation of the state strategic goal of the Republic. The authors, referring to the normative legal norms, analyzed the essence, types, features and necessity of protecting the national security of the Republic in the development of national statehood and in improving the social situation of the population. Strengthening national security, along with other factors, is considered one of the important prerequisites for the implementation of the country's strategic goals.

Keyword: strengthening national security, state strategic goals, the Republic of Tajikistan, maintaining political stability, the global political situation, improving the social situation of the population.

ИҶТИМОИШАВИИ СИЁСӢ ЯКЕ АЗ ЗАМИНАҲОИ ПЕШГИРИИ ҶАВОНОН АЗ ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ

Саидзода Ш.Ш. -
омӯзгори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Дар раванди бунёди давлатдории миллӣ яке аз масъалаҳои муҳим эҳё ва ҳифзи мероси моддиву маънавии гузаштагон мебошад, ки бе он таъриху ҳастии миллат маънӣ надорад. Соҳибӣ намудани мероси даврои гузашта дар раванди иҷтимоишавии фардҳо ҳал мегардад, ки он вазифаи ошно намудани инсон ба меъёрҳо ва арзишҳои фарҳангӣ ва табдил додани ӯ ба аъзои баробарҳуқуқи ҷомеа мебошад [3, с.298]. Дар ин самт саҳми созмонҳои ҷавонон – яке аз институтҳои иҷтимоишавии сиёсӣ – хеле назаррас буда метавонад.

Раванди иҷтимоишавии сиёсӣ баробари камолоти шахс аҳамияти бештар пайдо менамояд. Иҷтимоишавии сиёсӣ раванди рушде мебошад, ки кӯдакону наврасон ғоя, мавқеи сиёсӣ ва рафтори ба ҷомеа мутобиқро қабул менамоянд[3, с.536] Ба ибораи дигар, иҷтимоишавии сиёсӣ раванди мураккаби таъсир расонидан ба шахс бо мақсади ҳамроҳ намудани ӯ ба муҳити сиёсӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ва аз тарафи шахс қабул гардидани арзишҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Барои давлате, ки рӯ ба сӯи ҷомеаи демократӣ ниҳодааст, фаъолнокии ҳар шаҳрванд ва аҳли ҷомеа тақозо мешавад. Ва барои фаъолона иштирок намудан дар давлатдорӣ аз шаҳрванд талаб мешавад, ки ӯ аз лиҳози сиёсӣ огоҳ, ҳушёр, бомаърифат ва фарҳанги муайяни сиёсӣ дошта бошад. Агар дар даврои кӯдакиву наврасӣ нақши оила ба раванди иҷтимоишавии сиёсии шахс бештар муассир бошад, дар даврои ҷавонӣ шахс зери таъсири институтҳои иҷтимоишавӣ, монанди давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ҷавонон қарор мегирад. Дар ин марҳила ҳадафи асосии аксарияти субъектони иҷтимоишавии сиёсӣ мутобиқнамоии шахс ба муҳити иҷтимоиву сиёсӣ ва боло бардоштани саҳми ӯ дар равандҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад. Зеро, мутобиқнамоии мардум ба муҳити сиёсии ҷомеа ба ҳифзи суботу оромии ҷомеа ва таъмини рушди босуботи давлат мусоидат хоҳад кард. Дар акси ҳол, пазируфта нашудани муҳит ва ё низоми сиёсӣ аз тарафи шахс ва ё гурӯҳи муайяни аҳолӣ боиси халалдор гардидани суботу оромии ҷомеа мешавад. Аз ин нуқтаи назар, масъалаи раванди иҷтимоишавии сиёсии ҷавонон ҳамеша дар мадди назари ҷомеашиносон ва мақомоти давлатӣ қарор дорад.

Модели шӯравии ташаккули моҳияти иҷтимоиву сиёсии инсон, ҳамчун системаи устувор, ба таври муташаккил, мақсаднок ва фаъолияти муназзам муқаррар шуда буд. Вазифаи иҷтимоишавии ҷомеа ба таври назаррас дар асоси нақшавӣ ва идорашавандагии раванд амалӣ мегардид.

Дар марҳилаи аввали сотсиализатсия агентҳое ба монанди оила, муассисаҳои томактабии кӯдакона, мактаб, созмони пионерӣ, комсомолӣ ва дигар иттиҳоди ҳамсолон дохил мешуд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи иҷтимоишавии сиёсии ҷавонон дар шароити низоми нави сиёсӣ талаботи навро пеш овард, ки бе он истифодаи дурусти неруи ҷавонон дар пешрафти давлати тозаистиқлол душвор буд. Бинобар ин, дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Тоҷикистон нисбати масъалаи мазкур муносибати хосса пеш гирифт. Дар ин росто аввалин мулоқоти Роҳбари давлат бо ҷавонон 2 феврали соли 1993 дар шароити вазнини сиёсии дохилӣ ба он равона гардид, ки минбаъд ин қишри муҳими кишвар рисолати худро дуруст дарк намуда, дар таҳкими истиқлолият ва рушди давлат саҳмгузор бошад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон рисолати аввалиндараҷаи ҷавононро он рӯз чунин муқаррар намуданд: «Ҷавонон аз хатоиҳои гузашта бояд сабақ омӯзанд, дар раванди минбаъдаи таърих муттаҳиду муттафиқ бошанд, ваҳдату якдилиро пеша кунанд» [2, с.22].

Мутаассифона, бинобар аз байн рафтани низоми сотсиалистӣ, дар ҷомеаҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон аксарияти институтҳои сотсиализатсияи сиёсӣ, ки аз рӯи низом ва идеологӣ кори худро пеш мебурданд, бо мушкилӣ рӯбарӯ гардида, вазифаи худро дуруст анҷом дода натавонистанд. Идеологияи пешина аз байн рафт ва вакууми идеологӣ ба миён омад.

Бояд иқрор шавем, ки ҳизбу созмонҳои ифротгароии дар ҷомеаи имрӯза зуҳур ва фаъолият дошта, пуштибони хориҷӣ дошта аз рӯи ҳадафҳои муайяни сиёсиву идеологӣ ва геополитикӣ амал менамоянд. Ҳамаи ҳизбу созмонҳои то имрӯз ба вуҷуд омада аз фурсати муносиби мавҷуда, яъне аз камсаводии динии ҷавонон ва шароити иҷимоиву иқтисодии ҷомеа истифода мебаранд. Қисме аз ҷавononи тоҷик ба кишварҳои хориҷии исломӣ рафта донишҳои динӣ гирифтанд. Вале донишҳои динии онҳо мутаасифона такя ба мазҳаби барои ҷомеаи суннатии бегона аз бар карда шуда буд ва ин чиз барои ҷомеаи тоҷик зиддияти мазҳабӣ ва рақобати идеологиро ба вуҷуд овард ва ихтилофоти гурӯҳҳо шакл гирифт. Аммо баъди ба даст овардани сулҳ дар Тоҷикистон Ҳукумати кишвар бо роҳбарии Президенти Тоҷикистон барои ягонагии фазои динӣ ва мазҳабӣ кӯшишҳои зиёд намуданд.

Баъди солҳои 2000-ум дар самти сиёсати давлатии ҷавонон ва иҷтимоишавии сиёсии ҷавонон тадбирҳои назаррас андешида шуданд. Соли 2004-ум Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», соли 2011 «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», соли 2014 «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуданд, ки дар маҷмӯъ барои пешрафти кори ҷавонон, боло бардоштани мақоми

онҳо ва саҳми ҷавонон дар равандҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа заминаи мусоиди қонунӣ фароҳам гардид.

Дар Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 масъалаи ҳарчи бештар ба таври амалӣ худтатбиқнамоии ҷавонон ва торафт боло бардоштани саҳм ва нақши онҳо дар рушди давлати миллӣ яке аз ҳадафҳои аслии сиёсати давлатии ҷавонон қайд гардидааст. Чуноне ки дар банди 3-и стратегия гуфта мешавад: “Мақсади асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фароҳам овардан ва таҳкими шароитҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои истиқрори шаҳрвандӣ ва худтатбиқнамоии иҷтимоии ҷавонон иборат мебошад”[7]. Яъне, давлат мехоҳад, бо роҳи ворид намудани ҷавонон ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа нақши ҷавононро дар таъмини суботу амният ва рушди устувори мамлакат боло бардорад. Зеро, ҷавонон нерӯи бузурги ақлониву ҷисмонӣ ва фардои кишвар мебошанд.

Ташаккули шахсияти инсони комил тавассути таъсири маҷмӯи омилҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ба вуқуъ мепайвандад. Ин дар навбати худ имконият медиҳад, ки паҳлӯҳои муҳим ва роҳу равиши рафтори фард дар таносуб бо тарҷрибаи муайяни муҳими зист, мақсаду вазифа ва мазмуну мундариҷаи он, ки муқаддамтару айнӣ аст ва бештар дар ташаккули шахс ҳамчун унсури муҳим ва самарабахш арзёбӣ гаштааст ва то ҳадде муайян ба низоми таъсиррасонии воситаҳои зарурии ҷомеа вобастааст, талқин карда шавад[4, с.76].

Иҷтимоишавии сиёсӣ, аз як ҷониб, ба мутобиқсозии шахс ва ба муҳити иҷтимоиву сиёсӣ ворид шудани шахс мусоидат намояд, аз ҷониби дигар шахсро аз бегонашавии иҷтимоиву сиёсӣ эмин медорад. Бегонагии иҷтимоиву сиёсӣ танҳо маънои аз муҳити ҷомеа фосила гирифтан набуда, ҳамчунин ба субъекти ғайрифаъол ва муқобили низом табдил шуданро дорад. Шахси аз муҳити ҷомеа бегонашуда метавонад, муқобили арзишҳо ва одатҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа ситезад ва нисбати масъалаҳои сиёсӣ бефарқии шахсро боз ҳам бештар менамояд[5, с.190].

Бегонашавии иҷтимоиву сиёсӣ ҳам барои шахс ва ҳам барои ҷомеа оқибати хуб надорад. Шахс аз ҳаёти ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ дар канор монда, ба рафтори пинҳонкорона иқдом карда, гоҳо бар муқобили арзишҳои ҷомеа рафтор менамояд. Чунин ашхос дар бештари ҳолатҳо ба доми фиреби созмону ташкилотҳои ғайрирасмӣ афтода, ба сарчашмаи мушкилии сиёсӣ ва амниятӣ мубаддал мегардад. Аз ин рӯ, ҷалби шаҳрвандон, хоса ҷавонон ба ҳаёти сиёсӣ ва фароҳам намудани шароити баробар дар фаъолияти сиёсӣ онҳоро аз бегонашавии иҷтимоиву сиёсӣ ва фаъолияти ғайриқонунӣ боз медорад.

Аз сабаби ташаккул наёфтани арзишҳо ва муносибатҳои сиёсии нав ҳизбу созмонҳои гуногуни ифротӣ ва ғайрилегалӣ аз тарафи аҳолӣ зуд ҷонибдорӣ пайдо менамоянд. Гурӯҳи хурд ба чунин созмонҳо моил

гардида, дар руҳияи муқобил ба фарҳангу арзишҳои ҷомеа баромад менамоянд. Махсусан ҷавонони бекор ва дар ҷомеа бемавқеъ тезтар ба доми чунин ҳизбу созмонҳо афтода, муқобили низоми сиёсӣ меситезанд.

Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бора қайд менамоянд: «Вазъи имрӯза ва хатарҳои афзоянда бояд шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонони моро ҳушёр созанд, ки ба ҳар гуна ҳаракату гурӯҳҳои тундрав шомил нагарданд ва зиракии сиёсиро аз даст надода, барои ҳифзи давлатдории миллиамон кӯшиш намоянд ва Ватани азизамонро чун меҳри модар муқаддасу гиромӣ доранд»[1].

Агар ба оморҳо назар намоем, аксарияти онҳое, ки даст ба ҷиноят мезананд ва шомили ҳизбу созмонҳои ғайрирасмӣ, ифротӣ ва террористӣ ҳастанд, ҷавонон мебошанд. Маълум мегардад, ки дар назди давлат ва ҷомеа яке аз масъалаҳои бисёр муҳим дар шароити гузариш аз як низом ба низоми дигар ин тарбияи дурусти сиёсии онҳо ва пурра фаро гирифтани ҷавонон ба раванди иҷтимоишавии сиёсӣ мебошад. Яке аз омилҳои муҳим барои анҷоми ин мақсадҳо мутобиқ омадани манфиатҳои ҷавонон бо мақсадҳои ҷомеа ба ҳисоб меравад. Яъне, ин ҷо масъалаи идеологияи ягонаи давлатӣ аз рӯи арзишу талаботи он фаъолият бурдани мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳалкунанда ба ҳисоб меравад. Мақомоти кор бо ҷавонон на танҳо бо мақсади фароҳам намудани шароити иҷтимоиву иқтисодӣ барои ҷавонон, ҳамчунин бо мақсади ба ҳам овардани мақсаду манфиати онҳо ба мақсаду манфиатҳои ҷомеа фаъолият пеш баранд. Ба ҳам овардани мақсади давлат ва ҷомеа, хоса ҷавонон ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва устувории рушди ҷомеа мусоидат менамояд.

Яке аз сабабҳое, ки шахс дар натиҷа рӯ ба созмонҳои ифротӣ ва террористӣ оварда, аз ҳаёти ҷомеа дур мегардад, паст будани шароити иҷтимоӣ мебошад. Ба қавли соҳибназарон дар ҷамъият ба гурӯҳи норизоён, мухолифон, зимнан ҷабрдидиагон бештар ниёзмандон, осебпазирон ва тангдастони иҷтимоӣ шомил мебошанд. Яъне, бинобар тангдастӣ шахс ба доми бадхоҳон афтода, гурӯҳи мухолифонро пур мекунад ва зидди қабул ва ё татбиқи рукнҳои идеологияи давлатӣ пофишорӣ менамояд [6, с.162].

Ҳоло масъалаи иҷтимоишавии сиёсии ҷавонон заминаи меъёрию ҳуқуқӣ дошта, зери таваҷҷӯҳи Ҳукумати кишвар қарор дошта бошад ҳам, бинобар таъсири манфии раванди ҷаҳонишавӣ, дар байни институтҳои иҷтимоишавии сиёсӣ мавҷуд набудани дарки дурусти масъала ва татбиқ нагардидани модели ягонаи иҷтимоишавии сиёсии ҷавонон садди пеш рафтани кори ин самт гардидааст. Бинобар ин, фаъолияти якҷоя ва ҳамгироии тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ баҳри дуруст пеш бурдани иҷтимоишавии сиёсӣ шаҳрвандон, махсусан наврасону ҷавонон, хеле муҳим ва зарурӣ мебошад. Ояндаи рушди давлат аз дараҷаи иштирок ва фаъолнокии сиёсӣ ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа вобаста буда, татбиқи амалии

барномаву стратегияҳои давлатӣ саҳми боризи нерӯи ҷисмониву зеҳнии онҳоро тақозо менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар таҷлили Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил. Сурогаи элек.: http://president.tj/node/12908. (Санаи мурочиат 07.01.2020.)
2. Абдуллозода А.Р., Миралиён Қ.А. Пешвои миллат бо ҷавонон (бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2018. – 416 с.
3. Громов И. А., Мацкевич И. А., Семёнов В. А. Западная социология. СПб.: Издательство ДНК, 2003. – 560 с.
4. Ғоибов К.Ш. Тарбияи сиёсии ҷавонон дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон / Дар роҳи тарбияи солим. – Конибодом: Вектор-Канд, 2015. – саҳ. 112-115.
5. Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳои илмию таҳқиқотӣ). Қисми 3. / Зери таҳрири дотсент Ҳукмишоев З.Д. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 148 с.
6. Миралиён Қ.А. Ҷанбаҳои идеологии сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити муосири ҷомеа / Хатарҳои муосири геополитикӣ ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳуриии Тоҷикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо. – Душанбе: Таъминотчӣ, 2017. – саҳ. 149-167.
7. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 2011.

АННОТАЦИЯ

Исследуется политическая социализация и её роль в процессе отвлечения молодежи от участия в экстремистко-террористических организациях. Анализируются сущность, особенности и значимость политической социализации молодежи в условиях демократической системы общества с учетом сегодняшней политической обстановки. Отмечено как правильно и гармонично вести политическую социализацию в учебных учреждениях и молодежных организациях. Раскрывается роль политической социализации в процессе политичекского воспитания и в повышении уровня политической активности молодежи в современных условиях.

Клюевые слова: политическая социализация, экстремистско-террористические организации, политическое воспитание, Республика Таджикистан, распространение чуждой идеологии, государственная молодежная политика.

ANNOTATION

The article is devoted to the them of political socialization and its role in preventing youth from extremist and terrorist organizations. The article analyzes the essence, features and significance of political socialization of young people in a democratic system of society, taking into account the current political situation. It is noted how correct and harmonious the socialization process is on the part of educational institutions and youth organizations. The role of political socialization in the process of political education and increasing the level of political activity of young people in modern conditions are revealed.

Keywords: political socialization, extremist and terrorist organizations, political education, Republic of Tajikistan, dissemination of strange ideologies, state youth policy.

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КИШВАР

Зарифов Ҳ.Р. –
Докторанти PhD Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

“….ҳар гуна сиёсати давлат дар ниҳояти кор дифоъ аз манофеи миллист, ҳунари сиёсатмадорӣ дар арсаи ҷаҳон дарёфтани тавозуни оқилона ва одилонаи манофеи мухталифи давлатҳо мебошад”
Эмомалӣ Раҳмон

Сиёсати хориҷӣ мақсадҳо, вазифаҳо самтҳо инчунин шаклҳо, воситаҳо ва методҳои фаъолияти давлатро дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ муайян месозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати сиёсати хирадмандона ва мувафақонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар даврони Истиқлолият на танҳо равобити судманде бо ҷаҳони хориҷ барқарор созад, балки бо пайдо намудани равиши хоси дипломатияи худ, ки бар ҳифзи манофеи миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст, ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масоили глобалӣ шинохта шавад. [3, с 57].

Бояд хотирнишон сохт, ки барқарории равобити хориҷӣ ва шиносонидани Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил яке аз муҳимтарин ва дар айни ҳол мушкилтарин бахшҳои давлатсозӣ дар солҳои аввали Истиқлолият буд. Пешвои Миллат 29 сентябри соли 1993 нахустин бор аз минбари Созмони Милали Муттаҳид сухан ронда, ҷомеаи ҷаҳониро бо ҳадафҳои сиёсии сулҳҷӯёна ва таҳкиму тақвияти ҳамкориҳо бо ҳама кишварҳои дӯсту сулҳпарвари ҷаҳон ошно намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф кардани асноди робитаҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳо зербинои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро бунёд намуд. [5, с 220].

Мусаллам аст, ки обрӯ ва нуфузи имрӯзаи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ самараи талошҳои пайгирона ва хастагинопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Ӯ бо қабули масъулияти кишвар дар солҳои басо вазнин ва пайгирии ҳадафҳои олии созандагӣ манфиати умумимиллиро аз ҳамаи манфиатҳои дигар боло гузошта, боварии халқро соҳиб шуд. Корҳое, ки таи солҳои гузашта анҷом дод, боис шуд, ки дар дохили мамлакат тамоми халқ, махсусан равшанфикрон ва нерӯҳои ақлонӣ ба нақшаву барномаҳои ояндаи ӯ бо диди умед бингаранд ва бо боварӣ пайрави роҳаш бошанд. Президенти мо ҳанӯз дар рӯзҳои душвор ва печидаи кишвар, дар ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон, роҳандозии тамосу равобити дӯстона бо кишварҳои гуногун, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ва муаррифии кишвару миллат дар ақсои олам нақши созанда ва беназир дорад. [1,].

Пешвои Миллат кишварҳои оламро аз рӯи манфиатҳои Тоҷикистон ва имкониятҳои ҳамкорӣ ба чанд ҳавза ҷудо намуда, бо ҳамаи онҳо муносибатҳои манфиатбахшро ҷараён медиҳад. Дар ин сиёсат кишварҳои Осиёи Марказӣ, ИДМ, ҷаҳони Ғарб, олами ислом, давлатҳои алоҳида ба мисли Россия, Хитой, ИМА, Афғонистон, Эрон ва ғайра ҷойгоҳи худро дошта, муносибату ҳамкориҳо бо мазмуну мундариҷаи ҷавобгӯи манфиатҳои тарафайн роҳандозӣ мешаванд.

Пешвои Миллат ғамхорию садоқатро нисбати тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ арзонӣ дошта, ҳам тавассути ҳамкориҳо бо кишварҳои иқомати ҳамватанон ва ҳам бо туфайли Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони дунё, ки раисии онро ба ӯҳда дорад, кӯшиш ба харҷ додаст, ки ваҳдати тоҷиконро дар паҳнои ҷаҳон таҳким бахшад, то тоҷикону ҳамватанон дар ҳар куҷое, ки набошанд, Тоҷикистонро чун хонаи умеди худ ҳисоб кунанд ва аз рӯҳияи хештаншиносӣ, мадори фарҳангу ҳувияти миллии худ дур набошанд. [6, с 70].

Гузашта аз ин, саъю талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат барои барқарории сулҳу субот ва сарҷамъии миллӣ басо нодир ва арзишманд арзёбӣ мегарданд. Имрӯзҳо таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар бобати ҳалли мусолиматомези низоъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба сарвати илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ мубаддал шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои пуртазодди сиёсӣ ҳамон миллате манфиатҳои худро ҳимоя карда метавонад, ки Пешвои худро дошта бошад, ҳамдилу ҳамақида бошад ва баҳри амалигардонии идеяи ягонаи миллӣ қадам ниҳад.

Бояд гуфт, сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати санҷидашуда, прагматикӣ ва воқеъбинона буда, ҳамзамон бо пазириши меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ ва эҳтиром ба манофеи шарикон, риояи қатъии манфиатҳои миллиро дар тамоми фаъолияти дипломатӣ дар мадди аввал мегузорад.

Бо ташаббуси Пешвои Миллат Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созмони илмию фарҳангии СММ (ЮНЕСКО) низ ба дастовардҳое дар заминаи муаррифии осори фарҳангию таърихии миллати тоҷик ноил шуд, ки ба чанде аз онҳо ишора мекунем:

- Соли 2002 пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба ҳайси “Шаҳри сулҳ” сазовори ҷоизаи ЮНЕСКО гардид;
- Соли 2003 “Шашмақом” ҳамчун мусиқии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба ҳайси шоҳкориҳои шифоҳӣ ва фарҳангии мероси ғайримоддии башарият ба феҳристи ЮНЕСКО ворид карда шуд;
- Соли 2010 бо қарори 34-умин ҷаласаи Кумитаи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шаҳраки қадимаи «Саразм» ба феҳристи мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд; [4,с 144].

- Соли 2013 бо қарори 36-умин ҷаласаи Кумитаи Мероси Умумиҷаҳонии ЮНЕСКО “Боғи миллии Тоҷикистон – Кӯҳҳои Помир” ба феҳристи Мероси таббии Умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гардид;
- Соли 2013 дар шаҳри Париж дар қароргоҳи ЮНЕСКО муаррифии китоби «Меъмори сулҳ», ки ба саҳми пуразиши Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу суботи комил дар кишвар бахшида шуда буд, баргузор гашт;
- Соли 2013 бо эътирофи пайравии пайваста ба ҳадафҳои ташаккули сулҳи пойдор ва пешбурди ҳадафҳои рушди ҳазорсолаи устувор, дар сатҳи байналмилалӣ ҳамоҳангшуда, Созмони ЮНЕСКО Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро бо Медали ҷашнии "60-солагии ЮНЕСКО" сарфароз гардонид;
- Соли 2013 дар ш. Париж дар рафти 37-умин иҷлосияи Конфронси генералии ЮНЕСКО ҷашнҳои 3000-солагии Ҳисор, 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (дар ҳамкорӣ бо Ҷ.И.Эрон) ва 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ ба феҳристи ҷашнҳое, ки бо иштироки ЮНЕСКО дар солҳои 2014-2015 таҷлил мешуданд, ворид гардиданд [2,].

Дар баробари ин иқдомҳо аз соли 2010 то соли 2011 ҷониби Тоҷикистон бо маблағгузории Бонки рушди Осиё сохтмони хати баландшиддати интиқоли барқро (220 кВт) аз Тоҷикистон то сарҳади Афғонистон ба анҷом расонид. Дар натиҷа як қисми самти шимоли кишвари ҳамсоя бо барқ таъмин мегардад.

Пешниҳоди дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Лоиҳаи энергетикии минтақавии CASA-1000 (CASAREM) мебошад, ки он соли 2007 дар Исломобод байни 4 давлати Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ - Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон ба имзо расид ва сохтмони он дар наздиктарин мӯҳлатҳо шурӯъ шуд. Тибқи ин лоиҳа барқ ба Афғонистон ва Покистон содир карда мешавад, ки он хусусан барои таъмини сулҳу субот ва эҳёи ҳаёти осоишта ва иқтисоди кишвари ҳамсоя хизмат хоҳад кард. Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон ташаббусҳои кишварҳои дигарро низ дар бобати дастгирии Афғонистон мепазирад ва аз онҳо пуштибонӣ мекунад.

Як нуқтаи хеле муҳимро низ бояд ёдрас шуд, ки ҳанӯз моҳи июни соли 1998 дар Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳонро даъват намуда буд, то барои гирифтани пеши роҳи интиқоли маводи мухаддир ва паҳн шудани он берун аз дохили марзи Афғонистон дар атрофи ин кишвар садди шикастнопазире бо номи “минтақаи амният” ё “тасмаи амниятӣ” бунёд карда шавад. [2,].

Бояд гуфт, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ва азму иродаи давлати он, бавижа ташаббусҳо ва пешниҳодоти созандаву некбинонаи Эмомалӣ

Раҳмон дар ҷодаи ободию осоиштагии на танҳо Тоҷикистон, балки минтақа ва ҷаҳон нигоҳи боэътимоду хайрхоҳона дорад. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои Миллаташ-Эмомалии Раҳмонро дар ҷаҳон бо пешбурди сиёсати мантиқӣ ва пешниҳодҳои созандааш ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масоили глобалӣ мешиносанд.

Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикори Пешвои Миллат-Эмомалӣ Раҳмон:

1. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи Умумии СММ (1 октябри 1999) – эълон намудани соли 2003 – Соли оби тоза. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмааи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд.
2. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба элон намудани солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”. 23 декабри соли 2003 Маҷмааи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул кард.
3. Ташаббус оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо. Ин масъала аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми 3-юми ҷаҳонӣ доир ба иқлим 31 август - 4 сентябри 2009 дар шаҳри Женева, сипас дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген 7-8 декабри соли 2009 пешниҳод гардида буд.
4. Ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои амниятӣ, мубориза бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир.
5. Эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об (20 декабри 2010).
6. Таъсис додани маркази минтақавӣ оид ба масъалаи минаҳо.
7. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба элон намудани солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» [2,].

Ин ва дигар заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хорҷӣ бараъло зикр мешаванд. Ин аз хиради азалӣ ва нигоҳи дурбинонаи Пешвои Миллат дарак медиҳад. Ин аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ сиёсати сулҳҷуёна ва бобарори Пешвои Миллатро қадр карда ба ӯ як қатор унвонҳо ва ҷоизаҳо додаанд.

1. «Доктори фахрӣ»-и Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Русия (2009);
2. Доктори ифтихории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд;
3. Доктори ифтихории Донишгоҳи Мавлонои шаҳри Қунияи Туркия;
4. Доктори фалсафа ва иқтисоди Донишгоҳи Қоиди Аъзами Покистон;

5. Доктори фахрии Донишгоҳи Ғозии шаҳри Анқараи Ҷумҳурии Туркия;
6. Доктори фахрии Донишгоҳи миллии Киев ба номи Тарас Шевченко (2008);
7. Дорандаи калиди рамзи тиллои шаҳри Уммон ва унвони олии шаҳрванди фахрии шаҳри Уммони Шоҳигарии Ҳошимии Урдун;
8. Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 11.12.1999);
9. Ҷоизаи Бунёди байналмилалии нависандагон ва рӯзноманигорони Ҷумҳурии Туркия;
10. Ҷоизаи олии ҷамъияти Бунёди байналмилалии хайриявии «Сарпарастони аср»;
11. Медали «60-солагии ЮНЕСКО»;
12. Медали тиллои арҷгузорӣ ба Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ)-и ЮНЕСКО;
13. Медали тиллои давлати Миср;
14. Медали тиллои Кумитаи олимпии Чин;
15. Медали тиллои Маҷлиси халқи (Парлумони) Ҷумҳурии Мисри Араб (16.07.2007);
16. Медали тиллоии «Барои таҳкими сулҳу ризояти байни халққо»;
17. Медали тиллоии ҷашнӣ ба номи Абӯалӣ Ибни Сино (ЮНЕСКО 4.112002);
18. Медали тиллоии Федератсияи байналмилалии сулҳ ва ризоят (4.08.2004);
19. Мукофоти байналмилалии Пётри Кабир (Россия 2002);
20. Мукофоти давлатии Баҳрайн «Ал-Қилод ал-Халифӣ» (ордени подшоҳӣ);
21. Мукофоти давлатии Қувайт ордени «Муборак ал кабир»;
22. Мукофоти олии Академияи илмҳои тибби Федератсияи Русия-Медали тиллои ба номи Николай Блохин;
23. Мукофоти олии давлатии Ҷумҳурии Узбекистон Ордени «Эл Юрт Ҳурматӣ»
24. Мукофоти олии давлатии Озорбойҷон-ордени «Ҳайдар Алиев» (12.07.2012);
25. Мукофоти олии давлатии Украина-орден «Барои хизматҳо» дараҷаи аввал (15.12.2011);
26. Мукофоти олии давлатӣ-нишони Покистон;
27. Мукофоти олии Пажӯҳишгоҳи муттаҳидаи тадқиқоти ядроии Федератсияи Руссия-Медали тилло;
28. Мукофоти олии Федератсияи Русия-Ордени «Александр Невский» (26.02.2017);
29. Мукофоти сулҳи СММ (2007);
30. Нишони рамзидани 5-умин камарбанди сиёҳи Карате-до;
31. Нишони фахрии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (2007);

32. Ордени «3-Ситораи дараҷаи 1» бо занҷираи заррини Латвия (9.08.2009);
33. Ордени «Достиқ» дараҷаи аввал (Қазоқистон 4.10.2002);
34. Ордени «Қаҳрамони миллии Афғонистон-Аҳмадшоҳи Масъуд» (28.04.2002);
35. Ордени «Княз Ярослави Ҳаким» дараҷаи 1-и Украина (3.12.2008);
36. Ордени «Ҳилол ва ситора» (Кумитаи байналмилалии мубориза бо терроризм, маводи мухадир ва ҷиноятҳои экологӣ «INTERSAFETY» (19.05.20011);
37. Ордени байналмилалии «Моҳи нав ва ситора»;
38. Ордени ифтихории Иттиҳоди байналмилалии нақлиёти автомобилӣ.
39. Ордени нахустини алмосдори «Ситораи сарпараст»;
40. Ордени Президенти Туркманистон «Битараплык» (Бетарафӣ) (23.08.2012);
41. Ордени тиллои Эҳёи Роҳи Абрешим;
42. Ордени Шӯрои олимпии Осиё (8.04.2009);
43. Пешвои асри XXI (Созмони ҷамъиятии Шӯрои Аврупоӣ аз 18.08.2011);
44. Професори фахрии Донишгоҳи давлатии Москваи ба номи Михаил Ломоносов (2009);
45. Профессори ифтихории фалсафаи Академияи умумҷаҳонии тиб;
46. Профессори фахрии Донишгоҳи Давлатии Беларус;
47. Профессори фахрии Донишгоҳи давлатии кӯҳии Урал (2009);
48. Профессори фахрии Донишгоҳи Евразияи Остона ба номи Лев Николаевич Гумилев;
49. Профессори фахрии Донишгоҳи Лимкоквинги Малайзия;
50. Профессори фахрии Донишгоҳи нафту техникаи Уфа;
51. Профессори фахрии Донишгоҳи Сямэни музофоти Фуҷиан (Хитой 2010);
52. Профессори фахрии Донишкадаи давлатии иқтисод ва идораи Туркманистон;
53. Профессори фахрии Маркази аврупоии тадқиқоти байналмилалӣ ва стратегӣ (CERIS) ш.Брюссел;
54. Ситораи ёқути сурх «Миротворец» (Сулҳовар) (25.06.2007);
55. Ситораи тиллои Алберт Швейсер;
56. Унвони фахрии профессори Донишгоҳи миллии кӯҳсории Украина ва медали тиллои академик Терпигорев;
57. Унвони шаҳрванди ифтихории пойтахти Қирғизистон;
58. Шаҳрванди фахрии шаҳри Шанхайи музофоти Фуҷиани Ҷумҳурии Мардумии Чин ва дигар ҷоиза ва унвонҳо.

Дар охир бояд гуфт, ки Тоҷикистон бо баракати сиёсати сулҳҷӯёна ва ваҳдатофари Пешвои Миллат-Эмомалӣ Раҳмон, аз тарафи шарикони

хориҷии мо кишваре шинохта мешавад, ки ояндаи босубот ва сиёсати устувор дорад. Ин навъи нигариш, бешубҳа, роҳро барои ҳамкориҳои оянда ва сармоягузориҳои дарозмуддат боз менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Аслов Сириоҷиддин Эмомалӣ Раҳмон-Асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ//Сириоҷиддин Аслов «Ҷумҳурият» 13.04.2016 №:71 www.mfa.tj
2. Аслов Сириоҷиддин. Санади қутбнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Сириоҷиддин Аслов.http:// www.mfa.tj
3. И. Усмонов. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол//Усмонов И. Хуҷанд, 2003.- 57 с.
4. К.Олимов., Тоҷикистон - ЮНЕСКО: таърихи мухтасар, вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳо//Олимов К. Сиёсати хориҷӣ, №1, Душанбе-2011.- 144 с.
5. Сироҷиддин Аслов 25-Қадам дар паҳнои олам (Сиёсати хориҷии Тоҷикистон, зери назари Сироҷиддин Аслов) // Аслов Сироҷиддин, Душанбе: «Ирфон», 2016. - 220 с.
6. Саидзода З. Фаъолияти байналмилали Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ: Монография.- Душанбе: «Дунёи дониш», 2016. С. 70.

АННОТАЦИЯ

В данной статье автор анализирует результаты внешнеполитических и международных инициатив Республики Таджикистан в период независимости, а также осуществляет геополитическое положение Республики Таджикистан на международной арене, изучил геополитическое положение Республики Таджикистан на мировой арене.

Автор также отметил в статье, что Республика Таджикистан, благодаря широко распространенной политике мира и национального единства, лидер нации, Эмомали Рахмон, смог восстановить не только связи дружбы с внешним миром, но и благодаря своей особой дипломатии в области защиты. национальные интересы и уважение общечеловеческих ценностей как активной и влиятельной страны в решении глобальных проблем.

Автор отметил успешную и миролюбивую политику Лидера нации в решении внешней политики страны и мирового сообщества, имеющих большое значение во внешней политике страны. Среди достижений внешней политики Республики Таджикистан в его статье описаны конструктивные инициативы Республики Таджикистан в международных отношениях и достижения Лидера нации на мировой арене.

Ключевые слова: Национальный лидер, внешняя политика, достижения, международные инициативы, национальные интересы, ООН, ЮНЕСКО.

ANNOTATION

In this article, the author analyzes the results of foreign policy and international initiatives of the Republic of Tajikistan during the period of independence, and also implements the geopolitical position of the Republic of Tajikistan in the international arena, studied the geopolitical position of the Republic of Tajikistan in the world arena.

The author also noted in the article that the Republic of Tajikistan, thanks to the widespread policy of peace and national unity, the leader of the nation, Emomali Rahmon, was able to restore not only the ties of friendship with the outside world, but also thanks to his special diplomacy in the field of protection. national interests and respect for universal human values as an active and influential country in solving global problems.

The author noted the successful and peaceful policy of the Leader of the Nation in deciding the foreign policy of the country and the world community, which are of great importance in the foreign policy of the country. Among the achievements of the foreign policy of the Republic of Tajikistan, his article describes the constructive initiatives of the Republic of Tajikistan in international relations and the achievements of the Leader of the Nation in the world arena.

Keywords: National leader, foreign policy, achievements, international initiatives, national interests, UN, UNESCO.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – АСОСГУЗОРИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИ МИЛЛӢ

Аскарализода С.А., Шарифов К.Қ., Назаров З.А. -
омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Таърих собит намудаст, ки тайи ҳар садсолаҳо инсонҳое офарида мешаванд, ки дар рушди тамаддун, фарҳанг, ҳуқуқ, сиёсат, иқтисод ва дигар муносибатҳои ҳаётан муҳими ин ё он давлату миллат хизматҳои шоён намуда ва дар таърих бо ҳарфҳои заррин номи чунин бузургон сабт шуда, саҳифаи наверо дар таърих боз мекунад. Ба сифати чунин шахси муътабар ва хирадманд, ки дар ҳолати хелоҳам ҳассос Эзид ба мо ҳадя кард, Эмомалӣ Раҳмон буд. Мусалламаст, ки чунин марди хирадманд аз вақти басари ҳокимият амаданаш кӯшиши ҳамаҷонибаи хешро баҳри барқарор намудани ҳокимият, рӯшди қонунгузории миллӣ, суботи сиёсии ҷомеа, инкишофу равнақ додани иқтисоди миллӣ, танзими муносибатҳои ҳаётан муҳими ҷомеа нақши босазое гузошт. Ҳамзамон тавассути истифода намудан аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориаш таҳия ва пешниҳод намудани қонунҳои боадолат ба хусус қонунҳои миллӣ дар рӯшди қонунгузории миллӣ саҳми арзандае гузошт. Бояд қайд намуд, ки тарҳрезии низоми нави ҳуқуқӣ ҳамчун таҳкурсии бинои давлати нав, заминаи рушди иқтисоди бозаргонӣ, эҳёи демократия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, гуногуншаклии моликият ва андеша аз ҷумлаи дигар корҳои созандаи Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Конститутсияи соли 1994 бо ислоҳоти конститутсионӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон намуда, ҳамчун давлати иҷтимоӣ таъмини шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар як инсон ва шароити инкишофи озодонаро ҳадафи марказии худ интихоб кард [1, с.2]. Принсипҳои сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқ, гуногунандешии сиёсӣ, арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлат, пазируфтани гуногуншаклии моликият, таснифи ҳокимияти давлатӣ, баробарҳуқуқии инсонҳо ба воситаи Конститутсия ва ислоҳоти ҳуқуқӣ ба низоми ҳуқуқии мамлакат ворид гардиданд. Инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ченаки асоси ва меъёри адолатнокии ҳама гуна фаъолият, ҳама қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ гардид. Иқтисодиёти кишвар дар асоси шаклҳои гуногунии моликият рӯ ба муносибатҳои комилан нав ва рӯшди ҳамаҷонибаи шаклҳои мухталифи моликият овард.

Ин ҳама дастоварду ислоҳотҳо аз ҳамон иҷлосияи таърихӣ ба сари қудрат омадани Роҳбари закӣ, дурандеш ва оянда бин сарчашма гирифт.

Бо гузашти солҳои дар маҷлиси хотирмон тахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVII-уми Шӯрои олии Тоҷикистон 19 ноябри соли 2012 пас аз саёҳати таърихие дар шоҳроҳи шаклгирии давлати тоҷикон, эътимодкорона он каст гуфта буданд: “Иҷлосия дар инкишофи ислоҳоти конститутсионии мамлакат саҳифаи нав кушод ва барои таҳия ва қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузошт. Зеро акнун роҳ ба сӯи сохтмони давлати демократӣ, ягона, ҳуқуқбунёду дунявӣ муайян гардида , барои таъмини пурраи кафолатҳо ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон шароити мусоид муҳайё гардида буд”.[2. с.9].

Ислоҳоти конститутсионӣ ва рӯшди низоми ҳуқуқӣ таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низоми ҳуқуқии кишварро ба низоми ҳуқуқии давлати комилан мустақили миллӣ табдил дод. Мусалламан, дар саргаҳи ташаккули таҳкурсии мустаҳками ҳуқуқии миллат ва роҳи фардои давлати ҳуқуқбунёд сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз назари илми ҳуқуқшиносӣ ва техникаи қонунгузорӣ, ки қудрати ҳуқуқии меъёрро имзои сарвари давлат муайян менамояд, бешак ӯ тарҳрезикунандаи ин низоми ҳуқуқист. Илова бар ин, дар аксар санадҳои тақдирсоз Президенти мамлакат натанҳо ҳамчун сарвари давлат имзо кардааст, балки дар зарурати таҳия ва қабули онҳо, беҳтар шудани маъниву мазмуни онҳо нақши назаррас бозидааст.

Ин ҳама гувоҳи он аст, ки ӯ ҳамчун бунёд гузори давлати миллӣ давлати нави муосири тоҷикон заминаи ҳуқуқии онро низ таҳия намуда, ба ҳуқуқ хирадмандона назар карда, табиати меъёрҳои онро ба хирад, адолат ва инсоф табдил дод.

Ҳамзамон дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавзӯи ветои сарвари давлат вобаста ба раванди қонунэҷодкунӣ ва амалӣ намудани ваколати ӯ оид ба имзогузории қонунҳо омӯхта мешавад. Ҳуқуқи рад кардани кардани имзогузории қонун ва ё лоиҳаи қонун ва баргардонидани он ба парлумон барои такроран баррасӣ ва қабул намудан, нақши фаъоли сарвари давлатро дар раванди қонунгузорӣ ифода мекунад [3 с. 306]. Баробари ин бояд қайд кард наҳар як сарвари давлат аз ин ҳуқуқ бархӯрдор аст. Масалан, мувофиқи моддаи 91 Конститутсияи Испания “Шоҳ дар муддати понздаҳ рӯз қонунҳои Кортесҳои Генералӣ маъқул донистаро тасдиқ мекунад ва дар хусуси фавран интишор намудани онҳо амр медиҳад”. Тасдиқнамои амалан имзогузориро ифода мекунад. Яъне шоҳ ҳеҷ гуна ҳуқуқи вето надорад. Ба ҳамин монанд президенти

федералии Олмон мувофиқи қисми 1 моддаи 82 Қонуни Асосӣ фақат қонунҳои мувофиқи Қонуни асосӣ қабул гардида ва қаблан ҳукумат маъқул шуморидаро, расмӣ мегардонад. Президент ҳуқуқи баргардонидани қонунро, яъне ҳуқуқи ветогузорӣ ба қонунро надорад. Президенти Франсия низ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ҳуқуқи ветогузории қонунҳо бархурдор нест. [4. с. 136-137].

Таҳияи ҳуқуқи миллӣ бо қабули қонунҳои миллӣ яке аз дастовардҳои нодири Роҳбари давлати тоҷикон аст, сифати асосгузори ҳуқуқи миллиро ба ӯ мансуб медонад. Қабули нахустин қонуни миллӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар моҳи июни соли 2007 дар ҷомеаи анъанавӣ кори саҳл набуда, заҳмати тӯлонии таърихиро талаб менамояд. Сарвари давлат ҳанӯз баъд аз сулҳу салоҳ ва рӯ овардан ба арзишҳои таърихӣ дар соли 1999 масъалаи мазкурро бо маорифпарварон ва мардуми кишвар барои андешаронӣ ба миён гузошта, худ пайи таҳлил ва татбиқи ислоҳоти ҳаёти иҷтимоӣ роҳҳои қонуниро ҷустуҷӯ доштанд, ки он бояд ба замони нав, ба сиёсати нав – таъмини шароити арзандаи зиндагӣ мусоидат мекард.

Баҳри дарёфти роҳи садоқати халқ Сарвари давлат аз тамоми воситаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ истифода намуда, дар назди вазорату идораҳо баҳри вусъат додани сатҳ ва сифати истеҳсолот, истифодаи самараноки захираҳои табии ва то ба сатҳи байналмилалӣ баровардани эътибори бузургтарин захираи табии кишвар – оби тоза дар дохил ва хориҷи мамлакат вазифаҳои мушаххас гузоштанд

Қобили зикр аст, ки таҳлилҳои илмӣ аз ҳаёти воқеъӣ собит намуданд, ки барои саодат ва беҳбуди зиндагии халқи мо ҳанӯз мушкилиҳои зиёди мафкуравӣ ва анъанавӣ вуҷуд доранд. Аз қибили ин мушкилиҳо, бо хурофот, таассуб, худнамоӣ, зоҳирпарастӣ ва дигар омили манфӣ олуда гаштани ҷашну маърака ва маросими динию миллии мардуми мо буданд. Ҳанӯз Пешвои миллат роҷеъ ба ин масоил чунин иброз намуда буд “...то расму оин ва маросими милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем, ба қабулу тадбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем”. (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо аҳли ҷамоатчигии мамлакат оид ба танзими расму оин, Душанбе, 24 майи соли 2007).

Ҳақиқатан, анъанаю маросими халқӣ, динӣ, ки ба манфиати инсон, ҷомеа ва давлатанд, дар баробари ҳуқуқ, ахлоқ, дигар навъҳои ҷаҳонбинӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ васоити пайванд ва нуқтаи муҳими устувори миллат дар масири таърих буданд. Урфу одат ва анъанаю маросим ба иллате гирифтор шавад, аз моҳияти аслиашон дур гарданд, бешубҳа миллатро ба маризии иҷтимоӣ, мардумро бошад ба камбизоатӣ гирифтор намуда, давлатро фалаҷ мегардонад.

Абунасри Форобӣ дар асари машҳураш “Мадинаи фозила” ҳанӯз дар асри X ба ин масоил аҳамияти муҳим дода, анъанаҳои неки инсониро, ки ба ҳастии муътадил ва саодати халқ созгор аст, ҳамчун сифати сокинони шаҳри саодатманд ва карру фари зиёдатӣ, рӯзхушгузаронии исрофкоронаи мардумро ҳамчун бошандагони кишавари ҷоҳил тавсиф намудааст. Ибни Халдун бошад, дар “Муқаддима” карру фар, рӯзхӯшгузаронӣ ва зиёдаравиро дар зиндагӣ ва маросим асоситарин монеа дар роҳи мулкдорӣ, пешравӣ дар ҳаёт ва нуқсон дар ваҳдати ҷомеа донистааст. Орифони мо Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино Саъдӣ, Аттор, Низомулмулк, Ғаззолӣ, Кошифӣ, Саноӣ, Носири Хусрав, Самандархоҷаи Тирмизӣ ва дигарон дар навиштаҳои баландмазмуни ахлоқии худ насиҳат кардаанд, ки сарфаю сариштакори хислати неки инсонӣ маҳсуб шуда бояд ба он бештар таваҷҷӯҳ намоем, вале таассуфангезаст, ки на ҳамеша ва на дар ҳар давру замон панду андарзҳои эшон роҳ ба тафаккури мо ёфтаанд. Амале, ки бояд тавассути ахлоқи ҳамида, низоми идораи хонаводагӣ, тарбияи насли наврас, ҷаҳонбинии динӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ аз насл ба насл муназзам карда мешуд, бо мурури замон, хусусан, дар фазои озодиҳои муосир ба як анархияи дастнорас табдил ёфт. Дар ҳақиқат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати асосгузори ҳуқуқи миллӣ мансуб мебошад, зеро ӯ аз замони истиқлолияти комили сиёсиву ҳуқуқи ба даст овардани Тоҷикистон дар эҳёи анъанаҳои суннати давлатдории миллӣ, эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягонаву иҷтимоӣ ва ба вижа низоми ҳуқуқи миллӣ замина гузошт. Тавонист аз ташаббуси қонунгузории хеш мақсаднок ва оқилона истифода намуда ба низоми ҳуқуқи миллӣ асос гузошта онро эҳё ва инкишоф дод. Мусалламан бо қабули ин гуна қонунҳои боадолат ҳам низоми ҳуқуқи миллиро бунёд намуда ва ҳам мардумро ба сариштакорию, сарфакорӣ, эҳёи анъанаҳои асили фарҳангӣ, маҳви хурофоту зоҳирпарастиро аз байн бурд. Падарону модаронро уҳдадор сохт, ки ба таълиму тарбияи фарзандонашон таваҷҷӯҳи хоса диҳанд, давлат, институтҳои он, ҷомеа ва мақомотҳои

дахлдори давлатро ваколатдор намуд, ки дар ин самт чораҳои муассир рӯи кор ованд. Дар воқеъ давлат ҳамчун узви фаъоли ҷомеа, кафолатдиҳандаи саодати иҷтимоӣ ба ин масъала бетараф буда наметавонист.

Ҳоло ҳам кам нестанд афроде, ки дахолати давлатро дар самти ба меъёрдарории расму оин нодаркор ва нолозим ё зиёдати медонанд. Дар ҷомеаи озод ва демократӣ мавҷудияти назарҳои мухталиф писандида аст, вале одоби демократия ва инсофу виҷдони инсонӣ талаб менамояд, ки ҳамин назару андешаҳои мавҷударо мо бояд дар қобили манфиати инсон ва ҷомеа собит карда тавонем. Бо мақсади аз байн рафтани шубҳаҳо ва нодуруст дарк кардани моҳияти қонун, зарурати қабули қонун ва асосноккунии моддӣ ва маънавии қабул ва тағйироти онро бо чунин мадракҳо пешкаши хонанда мегардонем.

Имрӯзҳо дар ҷамъбасти бистуяк соли амали Қонун ҳаминро гуфтан ба маврид аст, ки дар илми таърихи ҳуқуқкам қонунеро пайдо намудан мумкин аст, ки ин миқдор барои мардум сабукӣ оварда бошад. Агар ташаббуси Роҳбари давлат намешуд дар нишемангаҳи бӯҳронҳои иқтисосии ҷаҳонӣ вазъи баргузории маросиму маъракаҳои мардумӣ берун аз тасаввури солим мемонд.

Ҳамчун ҳуқуқшинос дар бораи ин қонун ҳаминро таъкид кардан мехоҳам, ки таърихи қонунгузорӣ кам қонунеро медонад, ки дар як муддати кӯтоҳ ба ин дараҷа ба мардум ва давлат кӯмак моддӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ, ва динӣ карда бошад. Ин қонун, дар ҳақиқат, як қонуни оддӣ не, балки як консепсия ва оғози ислоҳоти низоми ҳаёти иҷтимоӣ буд. Қонуни миллӣ ин ислоҳоти гузаронидаи Роҳбари давлат аз рӯҳои аввал аз ҷониби давлатҳои мухталиф ҷонибдорон ва ҳаводорони зиёд пайдо намуда, мутахассисони кишварҳои ҳамсоя онро омӯхта, усули тартиби татбиқи онро дар сатҳҳои мухталиф ба роҳ монданд. Яъне қонуни миллии бунёдгузори давлати мо на танҳо ба мардуми мусулмони Тоҷикистон, балки барои ҳамаи мусулмонони Осиёи Миёна ва хориҷ аз он манбаи омӯзиш ва пайравӣ қарор ёфт, ки ин нуқта зарурат ба шарҳ надрад. Аз сабаби маҳдуд будани имкони ин навишта мо аҳамият ва натиҷагирӣ аз қонуни дигари миллӣ “Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” –ро, ки бо ташаббуси бевоситаи бунёдгузори ҳуқуқи миллӣ Эмомалӣ Раҳмон тарҳрезӣ шудааст мухтасар баён менамоем. [5. с. 41- 42]

Саравал бояд донист, ки чаро давлат ба танзими урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ даст зад? Ба назари мо ин чанд омил дорад.

Давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии муҳофизи амнияти кишвар ва халқ, созмони сиёсии кафолатдиҳандаи ягонагӣ, муттаҳидӣ ва озодии сухану андеша (мутобиқ ба Конститутсия) ва масъули рушду нумӯи ҳаёти маънавӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар (мувофиқ ба паймонҳои байналмилалӣ) на танҳо ҳуқуқ, балки масъул аст, ки ҳама гуна омил ва амалҳоеро, ки садди роҳи ваҳдат, якпорчагӣ, рӯшди маънавӣ, рӯшди низоми ҳуқуқи миллӣ, иқтисодии халқ ва мақсадҳои олии он мегарданд, рафъ ва бартараф намояд. Озодии беҳудуди баргузории ҷашну маъракаҳо дар заминаи таассуб ва ғаризаҳои худпарастӣ ба вазъи молии шаҳрвандон зарар расонида, мардумро аз тарбияи фарзандон дур, моҳият ва табиати асили ҷашну маросимҳоро ҳамчун унсури зоҳирии фарҳанг хароб, зиддият ва тақсимшавии қишрҳои мухталифро дар заминаи дороию камбизоатӣ афзун намуда, ҷиҳати қонеъ кардани ин майлҳои бесарҳади иҷтимоӣ манбаъҳои коррупсионии дарёфти дороиро дар байни аҳолӣ нуфуз бахшид. Давлати демократӣ дар баробари пешниҳоди арзишҳои муқаддаси озодӣ, баробарӣ, адолат ва ҳуқуқ муваззаф аст, ки ба субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ имкониятҳои баробари молӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ фароҳам оварда, ҷиҳати пешгирӣ суистифода аз ин неъматҳо чораҳои мушаххас андешида, нагузорад, ки як расм, анъана ва тартиби ҳузури ҳодисаҳои такроршаванда ба зарарӣ моддӣ ва маънавии инсон гурӯҳҳои иҷтимоӣ нигаронида шаванд. Зимни баргузории ҷашну маросим меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ ва анъанавӣ дар заминаи кашишҳои талаботи инсонӣ, ғаризаҳо ва нафси молию маънавӣ бо суистифода аз фазои беназорати гуногун ақидагӣ тағйир ёфта, аҳволи иҷтимоии мардумро дар маҷмӯъ вазнин намуданд. Чунин вазъият дар халқу кишварҳои мухталиф дар қарнҳои гузашта ва имрӯз зиёд рӯх додааст. Дар аксар маврид давлатҳо тавассути ислоҳоти азим ба ислоҳи чунин вазъият пардохтаанд. Ислоҳоти таърихии шоҳони тамаддуни бостонии Юнону Рим, Бобулистону Чин, Форсу Ҳинд, тағйирпазирии фарҳангии давлатҳо дар замони Эҳё ва нави Аврупо, ислоҳоти фарҳангии Пётри I ва дигарон аз зумраи чунин тағйирпазириҳои иҷтимоии назарраси таърихианд. Дар мо ислоҳоти иҷтимоӣ ва мафкуравӣ тавассути қонуни танзим оғоз шуд, ки аз ташаббуси қонунгузории бевосита Пешвои миллат буд. Ин роҳи қонунӣ – роҳи дурусти пазируфтаи давлати демократӣ ва рӯшди низоми ҳуқуқи миллӣ буд. Анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун аркони муҳими фарҳанги иҷтимоӣ зарурат ба танзим дошта, мутобиқи талаботи замон бояд инкишоф ёбад. .[6. с. 18]

Имконияту шароити бесарҳади баргузории ҷашну маъракаҳо, ки дар фазои озод ба манфиати оилаҳои Тоҷикистон зарба зада, иқтисодиёти онҳоро хароб мекард, дар натоиҷи кор таъсири манфии хешро ба сатҳу сифати маънавиёт, арзишҳои миллию динии халқ низ гузошт. Дар ин замина ҷашну маросим ва анъанаю маъракаҳое, ки тобиши миллӣ ва динӣ доштанд, аз зарфияти миллию динӣ дар заминаи кибр, ғурур, зоҳирпарастӣ, худнамоӣ, тақлиди бечо дур шуда, моҳият ва аслияти табииашонро, ки бояд ба саодати зиндагии мардум созгор мебуд, гум кардаанд. Дар чунин шароит давлати демократӣ ҳамчун ҳомии озодии эътиқод ва фарҳанги миллӣ оё метавонист бетараф бошад? Албатта не, зеро дуршави аз асолати фарҳангӣ ва эътиқодӣ бар зарари аҳли ҷамъият аст. Аз ин нуқтаи назар роҳи қонунии ҳифзи арзишҳои миллӣ ва динӣ ҷанбаи адолатнокӣ ва озодипарастии давлати демократи ва дунявиро афзал бахшида, барои шаҳрвандон на танҳо ҳифзи фазои озоди зуҳури маънавӣ ва эътиқодӣ фароҳам меорад, балки тафаккуру талаботи маънавӣ ва эътиқодии онҳоро бо арзишҳои мувофиқ ва мусоиди миллию динӣ кафолат медиҳад. Бо ҷуҷуди он, ки воқеъият ва ҳодисаҳои рӯзгор ба мо борҳо дарс додааст, ақли инсонӣ ва имкони инсон то ҳанӯз дар ин паҳно на ҳамеша муваффақият ва натиҷаҳои назаррас дорад. Аз назари умум ин мубориза ва чолишҳоро ҳамаи мо дар олами ҷаҳонишавии манфиатҳо равшантар дарк менамоем.

Як нуқтаи дигарро мехоҳам ишора намоям ба назари мо дар шароити ҷаҳонишавӣ давлатҳои бузурги тараққи карда бадин васила мехоҳанд давлатҳои миллиро, ки бо низоми ҳуқуқи миллии хеш дар ҳоли эҳё ва инкишоф аст мехоҳанд аз байн баранд бо пешниҳод ва намоиши ҳаргуна либосҳои нимбараҳна, ки худи онҳо аз рӯи ҳисси миллӣ не, балки бо хост ва иродаи нафсонӣ ба бар мекунанд ва иддао доранд, ки ин самараи озодист. Ба фикри мо озодӣ ва истиқлолияти фарҳангии кул дар дохили русум ва тамаддуни ниёгон чун унсури низоми қонунгузории миллӣ аст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ мо чунин печишу чолиши манфиатҳоро дар либоси арзишҳои мухталиф ва ғаризаҳои нерӯи имкон дорем амиқтар тасаввур карда, зарурати дахолати давлатро ба ҳифзи арзишҳои миллӣ, ки дар қонуни танзим дар тағйиру иловаҳои воридгардида ба матни қисми 2 моддаи 15 бо чунин мазмун “Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд аркони фарҳанги миллӣ, аз ҷумла забони давлатӣ ва сару либоси миллиро ҳифз намоянд.” Масалан рӯ меорем ба ҳамон таъкидоти ҳифзи либоси миллиро гирем. Барои бисёр либералҳо ва озодипарастони қолабӣ (чаро қолабӣ?

барои он, ки онҳо озодиро шунидаанду фалсафаи онро дарк накардаанд) то ҳанӯз ин масъалаи барои ҷомеаи озод бегона аст. Комилан ба чашми хирад нигарем, бовари ҳосил мекунаем, ки зери ин арзиши маънавӣ ва фарҳангӣ мавҷҳои пуртуғёнест, ки халқро аз асолати миллиаш дур карда, аввал истиқлолияти фарҳангӣ ва баъд сиёсии ӯро мисли заҳри бо шакар олуда маҳв менамояд. Дар ҳоле, ки манфиатҳои иқтисодии кишварҳои хурду бузург дар фазои озоди иқтисодӣ ба ҳам бармехӯранд, хоҳ нохоҳ бозори озод корро ба манфиати моли арзон истеҳсолшуда ва нисбатан сифатнок ҳал менамоянд. Кишварҳои кӯчак ба кишварҳои истеъмолкунанда ва кишварҳои бузург ба истеҳсолкунанда ва нигаҳдорандаи вазъи бозор табдил меёбанд. Хоҳ но хоҳ ин ҳолат ба бозори истеъмолӣ воситаҳои рӯзгор ва сару либосро низ мекашад. Дар ибтидо воридкунандагони мол то як дараҷа кушиш мекунанд, ки молҳо ва сару либосеро ба бозори кишвари хурд ворид намоянд, ки табиати миллиашон созгор бошад, вале баъдан ба хотири ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ба маҳсулгардонии он даст мезанад. Бо чунин тарз, ба дунболи манфиати иқтисодӣ русуми зиндагии иҷтимоии бегона тавассути бозор ворид мешавад [11. С.331-340.]. Аммо ин як ҷанбаи масъала ва дуршавӣ аз аслияти фарҳангист. Дар чунин сурат истеҳсолкунандагони ватанӣ тадриҷан аз бозор берун мемонанд ва истеҳсоли миллии молҳои рӯзгор, аз ҷумла либоси миллӣ, рӯ ба харобӣ меорад. Албатта ин масъала бояд барвақттар аз назари иқтисодӣ низ таҳлил ва чораҷӯи мегашт. Ба чунин вазъ дар ибтидо то як муддат истеҳсолкунандагони саноати атласдӯзӣ, қолинбофӣ ва дигар маҳсулоти миллии ватанӣ гирифтор шуданд. Кор то ба ҷое расид, ки занони мо на танҳо атласпӯширо аз хотир баровардаанд, балки мо истеъдодҳо ва тарроҳони миллии ватаниро аз даст додем ва ҷойи либоси миллии моро либоси сиёҳи бегона ва қисман либоси аврупоӣ гирифт.

Хуллас, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидо кӯшиш ба харҷ дод, ки низоми ҳуқуқи миллӣ вобаста ба манфиатҳои олии иқтисодиву иҷтимоии халқ ташаккул ёфта аз ташаббуси қонунгузории хеш ба таври судманд истифода намуда, бо мақсади баланд бардоштани вазъи иқтисодии мардуми кишвар, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, эҳёи расму русуми миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бадин васила дар иникошоф ёфтани институтути низоми ҳуқуқи миллии кишвар замина гузошт.

АДАБИЁТ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе., “Ирвон”, 2016
2. Маҳмудзода М.А. Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсия. – Душанбе: “Дин ва ҷомеа” №7, 2014.
3. Имомов А. И. Ҳуқуқи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: 2016. 424.с.
4. Конрад Хессе. Основы конституционного строя ФРГ. – М.: «Юрид. Литература». 1981. – С. 308-312; Керимов А.Д. Парламентское право Франции. – М.: Изд. НОРМА. 1998. – С. 136-144.
5. А. Холиқзода. Бунёдгузори давлати миллӣ – пешвои миллат. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2015. – 172 с.
6. Маводҳои Форуми дуюми ҳуқуқшиносони ҷавон // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2018. – 197 саҳ.

АННОТАЦИЯ

В статье авторы исследовали роль и вклад Президента в развитие национальной правовой системы. Очевидно, что закон регулирует важные общественные отношения, а законотворческий процесс является одним из основных этапов правового государства. Авторам удалось провести исследование этого процесса. При написании статьи использовалась отечественная и зарубежная литература.

Ключевые слова: Президент, лидер нации, национальная правовая система, законодательство, правовая культура, правовая политика, толкование закона.

ANNOTATION

In the article, the authors investigated the role and contribution of the President to the development of the national legal system. It is obvious that the law regulates important social relations, and the legislative process is one of the main stages of the rule of law. The authors managed to conduct a study of this process. When writing the article, domestic and foreign literature was used.

Key words: President, leader of the nation, national legal system, legislation, legal culture, legal policy, interpretation of the law.

ТОҶИКИСТОН КИШВАРИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

Ризоев М.Ш. –
сардори шуъбаи илмӣ-методии Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар н. Данғара

Шукри истиқлолу сарвар мекунем ,
Шукри ободии кишвар мекунем.
Шукри он зоте ,ки моро ҳаст кард,
Шукри болу хонаву дар мекунем.

Хушбахтона, бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар ва сулҳу субот дар мамлакат, дар заминаи ҷаҳду талошҳои пайваста, содиқона ва собитқадамонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати Миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, соҳаи сайёҳӣ низ ботадриҷ рушд ёфта, Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун гӯшае аз биҳишти рӯи замин ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муарифӣ гашта истодааст. Бо мақсади тараққиёти мамлакат ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ, ки 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод шуда буд, солҳои 2019-2021-ро “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуда, чунин иброз намуданд: “Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари меваҳои шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, боду ҳаво, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряхҳои азим, обҳои шифобахш, кулҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру саёҳат мебошад. Вобаста ба ин, зарур аст ки бо мақсади боз ҳам тавсеа бахшидани рушди соҳаи сайёҳӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ, дастгирии сайёҳони дохиливу хориҷӣ, ҷалби ҳарчӣ бештари сармоя дар ин самт ва омода кардани кадрҳои соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шавад”.

Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмлмалӣ Раҳмон, “муроҷиат ба таърих ва адабиёти халқамон ба он хотир аст, ки мо бояд ба ояндагон зарурати таҳкими ваҳдати миллиро ба аҳли ҷомеа мунтазам талқин намоем. Бо итминони комил метавон гуфт, ки баргузории чорабиниҳои вобаста ба бузургдошти марказҳои бостонӣ ва чеҳраҳои таърихиву адабии гузашта ба бисёре аз саволҳое, ки ҳар рӯз мо ба онҳо рӯ ба рӯ мешавем, посухи сазовор медиҳанд. Аз ин рӯ, дар даврони давлатсозии миллӣ мо бояд гаштаву баргашта ба таҷрибаи таърихии халқамон, аз ҷумла, осори

таърихиву адабии гузаштагонамон муроҷиат намоем ва аз ин мероси гаронбаҳо самаранок истифода кунем”.

Муҳимтарин фазилати Пешвои миллат ин аст, ки ҳамеша бо мардум ва дар андешаи беҳбудии сатҳи зиндагии эшон, сарбаландии миллат, ободиву шукуфоии имрӯзу фардои сарзамин мебошад. Ӯ аз ҳар минтақаи Тоҷикистон, ки дидан мекунад, самимона ва бо ихлосу муҳаббати афзун бо мардум вохӯриҳо мегузаронад, бо таҳамулу шикебоии бо худ хос гӯш ба ҳарфи эшон медиҳад ва ҳамеша аз пирони кору солмандон дуо мегирад. Ӯ бахусус ба аҳли илму адаб, эҷодкорону ҳунармандон эҳтироми зиёд дорад ва ҳар пешниҳоди созандае, ки аз ҷониби онҳо ба хотири таҳкими пояи соҳибистиқлолии кишвар, баланд бардоштани обрӯву нуфузи миллату сарзамин ва ғанӣ гардонидани савияи худогоҳиву хештаншиносии аҳолӣ ироа мешавад, бо хушнудӣ пазируфта, баҳри амалӣ гардониданашон мусоидат менамояд.

Пешвои миллат бар ҳақ таъкид мекунад: “Мадуми шарифи Тоҷикистон ҳуқуқи комили маънавӣ доранд, ки бо фарзандони фарзонаи миллат, саҳми беназири онҳо дар рушди тамаддуни умумибашарӣ ифтихор намоянд, осори гаронбаҳои онҳоро омӯзанд ва ҳикмати ҷовидонаи абармардони миллии худро қутбнамои рузгори хеш қарор диҳанд.” Воқеан ҳам, ин ҳама тавассути истиқлолияти комили давлатӣ ба мо имконпазир гардид. Шаъну шарафи ҳар фарди ватанпарвар ифтихор аз давлату миллат, кӯшиши ҳар як шаҳрванд баҳри худогоҳию худштносӣ мебошад ва танҳо миллате ифтихори миллӣ дошта метавонад, ки худшиносу худогоҳ бошад.

Воқеан ҳам “эътиқодмандӣ ва эътимод ба таърих ва адабиёт такягоҳи устувори миллат ба шумор меравад. Мутаассифона, таърихи навини давлатдории миллии мо дар марзи ду аср ва умуман таърихи ҳаёти иҷтимоӣ ба таври бояду шояд ва воқеъбинона таҳлилу арзёби нашудааст ва навиштани таърих, инчунин таҳқиқи таърихи адабиётбо диди нав ҳанӯз оғоз наёфтааст. Муроҷиат ба таърих ва адабиёти халқамон ба он мақсад аст, ки мо бояд ба ояндагон сабабҳои ноиттфоқиро дуруст шарҳ дода, зарурати таҳкими ваҳдати миллиро ба аҳли ҷомеа мунтазам талқин намоем. Бо итминони комил метавон гуфт, ки мероси таърихиву адабии гузаштагонамон ба бисёре аз саволҳое, ки ҳар рӯз мо ба онҳо рӯ ба рӯ мешавем, посухи сазовор медиҳад. Аз ин рӯ, дар даврони давлатсозии миллӣ мо бояд гаштаву баргашта, ба таҷрибаи таърихии халқамон, аз ҷумла, осори таърихиву адабии гузаштагонамон муроҷиат намоем ва аз ин мероси гаронбаҳо самаранок истифода кунем.” Ба назари Пешвои миллат, “муҳимтарин ҷанбаи осори адибону андешамандони бузурги гузаштаи мо эҳёи ҳофизаи таърихии мо ва ба вуҷуд овардани пайванди гузашта, имрӯза ва оянда мебошад. Воқеан маънавияте, ки моро пайванд мезанад, ҷовидона хоҳад буд. Мо аз саҳифаҳои куҳнаи таърихи диёр, аз осори шаҳристонҳои вайронаву нимвайронаи сарзамини аҷдодӣ, аз

миёни гарду чанги асрҳо нақши гузаштаро меҷӯем. Мехоҳем пораҳои шикастаро васл кунем, риштаҳои гусастаро бо ҳам пайвандем, ҳақро аз ноҳақ, ростро аз дурӯғ ҷудо карда, аз сабақҳои таърих панде биомӯзем. Зеро таърих боинсофтарин ва одилтарин ҳакам аст, ҷумлаи неку бади гузаштаву имрӯзро дар мизони адли хеш бармекашад. Ва фарзандони халқу миллате, ки гузаштаашро фаромӯш кардааст ва хотираи таърихашро пос намедорал, хоҳу нохоҳ аз ғояти кӯтоҳандешӣ ояндаашро низ инкор хоҳад кард". Ин аст, ки эҳиёи расму русуми гузаштаи мардуми кӯҳантаърихи тоҷикон, моро водор месозад, ки саифаҳои таърихро аз сари нав зинда намоем, то муарифгари таърихи миллати хеш гардем. Рӯ овардани назари Пешвои миллат ба таърихи гузаштаи миллат, махсусан ба соҳаҳои рушди саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ нишони фарҳангдӯстӣ,хештаншиносӣ ва ҳувияти миллии Пешвои муаззами миллат мебошад. Азму субот ва талошҳои Президенти мамлакат дар ин самт давлати тозаистиқлоли Тоҷикистонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайванд менамояд. Ӯ барои таҳкими ҳувияти миллӣ ва шакл гирифтани тафаккуру андешаи миллӣ кӯшида, мақсад гузошт, ки миллатро бори дигар барои худи миллат ва оламиён шиносонад, ифтихори миллиро дар рӯҳу ҷони мардум бипаварад ва баланд бардорад, ҳаммеҳанонро ба созандагию офарандагӣ ҳидоят намуда, риштаҳои муҳаббату ҳамдилиро миёни тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон ва ҷаҳониён пайванд созад.

Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, муаррифкунандаи таъриху фарҳанг ва ҳунарҳои миллӣ ба ҳисоб мераванд. Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ду ҷодаи ба ҳам пайванди ҳаёти мардум мебошанд. Моли истеҳсолнамудаи ҳунармандони кишварамонро аксаран сайёҳон харидорӣ намуда, ҳамчун тӯҳфа бо худ мебаранд. Маҳсули дасти ҳунармандон бошад, василаи тарғибу ташвиқи фарҳанги миллӣ ва ҷалби меҳмонони хориҷӣ ба мамлакат мебошад.

Ҷойи шубҳа нест, ки диёри мо бо кулу дарёҳои зебо, кӯҳу пуштаҳои ҳамешабаҳор, гулу буттаҳо ва гиёҳҳои шифобахшаш дар олам камназир мебошад. Чунончи шоири номвар Бозор Собир фармудааст:

Аз азал доруи тоҷик решаи хор асту бас,
Лек то ҳафтод пушташ бӯи Сино мекунад.

Дар баробари рушди соҳаи сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ низ дар пешрафти мамлакат аҳамияти аҳамияти махсус дорад. Зеро ҳар як миллату давлатро аз рӯи анъанаҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумиаш мешиносанд.

Пешвои миллат доир ба ин самт таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар яке аз Паёмҳои худ, ки 22 декабри соли 2017 баргузор гашта буд, чунин иброз намуд: "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шудани

соли 2018, ки ҳадафи асосии он муаррифии шоистаи миллати тоҷик мебошад, дар навбати аввал, ба эҳёи миллӣ ва афзоиши дастранҷи шахсони эҷодкору соҳибистеъдоди кишварамон мусоидат хоҳад намуд. Ниёгони мо аз замонҳои хеле қадим ба ҳунармандӣ ва косибӣ рӯ оварда, дар тули асрҳои зиёд ҷиҳати эҷоди садҳо навъи ҳунар тоҳ кушодаанд. Намунаҳои ҳунари гузаҳтагони мо дар рӯйи санг, деворнигораҳо, тангаҳои тиллоиву нуқрагӣ ва пӯсти ҳайвоноту дарахтон ҳифз шуда, аз насл ба насл то замони мо расидаанд. Вале бо мурури замон баъзеи онҳо аз байн рафта, қисми дигарашон дар маҳалҳои гуногуни диёрамон дар миёни аҳолӣ то ба имрӯз боқӣ мондааст, ки ҳар кадоми он намунаи барҷастаи мероси моддиву маънавии халқи тоҷик ба шумор меравад”.

Заҳмату кору ҳунар касро намояд номдор,
Олиҳиммат кас зи ҳастии ҳунар мумтоз шуд.

Мо насли истиқлол аз ин пешравиҳои ободиниҳо бисёр хушбахтем ва бо шиори “Пайравони Пешвои миллатем” амал намуда, дар рушду нумуи мамлакат саҳми худро мегузорем.

Зинда бод, шахсони бонангу номуси Ватан! Зинда бод, накукориҳои абадзиндаи Пешвои муаззами миллати тоҷикон!

Мо ҷавонон, қалби бедори Ватан,
Саф ба саф ҳар рӯз дар кори Ватан.
Мо иваз кардан намехоҳем ҳеҷ,
Бо гули мулки дигар хори Ватан.

РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МАКТАБИ САРВАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Саидзода Д.А. –
номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ

Дар таърих зиёд шахсиятҳое ҳастанд, ки дар лаҳзаҳои ҳассос тавонистанд миллату халқиятҳои худро муттаҳид намуда, онҳоро аз парокандашавӣ наҷот доданд. Ба зумраи чунин шахсиятҳо роҳбарону сарварони сиёсӣ дохил шуда метавонанд. Сарварони бузурги миллӣ, шахсиятҳои обутобёфта, дар ҳама давру замон масъулият ва ҷавобгарии ҷомеаро бар души худ мегиранд. Таъсири мусбатро сарваре ба мардум ва ҷомеа мерасонад, ки дорои иродаи қавӣ аст, чунин нафар шуҷоаитманду боҷуръат буда, қобилияти ба худ ҷалб намудани дигаронро дорад. Чунин сарвар ҳамеша соҳиби обрӯ ва нуфузи зиёде мебошад, ки дар муқоиса бо дигарон зиёдтар ба нафъи ҷомеа ва давлат кор менамояд.

Таърихшиноси маъруфи фаронсавӣ Т. Карлейл бо такя ба таҳлили ҳаёти гузаштаи мардумони олам ва диди воқеии худ, ба хулосае омадааст, ки "оммаи мардум наметавонанд бе чунин қувваи сафарбаркунандаи муассир вуҷуди шоиста дошта бошад" [4, сомона].

Бояд гуфт, ки чи қадаре, ки саварони сиёсӣ ба мардум такя намоянд, ҳамон қадар нуфӯзу обрӯи онҳо баланд мегардад. Фаъолияти сарварони сиёсӣ ба ҳаёти одамон такони ҷиддӣ мерасонад. Мактаби сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ намунае аз чунин мактабҳои сарварӣ мебошад.

Пешвои миллат дар давроне ба ҳайси сарвари сиёсӣ фаъолиятро оғоз намуд, ки Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба нооромиҳои сиёсӣ рӯбарӯ гардида буд. Аз вазъи дохилии кишвар қувваҳои манфиатдори хориҷӣ истифода намуда, дар кишварамон оташи ҷанги таҳмилиро фурӯзон намуданд. Маҳз дар чунин лаҳзаи мураккаб дар Ичлосияи 16 – уми Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сарвари сиёсӣ интихоб гардид. Албатта, дар чунин лаҳзаи тақдирсоз ҷавобгарии кишварро бар души хеш гирифтан кори басо мураккаб аст. Масъулияти ҳифзи манфиатҳои олии миллӣ Сарвари нави давлатро ба интихоби тарзу усули корҳои ғайримуқаррарӣ ва ҷасурона водор кард. Эмомалӣ Раҳмон вазифаҳои аввалиндараҷаро муайян карда, барои ҳалли он кӯшиши беандоза ба харҷ дод. Аввалан, бояд дар саросари кишвар оташбас эълон шуда, аз муқовимати мусаллаҳона даст кашида ба гуфтушуниди натиҷабахш оғоз карда мешуд. Дуюм, гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан ва ҷои зисти доимиашон баргардонида мешуданд. Ҳамзамон масъалаи ҷорӣ шудани қонуният, барои таъмини

мардум бо маводи озуқаворӣ чораҳои таъҷилӣ андешида шуда, бояд таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба проблемаи Тоҷикистон ҷалб мегардид [2, с. 10].

Баҳсу муколамаҳои байни тоҷикон, гуфтугӯ ва ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, пойдор намудани ваҳдати миллӣ - ин ҳама ба Президенти кишвар ва мардуми шарафманди Тоҷикистон вобастагӣ дорад

Фаъолияти минбаъдаи Пешвои миллат ҳамчун сарвари сиёсӣ инъикосгари он аст, ки ӯ тавонист дар роҳи ба даст овардан ва мустаҳкам намудани сулҳу ваҳдат, барқароркунии низоми сиёсӣ, тамомияти арзӣ ва эҳёи худшиносии миллӣ саҳми арзандаи худро гузорад. Дар ин ин радиф метавон ташаббусҳои ӯро ҳамчун сарвари сиёсӣ мисол овард, ки дар маҷмуъ барои пешрафти кишварамон ҳиссаи арзанда гузоштанд.

Дар раванди фаъолияти сарварии худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушду инкишофи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ташаббусҳо ва пешниҳодҳои зиёдеро амалӣ намудааст. Чунин амал мартаба ва нуфузи ӯро на танҳо дар дохили кишварамон, балки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун сарвари сиёси хеле баланду боло бардоштааст, ки инро ба назар гирифта мардуми Тоҷикистон ӯро ба балантарин макоми Сарварӣ, мақоми Пешвои миллати тоҷик сазовор гардониданд.

Саҳми Пешвои миллат дар рушу инкишофи кишвар дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, дар замони соҳибистиқлолӣ назаррас ва беҳамто мебошад. Махсусан, дар рушд ва густариши забони давлатӣ хеле бузургу соҳиби эътирофу эътибор аст. Президенти маҳбубамон ҳамеша барои боло бардоштани мақоми забони давлатӣ дастуру пешниҳодҳо менамояд. Дигар пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳисси ватандустӣ ва фарҳангпарварии ӯ ҳамчун сарвари сиёсӣ шаҳодат медиҳад, ин **эҳёи фарҳанги миллӣ** мебошад. Бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат маънавиёти мардуми мо дубора эҳё гардид. Дар ин замина якқатор суннатҳои миллӣ, анъана ва ёдгориҳои таърихии халқи мо ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид гардид.

Ҳамин тавр, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон на танҳо ба истиқлолияти сиёсии давлат, балки ба истиқлолияти фикрии миллат низ таъсири мусбат расонида тавонист, ки ин дастоварди меҳварӣ ва бунёдӣ мебошад. Хидматҳои Пешвои миллат на танҳо дар сарҷамъ намудани миллати тоҷик аз парокандагӣ ва истиқрори сулҳ, балки дар масири ҳимояи манфиатҳои муҳими кишвари ҳамсоя – Афғонистон ва пешниҳоди масъалаҳои глобалии ҷаҳони имрӯза ҳам нақши муҳим доранд. Хамин тавр, маълум аст, ки ташаббусҳои пайдарпайи байналмилаии Пешвои миллат ҳамеша аз минбари баланди СММ садо дода дастгирӣ меёбанд. Аз ҷумла, дар масъалаи оби ошомиданӣ, терроризм, амният ва ѓ.

Ҳар як давраи тараққиёти ҷамъиятӣ ҳар як усулҳои ташаккул, тарбия, пешбарии сарварон ва ташккулли сарварии худро дорад.

Дар воқеъ, талошҳои Эмомалӣ Раҳмон боис гашт, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи сазовори худро дар арсаи байналмилалӣ пайдо кунад. Ҳанӯз дар аввалин Муроҷиатномае, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбари давлат ба халқи шарифи Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул карда буд, маҳз бар зарурати ҳамчун воҳиди баробарҳуқуқ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид шудани Тоҷикистон таъкид карда мешуд. Сиёсати «дарҳои боз», ки заминаи он маҳз аз тарафи Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуд, дар ин муддат ҳамчун як консепсияи амалгароёна, мутавозин ва сулҳомез натиҷаҳои зарурӣ дода, обурӯю эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боло бурд.

Ҳамин тавр, бо омадани Эмомалӣ Раҳмон мардуми Тоҷикистон соҳиби пешво ё лидери ягонаи миллӣ гашт ва дар натиҷа яке аз муҳимтарин масъалаҳои миллӣ ва таърихии давлатдории мо, яъне масъалаи сарвари сиёсии миллат ва пешвои эътирофшудаи давлатӣ ҳалли бисёр масъалаҳои давлатдориро пайдо намуд. Зеро, масъалаи сарвари миллӣ ва пешвои эътирофшудаи давлатӣ як мавзӯи бисёр ҳаётан муҳими давлатдорӣ мебошад. Яке аз муҳимтарин нақшҳои сарвари миллӣ дар сарнавишти давлатҳо аз он иборат аст, ки чунин шахсиятҳо бо донишу таҷрибаи бузурги худ мактаби давлатдории миллиро поягузорӣ намуда, шароити ҳифз, рушд ва интиқоли арзишҳо ва анъанаҳои давлатдории миллиро фароҳам меоваранд.

Хушбахтона, имрӯз зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон мактаби давлатдории миллии муосири тоҷикон ташаккул ёфтааст, ки он яке аз омилҳои кафолатдиҳандаи рушд, субот, амният, давомоварӣ ва ҷовидонагии давлатдории мо мебошад. Хулоса, зуҳур ва ташаккули лидери сиёсии миллат на танҳо дастоварди Эмомалӣ Раҳмон, балки як достоварди бунёдии давлат ва миллати мо буд [3, www.mts.tj].

Мактаби сарварии Пешвои миллат, мактаби роҳбарӣ, донишандӯзӣ ва пайвандгари наслҳои сарвар мебошад, ки барои рушду нумӯъи имрӯзу фардои кишвар нақши муҳим мебозад. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон поягузори мактаби сарвариест, ки дар маҷмуъ, барои таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва дурнамои давлатдорӣ мақому манзалати хосса дорад.

Чунин сарварон бояд ҳамеша симои худро равшану возеҳ нишон дода, сифатҳои ростию ҳақиқатпарастиро дошта бошанд. Сарвар пеш аз ҳама қобилияти дарки масъала ва аз уҳдаи ҳаллу фасли масъалаи ба миён омада баромаданро дошта бошад. Зеро дар гирду атрофи сарварон дар бисёр ҳолатҳо нафароне ҷамъ мешаванд, ки тамоми ҳушу рӯҳашон барои пайдо намудани шуҳрат ва ё мансаб равона шудааст. Аз ин рӯ, сарвари сиёсие, ки соҳиби рӯҳи қавӣ бошад, ҳатто баъзан танҳо ҳузури ӯ, аллакай, рӯҳияи мардумони лаганбардору тарсуро мешиканад. Бояд гуфт, ки

одамони хушомадгӯю тарсу андешаи мустақил надоранд, ҳамеша бо дастоварди дигарон худро муаррифӣ мекунанд ва аз ҳама бадаш ин, ки камбудии хешро дида наметавонанд. Чунин одамонро на супориш, балки як ишораи сарвари соҳибирода ба ҳама кор қодир карда метавонад.

Қобилияти сарварӣ доштан ва зуд ёфтани роҳҳои ҳалли масъалаҳо хоси нафарест, ки ё қобилияти модарзодии сарварӣ дорад ё ин ки таъсири муҳит ва тарбия ба ӯ дар ин самт афзунтар аст. Ин аст, ки сухани сарвари соҳибирода ҷаззобият, қувва ва таъсири ғайриодӣ дошта, дигаронро мутеъ мегардонад.

Бартарии дигари Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу ризоияти миллӣ дар он аст, ки ӯ дар рафтору кирдор намунаи ибрат буда, тарафҳои бо ҳам муқобилро боҳам оварда тавонист. Ҷаноби Олӣ дар тӯли фаъолияташон дар тарбияи мутахассисони болаёқат, кордон ва уҳдабаро саҳми арзанда гузошта, мактаби давлатдории миллиро аз нав эҳё намуданд, ки барои обурӯй ва ташаккули давлатдорӣ арзиши муҳим дорад.

Сарвари сиёсӣ ҳатто фазоӣ фаъолияти соҳибмансабонро тавре дар ихтиёр мегирад, ки ҳамаи онҳо муддатҳо моту маҷзуб мегарданд. Чунин ҳолат на аз тарси аз даст додани мизу курсӣ ва ё мансаб, балки бар асари таъсир ё ин ки қувваи рӯҳи қавии сарвар тамоми фазои мавҷударо пахш намуда, дар зеҳну тафаккури чунин одамон таъсири махсус боқӣ мегузорад. Қобилияти рӯҳи қавии сарвар пеш аз ҳама аз ҳушёрӣ ва боварӣ доштани ӯ ба худ мебошад. Сарфи назар аз риштаи тахассус масъулияти сарварӣ ва ғайрату матонати шахсӣ муҷиби он мегарданд, ки роҳбар аз дигарон бофаҳмтару қавитар гашта, сифатҳои бештари сарвари харизматикиро дарбар мегирад [3, с. 261].

Хулоса, раванди ташаккулёбии мактаби сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарами Эмомалӣ Раҳмон натанҳо барои шаҳрвандони кишварамон, балки барои тамоми тоҷикони дунё мактаби навест, ки дар сарҷамъ намудани тоҷикон, рушду инкишоф ва муаррифии тоҷику тоҷикистониён ва кишвари азизамон нақши муҳим дорад. Қайд намудан зурур аст, ки мактаби сарварии Пешвои миллат барои қабул намудани номзад аз ҷониби оммаи мардум тариқи хусусият ва сифатҳои фардӣ ба роҳ монда мешавад. Хатмкунандагон ва ё таълимгирифтагони ин мактаб алакай таҷрибаи бузурги сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро ба инобат гирифта, дар тамоми гушаву канори кишварамон заҳмат мекашанд. Махсусан тақсимоти квотаҳои президентӣ ва соҳиби тахассусҳои мухталиф гардидану ба зодгоҳ баргаштани онҳо як таҳаввулоти наве дар ҷомеаи мо ба амал овард. Ин натиҷаи ҳамон мактаби сарварии сиёсии Пешвои миллат аст, ки дар ҷобаҷогузори кадрҳо ва ҷараёни гендерӣ нақши хеле борриз дорад.

Ҳамин тариқ, қайд менамоем, ки дар муддати кутоҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ва орзуву омоли халқро таҷассум намуд. Тамоми қувва ва қобилияти худро ба қатъ намудани мухолифати шаҳрвандӣ ва бадастории сулҳу ризоият равона намуда, сатҳи баланди эътироф ва эҳтироми аҳолиро ба даст овард ва саркори сиёсии умумимиллӣ гардид.

АДАБИЁТ:

1. Муҳаммад А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. Душанбе, 2016. - С. 261
2. Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ. Душанбе, 2013. С. 10
3. Ҳаким А. Даҳ дастоварди Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари давлат. www.mts.tj
4. Ятимов С. С. Интернет Ресурс. Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ. www.jumhuriyat

АННОТАЦИЯ

В этой статье автор рассматривается, основные предпосылки формирование политического лидера в условиях разрешения политического конфликта в Таджикистане. По мнению автора именно в период развитие и реализации идеи национального примирения в Таджикистане, обеспечивалась предпосылки для формирования нового политического лидера. Эмомалӣ Рахмон, который внес огромный вклад в разработку и претворение в жизнь нового политического мышления, смело и решительно взялся за установление мира и национального согласия на таджикской земле.

Ключевые слова: национальное примирение, концепция, национальное согласие, политический лидер, конфронтация, конфликт, авторитет, уважение, благосостояние народа, вооруженные группировки.

МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ
(маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ №2020-1)

Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ
бахшида ба 26 солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии
Демократии Тоҷикистон
10 декабри соли 2020, ш.Бохтар

Мурратибон: кормандони дастгоҳи Кумитаи
иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

Ба чоп 08.12.2020 имзо шуда.

Андозаи 60х80/16. Коғази офсет.

Адади нашр 200 нусха.